ISSN 3079-1758

№2 (2), 2024



# ПАЁМИ
## ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ
### БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В РАШТСКОМ РАЙОНЕ
### СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

# BULLETIN
## TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT
### SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES

ISSN 3079-1758

# ПАЁМИ
# ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР НОҲИЯИ РАШТ

**БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД**

**№2 (2), 2024**

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**№2 (2), 2024**

# BULLETIN
# TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT

**SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES**

**№2 (2), 2024**



**РАШТ-2024**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 таҳти №392/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.**

**САРМУҲАРРИР:**

**Раҷабзода Маҳмадёр Носир**
н.и.ҳ., дотсент, ректори ДОТ дар ноҳияи Рашт

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
н.и.ҳ., дотсент, муовини ректор оид ба корҳои таълими ДОТ дар ноҳияи Рашт

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
н.и.ҳ., дотсент

**СУРОҒА:**

734025, Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи
Э. Муҳиддинов, 63

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**

farodil_ff@mail.ru

**СОМОНАИ МАҶАЛЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**ҲУҚУҚ**

**Яков Илич Гилинский**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Воробёв Сергей Михайлович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарипов Тақдиршо Шарипович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Идизода Файзалӣ Фузайлшо**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**ТАЪРИХ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктори илмҳои таърих, профессор
**Ғафуров Абдулло Мутиллоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Наврузов Ғолибшо Лоиқович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Садиров Шарафҷон Аҳтамович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Махсудов Аслиддин Муҳабатович**
номзади илмҳои таърих, дотсент

**ИҚТИСОД**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти АМИТ
**Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Низомова Туҳфамо Давлатовна**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Каримов Баҳодур Ҳасанович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**© ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2024**

**Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 23 декабря 2024 года за № 392/ЖР-97**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**Раджабзода Махмадёр Носир**
к.ю.н., доцент, ректор ТПИ в Раштском районе

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
к.ю.н., доцент, проректор по учебной работе ТПИ в Раштском районе

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
к.ю.н., доцент

**АДРЕС:**

734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63.

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ЭЛЕКТРОННАЯ ПОЧТА:**

farodil_ff@mail.ru

**САЙТ ЖУРНАЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**Р Е Д А К Ц И О Н Н А Я К О Л Л Е Г И Я:**

**ПРАВО**

**Яков Ильич Гилинский**
доктор юридических наук, профессор
**Воробьев Сергей Михайлович**
доктор юридических наук, профессор
**Шарипов Такдиршо Шарипович**
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктор юридических наук, профессор
**Идизода Файзали Фузайлшо**
кандидат юридических наук, доцент

**ИСТОРИЯ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктор исторических наук, профессор
**Гафуров Абдулло Мутиллоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Наврузов Голибшо Лоикович**
кандидат исторических наук, доцент
**Садиров Шарафджон Ахтамович**
кандидат исторических наук, доцент
**Махсудов Аслиддин Мухабатович**
кандидат исторических наук, доцент

**ЭКОНОМИКА**

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт**
доктор экономических наук, профессор, Президент НАНТ
**Джонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктор экономических наук, профессор
**Низомова Тухфамо Давлатовна**
доктор экономических наук, профессор
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали**
доктор экономических наук, профессор
**Каримов Баходур Хасанович**
кандидат экономических наук, доцент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
кандидат экономических наук, доцент
**Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович**
кандидат экономических наук, доцент

**© ТПИ в Раштском районе, 2024**

**The journal is registered by the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on december 23, 2024 for No. 392/MJ-97**

**EDITOR-IN-CHIEF:**

**Rajabzoda Mahmadyor Nosir**
candidate of legal sciences, associate professor, rector of TPI in Rasht district

**DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF:**

**Zokirzoda Zafar Khairullo**
candidate of legal sciences, associate professor, vice-rector for academic affairs TPI in Rasht district

**RESPONSIBLE SECRETARY:**

**Bobokhonov Faridun Alamshoevich**
candidate of legal sciences, associate professor

**ADDRESS:**

734025, Tajikistan, Rasht district, Garm city,
E. Mukhiddinov street, 63.

**PHONE:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**E-MAIL:**

farodil_ff@mail.ru

**JOURNAL WEBSITE:**

http: //vestnik-dotr.com

**THE EDITORIAL BOARD:**

**LAW**

**Yakov Ilich Gilinskiy**
doctor of law, professor
**Vorobyov Sergey Mikhailovich**
doctor of law, professor
**Sharipov Taqdirsho Sharipovich**
doctor of law, professor
**Azizzoda Ubaydullo Abdullo**
doctor of law, professor
**Idizoda Fayzali Fuzaylsho**
candidate of law, associate professor

**HISTORY**

**Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich**
doctor of historical sciences, professor
**Ghafurov Abdullo Mutilloevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Saynakov Saynak Parpishoevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Navruzov Gholibsho Loiqovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Sadirov Sharafjon Ahtamovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Makhsudov Asliddin Muhabatovich**
candidate of historical sciences, associate professor

**ECONOMY**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht**
doctor of economic sciences, professor, President of NAST
**Jonmamadov Shermamad Begmamadovich**
doctor of economic sciences, professor
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna**
doctor of economic sciences, professor
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali**
doctor of economics, professor
**Karimov Bahodur Hasanovich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Niyozov Mustafo Abdulloevich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich**
candidate of economic sciences, associate professor

**© TPI in Rasht district, 2024**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 340.114.5**

# МАВҚЕИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМИ УНСУРҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

**Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар муқовимат ба коррупсия механизм, роҳу воситаҳо ва институтҳои гуногун мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, нақши шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ хеле калон арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур мубрам ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти тадқиқоти мазкур дар зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳо ва воситаҳои муассир мебошад, ки ба ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ташкилотҳо мусоидат мекунанд. Дар шароити муосир мубориазаи устувори зидди коррупсия бидуни ҷалби тамоми қишрҳои ҷамъиятӣ, бахусус дар сатҳи созмонҳое, ки хавфи коррупсионӣ бештар ба назар мерасад, ғайриимкон аст. Дар ин росто, дарки моҳияти фарҳанги зиддикоррупсионӣ, вазифаҳо ва воситаҳои ташаккули он аҳаммияти хоса дорад.

Раванди ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионии ҷомеа мебошад. Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа» дар илм аз чанд ҷиҳат баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро метавон маҷмӯи донишҳо, ақидаҳо ва фаъолияти субъекти ҷомеаро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти он дар заминаи танзими ҳуқуқӣ донист. Фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии ҷомеа метавон ҳисоб кард, ки ҳолати идеявию ҳуқуқии онро дар давраи мушаххаси таърихӣ инъикос менамояд. Муҳаққиқон аз қабили В.И. Каминская ва А.Р. Ратинов фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун системаи ҷузъҳои муайяни таркибӣ медонанд, ки бо хусусияти идеалӣ хос буда, дар ҳоле ки онҳо ба соҳаи ҳуқуқ дахл доранд ва дар шуур, рафтор ва фаъолияти одамон ва тамоми ҷомеа инъикос меёбанд [8, с. 39-67]. Р.М. Раҷабзода, чунин таърифи фарҳанги ҳуқуқиро бештар мувофиқи мақсад меҳисобад: Фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги мутамаддин мебошад, ки муносибати воқеии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми шахсият; одати устувор нисбат ба рафтори қонунӣ; муносибат нисбат ба ҳуқуқ, зуҳуроти дигари ҳуқуқӣ; дарки аҳамияти иҷтимоии ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ; эътироф ва муносибати эҳтиромона нисбат ба давлат ва шаҳрвандро муайян мекунад [10, с. 74]. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ равандаи мураккаб ва тӯлониест, ки ба тамоми паҳлӯҳои ҳаётӣ ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Воситаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ таблиғи қонун, ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ дар баини ҷавонон тавсияи амалия ва волоияти қонуни мебошанд. Дар раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон намунаи рафтори ҳуқуқии роҳбарон, шахсонӣ мансабдори дастгоҳҳои давлатӣ, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҷалб гардидаанд таъсири калон дорад.

Мафҳуми муносибатҳои коррупсионӣ танҳо вақте маъно пайдо мекунад, ки шахс дар бораи моҳияти қарз фаҳмиши ташаккулёфта дошта бошад. Маҳз қарз категорияи асосӣ мебошад, ки ба мо имкон медиҳад сарҳади байни чизи қобили қабул ва ғайри қобили қабулро муқаррар кунем. Аммо имрӯз мафҳуми вазифаи ахлоқӣ бо амри иқтисодие, ки дар системаи арзишҳои «ҷомеаи истеъмолӣ» бартарӣ дорад, «норавшан» шудааст. Ва дар ташаккули муносибати равопазир нисбат ба коррупсия нақши асосиро расонаҳо мебозанд, ки модели рафтореро, ки ғояи коррупсияро ҳамчун як низоми тавоно ва мағлубнашаванда дастгирӣ мекунанд, паҳн мекунанд ва дар навбати худ ба рафтори коррупсионии инсон ҳавасманд мекунанд.

Бо омӯхтани зуҳуроти гуногуни коррупсия, мо чунин мешуморем, ки нуқтаи назар дар бораи мавҷудияти асотири «мансабдоре нест, ки пора намегирад, шумо намедонед, ки чӣ тавр ба онҳо пора диҳед» бесабаб нест. Ин асотир дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз он сабаб пайдо шуд, ки шаҳрвандон чунин мешуморанд, ки агар шахс барои ишғоли мансаби мувофиқ кӯшиш кунад, пас ин дар аввал ба шарофати вазифаи ишғолкарда гирифтани ин намуди даромади «иловагӣ»-ро дар назар дорад. Маълум мешавад, ки шуури шахсе, ки дар вазифаи муайян хизмат карданро интихоб кардааст, воқеиятеро инъикос мекунад, ки дар он иштирок дар робитаҳои коррупсионӣ имкон медиҳад, ки на танҳо эҳтиёҷоти аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳаёт, балки хоҳишҳои аз ҷиҳати субъективӣ аҳаммиятнок низ қонеъ карда шавад [13, с. 39]. Ба монанди асотирҳо, дар тафаккури мардум як қаторибораҳои маъмулӣ ва масалҳо низ таъсир расонидаанд.

Як қатор иборaю андешаҳое мавҷуданд, ки дар тафаккури одамон нақш баста, дар хусуси даст задан ва ё худдорӣ кардан аз коррупсия одамонро ба ихтилофи ботинӣ гирифтор менамоянд. Аз ҷумла:

1) Ибораҳои мусоидаткунанда: мегиранд, ман инро мехоҳам, ҳавас, эҳтиром, ман наметарсам, ман duздӣ намекунам, ҳама мегирад, барои ҳама кофӣ аст, аз они худро мегирам, ман як маротиба мегирам.

2) Ибораҳои пешгирикунанда: оила ва ёру дӯстон чӣ мегӯянд, ҷинояткорон онро мегиранд, мусодира мекунанд, дар куҷо пинҳон кунам, мумкин нест, онҳо рӯй мегардонанд, дастгир мекунанд, фиреб медиҳанд.

Муносибатҳои психологие, ки ба коррупсия мусоидат мекунанд:

1) Калимаи коррупсия дар ҷамъият вокуниши сахти манфиро ба вуҷуд намеоварад. Яъне, одамон онро ҳамчун як чизи муқаррарӣ қабул мекунанд, зеро маълумоти аз меъёр зиёд ба саҳми одамон дар ин хусус расонида шудааст.

2) Танзими тафаккури манфӣ: порахӯр будан фоидаовар аст, ин муқаррарист, ин қудрат аст. Гумон мекунанд, ки озодиро танҳо бо доштани пули зиёд ба даст овардан мумкин аст.

3) Эътиқоди густурда, ки коррупсия тафаккури таърихии мост. Дар ҳама сарчашмаҳо қайд мекунанд, ки коррупсия падидаи нав нест, он аз таърих ба мо омада расидааст. Пас аз байн бурдани он ғайриимкон аст. Онро ба пуррагӣ аз байн бурда намешавад. Чунин андешаҳо бояд доираи муайяни хонанда дошта бошад. Баҳсу мунозираи илмӣ байни муҳаққиқону олимон ва дигар масъулон дар хусуси масъалаҳои мазкур мумкин аст, вале донистани чунин маълумотҳо барои ноболиғону наврасон дар таҳти шуури онҳо тафаккури манфиро эҷод

менамояд. Зеро андешаҳои зикршуда, хавфнокии оқибатҳои коррупсияро паст мегардонад [11].

Дар баробари чораҳои муҷозотии таъсиррасонӣ ба ҷиноятҳои коррупсионӣ мунтазам гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда зарур аст, ки дар байни онҳо рушди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ яке аз ҷойгоҳҳои асосиро ишғол менамояд. Ҳангоми асоснок кардани ин мавқеъ бояд таъкид кард, ки шуури ҳуқуқӣ ҷаҳонбинии ҳуқуқии шахс, дастурҳои арзишӣ ва эътиқоди рафтори шахсии ӯро ифода мекунад, ки намуди ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии дар давлат мавҷудбударо муайян мекунанд [13, с. 38-41]. Албатта, коррупсия яке аз зуҳуроти харобиовари ҷинояткорист, ки ба шуури ҳуқуқии одамон таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, деформатсияи шуури ҳуқуқӣ ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ таъсир мерасонад. Нигилизми ҳуқуқӣ, яъне инкори ҳама чизе, ки ба давлат ва ҳуқуқ марбут аст, ноумедӣ ва натавонистани муқовимат ба шаклҳои гуногуни коррупсияро ифода мекунад.

Бо мақсади ташаккули шуури ҷамъиятию фардии зиддикоррупсионии шаҳрвандон, ки ҳамчун воситаи мубориза бар зидди коррупсия баромад мекунад, тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

– ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма дар ташаккули муносибати манфӣ нисбат ба навъҳои гуногуни коррупсия;

– ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус (сарфи назар аз самти таълим) ворид намудани курсе, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, зарари сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии коррупсияро нишон медиҳад;

– ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии дорои хусусияти зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, гузаронидани омӯзиш ва дигар машқҳои амалӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, бо мақсади фароҳам овардани огоҳӣ дар бораи ғайри қобили қабул будани иштирок дар тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ ё манфиати шахси воқеӣ ба манфиати худ ҳангоми истифода аз мавқеи хизматӣ;

– ташаккул додани муносибати оштинопазирона нисбат ба коррупсия дар ҷомеа тавассути инъикоси натиҷаҳои мусбати мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар воситаҳои ахбори омма, инчунин ташкили пахши барномаҳои телевизион ва радио, ки ба ҳадди ақалл кам кардан ва аз байн бурдани асотирҳои мавҷуда дар шуури одамон.

Шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, ки ҳамчун воситаи мубориза бар зидди коррупсия баромад мекунад, бояд ба иродаи ҳуқуқӣ асос ёбад, ки дар навбати худ инкишофи аломатҳои хосро дар шакли риоя, иҷро ва татбиқи қонун бе ягон инҳироф таъмин менамояд. Тавассути инкишоф ва тарбия намудани ғояҳо ва принсипҳои бунёдии шуур ва фарҳангии ҳуқуқӣ, тадриҷан аз байн бурдани стандартҳои дугона нисбати муносибатҳои коррупсионӣ бо ҳамзамон рад ва қабули воқеияти коррупсионӣ, метавон коррупсияро дар кишвар ба ҳадди ақалл кам ва решакан кард.

Дар Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ санадҳои меъёри ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул гардидаанд. Маврид ба зикр аст, ки барои таъмин намудани қонуният дар ҷомеа, махсусан қонунияти ҳуқуқи

инсон нақши асосиро на танҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва василаҳои маҷбуркунии давлатӣ, балки одату анъанаҳои мардум, сатҳи фарҳанги ҳуқуқи инсон ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимгари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд ва боқӣ хоҳанд монд. Бо дарназардошти ин пешниҳод менамоем, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо бештар ба он диққат дода шавад, ки онҳо то кадом андоза ба анъанаҳои мардум ва урфу одат ҷавобгӯ ҳастанд ва ба ахлоқи аҳолӣ рост меоянд. Ин омил барои амалишавии қонунҳо ва таҳкими қонуният нақши муҳим дорад [12, с. 213]. Андешаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки на танҳо урфу одат ва ахлоқ, балки психологияи мардум низ ба инобат гирифта шавад. Зеро психологяи аҳолии ҳар як давлату ҷомеа фарқ карда метавонад.

Бояд гуфт, ки коррупсия ҳамчун падидаи пеш аз ҳама иҷтимоӣ, сӯистифода аз ваколат ба манфиати шахсӣ буда, ҳатман бовариро ба ниҳодҳои давлатӣ коҳиш медиҳад, самаранокии идоракуниро коҳиш медиҳад ва ба рушди иҷтимоию иқтисоди ҷамъият халал мерасонад [7, с. 207]. Дар ин замина фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия нақши калидӣ дошта, дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар байни одамон мусоидат мекунад.

Функсияҳои асосие, ки фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ташкилотҳо иҷро мекунад инҳоянд:

1. Функсияи маърифатӣ. Моҳияти ин функсия дарк намудани падидаҳои коррупсионӣ ва оқибатҳои онҳо аз ҷониби кормандон буда, инчунин аз ташаккули дониши кормандон оид ба моҳияти коррупсия, шаклу усулҳои мубориза бо он иборат аст. Функсияи маърифатӣ ба баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва огоҳӣ мусоидат мекунад, ки асоси муборизаи муассир бо коррупсия мебошад. Муҳим аст, ки кормандон фаҳманд, ки коррупсия чӣ гуна ба ҷомеа таъсир мерасонад ва барои пешгирии он чӣ чораҳо андешидан мумкин аст.

2. Функсияи танзимкунанда. Моҳияти ин функсия муқаррар ва нигоҳ доштани меъёрҳо ва қоидаҳои рафторест, ки ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ нигаронида шудааст, ки ба таъмини мутобиқати рафтори корманд ба талаботи қонунӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад. Функсияи танзимкунанда инчунин ба ташаккули намунаҳои рафтори устувори байни кормандон дар асоси принсипҳои ростқавлӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ мусоидат мекунад ва муҳим аст, ки ин қоидаҳо дақиқ муайян ва аз ҷониби ҳамаи кормандони ташкилот риоя карда шаванд.

3. Функсияи моделсозӣ. Моҳияти ин функсия эҷод ва паҳн кардани моделҳои рафтори зиддикоррупсионӣ дар байни кормандон мебошад, ки ба ташаккули андешаҳои кормандон дар бораи тарзи рафтор дар муҳити зиддикоррупсионӣ равона карда шудааст. Функсияи моделсозӣ ба кормандон кӯмак мекунад, ки малака ва салоҳиятҳои заруриро барои мубориза бо коррупсия самаранок инкишоф диҳанд. Ва инчунин муҳим аст, ки ин рафторҳо ба таҷрибаҳо ва мисолҳои беҳтарин асос ёфтаанд, ки метавонанд барои ҳама кормандон ҳамчун дастур хидмат кунанд.

4. Функсияи тарбиявӣ. Моҳияти ин функсия ташаккули арзишҳои устувори ахлоқӣ ва этикӣ дар байни кормандон, аз ҷумла бедор намудани ҳисси масъулият барои амалҳо ва оқибатҳои онҳо барои ҷомеа, инчунин рушди устувори рад кардани коррупсия дар байни кормандон мебошад. Функсияи тарбиявӣ ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва маърифати ҳуқуқии кормандон мусоидат мекунад. Муҳим он аст, ки рушди ин арзишҳо аз синни барвақт оғоз шуда, дар тӯли ҳаёт нигоҳ дошта мешаванд.

5. Функсияи пешгирикунанда. Моҳияти ин функсия аз пешгирии амалҳои коррупсионӣ бо роҳи фароҳам овардани шароите иборат аст, ки имкони содир кардани онҳоро истисно мекунад, ки таҳия ва татбиқи чораҳои пешгирии коррупсия, аз қабили системаҳои назорати дохилӣ ва аудит, сиёсат ва расмиёти мубориза бо коррупсияро дар бар мегирад. Функсияи пешгирикунанда ба кам кардани хатарҳои коррупсия ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад ва барои самаранокии ин тадбирҳо онҳо бояд мунтазам мутобиқи шароит ва талаботҳои тағйирёбанда нав карда шаванд.

6. Функсияи иттилоотӣ. Моҳияти ин функсия паҳн кардани маълумот дар бораи чораҳои зиддикоррупсионӣ ва натиҷаҳои онҳо мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии кормандон дар бораи аҳаммияти мубориза бо коррупсия ва чораҳои пешгирии он нигаронида шудааст. Функсияи иттилоотӣ ба ташаккули радкунии устувори коррупсия дар байни кормандон мусоидат мекунад ва эътимодро ба ташкилот зиёд мекунад, аз ин рӯ зарур аст, ки чунин маълумот дастрас, фаҳмо ва мунтазам нав карда шавад.

7. Функсияи иҷтимоӣ. Моҳияти ин функсия таҳкими робитаҳо ва ҳамкориҳои иҷтимоӣ, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудааст, иборат аст, ки рушди ҳамкориҳои гурӯҳҳои мухталиф ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз қабили сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад. Функсияи иҷтимоӣ ба ташаккули ҳисси ҳамбастагӣ ва дастгирии ҳамдигар дар байни кормандон, шаҳрвандон ва намояндагони мақомоти давлатӣ дар муборизаи муштарак бар зидди коррупсия мусоидат мекунад. Мухим аст, ки ин ҳамкорӣ танҳо ба боварӣ ва эҳтироми якдигар асос ёбад.

Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар кишвар нишондиҳандаи рушди ҷомеа, шарти ташаккули волоияти қонун мебошад. Яке аз сабабҳои паҳн шудани нигилизми ҳуқуқӣ паст будани - фарҳанги умумии ҷомеа ва ҳам паст будани фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Оқибати ин раванд мавҷуд набудани яке аз заминаҳои муҳим барои фаъолияти воқеии волоияти қонун мегардад. Фарҳанги ҳуқуқӣ барои таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти рӯзафзун пайдо намуда, онро ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ муайян намудан мумкин аст [2, с. 22]. Яке аз ҷузъҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ин маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи профессор Р.Ш. Шарофзода, маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо, арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои таҳсилотӣ, илмӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон (падару модар, муаллимон, устодон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва ғайра) ташаккул ёфта, ба дарку эҳсоси оқилонаи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ, амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, иштироки фаъолона

дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ (интихобот, раъйпурсӣ ва ғайра) мусоидат мекунад [14, с. 22].

Фарҳанги зиддикоррупсионӣ ҷузъҳои асосиро дар бар мегирад, ки барои мубориза бо коррупсия дар сохтори дахлдор заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд. Ин ҷузъҳо фаъолиятҳо ва рафторҳои гуногунро дар бар мегиранд, ки ба пешбурди муҳити таҳаммулпазирӣ нисбат ба коррупсия ва мусоидат ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ нигаронида шудаанд. Биёед унсурҳои асосиеро, ки фарҳанги зиддикоррупсиониро дар ташкилот ташкил медиҳанд, баррасӣ кунем:

1. Шуури ҳуқуқӣ. Шуури ҳуқуқӣ ин донистани меъёрҳои қонунгузорӣ мебошад, ки чораҳои зиддикоррупсиониро танзим мекунанд ва дарк намудани аҳаммияти риояи қатъии онҳоро ифода месозад. Дараҷаи баланди шуури ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтироми қонун дар кормандон ва рад кардани амалҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

2. Принсипҳои ахлоқию этикӣ. Асоси фарҳанги зиддикоррупсионӣ меъёрҳои ахлоқӣ ва этикӣ мебошад, ки коррупсияро ҳамчун падидаи ғайри қобили қабули иҷтимоӣ мешуморанд. Ин меъёрҳо тавассути равандҳои таълим, тарбия ва таъсири муассисаҳои давлатӣ ташаккул меёбанд [9, с. 7-11].

3. Маърифат ва маориф. Барномаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо коррупсия дар ташаккули донишҳои дахлдор дар байни кормандон нақши муҳим доранд. Ин барномаҳо ба кормандон асосҳои рафтори қонуниро меомӯзонанд ва малакаҳои дарк кардани хатарҳои коррупсионӣ ва роҳҳои мубориза бо онҳоро инкишоф медиҳанд.

4. Фаъолнокии шаҳрвандӣ. Иштироки фаъолонаи кормандон дар ташаббусҳои гуногуне, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд, инчунин иштироки онҳо дар чунин ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ба таҳкими фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ташкилот мусоидат мекунад. Мавқеи шаҳрвандии кормандон омили муҳими мубориза бо коррупсия мебошад.

5. Механизмҳои институтсионалӣ. Қисмати муҳими фарҳанги зиддикоррупсионӣ сохторҳо ва механизмҳои ташкилӣ мебошанд, ки барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ таъсис дода шудаанд. Инҳо метавонанд ҳам комиссияҳои дохилӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ва ҳам сохторҳои беруна, ба монанди шуъбаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятии мустақил бошанд, ки ба фаъолияти зиддикоррупсионӣ машғуланд [1, с. 933].

Фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар таъмини фаъолияти устувор ва муассири ташкилотҳо, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ нақши калидӣ дорад. Коррупсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ на танҳо ба суботи иқтисодӣ, балки ба ахлоқи ҷомеа таҳдид карда, эътимодро ба ниҳодҳои ҳукумат ва соҳибкорӣ коҳиш медиҳад. Ташаккул додани муҳити устувори зиддикоррупсионӣ дар дохили ташкилотҳо вазифаи муҳимест, ки муносибати мунтазам ва истифодаи воситаҳои гуногунро талаб мекунад [7, с. 211].

Ҳамин тариқ, ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ раванди тӯлонӣ ва муттасил буда, ҷалби фаъолонаи тамоми зинаҳои сохторӣ – аз кормандони оддӣ то роҳбарияти идориро тақозо мекунад. Танҳо равиши систематикие, ки ба маҷмуи механизмҳои танзимкунанда, тарбиявӣ ва ташкилӣ асос ёфтааст, метавонад муборизаи устувор ва муассирро бо коррупсия таъмин намояд. Ҷорӣ

намудани чораҳои зиддикоррупсионӣ ва ташаккули фарҳанги таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия на танҳо хатарҳои коррупсиониро коҳиш медиҳад, балки эътимоди ҷомеа, шаҳрвандон ва дар умум аҳолиро ба давлату сохторҳои давлатӣ зиёд мекунад.

Дар пешгирӣ ва муқовимат бо амалҳои коррупсионӣ бояд натанҳо чораҳои ҳуқуқӣ, балки аз усулҳои гуногуни психологӣ ба таври васеъ истифода бурда, дар мадди аввал сабабу шароитҳои дар боло зикршуда бартараф карда шаванд ва сатҳи масъулият ва маърифатнокии шаҳрвандон баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, мо дар пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи коррупсия ба андешаи З.Р. Сафарова ва Ф.Б. Бобохонов [11] такя намуда, анҷоми чунин корҳоро дуруст меҳисобем:

1. Табдилдиҳии афкори манфии ҷамъиятӣ ба тафаккури мусбӣ. Раванди фикрронии одамонро дар муносибат бо коррупсия тағйир додан лозим аст. Дар хусуси масъалаи мазкур аз ҷониби Ф.А. Бобохонов [3; 4; 5; 6] якчанд таҳқиқотҳои ҷузъи анҷом дода шуда, баъзе мақолаю асарҳо низ ба чоп расидаанд. Инро тавассути асару мақолаҳои мусбӣ, наворҳои кутоҳ, саҳнаҳои театрӣ, филмҳо анҷом додан самаранок мебошад. Масалан, дар навори хурди видеоӣ нишон дода шудааст, ки ба шахси мансабдор пора пешниҳод мекунанд, вале ӯ бо тамоми як ҳаяҷону эҳсосот аз чунин рафтор ғазабнок шуданашро зоҳир намуда, ӯро сиёсаткунон ва насиҳаткунон аз оқибатҳои рафтораш огоҳ карда, аз ҳуҷраи кориаш пеш мекунад. Чунин наворро ҳазорҳо одам дар як муддати кутоҳ тамошо карда, ба шууру тафаккури онҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

2. Дар байни шахсони гиранда ва диҳандаи пора муносибати манфӣ ба вуҷуд овардан. Оқибатҳои коррупсияро на бо таҳдиди ҷазо, балки бо хароб шудани тартиботи ҷамъиятӣ, вазъи мардум ва дигар ҳолатҳои амалӣ нишон додан лозим аст. Масалан, дар навори видеоӣ нишон дода мешавад, ки шахс сартабибро пора дода, вақташро ба манфиати шахсии худ истифода мебарад, вале дар ҳамин маврид беморе, ки бояд ӯро ҷароҳӣ мекард мефавтад. Ба аҳли оилаи ӯ чи қадар ранҷу азобҳо пеш меояд. Ё ин ки аз шахс пора талаб карда мешавад, вале ӯ шароит надорад, қарз гирифта, пораро медиҳад. Дар ниҳоят, қарзҳо боиси оқибатҳои манфии зиёд дар он оила мегарданд.

3. Ташкили тренингҳо барои шахсоне, ки ҳангоми гирифтани пора фишори равониро эҳсос мекунанд. Фаҳмонидани тарзу воситаҳои психологии муқовимат кардан ба пешниҳоди пора. Нишон додани роҳҳои устуворгардонии иродаи шахсӣ, муқовиматнокӣ ва дарёфти роҳҳои қонунии даромад.

4. Иваз намудани методҳо ва субъектони муқовиматкунанда бо коррупсия. Субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ тавре аз қонунгузории ҷиноятӣ бармеояд, аксаран шахсони мансабдор мебошад, вале субъекти пешгирикунандаи амалҳои коррупсионӣ бошад, дар аксари ҳолатҳо боз ҳамон шахсони мансабдор мебошанд. Пас, чи гуна содиркунандаи кирдор боз кирдори худашро пешгирӣ мекунад? Оё шахси мансабдор кирдори коррупсионии ҳамхизмати худро ошкор карда, ӯро ба суд пешниҳод карда метавонад? Бо ин назардошт, беҳтар аст, ки субъектони муқовиматкунандаи каме тағйир дода шаванд. Масъулияти рассомон, таҳиякунандагони филмҳо, блогерон, нависандагони соҳаи адабиёт, намояндагони ҳаҷв, намояндагони театрҳо ва монанди инҳо баланд бардошта

шавад. Зеро имрӯз таваҷҷуҳи аксарияти аҳолии ҷаҳон маҳз ба ҳамин чизҳо нигаронида шудааст.

5. Пайравӣ аз таҷрибаҳои Пешвои муазами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Дар муқовимат бо амалҳои коррупсионӣ, терроризму экстремизм ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ Пешвои миллат роҳҳои гуногуни психологиро дар амалу дар андешаҳо нишон додаанд, ки самаранокии онҳо алакай ба ҳамагон маълум аст. Масалан, ташкили озмунҳои ҷумҳуриявие, ки дар сатҳи кишвар амалӣ гардида истодаанд, афкору шуурнокӣ ва фаҳмиши гурӯҳи зиёди аҳолиро тағйир медиҳад. Зимни суханронии худ Пешвои миллат роҳбарони муассисаву ташкилотҳоро таъкид менамояд, ки аз ҳоли кормандони худ бохабар бошед. Воқеан ҳам, корманд шароити иқтисодию маънавиаш вайрон шуд, он гоҳ ба кирдорҳои манфӣ даст мезанад. Огоҳӣ аз вазъи кормандону, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо, мушкилоти онҳо вазифаи расмии ҳеҷ як роҳбари ташкилоту муассиса нест, вале донистану фавран бартараф кардани онҳо боиси пешгирии рафторҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла коррупсионӣ мегардад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ кори мураккаб ва бисёрҷанба аст. Аз ин рӯ, дар кишвар корҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ қатъ нашуда, пайваста пеш бурда мешаванд. Дар кишвар тадбирҳои зиёд оид ба баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи аҳолӣ роҳандозӣ гардида, дар ин самт танзими ҳуқуқӣ низ амалӣ карда шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби шахсони мансабдор, олимону муҳаққиқон ва намояндагони табақаҳои гуногун дар ВАО баромадҳо, мизҳои мудаввар, конфронсҳо, лексияҳо, семинарҳо, ба роҳ монда шуданд. Дар баробари ин ташкили «хатҳои мустақим», машваратҳо ва қабули шаҳрвандон дар маҳалҳо роҳандозӣ гардида, корҳо оид ба ташкили рубрикаҳои доимӣ ва ҷойгир намудани маводи иттилоотӣ оид ба мавзуъҳои ҳуқуқӣ дар матбуоти даврӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ оид ба мавзуъҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда шуданд. Бо мусоидати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барномаҳои ҳуқуқӣ ва радиошунавониҳо дар мавзӯҳои ҳуқуқӣ ташкил ва фаъолият доранд. Умуман корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар самти мазкур хуб ба роҳ монда шудаанд. Илова бар ин, барои ташаккули сатҳи ибтидоии фарҳанги ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон зарур аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дарсҳои факултативӣ аз фанни ҳуқуқ пешбинӣ карда шавад. Масалан, «Фарҳанги ҳуқуқ».

Дар мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ аз фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» таълим дода мешавад. Аммо, ҷорӣ кардани фанни нави таълимии «Асосҳои фарҳанги зиддикоррупсионӣ» ба маврид мебошад. Чораи мазкур метавон яке аз чораҳои мубориза бо коррупсия ба ҳисоб рафта, насли наврасро дар рӯҳияи оштинопазирӣ нисбат ба коррупсия тарбия карда, ба ҷавонон эҳтироми қонун, даст назадан ба ҳуқуқвайронкуниро меомӯзонад.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ ташаккулдиҳандаи фарҳанги ҳуқуқӣ буда, аз рӯи қонун зиндагӣ кардан, риояи қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва умуман баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шахсро ташаккул медиҳад.

Аввалан, коррупсияро, ки ба як зуҳуроти манфии ҷомеа табдил ёфтааст, танҳо бо талоши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ наметавонад мағлуб кард. Мубориза бо

коррупсия бояд масъулияти асосӣ ва вазифаи тамоми ҷомеа гардад, на танҳо як шахс ё гурӯҳи одамон, мақомоти давлатӣ ё ҳукумат.

Дуюм, дар тамоми ҷомеа эҳсоси таҳаммулнопазириро нисбат ба коррупсия эҷод кардан лозим аст.

Сеюм, барои аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа пайваста ва мунтазам корҳоро оид ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, саводнокии ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба роҳ мондан зарур аст.

Чаҳорум, бояд ба назар гирифт, ки мубориза бо коррупсия вазифаи на танҳо давлат, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди давлат аст.

Ҳамин тариқ, маълум аст, ки коррупсия як зуҳуроти манфии ҷомеа буда, тамоми иқтисодиёт, амнияти миллиро халалдор мекунад ва ба рушди давлат монеъ мешавад. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия бояд бетаъхир ва муназзам сурат гирад. Яке аз омилҳои асосии муқовимат ба коррупсия баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла фарҳанги зиддикоррупсионӣ мебошад. Аз ин рӯ, агар шахс шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии баланд дошта бошад, ҷиноятҳои коррупсионӣ камтар мешавад.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Алексеева, Ю.С. Формирование антикоррупционной культуры у студентов [Текст] / Ю.С. Алексеева // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 1-1. – С. 933.

2. Алиев, Ф.Ш. Дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Ш. Алиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 2(36). – С. 301-306.

3. Бобохонов, Ф.А. Баъзе ҷанбаҳои ҳолати равонии кормандон дар заминаи таъсири қувваи фикр ва сухан [Матн] / Ф.А. Бобохонов, З.Ҳ. Камолова // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – № 3 (15). – С. 145-152.

4. Бобохонов, Ф.А. Таъсири қувваи фикр ва сухан дар фаъолияти кормандони муассисаҳо [Матн] / Ф.А. Бобохонов: монография. – Душанбе: «Ашуриён», 2024. – 208 с.

5. Бобохонов, Ф.А. Мафҳум ва моҳияти қувваи фикр ва сухан [Матн] / Ф.А. Бобохонов, З.Ҳ. Камолова // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – № 4 (16). – С. 114-126.

6. Бобохонов, Ф.А. Танзими ҳуқуқии масъалаҳои психологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ». – 2024. – № 2 (99). – С. 26-31.

7. Елаев, М.И. Понятие антикоррупционной культуры и инструменты по ее формированию в организации [Текст] / М.И. Елаев // Известия Кабардино-Балкарского научного центра РАН. – 2024. – Т. 26. – №5. – С. 206-213.

8. Каминская, В.И. Правосознание как элемент правовой культуры Текст] / В.И. Каминская, А.Р. Ратинов // Правовая культура и вопросы правового воспитания. – М.: Изд-во Всесоюз. ин-та по изуч. причин и разраб. мер предупреждения преступности, 1974. – С. 39-67.

9. Панина, Ю.Ю., Маевский А.Ю., Генрихс М.В. Понятие антикоррупционной культуры личности и ее значение в процессе проведения экспертизы нормативных правовых актов [Матн] / Ю.Ю. Панина, А.Ю. Маевский, М.В. Генрихс // Сборник научных трудов Международной научно-практической конференции «Проблемы современной юридической науки: актуальные вопросы». – Красноярск: Инновационный центр развития образования и науки, 2014. – С. 7-11.

10. Раҷабзода, Р.М. Мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ [Матн] / Р.М. Раҷабзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2020. – №2 (34). – С. 73-76.

11. Сафарова, З.Р., Бобохонов, Ф.А. Таҳлили психологии амалҳои коррупсионӣ // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/100084027533778/posts/pfbid0jt5jeiWjfA4N85DyvthUKjRnsWd6DJvnKEMg3iFwriAdAFHwKkeeo4FCWDPeSfzBl/?app=fbl (санаи муроҷиат: 15.12.2024)

12. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – 241 с.

13. Телегина, Е.Г. Правосознание и правовая культура как инструмент противодействия коррупции [Текст] / Е.Г. Телегина // Juvenis Scientia. – 2017. – № 6. – С. 38-41.

14. Шарофзода, Р.Ш. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Р.Ш. Шарофзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1(33). – С. 7-30.

**Literature:**

1. Alekseeva, Yu.S. Formation of anti-corruption culture among students [Text] / Yu.S. Alekseeva // Modern problems of science and education. - 2015. - No. 1-1. - P. 933.

2. Aliev, F.Sh. Prospects for the development of the legal culture of youth in the Republic of Tajikistan [Text] / F.Sh. Aliev // Message of the Tajik State University of Commerce. – 2021. – No. 2(36). – P. 301-306.

3. Bobokhonov, F.A. Some aspects of the psychological state of employees in the context of the influence of the power of thought and speech [Text] / F.A. Bobokhonov, Z.H. Kamolova // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2023. – No. 3 (15). – P. 145-152.

4. Bobokhonov, F.A. The influence of the power of thought and speech on the activities of employees of institutions [Text] / F.A. Bobokhonov: monograph. – Dushanbe: "Ashuriyon", 2024. – 208 p.

5. Bobokhonov, F.A. The concept and essence of the power of thought and speech [Text] / F.A. Bobokhonov, Z.H. Kamolova // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2023. – No. 4 (16). – P. 114-126.

6. Bobokhonov, F.A. Legal regulation of psychological issues in the Republic of Tajikistan [Text] / F.A. Bobokhonov // Scientific and theoretical journal "News of the DDDHBST". – 2024. – No. 2 (99). – P. 26-31.

7. Yelaev, M.I. Concept of anti-corruption culture and tools for its formation and organization [Text] / M.I. Yelaev // Journal of the Kabardino-Balkarian Scientific Center of the Russian Academy of Sciences. - 2024. - T. 26. – No. 5. - S. 206-213.

8. Kaminskaya, V.I. Legal knowledge as an element of legal culture Text] / V.I. Kaminskaya, A.R. Ratinov // Legal culture and issues of legal education. - M.: Izd-vo

Vsesoyuz. this foot wash reason and reason. Mayor of crime prevention, 1974. - S. 39-67.

9. Panina, Y.Yu., Maevsky A.Yu., Henrikhs M.V. The concept of anti-corruption culture of the person and its importance in the process of carrying out the examination of normative legal acts [Text] / Yu.Yu. Panina, A. Yu. Maevsky, M.V. Heinrichs // Collection of scientific papers of the International scientific-practical conference "Problems of modern legal science: relevant questions". - Krasnoyarsk: Innovative Center for Education and Science, 2014. - S. 7-11.

10. Rajabzoda, R.M. The concept and content of legal culture and legal consciousness [Text] / R.M. Rajabzoda // Academic Journal of Law. – 2020. – №2 (34). – P. 73-76.

11. Safarova, Z.R., Bobokhonov, F.A. Psychological analysis of corrupt actions // [Electronic resource]. Source of access: https://www.facebook.com/100084027533778/posts/pfbid0jt5jeiWjfA4N85DyvthUKjRnsWd6DJvnKEMg3iFwriAdAFHwKkeeo4FCWDPeSfzBl/?app=fbl (access date: 15.12.2024)

12. Saadizoda J. The formation of a human rights culture in the conditions of building a state based on the rule of law in Tajikistan [Text]: dis. ... nom. ilm. huqg. – Dushanbe, 2017. – 241 p.

13. Telegina, E.G. Legal consciousness and legal culture as a tool for combating corruption [Text] / E.G. Telegina // Juvenis Scientia. - 2017. - No. 6. - P. 38-41.

14. Sharofzoda, R.Sh. The concept of legal education [Text] / R.Sh. Sharofzoda // State science and human rights. – 2024. – No. 1(33). – P. 7-30.

## МАВҚЕИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМИ УНСУРҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Дар мақолаи мазкур мавқеи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар низоми унсурҳои муқовимат ба коррупсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, мавқеи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро дар низоми унсурҳои муқовимат ба коррупсия муҳим арзёбӣ намудаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон хулосабарорӣ намудаанд, ки коррупсия як зуҳуроти манфии ҷомеа буда, тамоми иқтисодиёт, амнияти миллиро халалдор мекунад ва ба рушди давлат монеъ мешавад. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия бояд бетаъхир ва муназзам сурат гирад. Яке аз омилҳои асосии муқовимат ба коррупсия баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла фарҳанги зиддикоррупсионӣ мебошад. Аз ин рӯ, агар шахс шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии баланд дошта бошад, ҷиноятҳои коррупсионӣ камтар мешавад. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳқиқот сабабҳои пайдоиши коррупсия ва роҳҳои муқовимат ба он зери таъсири шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанг ҳуқуқӣ муайян ва пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** мавқеъ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, низоми унсурҳо, муқовимат ба коррупсия, сабабҳои пайдоиш, психологияи ҳуқуқӣ, функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, танзими фикрронӣ.

## МЕСТО ПРАВОСОЗНАНИЯ И ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ В СИСТЕМЕ ЭЛЕМЕНТОВ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ

В статье анализируется и рассматривается место правосознания и правовой культуры в системе элементов противодействия коррупции. Авторы

проанализировали мнения отечественных и зарубежных ученых и оценили значение правосознания и правовой культуры в системе элементов противодействия коррупции. В ходе исследования авторы пришли к выводу, что коррупция является негативным явлением в обществе, подрывающим всю экономику, национальную безопасность и препятствующим развитию государства. Поэтому борьба с коррупцией должна осуществляться оперативно и системно. Одним из основных факторов противодействия коррупции является повышение правовой культуры, в том числе антикоррупционной. Поэтому, если у человека высокий уровень правосознания и правовой культуры, коррупционные преступления будут встречаться реже. Вместе с тем, в результате исследования выявлены и предложены причины возникновения коррупции и пути борьбы с ней под влиянием правового сознания и правовой культуры.

**Ключевые слова:** место, правовое сознание, правовая культура, система элементов, противодействие коррупции, причины возникновения, юридическая психология, функции правовой культуры, регуляция мышления.

## THE PLACE OF LEGAL CONSCIOUSNESS AND LEGAL CULTURE IN THE SYSTEM OF ANTI-CORRUPTION ELEMENTS

The article analyzes and considers the place of legal consciousness and legal culture in the system of anti-corruption elements. The authors analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and assessed the importance of legal consciousness and legal culture in the system of anti-corruption elements. During the study, the authors came to the conclusion that corruption is a negative phenomenon in society, undermining the entire economy, national security and hindering the development of the state. Therefore, the fight against corruption should be carried out promptly and systematically. One of the main factors in countering corruption is increasing the legal culture, including anti-corruption. Therefore, if a person has a high level of legal consciousness and legal culture, corruption crimes will occur less frequently. At the same time, as a result of the study, the causes of corruption and ways to combat it under the influence of legal consciousness and legal culture were identified and proposed.

**Key words:** place, legal consciousness, legal culture, system of elements, combating corruption, causes of occurrence, legal psychology, functions of legal culture, regulation of thinking.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Азиззода Убайдулло Абдулло** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Раҳимов Равшан Лақаевич** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторах: Азиззода Убайдулло Абдулло** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета.

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Рахимов Равшан Лакаевич** – Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about authors: Azizzoda Ubaydullo Abdullo** – Tajik national university, doctor of law, professor, head of the department of theory and history of state and law, faculty of law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Rahimov Ravshan Laqaevich** – Tajik national university, faculty of law, applicant of the department of theory and history of state and law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17.

**ТДУ: 343.10**

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШАКЛҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

**Зокирзода З.Х., Табаров Н.А., Маҳмадёқубова С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Мафҳум ва моҳияти шакли мурофиавии ҷиноятӣ чун анъана мавриди баҳсу мунозираҳои олимони мурофиашинос қарор гирифтааст. Масалан, М.А. Челтсов навишта буд, ки тартиби бо қонун муқарраршудаи истеҳсолоти амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ (ё маҷмуи онҳо) бояд шакли мурофиавӣ номида шавад [2, С. 220]. Дар навбати худ Р.Д. Рахунов чунин мешуморад, ки шакли мурофиавии ҷиноятӣ – ин тартиби дақиқи бо қонун ба қоида даровардашудаи амалӣ намудани фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мебошад [3, с. 12]. М.С. Строгович таъкид мекунад, ки шакли мурофиавӣ маҷмуи шартҳое номида мешавад, ки қонуни мурофиавӣ барои аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва суд анҷом додани он амалҳоеро, ки онҳо функсияҳои худро дар соҳаи тафтишот ва ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ менамоянд, инчунин, барои аз ҷониби шаҳрвандоне, ки дар истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ба ҷо овардани он амалҳое, ки бо онҳо шаҳрвандон ҳуқуқҳои худро ба амал мебароранд ва уҳдадориҳои худро иҷро менамоянд, муқаррар кардааст [4]. В.Н. Шпилев қайд мекунад, ки таърифи қобили қабултарини шакли мурофиавӣ ҳамчун шакли расмиёти мурофиавӣ дар он аст, ки он на танҳо маҷмуи шартҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавиро барои содир намудани амалҳои мурофиавӣ, балки пайдарпайии онҳо, тартиби сабт гардидан ва расмикунонии амалҳои мурофиавӣ ва муҳлатҳои мурофиавиро дар бар мегирад [5, с. 292].

Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи муҳокимаронҳои дар боло зикргардидаи олимони маъруф дар соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои мобайнии зеринро барорем. Бо таърифи шакли мурофиавие, ки М.А. Челтсов додааст, пурра розӣ шудан мумкин нест. Чунин ба назар мерасад, ки ба андешаи ӯ, он метавонад танҳо барои чораҳои алоҳидаи мурофиавӣ (масалан, барои пурсиш ё кофтуков), инчунин, барои маҷмуи онҳо (масалан, барои давраи

алоҳидаи мурофиа ё мувофиқати мурофиавӣ) муқаррар карда шавад. Аммо, ба назари мо, шакли мурофиавӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ барои тамоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ низ муқаррар карда шудааст. Он бо шакли таърихии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамбастагӣ дошта, аз татбиқи пайгиронаи ҳамаи давраҳои он иборат аст.

Таърифи шакли мурофиавӣ, ки дар асарҳои М.С. Строгович пешниҳод карда шудааст, ба андешаи мо, мукаммалтар аст. Бояд қайд кард, ки муаллиф амали шаклҳои мурофиавиро ҳам ба мақомотҳои тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд ва ҳам ба дигар иштирокчиёни истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ комилан дуруст паҳн кардааст. Дар воқеъ, ҳам гумонбаршуда, ҳам айбдоршаванда, ҳам ҷабрдида ва ҳам дигар иштирокчиён ҳуқуқҳои мурофиавии худро (шикоят пешниҳод мекунанд, дархост арз менамоянд, бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос мешаванд) бо тартиби қатъӣ муқарраршуда амалӣ мекунанд. Вале дар баробари ин М.С. Строгович ба монанди М.А. Челтсов танҳо дар бораи шаклҳое, ки барои амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ муқаррар карда шудаанд сухан рондааст, на умуман барои тамоми мурофиаи судӣ.

Таърифи шакли мурофиавии Р.Д. Рахунов, аз як тараф, ба назари мо аз рӯи мазмун назар ба таърифҳои додаи М.А. Челтсов ва М.С. Строгович мукаммалтар ба назар мерасад, зеро ба он на танҳо амалҳои алоҳида, балки тамоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ дохил карда мешавад. Дар баробари ин, аз тарафи дигар, ин таъриф то як андоза васеъ аст; ба хонанда комилан равшан нест, ки муаллиф дар таҳти ин фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ маҳз чиро мефаҳмад.

Бо муҳокимарониҳои В.Н. Шпилев дар бораи он ки шакли мурофиавӣ бояд ҳам дар маҷмуи шартҳои иҷрои амалҳои мурофиавӣ ва ҳам дар худи пайдарҳамии ин амалҳо, яъне дар тартиби онҳо ифода ёбад, пурра розӣ шудан мумкин нест. Чунин ба назар мерасад, ки тартиби мурофиавӣ ва маҷмуи шартҳои мурофиавӣ мафҳумҳои якхела мебошанд. Масалан, тартиби ҳама гуна чорабиниҳои мурофиавӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун сабтгардида - шартҳое, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ унсури ин тартиб мебошанд, муқаррар карда мешаванд. Гузашта аз ин, мисолҳои овардаи муаллиф мӯҳлатҳои мурофиавӣ, ба қайд гирифтани рафт ва натиҷаи амалиёти тафтишотӣ маҳз ҳамин шартҳо мебошанд.

Таҳлили адабиёти муосир оид ба ин масъала нишон медиҳад, ки дар замони муосир низ олимони мурофиашинос нисбат ба мафҳуми шакли мурофиавии ҷиноятӣ равиши ягонаи илмиро таҳия накардаанд. Масалан, И.Л. Петрухин чунин мешуморад, ки шакли мурофиавии ҷиноятӣ – ин тартиби муқарраршудаи тафтиши ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо мебошад; ин маҷмуи шартҳои умумӣ, аз ҳама бештар муҳимест, ки ба онҳо бояд фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгӯ бошад, ки ноил шудан ба мақсадҳои мурофиаи судиро таъмин менамояд [6, с. 158]. Н.П. Кузнетсов дар бораи шакли мурофиавӣ ҳамчун бо ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ сабт гардидани сохтори тамоми мурофиаи ҷиноятӣ ва давраҳои алоҳидаи он, пайдарҳамӣ ва тартиби баҷоовари амалҳои мурофиавӣ ва сабти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назар дорад [7, с. 7].

Муҳокимарониҳои дар боло зикргардидаро таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки ҳар кадоме аз онҳо ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳои худро доранд. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи онҳо, бидуни истисно, як камбудии

умумӣ доранд. Дар ягонтои онҳо аломатҳои асосии шакли мурофиавӣ ва маҳз умумият, ягонагӣ ва ҳатмӣ будан зикр нашудааст. Баъзе муаллифон ин аломатҳоро алоҳида аз таъриф мекушоянд, баъзе дигарон дар бораи онҳо умуман зикр намекунанд [8, с. 71]. Аммо дар ягон ҷо ин аломатҳо ба мазмуни худи мафҳуми шакли мурофиавии ҷиноятӣ дохил карда нашудааст.

Масалан, дар таҳти умумияти шакли мурофиавӣ бояд талаботе фаҳмида шавад, ки тартиби ягонаи истеҳсолотро барои категорияи муайяни парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, ки аз ҳаҷм ва мураккабии онҳо вобаста нест. Охир қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар тартиби тафтиш ва муҳокимаи судӣ танҳо аз рӯи асосҳои расмӣ баъзе тафовутҳоро муқаррар мекунад. Ба сифати чунин асосҳо метавонанд инҳо баромад намоянд: а) муайян кардани ҷиноят; б) мавҷудияти субъекти махсус; в) мавҷуд будани дархости айбдоршаванда дар бораи аз рӯи тартиби махсус моҳиятан баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ; г) асосҳои дигар. Зимнан асосҳои воқеӣ – маҳал, вақт, тарзи содир намудани ҷиноят; шумораи эпизодҳои фаъолияти ҷиноятӣ; шумораи шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ва ғайра мувофиқи қонунгузории амалкунанда ба ҳеҷ ваҷҳ ба тартиби муқарраргардидаи мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсир намерасонанд [9, с. 7].

Ҳамин тариқ, имкони аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муқаррар намудани тартиби худии махсуси мурофиаи судии ҷиноятӣ комилан истисно карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки шакли мурофиавии ҷиноятӣ бояд тартиби бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишудаи умумият, ягонагӣ ва ҳатмӣ будан ҳисобида шавад, ки барои: а) пешбурди (истеҳсолоти) парвандаи ҷиноятӣ дар маҷмуъ; б) амалӣ намудани давраҳои мустақили фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ; в) истеҳсолоти амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд; г) амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд.

Асарҳои охирини олимони мурофиашинос нишон медиҳанд, ки вақтҳои охир дар илми мурофиаи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи бештарро масъалаҳое, ки на танҳо ба моҳияти шаклҳои мурофиавӣ мансубанд, балки проблемаҳое, ки бо тафриқаи онҳо алоқаманданд, пайдо кардаанд. Ба назари мо, тамоюли мазкури илмӣ ба ду омил вобаста аст. Якум, бешубҳа бо кӯшишҳои такмили минбаъдаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, ба имконияти тафриқаи он низ мусоидат мекунад. Чӣ тавре ки Х.У. Рустамов дуруст қайд кардааст, равиши муқобил, ки аз якхелакунии шакли мурофиавӣ аз рӯи ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар ҳамаи судҳо иборат аст, ба гумон аст, ки ба такмили шакли мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намояд [10, с. 16].

Омили дуюм, бешубҳа, аз либерализатсияи мурофиаи судии ҷиноятие, ки дар марҳилаи ҳозира ба амал бароварда мешавад, ба миён омада, бо суст шудани асосҳои оммавӣ ва пурзӯр гардидани асосҳои диспозитивӣ алоқаманд аст. Масалан, Ю.К. Якимович, А.В. Ленский ва Т.В. Трубникова хулоса мекунанд, ки дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ ба мавҷуд будани истеҳсолотҳои гуногун, аз ҷумла истеҳсолоти соддакардашуда, инчунин, истеҳсолоти бо дараҷаи хеле бештари асосҳои диспозитивӣ назар ба муқаррарӣ ягон монеаи объективӣ вуҷуд надорад. Гузашта аз ин, мавҷудияти чунин истеҳсолот зарур мебошад [11, с. 198].

Ҳамин тариқ, ба назари мо, омӯзиши проблемаҳои тафриқаи мурофиаи судии ҷиноятӣ (шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ) яке аз самтҳои афзалиятноки илми мурофиавии муосир мебошад.

Дар баробари ин, таҳлили як қатор асарҳое, ки ба таҳқиқи ин масъалаҳо алоқаманданд, нишон медиҳад, ки муаллифони онҳо чун қоида кӯшиши ҷудокунии шаклҳои мурофиавии ҷиноятиро дар сатҳи умумитарин ироа менамоянд. Ба ибораи дигар, дар бораи тафриқа сухан ронда, олимон ҷудокунии тартибҳои махсуси тамоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро дар маҷмуъ ё дар қисмҳои калони он дар назар доранд [12, с. 33]. Вобаста аз ин мавқеи илмӣ, воқеан тамоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро дар маҷмуъ ба тартиби умумӣ ва тартибҳои гуногуни махсус тафриқа кардан мумкин аст. Ба охиринҳо, масалан, истеҳсолот (пешбурд) нисбати ноболиғон (боби 44 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); истеҳсолот (пешбурд) оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (боби 45 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғайра мансубанд. Ба ғайр аз ин, фаслҳои калони мурофиаи ҷиноятиро низ метавон тафриқа кард, масалан, истеҳсолоти (пешбурди) тосудӣ ё истеҳсолот (пешбурд) дар суд [1].

Чунин ба назар мерасад, ки мавқеи зикргардида хеле асоснок мебошад. Гузашта аз ин, вай бешубҳа, бояд минбаъд инкишоф ёбад, ки ин бешубҳа ҳам ба такмили фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳам ба фароҳам овардани кафолатҳои иловагии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад [13, с. 102-103].

Масалан, шаклҳои мурофиавие, ки барои давраҳои алоҳидаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, бо вазифаҳои бевоситаи ин давраҳо қайду шарт шудаанд ва бо шароитҳои умумии онҳо тавсиф карда мешаванд [14, с. 496]. Масалан, давраи тафтишоти пешакӣ метавонад дар шакли тафтиши пешакӣ (боби 20 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё дар шакли таҳқиқ (боби 19 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) сурат гирад.

Шаклҳои татбиқи муносибатҳои ҳуқуқии алоҳидаи мурофиавии ҷиноятӣ бо хусусият ва мазмуни онҳо қайду шарт карда мешаванд [15, с. 7]. Барои иҷрокунии ҳар як чорабинии мурофиавӣ ва қабули ҳар як қарор тартиби муайян пешбинӣ шудааст [16, с. 46]. Вай бо пайдарҳамии иҷрои амалҳои алоҳида, муҳлатҳо, хусусиятҳои сабт ва ғайра муайян карда мешавад. Амалҳои тафтишотӣ ва судӣ (азназаргузаронӣ, кофтуков, ёфта гирифтан, пурсиш ва ғ.) ва дигар амалҳои мурофиавӣ (гузаронидани экспертизаи судӣ, шинос кардани айбдоршаванда бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ва ғ.) навъҳои ба худ хосро доранд. Тартиби қабули қарорҳои гуногуни мурофиавӣ (дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан, дар бораи таъин кардани маҷлиси суд) низ ба назар тафриқакардашуда менамояд. Қонунгузор ҳамчунин тақсимоти шаклҳои мурофиавии иштирок дар мурофиаи ҷиноятиро аз ҷониби шахсони алоҳида ва ташкилотҳо (шикоят намудан, арзи дархост ва ғ.) низ пешбинӣ менамояд.

Вобаста аз ҳайати субъективӣ шаклҳои мурофиавиро метавон ба инҳо тақсим кард: шаклҳои фаъолияти суд, шаклҳои фаъолияти тарафи айбдоркунӣ, шаклҳои фаъолияти тарафи ҳимоя.

Масалан, суд фаъолияти худро дар шаклҳои адолати судӣ ва назоратбарии судӣ амалӣ менамояд. Иштирокчиёни тарафи айбдоркунӣ ваколатҳои

мурофиавии худро дар шакли таъқиби ҷиноятӣ амалӣ мекунанд (боби 5 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ба ғайр аз ин, қонунгузор шакли назорати прокурориро аз болои фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ пешбинӣ менамояд (моддаи 36 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар навбати худ гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тарафи ҳимоя дар шакли ҳимоя аз таъқиби ҷиноятӣ ҳуқуқҳои мурофиавии худро ба амал мебароранд ва ухдадориҳои худро иҷро мекунанд. Зимнан, фаъолияти мурофиавии ҳимоя аз таъқиби ҷиноятӣ ҳанӯз танзими дақиқи қонунгузорӣ надорад. Ба назар чунин мерасад, ки ҳалли ин проблема таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад.

Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, мо ба чунин хулоса омадем.

1. Ташаккули ҳама гуна шакли мурофиавии ҷиноятӣ бояд ба мақсади ягонаи мурофиаи ҷиноятӣ ва маҷмуи принсипҳои ҳамаи шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ асос ёбад.

2. Раванди муосири дифференсиатсияи шаклҳои мурофиавӣ боиси эҷоди ду намуди шаклҳои мурофиавӣ мегардад: мураккаб ва соддакардашуда.

3. Коркардҳои илмии консепсияи ягонаи дифференсиатсияи шакли мурофиавӣ зарур аст, ки имкон медиҳад чунин навъҳои он эҷод карда шаванд. Мо боварӣ дорем, ки ин консепсия бояд ба чунин идеяҳо асос ёбад: таъмини ҳуқуқҳои шахс; суръат ва сарфаи раванд; пурра ва ҳамаҷонибаи муқаррар намудани ҳолатҳои ҷинояти содиршуда.

**Муқарриз: Шарипов Т.Ш. – д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**Адабиёт:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Манбаи дастрасӣ: URL: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2024).

2. Зокиров, З.Х., Восиев, Д.С., Қаландаров, Д.Ш. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ [Матн] / З.Х. Зокиров, Д.С. Восиев, Д.Ш. Қаландаров. – Душанбе: «Ашуриён», 2015. – 256 с.

3. Зокиров, З.Х., Восиев, Д.С., Қаландаров, Д.Ш. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ [Матн] / З.Х. Зокиров, Д.С. Восиев, Д.Ш. Қаландаров. – Душанбе: «Ашуриён», 2015. – 232 с.

4. Кузнецов, Н.П. Сущность, назначение и основные положения уголовного процесса. Предмет и система курса // Уголовный процесс России: Учебное пособие [Текст] / Н.П. Кузнецов / Под ред. Н.П. Кузнецова, З.Ф. Ковриги. – Воронеж: Воронежский госуниверситет, 2002. – 445 с.

5. Қудратов, Н.А., Зокирзода, З.Х. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Воситаи таълимӣ-методӣ [Матн] / Н.А. Қудратов, З.Х. Зокиров. – Душанбе, 2015. – 292 с.

6. Қудратов, Н.А. Ҳуқуқи муроифавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. [Матн] / Зери таҳрири Қудратов Н.А. Душанбе: «Таджпринт», 2016. – 528 с.

7. Петрухин, И.Л. Понятие, принципы и общие положения уголовного процесса и уголовно-процессуального права. Уголовный процесс: Учебник [Текст] / Под ред. И.Л. Петрухина. – М.: Проспект, 2001. – 517 с.
8. Рахунов, Р.Д. Участники уголовно-процессуальной деятельности по советскому праву [Текст] / Р.Д. Рахунов. – М.: Юрид. лит., 1961. – 277 с.
9. Рустамов, Х.У. Дифференциация форм уголовного процесса (современные тенденции и проблемы совершенствования) [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00. 09 / Рустамов Хасплат Умалатович. – М.: НИИ Генпрокуратуры РФ, 1998. – 335 с.
10. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса в 2-х томах. Т. 1. [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Издательство «Наука», 1968. – 468 с.
11. Табаров, Н.А., Зокиров, З.Х., Сафарова, З.М. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / А.Н. Табаров, З.Х. Зокиров, М.З. Сафарова. – Душанбе: «Баҳманрӯд», 2016. – 210 с.
12. Чельцов, М.А. Советский уголовный процесс *[Текст] / М.А.* Чельцов. – М.: Госюриздат, 1951. – 511 с.
*13.* Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Раҷабзода, М.Н., Зокирзода, З.Х., Шодизода, Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал [Матн] / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: «Ашуриён», 2023. – 496 с.
14. Шпилев, В.Н. Содержание и формы уголовного судопроизводства [Текст] / В.Н. Шпилев. – Минск: Издательство БГУ им. В.И. Ленина, 1974. – 144 с.
15. Якимович, Ю.К., Ленский, А.В., Трубникова, Т.В. Дифференциация уголовного процесса [Текст] / Под ред. М.С. Свиридова. – Томск: ТГУ, 2001. – 212 с.
16. Якуб, М.Л. Процессуальная форма в советском уголовном судопроизводстве [Текст] / М.Л. Якуб. – М.: Юрид. лит., 1981. – 144 с.

**Literature:**

1. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan [Electronic resource] // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan // Source of access: URL: URL: http://mmk.tj (access date: 10.09.2024).
2. Zokirov, Z.Kh., Vosiev, D.S., Qalandarov, D.Sh. Fundamentals of state and law: educational tool [Text] / Z.Kh. Zokirov, D.S. Vosiev, D.Sh. Qalandarov. – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2015. – 256 p.
3. Zokirov, Z.Kh., Vosiev, D.S., Qalandarov, D.Sh. Fundamentals of state and law: educational tool [Text] / Z.Kh. Zokirov, D.S. Vosiev, D.Sh. Qalandarov. – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2015. – 232 p.
4. Kuznetsov, N.P. The essence, purpose and main provisions of criminal procedure. Subject and system of the course // Criminal procedure of Russia: Textbook [Text] / N.P. Kuznetsov / Ed. N.P. Kuznetsov, Z.F. Kovriga. - Voronezh: Voronezh State University, 2002. - 445 p.

5. Kudratov, N.A., Zokirzoda, Z.Kh. Criminal procedure. General part and pre-trial proceedings. Educational and methodological tool [Text] / N.A. Kudratov, Z.Kh. Zokirov. – Dushanbe, 2015. – 292 p.
6. Kudratov, N.A. Criminal procedure law. Textbook. [Text] / Edited by Kudratov N.A. Dushanbe: “Tajprint”, 2016. – 528 p.
7. Petrukhin, I.L. Concept, principles and general provisions of criminal procedure and criminal procedural law. Criminal procedure: Textbook [Text] / Ed. I.L. Petrukhin. - M .: Prospect, 2001 .-- 517 p.
8. Rakhunov, R.D. Participants in criminal procedural activity under Soviet law [Text] / R.D. Rakhunov. - M .: Legal lit., 1961 .-- 277 p.
9. Rustamov, H.U. Differentiation of forms of criminal procedure (modern trends and problems of improvement) [Text]: dis. ... Doctor of Law: 12.00. 09 / Rustamov Khasplat Umalatovich. - M .: Research Institute of the Prosecutor General's Office of the Russian Federation, 1998 .-- 335 p.
10. Strogovich, M.S. Course of Soviet criminal procedure in 2 volumes. Vol. 1. [Text] / M.S. Strogovich. – M.: Nauka Publishing House, 1968. – 468 p.
11. Tabarov, N.A., Zokirov, Z.Kh., Safarova, Z.M. Procedural economic law: educational tool [Text] / A.N. Tabarov, Z.Kh. Zokirov, M.Z. Safarova. – Dushanbe: “Bahmanrud”, 2016. – 210 p.
12. Cheltsov, M.A. Soviet criminal procedure [Text] / M.A. Cheltsov. - M .: Gosyurizdat, 1951. - 511 p.
13. Sharipov, T.Sh., Safarzoda, A.I., Rajabzoda, M.N., Zokirzoda, Z.Kh., Shodizoda, N.M. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part. Textbook for higher professional educational institutions: first edition [Text] / Edited by Doctor of Law, Professor A.I. Safarzoda, Candidate of Law, Associate Professor Z.Kh. Zokirzoda. – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2023. – 496 p.
14. Shpilev, V.N. Content and forms of criminal proceedings [Text] / V.N. Shpilev. - Minsk: Publishing House of BSU im. V.I. Lenin, 1974. - 144 p.
15. Yakimovich, Yu.K., Lensky, A.V., Trubnikova, T.V. Differentiation of criminal proceedings [Text] / Ed. M.S. Sviridov. - Tomsk: TSU, 2001. - 212 p.
16. Yakub, M.L. Procedural form in Soviet criminal proceedings [Text] / M.L. Yakub. - M .: Legal Literature, 1981. - 144 p.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШАКЛҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

Муаллифони мақолаи мазкур амали шаклҳои мурофиавиро ҳам ба мақомотҳои тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд ва ҳам ба дигар иштирокчиёни истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ комилан дуруст паҳн кардаанд. Дар воқеъ, ҳам гумонбаршуда, ҳам айбдоршаванда, ҳам ҷабрдида ва ҳам дигар иштирокчиён ҳуқуқҳои мурофиавии худро (шикоят пешниҳод мекунанд, дархост арз менамоянд, бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос мешаванд) бо тартиби қатъӣ муқарраршуда амалӣ мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки тартиби мурофиавӣ ва маҷмуи шартҳои мурофиавӣ мафҳумҳои якхела мебошанд. Масалан, тартиби ҳама гуна чорабиниҳои мурофиавӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун сабтгардида - шартҳое, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ унсури ин тартиб мебошанд, муқаррар карда мешавад. Гузашта аз ин, мисолҳои овардаи муаллифон муҳлатҳои мурофиавӣ, ба қайд гирифтани рафт ва натиҷаи амалиёти тафтишотӣ маҳз ҳамин шартҳо мебошанд. Таҳлили адабиёти муосир оид ба ин масъала нишон медиҳад, ки дар замони муосир низ

олимони мурофиашинос нисбат ба мафҳуми шакли мурофиавии ҷиноятӣ равиши ягонаи илмиро таҳия накардаанд. Аз ин хотир, омӯзиши масъалаи мазкур бисёр саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** шакли мурофиавӣ, шакли мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, муҳлатҳои мурофиавӣ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, меъёрҳои ҳуқуқӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМ УГОЛОВНОЕ СУДОПРОИЗВОДСТВО

Авторы настоящей статьи правильно распространили применение процессуальных форм как к органам предварительного расследования, прокуратуре и суду, так и к другим участникам производства по уголовному делу. Действительно, как подозреваемый, обвиняемый, потерпевший, так и другие участники осуществляют свои процессуальные права (жалобы, ходатайства, знакомятся с материалами уголовного дела) в строго установленном порядке. Представляется, что процессуальный порядок и совокупность процессуальных условий являются тождественными понятиями. Например, порядок каких-либо процессуальных действий определяется зафиксированными в законе правовыми нормами - условиями, каждое из которых в свою очередь является элементом этого порядка. При этом приведенные авторами примеры – это процессуальные сроки, оформление процесса и результата следственных действий. Анализ современной литературы по данному вопросу показывает, что даже в новейшее время у ученых-процессуалистов не выработано единого научного подхода к понятию уголовно-процессуальной формы. По этой причине изучение данного вопроса считается очень своевременным и актуальным.

**Ключевые слова:** процессуальная форма, уголовно-процессуальная форма, уголовный процесс, процессуальные сроки, подозреваемый, обвиняемый, правовые нормы.

## SOME THEORETICAL ASPECTS OF FORMS CRIMINAL PROCEEDINGS

The authors of this article correctly extended the application of procedural forms both to the preliminary investigation authorities, the prosecutor's office and the court, and to other participants in criminal proceedings. Indeed, both the suspect, the accused, the victim, and other participants exercise their procedural rights (complaints, petitions, get acquainted with the materials of the criminal case) in a strictly established manner. It seems that the procedural order and the set of procedural conditions are identical concepts. For example, the order of any procedural actions is determined by the legal norms fixed in the law - conditions, each of which in turn is an element of this order. At the same time, the examples given by the authors are procedural deadlines, registration of the process and the result of investigative actions. An analysis of modern literature on this issue shows that even in modern times, procedural scientists have not developed a unified scientific approach to the concept of the criminal procedural form. For this reason, the study of this issue is considered very timely and relevant.

**Key words:** procedural form, criminal procedural form, criminal process, procedural terms, suspect, accused, legal norms.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Табаров Неъмон Амонович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ. Суроға: 734067, Чумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 907-97-65-12. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**Маҳмадёқубова Саодат Маҳмадёқубовна** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, магистрант. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 009-22-13-70. E-mail: saodat.mamadubova@mail.ru

**Сведения об авторах: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Табаров Неъмон Амонович** – Таджикский государственный финансово – экономический университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 907-97-65-12. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**Махмадёкубова Саодат Махмадёкубовна** – Таджикский государственный финансово – экономический университет, магистрант. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 009-22-13-70. E-mail: saodat.mamadubova@mail.ru

**Information about the authors: Zokirzoda Zafar Khairullo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Tabarov Nemon Amonovich** - Tajik state university of finance and economics, candidate of legal sciences, associate professor of the department of economics, financial and anticorruption law. Address: 734067, Republic of Tajikistaн, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. Phone: (+992) 907-97-65-12. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**Mahmadekubova Saodat Mahmadekubovna** – Tajik state university of finance and economics, master's student. Address: 734067, Republic of Tajikistaн, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. Phone: (+992) 009-22-13-70. E-mail: saodat.mamadubova@mail.ru

**ТДУ: 343.241**

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ БАҲСНОКИ ТАЪИНИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

**Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А.**
**Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Корҳои ислоҳӣ дар миёни ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудоӣ аз ҷомеа алоқаманд нестанд, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар замони муосир, ки ҷараёни гуманизатсия намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон бо суръат идома дорад, таъин ва иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мубраммияти бештарро касб менамояд. Зеро ҷазои мазкур нисбатан инсондӯстона буда, барои ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки зимни таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ баъзе мушкилоти ҳалталаб ҷой дошта, таҳқиқу баррасии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Яке аз чунин масъалаҳо, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ атрофи он баҳсу мунозираҳо ҷой дорад ин таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ ба занони ҳомиладор маҳсуб мегардад. Дар ин хусус дар адабиёт қайд мегардад, ки ҳангоми баррасии категорияҳои алоҳидаи шахсоне, ки нисбат ба онҳо корҳои ислоҳӣ татбиқ карда намешаванд, бояд ба занони ҳомиладор ҳамчун субъекте, ки ин намуди ҷазо нисбати онҳо татбиқ карда намешавад, бояд диққати махсус дода шавад. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки нисбат ба занони ҳомила татбиқ накардани кори ислоҳӣ хилофи меъёрҳои қонунгузории меҳнат, ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад [11, с. 48]. Ин муқаррарот ба ҷанбаҳои зерин асос ёфтааст: якум, имконнопазирии таъин кардани корҳои ислоҳӣ ба зани ҳомила боиси зарурати ба ҳабси воқеӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ӯ сабаб мегардад, зеро тибқи низоми ҷазо дигар намудҳои ҷазо, ба истиснои ҷарима нисбат ба ӯ татбиқ карда намешавад; дуюм, маълум мешавад, ки занони ҳомиладори маҳкумшудаи дорои доғи судӣ нисбат ба занони ҳомиладории маҳкумшуда мавқеи имтиёзнок доранд, зеро онҳо то рӯзи рӯхсатии ҳомиладорӣ кор мекунанд; сеюм, агар дар вақти таъин кардани ҳукм зан ҳомиладор бошад, дар он сурат вайро ба корҳои ислоҳӣ маҳкум кардан мумкин нест, ҳатто агар вай дар давраи аввали ҳомиладорӣ бошад.

Баъзе муҳаққиқон пешниҳод кардаанд, ки занони ҳомиладор аз категорияи шахсоне, ки нисбати онҳо корҳои ислоҳӣ таъин намегардад, бароварда шаванд. Аз ҷумла, Ю.А. Пирогова қайд мекунад, ки мо зарур мешуморем, ки занони ҳомиладор аз категорияи шахсоне хориҷ карда шаванд, ки нисбати онҳо ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ татбиқ карда намешавад [9, с. 328-332]. Дигар муҳаққиқон қайд мекунанд, ки чунин талабҳои шахсӣ дар бораи манъи истифодаи корҳои ислоҳӣ барои як қатор шахсон ба мақоми махсуси онҳо, инчунин меъёрҳои ахлоқию оммавӣ дар қонуни ҷиноятӣ вобаста аст, зеро маҳз аз ҳамин охирон сифати ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунад. Манъи муқарраршудаи истифодаи корҳои ислоҳӣ барои ин занон бо хоҳиши мантиқии қонунгузор барои таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак алоқаманд аст [4, с. 7]. Мо ба андешаи мазкур розӣ шуда наметавонем, зеро таъини ҷазои мазкур ба принсипи фардикунонии ҷазо мухолифат менамояд. Ҷазо танҳо ба шахси ҷиноятсодирнамуда таъин карда мешавад ва кӯдаки ҳануз таваллуднашуда, ҳуқуқ ба ҳаёт дошта, дар кирдори

содирнамудаи модараш ягон шарикӣ надорад. Бинобар ин, таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ ба зани ҳомиладор боиси ҷавобгар намудан ва зери хатар мондани ҳаёти кӯдак мегардад.

Дар мавриди имконнопазирии таъин кардани корҳои ислоҳӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ низ баъзе андешаҳо мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, дар адабиёт қайд мегардад, ки аз рӯи шартнома адои хизмати ҳарбӣ ҷуз кор чизи дигаре нест. Ва агар ба назар гирем, ки корҳои ислоҳӣ метавонад дар ҷои кори асосӣ адо карда шавад, пас дар маҷмӯъ мавҷудияти чунин намуди ҷазо, ба монанди маҳдудият дар хизмати ҳарбӣ шубҳаҳои асоснокро ба миён меорад [11, с. 49]. Қонунгузории ҷиноятӣ дар моддаи 52 қисми 4 имконнопазиирии таъини ҷазои корҳои ислоҳиро ба хизматчиёни ҳарбӣ муқаррар кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузории ҷиноятӣ шаҳрвандонеро, ки ба синни нафақа расидаанд, нишон намедиҳад. Ба ҳама маълум аст, ки нафақахӯрон аз рӯи синну сол ва саломатиашон танҳо дар асоси ихтиёрӣ кор мекунанд. Ба ин муносибат, нафақахӯронро ба гурӯҳи шаҳрвандоне, ки ба онҳо корҳои ислоҳӣ таъин карда мешаванд, тасниф кардан мувофиқи мақсад нест [6, с. 134]. Мо чунин мешуморем, ки дар қисми 4, моддаи 52-и КҶ нафақахӯрон низ ба категорияи шахсоне, ки нисбати онҳо корҳои ислоҳӣ таъин намегардад, дохил карда шавад.

Масъалаи ҷойи кор низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Тавре И.Р. Тулиев қайд мекунад, дар таҷрибаи судӣ корҳои ислоҳӣ бештар ба маҳкумшудагоне таъин карда мешаванд, ки ҷои кор доранд. Аммо дар баробари ин ба бекорон таъин кардани корҳои ислоҳӣ хеле маъмул аст [12, с. 91]. А.А. Абдурашидов низ дар ин хусус қайд намудааст, ки ҳамзамон таъйин шудани корҳои ислоҳӣ ба афроди бекор хеле маъмул аст, ки дар шароити таназзули иқтисодӣ дар Тоҷикистон мушкил эҷод мекунад. Агар кор бошад хам, маъмурияти корхонаю муассисаҳо, ки аксаран шахсӣ мебошанд, маҳкумшудагонро ба кор қабул кардан намехоҳанд ва ҳангоми ба кор қабул кардани онҳо на ҳамеша хароҷоти татбиқи ин ҷазоро месупоранд [1, с. 110]. Дар шароити душвори иқтисодию иҷтимоӣ таъин кардани корҳои ислоҳӣ ба шахсони бекор баъзе мушкилотро дар амалия ба миён меоварад. Дар ин хусус солҳо пеш И.Р. Тулиев қайд карда буд, ки ба бекорон таъин намудани корҳои ислоҳӣ дар шароити имрӯзаи душвори иқтисодии Тоҷикистон душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, бо кор таъмин намудани бекорон, бахусус маҳкумшудагон хеле мушкил аст. Кор пайдо шавад ҳам, маъмурияти корхонаю муассисаҳо, ки аксарияташон шахсӣ мебошанд, маҳкумшудагонро ба кор қабул кардан намехоҳанд [12, с. 92]. Масъалаи дигари баҳсноки ба ин монандро З.А. Камолов ба миён гузоштааст. Ба андешаи номбурда, мушкилоти дигари таъйини корҳои ислоҳӣ аз он иборат аст, ки аксарияти аҳолӣ аз сабаби кам будани музди меҳнат дар корхонаю муассисаҳои давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, даромади доимӣ ё муайян надоранд ва аз ин рӯ, ба ин одамон имконнопазир ва мушкил мегардад [3, с. 91]. Дар баробари ин З.А. Камолов таклиф мекунад, ки ба ивази кори ислоҳӣ ҷарима истифода шавад [3, с. 92].

Дар амал вобаста ба корҳои ислоҳие, ки бо муайян кардани музди меҳнати шахсоне, ки дар сохторҳои тиҷоратӣ кор мекунанд, ки музди меҳнат мунтазам дода намешавад, вале вобаста ба гирифтани даромад вобаста ба иҷрои кори

муайян, муомилоти тиҷоратӣ ва ғайра вобастааст, саволҳо ба миён меоянд. Дар ин мавридҳо тамоми даромади ҳангоми адои ҷазо гирифташуда ба ҳисоб гирифта шавад ё он қисми даромаде, ки гирифтани он ҳангоми адои ҷазо ба амал меояд? Мо ба фикри Е.А. Антонян мувофиқ мебошем, ки гуфтааст: "рад кардани мақомоти судӣ аз таъини корҳои ислоҳӣ ба шахсоне, ки ҷои кори худро доранд, ба ҳадафҳои сиёсати ҷазои давлат мувофиқат намекунад ва самаранокии ҷазоҳоеро, ки бо ҷудоӣ аз ҷомеа алоқаманд нестанд, коҳиш медиҳад" [2, с. 34].

Муҳлати таъини корҳои ислоҳӣ дар қисми 1 моддаи 52 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки аз ду моҳ то ду солро дар бар мегирад. Баъзе муаллифон нуқтаи назари зиёд кардани ҳадди болоии ҷазои таҳлилшударо комилан боварибахш ҳимоя мекунанд. Аз ҷумла, В.А. Никонов бар ин назар аст, ки то се сол зиёд кардани муҳлати адои корҳои ислоҳӣ метавонад муносибати тафриқавии таъини онҳоро таъмин намояд [8, с. 102]. Ба андешаи мо низ, муҳлати татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ то 2 сол нисбатан кам ба назар мерасад. Ба панҷ сол расондани ҳадди болоии корҳои ислоҳӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар байни маҳрумкунӣ аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ алоқаи муайян муқаррар кунем. Ба андешаи мо, тафриқаи ҷазоҳо аз рӯи дараҷаи вазнинӣ бояд тавассути ҷузъи ҳатмӣ бо назардошти доираи маҳдудиятҳои пешбинишавандаи ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда ба амал бароварда шавад. Дар баробари ин, кам кардани муҳлати ҷазо (нисбат ба маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун яке аз ҷазоҳои сахттарин ва маъмултарин дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ) нолозим ба назар мерасад. Дар адабиёт борҳо ба номувофиқатии санксияҳои дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ таваҷҷӯҳ зоҳир гардида, оид ба роҳҳои имконпазири такмил додани онҳо пешниҳодҳои гуногун манзур шудаанд. Яке аз роҳҳои ин гуна беҳбудӣ муқаррар намудани алоқаи байни маҳрумкунӣ ва ҷазоҳои дигар мебошад. Аз ҷумла, бо роҳи то панҷ сол зиёд кардани муҳлати корҳои ислоҳӣ таносуби байни маҳрум кардан аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ дар асоси таносуби 1:1 муқаррар кардан мумкин аст. Мутобиқан, санкися барои ҷиноятҳои начандон вазнин имкони таъйини корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то се сол ва барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна то панҷ солро пешбинӣ мекунад. Бо ин назардошт, пешниҳод мекунем, ки ба моддаи 52-и КҶ ҶТ тағйирот дароварда шуда, муҳлати корҳои ислоҳӣ то панҷ сол дароз карда шавад.

Дар хусуси муҳлати поёнии таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ баъзе назарҳо мувофиқи мақсад мебошанд. Аз ҷумла, ба назари Е.Н. Федотова, дар давоми камтар аз ду моҳ ба мақсади ҷазо расидан, маҳрум шудан ва маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои пешбиникардаи онро аз сар гузаронидан душвор аст. Дар акси ҳол ҷазо ба расмиятчигӣ табдил меёбад [13, с. 667]. Агар ба амалия ва муқарраротӣ қонунгузории иҷро назар афканем, маълум мегардад, ки вақти зиёд ба дарфти ҷойи кори мувофиқ, расмиёти бақайдгирӣ ва дигар масъалаҳо сарф мешавад. Ҳамзамон, дар ин муддати кутоҳ машғули кор будани маҳкумшуда ба амалисозии мақсадҳои ҷазо мусоидат намекунад. Бинобар ин, муҳлати поёнии таъини корҳои ислоҳиро на аз ду моҳ, балки аз 5 моҳ то 5 сол муқаррар намудан мақсаднок ба назар мерасад.

Масъалаи дигаре, ки ҳалли худро тақозо мекунад, синну соли ноболиғ мебошад, ки баъди расидан ба он корҳои ислоҳӣ таъин кардан мувофиқи мақсад аст. Мутобиқи қисми 4 моддаи 52-и КҶ ҶТ ноболиғи маҳкумшудае, ки ҳангоми

баровардани ҳукм ба синни 16-солагӣ нарасидааст нисбати ӯ ҷазои корҳои ислоҳӣ таъин карда нашавад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ин масъала ду ақидаи асосӣ мавҷуд аст, ки аз рӯи назари аввал – татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбат ба ашхоси то 16-сола имконнопазир аст [5, с. 157]. Дигарон чунин мешуморанд, ки дар чунин ҳолат кори ислоҳӣ метавонад шартан таъин карда шавад [11, с. 50]. Ба назар чунин мерасад, ки имкониятҳои ба ин категорияи одамон таъин кардани корҳои ислоҳӣ каманд. Мувофиқи қонунгузории меҳнатӣ бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсе, ки ба синни 16-солагӣ расидааст, иҷозат дода мешавад. Ҳангоми гирифтани таҳсилоти асосии умумӣ ё идома додани азхудкунии барномаи таҳсилоти умумии асосӣ дар шакли таҳсили рӯзона мутобиқи қонунгузорӣ шартномаи меҳнатӣ метавонад аз номи ноболиғони ба синни 15-солагӣ расида, барои иҷрои корҳои сабук, ки ба саломатии онҳо зарар намерасонад, аз ҷониби шахсони масъули муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ баста шавад [9, с. 331]. Ҳамин тариқ, дар қонуни ҷиноятӣ синну сол ва дигар хусусиятҳо ҳангоми татбиқи ин ҷазо муқаррар карда нашудаанд. Баръакс, Кодекси меҳнат як қатор маҳдудиятҳоро барои шуғли ашхоси то 16-сола муқаррар кардааст ва Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» бе ризоияти онҳо ва падару модари онҳо (намояндагони қонунӣ) ба кор қабул намудани хонандагонро бевосита манъ мекунад.

Муносиб набудани таъини корҳои ислоҳӣ ба хонандагон аз он иборат аст, ки адои ин намуди ҷазо танаффуси аз худ кардани барномаи таълимро дар бар мегирад. Ба назар чунин мерасад, ки адои ҷазо набояд ба инкишофи насли наврас халал расонад. Таълим ба ташаккули малакаҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҳавасманд мегардад, ба азхуд намудани малакаҳои нав мусоидат мекунад, вақти холии бесамари насли наврасро кам мекунад, захираи муҳимтарини ташаккули шахсияти онҳо буда, ба онҳо имконият медиҳад, ки доираи касбҳои интихобкардаашон хеле васеъ карда шавад [7, с. 185]. Ҳамин тариқ, таълим метавонад ба ташаккули шахсияти ноболиғ нисбат ба адои ҷазо таъсири мусбӣ расонад. Чунин ба назар мерасад, ки бо дарназардошти набудани маълумоти касбӣ ва малакаҳои дахлдор дар байни аксарияти ноболиғон интихоби намудҳои кор барои онҳо хеле маҳдуд аст. Чунон ки бисёр тадқиқотчиён дуруст қайд мекунанд, музди кори ноболиғон, чун қоида, назар ба калонсолон хеле кам аст. Аз ин рӯ, ин бояд ҳангоми дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани фоизи нигоҳдорӣ ҳангоми таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба назар гирифта шавад.

Агар низоми ҷазоҳоро ба назар гирем, метавон қайд кард, ки дар маҷмӯъ муҳлатҳо ва андозаи ҷазо барои ноболиғон дар муқоиса бо ҷазоҳои шабеҳи калонсолон ду маротиба кам карда шудааст. Маълум нест, ки чаро қонунгузор ин ҷузъҳои ҷазоро ба эътибор нагирифта, онҳоро ба хислатҳои шахсияти наврасон мутобиқ накардааст. Ноболиғони маҳкумшуда аз сабаби надоштани маълумот ва таҷриба дар вазифаҳои каммузд кор мекунанд. Аз ин рӯ, даромади онҳо аз даромади калонсолон камтар аст. Ба эътибор нагирифтани ин фактҳо беасос ва ғайриинсонист. Мо ба фикри Э.С. Раҳмаев розӣ ҳастем, ки ба андешаи номбурда, чунин шароит барои истифодаи корҳои ислоҳӣ, ки бо нигоҳ доштани қисми зиёди даромади наврас ба даромади давлат ва аз ин рӯ бад шудани вазъи моддии ӯ алоқаманд аст, метавонад вазъиятеро ба вуҷуд оварад, ки дар он

самараи ҷазо баръакси матлуб мегардад [10, с. 43]. Ғайр аз ин, он метавонад ҳамчун омили иловагӣ барои содир кардани ҷинояти нав мусоидат кунад. Вобаста ба ин, аз 3 то 10 фоиз кам кардани маблағи тарҳро нисбат ба ноболиғ асоснок мешуморем.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқу баррасии баъзе ҷанбаҳои баҳсноки таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкн аст:

1. Дар замони муосир, ки ҷараёни гуманизатсия намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон бо суръат идома дорад, таъин ва иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мубраммияти бештарро касб менамояд. Зеро ҷазои мазкур нисбатан инсондӯстона буда, барои ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ мебошад. Зимни таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ баъзе мушкилоти ҳалталаб ҷой дошта, таҳқиқу баррасии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои доираи шахсоне, ки нисбати онҳо корҳои ислоҳи таъин карда намешавад; ҳадди поёнӣ ва ниҳоии муҳлати таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ; таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ ба ноболиғон ва монанди инҳо.

2. Мо ба он андешаем, ки таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати занони ҳомила ба принсипи фардикунонии ҷазо мухолифат менамояд. Ҷазо танҳо ба шахси ҷиноятсодирнамуда таъин карда мешавад ва кӯдаки ҳануз таваллуднашуда, ҳуқуқ ба ҳаёт дошта, дар кирдори содирнамудаи модараш ягон шарикӣ надорад. Бинобар ин, таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ ба зани ҳомиладор боиси ҷавобгар намудан ва зери хатар мондани ҳаёти кӯдак мегардад.

3. Мо чунин мешуморем, ки дар қисми 4, моддаи 52-и КҶ нафақахӯрон низ ба категорияи шахсоне, ки нисбати онҳо корҳои ислоҳӣ таъин намегардад, дохил карда шавад.

4. Ба андешаи мо низ, муҳлати татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ то 2 сол нисбатан кам ба назар мерасад. Ба панҷ сол расондани ҳадди болоии корҳои ислоҳӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар байни маҳрумкунӣ аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ алоқаи муайян муқаррар кунем. Ба андешаи мо, тафриқаи ҷазоҳо аз рӯи дараҷаи вазнинӣ бояд тавассути ҷузъи ҳатмӣ бо назардошти доираи маҳдудиятҳои пешбинишавандаи ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда ба амал бароварда шавад. Дар баробари ин, кам кардани муҳлати ҷазо (нисбат ба маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун яке аз ҷазоҳои сахттарин ва маъмултарин дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ) нолозим ба назар мерасад. Дар адабиёт борҳо ба номувофиқатии санксияҳои дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ таваҷҷӯҳ зоҳир гардида, оид ба роҳҳои имконпазири такмил додани онҳо пешниҳодҳои гуногун манзур шудаанд. Яке аз роҳҳои ин гуна беҳбудӣ муқаррар намудани алоқаи байни маҳрумкунӣ ва ҷазоҳои дигар мебошад. Аз ҷумла, бо роҳи то панҷ сол зиёд кардани муҳлати корҳои ислоҳӣ таносуби байни маҳрум кардан аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ дар асоси таносуби 1:1 муқаррар кардан мумкин аст. Мутобиқан, санкися барои ҷиноятҳои начандон вазнин имкони таъйини корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то се сол ва барои ҷиноятҳои дараҷаи миёна то панҷ солро пешбинӣ мекунад. Бо ин назардошт, пешниҳод мекунем, ки ба моддаи 52-и КҶ ҶТ тағйирот дароварда шуда, муҳлати корҳои ислоҳӣ то панҷ сол дароз карда шавад.

5. Агар ба амалия ва муқаррароти қонунгузории иҷро назар афканем, маълум мегардад, ки вақти зиёд ба дарфти ҷойи кори мувофиқ, расмиёти

бақайдгирӣ ва дигар масъалаҳо сарф мешавад. Ҳамзамон, дар ин муддати кутоҳ машғули кор будани маҳкумшуда ба амалисозии мақсадҳои ҷазо мусоидат намекунад. Бинобар ин, муҳлати поёнии таъини корҳои ислоҳиро на аз ду моҳ, балки аз 5 моҳ то 5 сол муқаррар намудан мақсаднок ба назар мерасад.

6. Андозаи тарҳи музди меҳнат барои ноболиғон зимни таъини корҳои ислоҳӣ аз 3 то 10 фоиз муқаррар карда шавад.

**Муқарриз: Муқимов С.Д. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Антонян, Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение [Текст] / Е.А. Антонян. – Рязань, 2005. – С. 34.
3. Камолов, З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания [Текст] / З.А. Камолов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 91.
4. Караманукян, Д.Т. Законодательные предпосылки гендерной дискриминации в Российской Федерации [Текст] / Д.Т. Караманукян // Вестник Омскою юридической академии. – 2019. – Т. 16. – № 1. – С. 6-12.
5. Карпов, А.А. Уголовно-исполнительные особенности назначения наказания в виде исправительных работ [Текст] / А.А. Карпов // Вестник Воронежского института ФСИН России. – 2017. – №3. – С.154-158.
6. Красовская, О.Ю. Некоторые проблемы уголовного наказания в виде исправительных работ [Текст] / О.Ю. Красовская // Уголовное законодательство: вчера, сегодня, завтра: материалы ежегодной международной научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 09–10 июня 2023 года. – Санкт-Петербург, 2023. – С. 131-136.
7. Лепина, Т.Г. Особенности применения к несовершеннолетним наказаний, связанных с трудовой деятельностью [Текст] / Т.Г. Лепина // Известия Юго-Западного государственного университета. – 2017. – Т. 21. – № 1(70). – С. 184-190.
8. Никонов, В.А. Эффективность общепредупредительного воздействия уголовного наказания (теоретико-методологическое исследование) [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук. – Тюмень, 1991. – С. 102.
9. Пирогова, Ю.А. Актуальные проблемы назначения наказания в виде исправительных работ [Текст] / Ю.А. Пирогова // Уголовное право в эволюционирующем обществе: проблемы и перспективы: Сборник научных статей в рамках проведенного симпозиума с международным участием, Курск, 27–28 мая 2021 года / Редколлегия: А.А. Горохов (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 328-332.
10. Рахмаев, Э.С. Исправительные работы как вид уголовного наказания [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2005. – С. 43.
11. Самойленко, М.В., Рудый, Н.К. Проблемы назначения и исполнения наказания в виде исправительных работ [Текст] / М.В. Самойленко, Н.К. Рудый // Научный электронный журнал Меридиан. – 2019. – №8(26). – С.48-50.

12. Тулиев, И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – 217 с.

13. Федотова, Е.Н. Исправительные работы как вид наказания, назначаемый несовершеннолетним [Текст] / Е.Н. Федотова // Уголовно-исполнительная система на современном этапе: взаимодействие науки и практики: материалы Международной научно-практической межведомственной конференции, Самара, 16–17 июня 2016 года / Под общей редакцией А.А. Вотинова. – Самара, 2016. – С. 666-669.

**Literature:**

1. Abdurashidov, A.A. Punishment under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan (evolution and current state) [Text]: dis. ... candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2011. – 190 p.

2. Antonyan, E.A. Punishments not related to deprivation of liberty: legal nature, purpose and execution [Text] / E.A. Antonyan. - Ryazan, 2005. - P. 34.

3. Kamolov, Z.A. Correctional labor - an alternative type of criminal punishment [Text] / Z.A. Kamolov // Measures of criminal liability not related to isolation from society. - Dushanbe, 2005. - P. 91.

4. Karamanukyan, D.T. Legislative prerequisites for gender discrimination in the Russian Federation [Text] / D.T. Karamanukyan // Bulletin of the Omsk Law Academy. - 2019. - Vol. 16. - No. 1. - P. 6-12.

5. Karpov, A.A. Criminal-executive features of the appointment of punishment in the form of correctional labor [Text] / A.A. Karpov // Bulletin of the Voronezh Institute of the Federal Penitentiary Service of Russia. - 2017. - No. 3. - P. 154-158.

6. Krasovskaya, O.Yu. Some problems of criminal punishment in the form of correctional labor [Text] / O.Yu. Krasovskaya // Criminal legislation: yesterday, today, tomorrow: materials of the annual international scientific and practical conference, St. Petersburg, June 09-10, 2023. - St. Petersburg, 2023. - P. 131-136.

7. Lepina, T.G. Features of the application of punishments related to labor activity to minors [Text] / T.G. Lepina // Bulletin of the South-West State University. - 2017. - Vol. 21. - No. 1 (70). - P. 184-190.

8. Nikonov, V.A. The effectiveness of the general preventive impact of criminal punishment (theoretical and methodological study) [Text]: dis. ... Doctor of Law. - Tyumen, 1991. - P. 102.

9. Pirogova, Yu.A. Actual problems of sentencing in the form of correctional labor [Text] / Yu.A. Pirogova // Criminal law in an evolving society: problems and prospects: Collection of scientific articles within the framework of a symposium with international participation, Kursk, May 27-28, 2021 / Editorial board: A.A. Gorokhov (editor). - Kursk: South-West State University, 2021. - P. 328-332.

10. Rakhmaev, E.S. Correctional labor as a type of criminal punishment [Text]: dis. ... Cand. of Law. - Ryazan, 2005. - P. 43.

11. Samoylenko, M.V., Rudy, N.K. Problems of appointment and execution of punishment in the form of correctional labor [Text] / M.V. Samoylenko, N.K. Rudy // Scientific electronic journal Meridian. - 2019. - No. 8 (26). - P. 48-50.

12. Tuliev, I.R. Punishment under the criminal law of Tajikistan (system, types of punishments and their appointment) [Text]: dis. ... Cand. of Law. – M., 2010. – 217 p.

13. Fedotova, E.N. Correctional labor as a type of punishment assigned to minors [Text] / E.N. Fedotova // The penal system at the present stage: interaction of science and practice: materials of the International scientific and practical interdepartmental conference, Samara, June 16-17, 2016 / Under the general editorship of A.A. Votinov. – Samara, 2016. – P. 666-669.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ БАҲСНОКИ ТАЪИНИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои баҳсноки таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, андешаҳои олимони ватанию хориҷиро баррасӣ намуда, баъзе ҷанбаҳои баҳсноки таъини ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ масъалагузорӣ намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намудаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон хулосабарорӣ намудаанд, ки дар замони муосир, ки ҷараёни гуманизатсия намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон бо суръат идома дорад, таъин ва иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мубраммияти бештарро касб менамояд. Зеро ҷазои мазкур нисбатан инсондӯстона буда, барои ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ мебошад. Зимни таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ баъзе мушкилоти ҳалталаб ҷой дошта, таҳқиқу баррасии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои доираи шахсоне, ки таъини корҳои ислоҳӣ нисбати онҳо инмконнопазир мебошад; ҳадди поёнӣ ва ниҳоии муҳлати таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ; таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати ноболиғон ва монанди инҳо.

**Калидвожаҳо:** баъхе ҷанбаҳо, масъалаҳои баҳснок, таъини ҷазо, корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда, ноболиғон, занони ҳомила, хизматчиёни ҳарбӣ, муҳлати адои ҷазо, қонунгузории ҷиноятӣ.

## НЕКОТОРЫЕ СПОРНЫЕ АСПЕКТЫ НАЗНАЧЕНИЯ НАКАЗАНИЯ В ВИДЕ ИСПРАВИТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ

В данной статье проанализированы и обсуждены некоторые спорные аспекты назначения наказания в виде исправительных работ. Авторы обсудили мнения отечественных и зарубежных ученых, обсудили некоторые спорные аспекты назначение наказания в виде исправительных работ, представили обоснованные выводы. В ходе исследования авторы пришли к выводу, что в современное время, когда во всех странах мира быстрыми темпами продолжается процесс гуманизации уголовных наказаний, назначение и применение исправительных работ в качестве уголовного наказания приобретает все большее значение. Потому что это наказание относительно гуманно и подходит для исправления осужденного. Существуют некоторые проблемы, требующие решения при назначения и исполнении наказания исправительными работами, которые требуют отдельного исследования и рассмотрения. В частности, вопросы круг лиц, которым невозможно назначить исправительные работы; минимальный и максимальный срок наказания за исправительные работы; назначение наказания за исправительные работы в отношении несовершеннолетних и тому подобное.

**Ключевые слова:** некоторые аспекты, спорные вопросы, назначение наказания, исправительные работы, осужденные, несовершеннолетние,

беременные женщины, военнослужащие, срок отбывания наказания, уголовное законодательство.

## SOME CONTROVERSIAL ASPECTS OF APPOINTING PUNISHMENT IN THE FORM OF CORRECTIVE WORK

This article analyzes and discusses some controversial aspects of assigning punishment in the form of correctional labor. The authors discussed the opinions of domestic and foreign scientists, discussed some controversial aspects of assigning punishment in the form of correctional labor, and presented substantiated conclusions. During the study, the authors came to the conclusion that in modern times, when the process of humanization of criminal punishments continues at a rapid pace in all countries of the world, the appointment and application of correctional labor as a criminal punishment is becoming increasingly important. Because this punishment is relatively humane and suitable for the correction of the convicted person. There are some problems that need to be addressed in the appointment and execution of punishment by correctional labor, which require separate study and consideration. In particular, the issues of the circle of persons to whom correctional labor cannot be assigned; the minimum and maximum term of punishment for correctional labor; the appointment of punishment for correctional labor in relation to minors, etc.

**Key words:** some aspects, controversial issues, sentencing, correctional labor, convicts, minors, pregnant women, military personnel, term of punishment, criminal legislation.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва психология, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**Сведения об авторах: Зокирзода Зафар Хайрулло** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доцент кафедры методики начального образования и психологии, кандидат юридических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**Information about the authors: Zokirzoda Zafar Khairullo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan,

Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988-55-45-75. E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

**Bobokhonov Faridun Alamshoevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, associate professor of the department of methodology of primary education and psychology, candidate of legal sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 999333160. E-mail: farodil_ff@mail.ru

**ТДУ: 347.64**

## НАҚШИ ВАСӢ ВА ПАРАСТОР ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАРМОНДА

**Ахмедов Н.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Васосят ва парасторӣ шакли махсуси ғамхории давлат нисбати кӯдаконе мебошад, ки мақсади он пеш аз ҳама дар оила тарбия ёфтани кӯдак ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии ӯ мебошад.

Дар мақола муаллиф такя ба қонунгузориҳои оилавӣ, маданӣ ва маъмурӣ марбут ба ҷобаҷосозии кӯдакони бе парастории падару модармонда, таъминот, тарбия ва таълими онҳо ва дигар самтҳои фаъолияти мақомоти васоят ва парасториро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муалиф кӯдаконе, ки таҳти васоят ва парасторӣ қарор доранд, ҳуқуқ ба тарбия дар оилаи васию парастор, ғамхорӣ аз ҷониби онҳо, ба таъмини шароити зист, тарбия ва таълим, эътироми шаъну шарафи онҳо, ба алимент, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоии онҳо ва нигоҳ доштани ҳуқуқи моликият ниёз доранд.

Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун қоида хислати дуру дароз дошта, ба муҳлати номуайян татбиқ мешаванд ва байни шахсоне пайдо мегардад, ки онҳо робитаи хешу таболрӣ дошта, дар асоси муносибатҳои хунӣ қаробат доранд, ба монанди ҳамсарон, фарзандон, бародару хоҳарон ва монанди инҳо. Аз ин лиҳоз муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ тибқи на ҳамаи ҳолатҳои ҳуқуқӣ, балки дар асоси ҳамон ҳолатҳои ҳуқуқие пайдо мегардад, ки заминаи онҳоро муносибатҳои ба боварии шахсӣ асосёфта ташкил медиҳад. Чунончи, ақди никоҳ, воқеияти падариву модарӣ, таҳти тарбияи оилавӣ қарор додани кӯдак, фарзандхонӣ ва ғ.[1, с.152].

Мафҳуми тарбия ва ҳуқуқ ба тарбияро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба маънои ахлоқӣ-равонӣ ва ҳуқуқӣ донистан муҳим аст. Чунончи дар зери мафҳуми тарбия ба маънои ахлоқӣ-равонӣ воридсозии ҷаҳонбинии муайян, маънавиёт ва тартиби ҳамзистии аъзои ҷомеа, тарбия ва талқини хислат ва иродаи муайян, одатҳо, инкишофи хусусият ва хислатҳои алоҳида ва монанди инҳо фаҳмида мешавад, ки онҳо бештар хислати маънавӣ-ахлоқӣ дошта, қоидаҳои ҳамзистиро дар ҷомеа фаро мегирад. Бо ҳамин назардошт ба моҳияти тарбия мафҳумҳои ҳифз ва инкишофи ҷисмониву равонии кӯдак, омӯзонидани таҷрибаи зиндагӣ, донишу малака, касбу ҳунар фароҳам овардани шароити моддиву маишии қобили қабул

ва ҷавобгӯи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва монанди инҳо шомил намоем. [2, с.392].

Ин раванд ҳамчун раванди таъсиррасонӣ ба тарбия аз ҷониби субъектҳои тарбия, ки онҳо падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда ҳисоб шуда, дар доираи муайян амалӣ мегарданд, дар оянда хислати ҳуқуқиро пайдо намуда, ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва соҳавӣ мафҳуми тарбия ба таври умумиқабулшуда таҳлил нагардида, ба маънои васеъ ва ҳам маънои маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба маънои васеъ ин ҳуқуқи субъективии падару модар ба тарбияи фарзанд ва таъсиррасонии шахсӣ ба кӯдак, додани таълим ва тарбия фаҳмида мешавад.

Мафҳуми ҳуқуқи падару модарӣ нисбат ба мафҳуми ҳуқуқ ба тарбия васеъ мебошад ва аксари муҳаққиқон ба он андешаанд, ки ҳуқуқи падару модар ба тарбия ҳуқуқи шахсии оилавии падару модар буда, аз ҷониби онҳо ба таври фардӣ ҳал карда мешавад. Бо ҳамин мазмун А,И, Пергамент мутлақ будани ҳуқуқи падару модарро нисбат ба тарбия эътироф мекунад ва падару модарро ҳамчун субъекти баррандаи он муайян менамояд [3, с.201].

Тибқи муқаррароти қонунгузории оилавӣ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати кӯдакон ҳангоми вафти падару модар, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани онҳо, маҳдуд намудани ҳуқуқи падару модарӣ, ба таври судӣ ғайри қобили амал эътироф гардидани онҳо, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ҳозир набудани падару модар, саркашии падару модар аз тарбияи фарзанд ё ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати онҳо, инчунин ҳолатҳои дигари набудани парастории падару модар ба зимаи мақомоти васоят ва парасторӣ гузошта мешавад.

Васоят ва парасторӣ шакли махсуси ғамхории давлат нисбати кӯдакон мебошад, ки мақсади он пеш аз ҳама дар оила тарбия ёфтани кӯдак ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахси ва молумулкии ӯ мебошад. Вобаста ба ин, васоят ва парасторӣ ба маънои васеъ тарзи пурра намудани қобилияти амалкунӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ба синни балоғат нарасида ва ба синни балоғат расидаи ғайри қобили амал эътироф карда мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 147 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васоят нисбати кӯдакони синнашон ба 14 нарасида, дар ҳолатҳое муайян карда мешавад, ки кӯдак бе парастории волидайн ва муҳтоҷи таъмини моддӣ мебошад. Васоят ва парасторӣ – институти ҳуқуқии байнисоҳавӣ мебошанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша нисбат ба тарбияи насли наврас ғамхории махсуси давлатро инъикос мекунанд. Тибқи ҳуқуқи оилавӣ васоят парасторию патронат барои тарбия кардан ва муҳофизат намудани молу мулки шахсии кӯдаконе, ки дар натиҷаи фавти падару модар ё аз ҳуқуқи падару модари маҳрум кардани онҳо дар натиҷаи маризии сахти падару модар ё бо дигар сабабҳо бе сарпарасти падару модар мондаанд, муқаррар карда мешавад. Ба падар ё модаре, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд (моддаи 69 КО ҶТ) бо иҷозати мақомоти васигӣ ва парасторӣ бо кӯдак вомехӯранд, агар ин вохурӣ ба кӯдак таъсири зарарнок нарасонад ё ба ҳаёту саломатии кӯдак хатарнок набошад. Бо ҳамин назардошт қонунгузории оилавӣ ҳолатҳоеро нишон додааст, ки сабабгори

бе парастор мондани кӯдакон мебошанд. Ҳолатҳои номбурда тахминӣ буда, мазмуни онҳо ба таври маънидодкунии васеъ фаҳмида мешавад.

Ба вуқуъ омадани ҳолатҳое, ки сабабгори бепарасторории кӯдакон мегардад, дорои воқеияти ҳуқуқӣ мебошанд. Аз лаҳзаи маълум кардани ҳолати дар қонун нишондодашуда, фавти падару модар, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани падару модар, бе парастор мондани кӯдак исбот мегардад. Чунончи, воқеияти фавтидани падару модар бо шаҳодатнома дар бораи вафот, бемории падару модар бо маълумотномаи шифохона, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум каардан, маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ қобили амал эътироф шудани падару модар бо ҳалномаи суд тасдиқ мегардад. Чунин ҳолатҳо бо ҳуҷҷатҳои расмӣ тасдиқи худро меёбад ва лаҳзаи саршавии бе парастор мондани кӯдак маълум аст.

Мувофиқи муқаррароти қонунгузории оилавӣ ва маданӣ, ки асоси бе парастории падару модармонда эътирф кардани кӯдакро пешбинӣ менамояд, чунин омилҳои муҳимро бояд ба назар гирифт:

- фавти падару модари кӯдак ё ба таври судӣ вафотёфта эълон намудани онҳо;
- аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудан ё ба таври судӣ вафотёфта эълон намудани онҳо.

Қонунгузории оилавӣ ва маданӣ нисбати кӯдакони то синни чордаҳсола (хурдсолон) муқаррар намудани васоят ва парасториро пешбинӣ кардааст. Васояти хурдсолон  аз васоят нисбати шахсоне, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории рӯҳӣ ё камақлиашон ғайри қобили амал эътироф кардааст, фарқ мекунад, яъне фарқият дар он аст, ки вазифаи васояти хурдсолон аз тарбияи насли наврас иборат аст. Аз сабаби он, ки хурдсол аз рӯи сину сол қобилияташ маҳдуд аст, ӯ дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ба таври мустақилона амалиётҳои ҳуқуқӣ (бастани аҳднома ва ғайра) гузаронида наметавонад. Дар чунин маврид васӣ манфиатҳои хурдсолро дастгирӣ ва ҳимоя намуда, аз номи хурдсол бевосита баромад мекунад.

Бояд зикр кард, ки агар қонунгузории оилавӣ асосҳои умумии таъин намудани васоят ва парасторӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони таҳти васоят ва парасторӣ қароргирифта ва васию парасторонро ба танзим дарорад, қонунгузории маданӣ муносибатҳои молу мулкиро, ки вобаста ба таъин намудани васӣ ва парастор байни шахсони таҳти васоят ва парасторӣ қароргирифта ва васию парастор пайдо мегарданд, ба танзим медарорад. Ҳамчунин қонунгузории маданӣ тартиби таъин намудани васӣ ва парасторро танзим менамояд.

Бинобар ин, васоят ва парасторӣ ба маънои маҳдуди худ нисбат ба шахсони ба синни балоғат нарасида таъин карда мешавад, ки бе парастории падару модар мондаанд. Пас агар васоят нисбат ба шахсони ба синни 14 нарасида таъин карда шавад, парасторӣ нисбат аз синни 14 то 18  таъин карда мешавад. Ҳарчанд ин маънои онро надорад, ки васоят ва парасторӣ шахсони ба синни балоғат расидаро дар бар намегирифта бошад. Парасторӣ нисбат ба шахсони корношоями болиғ, ки бо сабаби вазъи саломатӣ, ҳуқуқи худро мустақилона ба амал бароварда наметавонад ё аз уҳдаи иҷрои вазифаҳояш баромада наметавонад ва ба шахсоне, ки аз тарафи суд дар натиҷаи суистифодаи

нӯшокиҳои спирти ё моддаҳои нашъаовар дорои қобилияти амали маҳдуд эътироф шудаан, муқаррар карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳолатҳои падару модар бе сабабҳои узрнок тарбияи фарзанд ва ба худ гирифтани кӯдакро рад мекунад ё онҳо зиёда аз шаш моҳ бо тарбияи кӯдакон машғул намешаванд, аз тарафи суд дар натиҷаи бемории рӯҳӣ ё камақлӣ ғайри қобили амал эътироф шудаaанд васояту парастори низ муайян ва муқаррар карда мешавад. Ҷой доштани ҳангоми ҳолатҳои зикршуда, ҳамчунин дар мавриди мавҷудияти асосҳои дигари бо қонунгузории Тоҷикистон пешбинигардида васоят ва парасторӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот ҳамчунин мақомоти васоят ва парасторӣ таъин карда мешавад. Шахсони алоҳидаи воқеӣ, тарбиягарон, муассисаҳои кӯдакона, табобатӣ, таълимӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд, ҳамзамон худи мақомоти васоят ва парасторӣ вазифаи васиён ва парасторонро метавонанд иҷро намоянд [4, с.75].

Кӯдаконе, ки бо амри тақдир ба хонаи бачагон ва хешовандон ба парастори дода мешаванд, хонаи истиқоматии онҳо, ки пештар дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, новобаста аз он ки дар он дигар аъзоёни оила зиндагӣ мекунанд, нигох дошта мешавад. Баъзан вақт мешавад, ки падару модар ё ашхоси дигар бе асоси қонунӣ кӯдакро ба худ нигоҳ медоранд вале васиён ҳуқуқ доранд, ки ба воситаи суд онро ба худашон баргардонанд. Одатан васиён аз ҳисоби худ кӯдакони парасторро нигоҳубин намекунанд, онҳо аз ҳисоби молу мулк, ёрдампулӣ, нафақа (алимент) ва дигар даромадҳои ашхоси дар васоят буда, ки вақти васигӣ ба васӣ мегузаранд, нигоҳубин карда мешаванд ва ин маблағҳо ба ҳифз ва манфиати ашхоси дар васоят буда хароҷот карда мешаванд [5, с.150].

Ҳамзамон дар мавриди ошкор гардидани кӯдаки бе парастории падару модармонда вазифаи васӣ ва парастор ба таври муваққатӣ то ҳал гардидани масъалаи таъини васӣ ва парастор аз тарафи мақомоти васоят ва парасторӣ амалӣ карда мешавад. Бо ҳамин назардошт мақомоти васоят ва парасторӣ вазифадор аст, ки ҳарчи зудтар дар хусуси таъини васӣ ё парастор ё дигар шакли ҷобаҷокунии кӯдаки бе парастории падару модармонда қарор қабул кунад.

Шахсро танҳо бо розигии худаш васӣ ё парастор таъин кардан мумкин аст. Ҳангоми ба кӯдак таъин намудани васӣ ё парастор бояд одобу ахлоқ ва сифатҳои дигари шахсӣ, ба иҷрои ӯҳдадориҳои васӣ қодир будани ӯ, муносибати байни ӯ ва шахси муҳтоҷи васоят ё парасторӣ, муносибати аъзои оилаи васӣ нисбат ба кӯдак, инчунин хоҳиши худи кӯдак ба инобат гирифта мешавад. Бинобар ҳамин васигӣ кори бисёр масъулиятнок аст ва ҳар кас васӣ шуда наметавонад. Барои интихоби васӣ ҳама хислатҳои шахсии васишаванда, қобилиятнокии ӯ, ба пуррагӣ аз иҷрои вазифа ва ӯҳдадори баромадани васӣ, муносибати у бо ашхосе, ки ба васигӣ муҳтоҷанд, ва хоҳишу розигии ашхоси ба васоят додашаванда ба назар гирифта мешавад. Ашхосе, ки ба васиги муҳтоҷанд инҳоянд:

- синнашон ба 18 нарасида;
- ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф карда;
- аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда;
- пеш аз ин фарзандхонанда будаю бинобар ин ӯҳдадориро бо таври дахлдор иҷро накардан, аз ин вазифа озод карда;

- бинобар ӯҳдадории васигӣ ё парасториро ба таври дахлдор иҷро накарданаш аз ин ӯҳдадорӣ озод карда;

- шахсони бинобар надодани алимент ба кӯдакони маҳкум шуда васӣ ё парастор шуда наметавонад;

Васӣ ва парастор бо розигии худашон таъин карда мешаванд. Вазифаи васигӣ бемузд буда, асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зиёдеро талаб мекунад. Вазифаи васиён иборат аст аз:

- тарбия намудани ашхоси дар васоят буда;

- оиди саломатии ноболиғон, инкишофи ҷисмонии онҳо, инкишофи маънавию ахлоқии онҳо ғамхорӣ кардан;

- оиди таҳсилашон назорат бурдан;

- онҳоро ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб кардан;

- онҳо дар ҷамъият ба тавре ба камол расанд, ки шаҳрвандони арзандаи ҷомеаи навин бошанд;

- ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро ҳамчун васӣ ҳимоя карда тавонанд;

Таъин намудани васӣ ё парастор ҳамчун қоида дар маҳалли зисти шахсони таҳти васоят ва парасторӣ қароргиранда ва ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои алоҳидаи ҷолиби диққат дар маҳалли зисти васӣ ё парастор ба амал бароварда мешавад [2, с. 405]. Шахсони манфиатдор метавонанд ҳангоми қабули қарор дар бораи таъин намудани васӣ ё парастор розӣ набудан аз болои он ба таври судӣ шикоят карда, онро мавриди баҳс қарор диҳанд[6, с.165].

Азбаски мақсади асосии таҳти васоят ва парасторӣ қарор додани кӯдакони бе парастории падару модармондаро таълим ва тарбияи онҳо ташкил медиҳад, ба зиммаи васӣ ва парастор иҷро намудани вазифаи падару модар вогузор карда мешавад. Дар баробари ин, иҷрои вазифаи васӣ ва парастор хислати ройгон дорад. Ӯҳдадории васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаки таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта, аз ҷониби васӣ (парастр) бемузд анҷом дода мешавад. Ба васӣ (парастор) барои таъминоти кӯдаки таҳти парасторӣ қарордошта, ҳар моҳ тибқи андоза ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ дода мешавад.

Васоят ва парасторӣ бо дарназардошти категорияи синнусолӣ муқаррар гардида, доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо бо дарназардошти категорияи синнусолии шахсони таҳти васоят ва парасторӣ қароргирифта муайян карда мешавад.

Бо ҳамин назардошт, васоят аз болои кӯдак, ин чунин шакли ҷобаҷокунии шаҳрвандони хурдсол мебошад, ки васии аз тарафи мақомоти васоят ва парастории таъин гардида, мутобиқи қонун намояндаи қонунии шахси таҳти васояташон қарордошта буда, аз номи ӯ ва ба манфиаташ тамоми амалҳо ва аҳдҳои заруриро анҷом медиҳад. Чунин шакли ҷобаҷокунии муваққатӣ мебошад.

Парасторӣ аз болои кӯдак бошад, ин чунин шакли ҷобаҷокунии шаҳрвандони аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола мебошад, ки парасторӣ аз тарафи мақомоти васоят ва парасторӣ таъин гардида мутобиқи қонун ӯҳдадор аст ба шахси таҳти парасторӣ барои татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳояшон мусоидат намояд, инчунин онҳоро аз сӯистифодаи шахси сеюм (ғайр) ҳифз намояд.[7, с.29].

Бо ҳамин мазмун васоят барои ноболиғони то синни чордаҳсола ва парасторӣ бошад барои ноболиғони аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон иброз дошт, ки васоят ва парасторӣ на танҳо нисбат ба шахсони ноболиғ муқаррар мегардад, яъне васоят ва парасторӣ нисбат ба шахсоне низ таъин карда мешаванд, ки онҳо ба синни балоғат расида, аз тарафи суд бинобар сабаби камақлӣ, бемории рӯҳӣ ё сӯиистифода аз ҳуқуқи худ ғайри қобили амал ё дорои қобилияти амали маҳдуд эътироф гардида бошанд.[8, с.146]. Ҳангоми нисбат ба чунин шахсон таъин гардидани васоят ва парасторӣ доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васиён ва парасторон метавонад назар ба доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васиён ва парастороni нисбат ба шахсони ноболиғ таъингардида маҳдуд бошад. Чунончи, ҳангоми нисбат ба шахсони ба синни балоғат расида таъин намудани васӣ ва парастор муҳим нест, ки онҳо бо ҳамроҳии шахсони таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта истиқомат намоянд, онҳоро таълим ва тарбия диҳанд.

Ба сифати васӣ ва парастор танҳо шахсоне таъин шуда метавонанд, ки ҳангоми  ба ин вазифа таъин гардидан ба синни балоғат расида, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум нагардидаанд.

Васӣ ё парастор аз ҷониби мақомоти васояту парастории маҳалли зисти шахси ба васоят ё парасторӣ эҳтиёҷдошта дар давоми як моҳи пас аз лаҳзае, ки мақомоти мазкур дар хусуси зарурати таҳти васоят ё парасторӣ қарор додани шаҳрванд огоҳӣ ёфтаанд, муқаррар карда мешаванд. Нисбат ба шахсони ноболиғ анҷом додани вазифаҳои васоят ва парасторӣ ба зиммаи шӯъбаҳои тандурустӣ ва нисбат ба онҳое, ки қобилиамал буда, бинобар аҳволи саломатӣ ба парасторӣ эҳтиёҷманд ба зиммаи шуъбаҳои таъминоти иҷтимоӣ гузошта мешавад.

Моддаи 148 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шахсони зерин ба вазифаи васӣ ва парастор таъин карда намешавад:

- шахсоне, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудаанд;
- шахсоне, ки қаблан кӯдакро ба фарзандхонда қабул карда, агар фарзандхондкунӣ бо сабаби номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳояшон  бекор карда шуда бошад;
- шахсоне, ки бо сабаби номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳояшон аз вазифаи васӣ ё парасторӣ озод карда шудаанд;
- шахсони мубталои майзадагӣ ва нашъамандӣ, инчунин шахсоне, ки вобаста ба вазъи саломатӣ наметавонанд ӯҳдадориҳояшон оид ба тарбияи кӯдак анҷом диҳанд.

Ба кӯдаконе, ки дар муассисаҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд таҳти васояти пурраи давлат қарор доранд, васӣ таъин карда намешаванд. Иҷрои чунин ӯҳдадориҳо ба зиммаи маъмурияти ин муассисаҳо гузошта мешавад.

Ҳамин тавр васоят ва парасторӣ дар баробари фарзандхондӣ шакли дигари ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модармонда ба шумор рафта, бо мақсади таълим ва тарбияи онҳо таъин карда мешавад ва ба сифати васӣ ва парастор шахсоне баромад менамоянд, ки дорои сатҳи баланди ахлоқӣ буда, аз ҳуқуқи падару модарӣ, васӣ ва парастор маҳрум ва озод нагардида, ба синни балоғат расида бошанд.

**Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васоят ва парасторӣ.** Аз муқаррароти қисми 1 моддаи 155 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки васӣ ва парастори кӯдаки ноболиғ ҳуқуқ дорад ва ӯҳдадор ҳастанд, ки шахси ба парасторӣ гирифтаашонро тарбия кунанд, дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ғамхорӣ зоҳир намоянд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои васӣ ва парастор набояд бар хилофи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони таҳти васоят ва парасторӣ қароргирифта татбиқ шаванд. Васиёну парасторон метавонанд бо дарназардошти фикру хоҳиши кӯдакон ва тавсияи мақомоти васояту парасторӣ, шакл ва роҳҳои тарбияи кӯдаконро, ки таҳти васояти (парасторӣ) онҳо қарор доранд, мустақилона муайян намоянд.

Оилае, ки парастор таъин мешавад бояд дар муносибат бо кӯдак аз ҳуқуқҳои худ доир ба шароити ҷобаҷокунии кӯдак, таълиму тарбияи ӯ, ҳуқуқҳои парастории худ , ҳуқуқҳои мақомоти васоят ва парасторӣ бархурдор бошад ва ҳолатҳои қатъ гаштани васояту парасториро донад. [9, с.142-145].

Васӣ ва парастор ҳуқуқ надорад дар вақти тарбияи кӯдак ба саломатии ҷисмонию рӯҳии кӯдак ва такомули маънавии ӯ зарар расонад. Аз ин рӯ назорат аз болои фаъолияти васиён ва парасторон ҳамчун қоида аз ҷонибии мақомоти васоят ва парасторибуда ба амал бароварда мешавад. Бо ҳамин хотир мақомоти васоят ва парасторӣ дар як сол ду маротиба фаъолияти васиён ва парасторонро оид ба тарбияи таҳти васоятбудагон, таълим ва тарбияи муфиди ҷамъиятии онҳо, ташкили шароити зарурии маишии онҳо, таъмини онҳо ба нигоҳубин ва муолиҷа, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо ва идораи моликияти онҳоро санҷида мебарояд. Васӣ ва парастор ҳуқуқ доранд, ки ба воситаи суд аз ҳар гуна шахс кӯдаки таҳти васояташ (парасториаш) бударо, ки бе асоси қонунӣ нигоҳ дошта мешавад, талаб карда баргардонида гирад. Ҳамзамон онҳо аз хешовандони наздики кӯдак ҳуқуқи талаб карда баргардонидани ӯро дорад. Ҳангоми ҷой доштани мухолифат, чунончи аз ӯҳдаи тарбия набаромадани васӣ (парастор) суд даъвои васӣ(парастор) оид ба баргардонидани кӯдакро рад менамояд. Ҳангоми ба қувваи қонунӣ даромадани ин ҳалнома кӯдак ба мақомоти васояту парасторӣ дода мешавад ва онҳо тақдири ояндаи кӯдакро ҳал менамоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 56 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдак ҳуқуқи муоширатро бо падару модар дорад, бобо, бибӣ, бародарону хоҳарон ва дигар хешу ақраборо дорад. Аз ин рӯ васӣ ӯҳдадор аст ҳуқуқи кӯдак ба муошират бо хешу ақрабоашро таъмин намуда, ҳуқуқу манфиатҳои ӯро ҳифз намояд. Васӣ метавонад аз номи хӯрдсоли таҳти васояташ қарор дошта аҳдҳоро бандад (ғайр аз аҳдҳои хурди маишӣ, ки тибқи қонун хурдсолон аз синни шаш то чордаҳсолагӣ ҳуқуқ доранд мустақилона анҷом диҳанд). Аммо парастор бошад,барои анҷом додани аҳдҳое, ки тибқи қонун ноболоғион аз синни чордаҳ то ҳаждаҳ солагӣ ҳуқуқ доранд, фақат розигӣ диҳад.

Ба воситаи суд васӣ ва парасторон ҳуқуқ доранд аз ҳар гуна шахс кӯдаки таҳти васояташ (парасториаш) бударо, ки бе асоси қонунӣ нигоҳ дошта мешавад, талаб карда баргардонида гирад. Кӯдаки таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта ҳуқуқи муошират бо падару модари хешовандони дигарашро дорад. Бо ҳамин назардошт васӣ (парастор) барои амалӣ гаштани ин ҳуқуқи кӯдак набояд монеъ шавад. Танҳо тибқи муқаррароти моддаи 55 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон

қонунгузор дар мавриди монеъ набудани муошират ба манфиати кӯдакро муайян намудааст. Дар моддаҳои 37-39 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон боад ҳӯқуқу ӯҳдадориҳои васиён (парасторон) оид ба ихтиёрдории амволи шахси таҳти васояташон (парастрорӣ) қарордошта, идоракунии ваколатии амволи шахси таҳти васояташон (парасторӣ) буда ва вобаста ба таъмини манфиатҳои дигари шахсони таҳти васоят (парасторӣ) буда муқаррар карда шуааст.

Мақомоти васоят ва парасторӣ ба моликияти ноболиғоне, ки бе парастории падару модар мондаанд ва ашхосе, ки мувофиқи тартиботи ҷоришуда рӯҳан бемор ё камақл ё дар натиҷаи сӯиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ, моддаҳои нашъаовар қобилияти амалашон маҳдуд шинохта шудаад, инчунин касоне, ки мувофиқи тартиботи ҷоришуда бе ному нишон ғайбзада дониста шудаанд ва ашхоси коршоями болиғ, ки бо сабаби вазъи саломатӣ ҳуқуқи худро мустақилона ҳимоя карда наметавоанд ва аз иҷрои ӯҳдадориҳояшон намебароянд, муқаррароти қонунгузорӣ ва ҳифзи онро дар асоси муқаррароти қонунгузории маданӣ ва Низомномаи мақомоти васоят ва парасторӣ ба роҳ мемонанд. Тибқи қонунгузорӣ ва низомнома мақомоти васоят ва парасторӣ ҷиҳати таъмини иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ доранд:

- васоят ва парасториро муқаррар намоянд;
- барои бевосита ба амал баровардани вазифаҳо оид ба васоят ва парасторӣ васӣ ва парасторро таъин намояд;
- ҳангоми нокифоягии маблағ барои таъмини шахси таҳти васоят буда, барои таъмини ӯ кумакпулӣ муайян кунад;
- ба воситаҳо иҷозати иҷро ва ба парасторҳо ризояти додугирифтро диҳанд, ки аз доираи хизматрасонии маишӣ берун аст;
- аз кӯдакони ноболиғи таҳти васоят будаи ба синни шонздаҳ расида, барои алоҳида зистани васиҳо иҷозат диҳанд;
- ноболиғи синнаш аз понздаҳ то ҳаждаҳсоларо ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ аз ҳуқуқи мустақилона истифода бурдани маош ё идрорашон чи бо пешниҳоди васӣ ва чи бо ташабуси худ маҳрум намояд;
- бо сабаби бемории рӯҳӣ ё камақлӣ, дар натиҷаи суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё моддаҳои нашъаовар доир ба корношоям ё худ доираи корноношоямиашон маҳдуд шинохтани шаҳрванд дар суд парванда оғоз намояд.

Васӣ (парастор) новобаста аз вазъи амволиаш барои иҷрои ӯҳдадориҳои ихтиёран ба зиммааш гирифта музд намегирад. Яъне васӣ ва парастор вазифааашро бемузд анҷом медиҳад. Ҳамзамон васӣ (парастор) ӯҳдадор нест, ки аз ҳисоби худаш кӯдаки таҳти васоят бударо аз ҷиҳати моддӣ таъмин кунад. Таъминоти чунин кӯдакон аз ҳисоби алимент, нафақа, ёрдампулиҳо анҷом дода мешаванд. Инчунин қонунгузор муайян кардааст, ки васӣ (парастор) барои барои таъмиоти кӯдаки таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ҳар моҳ маблағ мегирад. Андозаи маблағ ва тартиби гирифтани чунин маблағро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Қатъ гаштани васоят ва парасторӣ.** Моддаи 156 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифа бартараф сохтани васӣ ва парастор дар сурати номатлуб иҷро кардани вазифаашонро муқаррар намудааст. Агар васӣ ва парастор вазифаи ба зиммааш гузошташударо номатлуб иҷро кунад, мақомоти васояту парасторӣ васӣ ё

парасторро аз иҷрои ин вазифа бартараф месозад. Васоят ва парасторӣ хусусияти доимӣ надошта, амали он ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои бо қонунгузории оилавӣ, маданӣ ва Низомномаи мақомоти васоят ва парасторӣ пешбинигардида қатъ мегардад.

Асосҳои қатъ гаштани васоят ва парасторӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ мегарданд:

- пурра ба даст овардани қобилияти амалкунии шахси таҳти васоят қарордошта;
- ҳангоми баргардонидани кӯдак ба волидайнаш ё ба фарзандӣ қабул гардиданаш васӣ ё парасторро аз иҷрои вазифаҳояш озод намудан;
- дар сурати ҷой доштани сабабҳои узрнок (беморӣ, тағйир ёфтани вазъи молу мулкӣ, набудани ҳамфикрӣ бо шахси таҳти васоят парасторӣ ва ғайра.

Ҳангоми ба муассисаи дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ ҷойгир кардани шахси таҳти васоят (парасторӣ), муассисаи васояту парасторӣ, ба шарте, ки ин хилофи манфиатҳои шахси таҳти васоят (парасторӣ) набошад, васӣ ё парасторӣ қаблан таъиншударо аз иҷрои вазифаҳояш озод мекунанд.

Муқаррароти моддаи 156 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон водор намудааст, ки агар васӣ ё парастор вазифаи ба зиммааш гузошташударо номатлуб иҷро кунад, мақомоти васояту парасторӣ васӣ ё парасторро аз иҷрои вазифа бартараф месозад. Яъне дар мавриди аз ҷониби васӣ (парастор) зоҳир накардани ғамхорӣ ҳимоя накардани ҳуқуқу манфиатҳои шахсӣ таҳти васоят (парасторӣ) буда аз номатлуб иҷро кардани вазифаи онҳо шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ қонунгузор мақомоти васояту парасториро вазифадор менамояд, ки дар сурати муайян кардани иҷрои ғайриқаноатбахши уҳдадориҳои ба зиммаи васӣ (парастор) гузошта, онҳоро аз иҷрои ин вазифаҳо бартараф созад.[10, с.329].

Васоят ва парасторӣ метавонад ҳангоми ба падару модар ё фарзандхондкардагон баргардондани кӯдак низ қатъ гардад. Аммо ин асоси қатъ гардидани васоят ва парасторӣ нисбат ба асосҳои дигари қатъ гардидани васоят ва парасторӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, талботи иловагиро пешниҳод менамояд. Чунончи ба падару модар ё фарзандхондкардагон баргардонидани кӯдаки таҳти васоят ва парасторӣ қарргирифта на ҳама вақт ба манфиати ӯ буда, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро таъмин меамояд. Аз ин лиҳоз ҳангоми ҷой доштани шубҳа дар хусуси манфиати кӯдак будани баргардонидани ӯ ба падару модар ё фарзандхондкардагон, мақомоти васоят ва парасторӣ метавонад ба падару модар ҷиҳати баргардонидани кӯдак бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намуданро тавсия диҳанд. Дар мавриди санади мазкур қувваи қонунӣ пайдо намудан, мақомоти васоят ва парасторӣ дар хусуси аз иҷрои вазифаи васӣ ва парастор озод намудани шахс қарор қабул намуда,ӯро аз иҷрои ӯҳдадории вазифаи васӣ ва парастор озод менамояд. Аммо ҳангоми дар муассисаҳои дахлдоридавлатӣ ҷойгир намудани кӯдаки таҳти васоят ва парасторӣ қароргирифта хислати муваққатӣ дошта бошад, дар ин маврид васӣ ва парастор наметавонад аз иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии худ озод гарданд.

Ба шахси қобили амал аз рӯи вазъи саломатиаш танҳо бо ризояти худаш парастор таъин мегардад. Ҳамзамон шахси болиғи қобили амал вобаста ба

синну сол ба парасторӣ муҳтоҷ шуданаш мумкин аст. Аз ин рӯ тибқи муқаррароти моддаи 157 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки парастории шахсони зикргардида бо талаби онҳо аз иҷрои вазифаи парастор озод карда мешаванд. Васояту парасторӣ нисбати шаҳрвандони болиғ дар ҳолатҳои аз ҷониби суд қабул кардани қарор дар бораи қобили амал эътирф намудани шахси таҳти васоят(парасторӣ) ё бекор кардани маҳдудиятҳои қобилияти амали ӯ дар асоси аризаи васӣ, парастор ё мақомоти васояту парасторӣ қатъ мегардад.

Ҳангоми васоят (парасторӣ)-ро ба мақсадҳои ғаразнок истифода кардани васӣ (парастор), инчунин дар ҳолати бе назорат ва кумаки зарурӣ гузоштани шахсони таҳти парасторӣ қарордошта, мақомоти васоят ва парасторӣ вазифадоранд барои ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун кашидани ин шахс маводи заруриро ба прокурор пешниҳод намоянд.

Дар бораи озоду бартараф кардани васиён ва парасторон, ки аз иҷрои вазифаашон намебароянд, мақомоти васоят ва парасторӣ қарор мебароранд. Пас аз баровардани қарор шаҳодатномаи ба васӣ ё парастор додашуда ҳатман баргардонида мешавад, зеро онҳо дигар шахсони таҳти васоят (парасторӣ) бударо намояндагӣ карда наметавонанд.

Ҳамин тавр дар замони муосир, васоят ва парасторӣ яке аз шаклҳои бештар паҳнгардидаи кӯдакони бе парастории падару модармонда ба шумор меравад, ки хислати байнисоҳавӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, маданӣ ва маъмурӣ ба танзим даровард мешаванд.

Бо ҳамин назардошт, фаъолияти мақомотҳои васоят ва парасторӣ, васиёну парасторон фақат ба тарбия ва нигоҳубини ашхосе, ки аз падару модар маҳруманд ё рӯ гардонданд равона карда шудааст. Ин корест, ки хайру савобаш ниҳоят зиёд аст ва созовори эҳтироми ин дунёву он дунё мегарданд.

**Муқарриз: Раҷабзода М.Н. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Семейное право // Под ред. П.В. Алексия, С.Н. Бондова. – М.: ЮНИТИ, 2006. – 392 с.
2. Маҳмудов М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – “ЭР-граф” 2015.- 495 с.
3. Прагмент А.И. Основания возникновения исуҳностӣ прав. М., 1957. – 242 с.
4. Семья Г.В. Анализ взаимодействия органов опеки попечительства с учреждениями для детей-сирот и детей, оставшихся без попечения родителей. // Вестник образования. - 2002. - №6. – С.75-80.
5. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе 1999. – 288 с.
6. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Сино», 1994.
7. Ильин Е.П. Психология помощи. Альтруизм, эгоизм, эмпатия. – СПб.: Издательский дом «Питер», 2013.
8. Михеева Л.Ю. Опека и попечительство: теория и практика. - М., 2004.

9. Банников И.А. Договор о передаче ребенка на воспитание в приемную семью в Российской Федерации: автореф. дис. канд. юрид. наук. - М., 2007.
10. Жарова О.В. Роль органовт опеки и попечительства в международном усыновлении // Юриспруденция.- 2010.- №3.
11. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри чорум бо иловаҳо) Душанбе. “ЭР-граф”, 2012. – 431 с.

**Literature:**

1. Family law // Edited by P.V. Alexy, S.N. Bondov. – M.: UNITY, 2006. – 392 p.
2. Mahmudov M., Khudoyorzoda B. Family Law of the Republic of Tajikistan. Dushanbe – “ER-graf” 2015.- 495 p.
3. Pragment A.I. Grounds for the emergence of legal principles. M., 1957. –242 p.
4. Family G.V. Analysis of the interaction of guardianship authorities with institutions for orphans and children left without parental care. // Herald of Education. - 2002. - No. 6. – P.75-80.
5. Fundamentals of the State and Law of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe 1999. – 288p.
6. Family Law of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: "Sino", 1994.
7. Ilyin E.P. Psychology of assistance. Altruism, egoism, empathy. - SPb.: Publishing house "Piter", 2013.
8. Mikheeva L.Yu. Guardianship and trusteeship: theory and practice. - M., 2004.
9. Bannikov I.A. Agreement on the transfer of a child for upbringing in a foster family in the Russian Federation: author's abstract. diss. candidate of legal sciences. - M., 2007.
10. Zharova O.V. The role of guardianship and trusteeship authorities in international adoption // Jurisprudence. - 2010. - No. 3.
11. Interpretation of the Family Code of the Republic of Tajikistan (fourth edition with additions) Dushanbe. “ER-graf”, 2012. – 431 p.

## НАҚШИ ВАСӢ ВА ПАРАСТОР ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАРМОНДА

Дар мақола масъалаи нақши васӣ ва парастор дар таълим ва тарбияи кӯдакони бе парастории падару модармонда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, масъалаи мазкурро баррасӣ карда, хулоса намудааст, ки дар замони муосир, васоят ва парасторӣ яке аз шаклҳои бештар паҳнгардидаи кӯдакони бе парастории падару модармонда ба шумор меравад, ки хислати байнисоҳавӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, маданӣ ва маъмурӣ ба танзим дароварда мешаванд. Бо ҳамин назардошт, фаъолияти мақомотҳои васоят ва парасторӣ, васиёну парасторон фақат ба тарбия ва нигоҳубини ашхосе, ки аз падару модар маҳруманд ё рӯ гардонданд равона карда шудааст. Ин корест, ки хайру савобаш ниҳоят зиёд аст ва созовори эҳтироми ин дунёву он дунё мегарданд. Шахсро танҳо бо розигии худаш васӣ ё парастор таъин кардан мумкин аст. Ҳангоми ба кӯдак таъин намудани васӣ ё парастор бояд одобу ахлоқ ва сифатҳои дигари шахсӣ, ба иҷрои ӯҳдадориҳои васӣ қодир будани ӯ,

муносибати байни ӯ ва шахси муҳтоҷи васоят ё парасторӣ, муносибати аъзои оилаи васӣ нисбат ба кӯдак, инчунин хоҳиши худи кӯдак ба инобат гирифта мешавад.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои оилавӣ, васӣ, парастор, ахлоқ, тарбия ва ҳуқуқ, кӯдак, фарзанд, падару модар, муассисаҳои кӯдакона, табобатӣ, таълимӣ, уҳдадорӣ, қонунгузории оилавӣ.

## РОЛЬ ОПЕКУНОВ И ПОПЕЧИТЕЛЕЙ В ОБРАЗОВАНИИ И ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ, ОСТАВШИХСЯ БЕЗ РОДИТЕЛЬСКОГО ПОПЕЧЕНИЯ

В статье анализируется и обсуждается роль опекунов и попечителей в образовании и воспитании детей, оставшихся без попечения родителей. Автор, рассмотрев данный вопрос, пришел к выводу, что в современное время опека и попечительство являются одной из наиболее распространенных форм устройства детей, оставшихся без попечения родителей, которые имеют межотраслевой характер и регулируются нормами семейного, гражданского, административного права. С учетом этого деятельность органов опеки и попечительства, опекунов и попечителей направлена исключительно на воспитание и заботу о лицах, лишенных или отвернувшихся от родителей. Это поступок, несущий в себе огромную доброту и награду, и он достоин уважения как в этом мире, так и в следующем. Опекуном или попечителем человек может быть назначен только с его согласия. При назначении опекуна или попечителя ребенку учитываются нравственные и иные личные качества ребенка, его способность исполнять обязанности опекуна, взаимоотношения между ним и лицом, нуждающимся в опеке или попечительстве, отношения членов семьи опекуна к ребенку, а также желание самого ребенка.

**Ключевые слова:** семейные отношения, опекун, попечитель, нравственность, воспитание и право, ребенок, дети, родители, детские учреждения, лечение, воспитание, ответственность, семейное законодательство.

## THE ROLE OF GUARDIANS AND TRUSTEES IN THE EDUCATION AND UPBRINGING OF CHILDREN LEFT WITHOUT PARENTAL CARE

The article analyzes and discusses the role of guardians and trustees in the education and upbringing of children left without parental care. The author, having considered this issue, came to the conclusion that in modern times, guardianship and trusteeship are one of the most common forms of placement of children left without parental care, which are interdisciplinary in nature and are regulated by the norms of family, civil, and administrative law. Taking this into account, the activities of guardianship and trusteeship authorities, guardians and trustees are aimed exclusively at the education and care of persons deprived of or turned away from parents. This is an act that carries great kindness and reward, and it is worthy of respect both in this world and in the next. A person can be appointed a guardian or trustee only with his consent. When appointing a guardian or trustee for a child, the moral and other personal qualities of the child, his ability to perform the duties of a guardian, the relationship between him and the person in need of guardianship or trusteeship, the relationship of the guardian's family members to the child, as well as the wishes of the child himself are taken into account.

**Key words:** family relations, guardian, trustee, morality, education and law, child, children, parents, children's institutions, treatment, education, responsibility, family legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ахмедов Нураҳмад Сафарович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 918-65-05-56. E-mail: nurkhmad.akhmedov.62@bk.ru

**Сведения об автор: Ахмедов Нурахмад Сафарович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заведующий кафедрой права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин–63 года. Телефон: (+992) 918-65-05-56. E-mail: nurkhmad.akhmedov.62@bk.ru

**Information about author: Akhmedov Nurahmad Safarovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin–63 years old. Phone: (+992) 918-65-05-56. E-mail: nurkhmad.akhmedov.62@bk.ru

**ТДУ: 341.241.8**

# МАВҚЕИ ПРИНСИПҲОИ УНИДРУА ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

**Давлатзода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар байни санадҳои танзими ғайридавлатии муносибатҳо дар соҳаи савдои байналмилалӣ Принсипҳои шартномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ (Принсипҳои УНИДРУА) ва Принсипҳои ҳуқуқи шартномаи аврупоӣ ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Онҳо муқаррарот ва қоидаҳоро дар бар мегиранд, ки на ба баъзе намудҳои муомилоти байналмилалӣ, балки ба қонуни шартномавӣ дахл доранд.

Принсипҳои УНИДРУА аз ҷониби Институти байналмилалии муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ таҳия шуда, бори аввал соли 1994 нашр шудаанд [19, с. 46]; [8, с. 54]. Дар доираи ИА Принсипҳои ҳуқуқи шартномаи аврупоӣ аз соли 1998 таҳия шуда, ки маҷмуи қоидаҳои ягонаро дар соҳаи ҳуқуқи шартномавӣ ифода мекунад.

Дар Принсипҳои УНИДРУА намуди дигари шартҳои шартнома ҷудо карда шудааст, ки барои ҳалли масъалаи бастани шартнома ва муайян кардани мазмуни он аҳаммияти махсус доранд. Мутобиқи қисми якуми м. 14 б. 2 ... «Агар тарафҳо нияти бастани шартномаро дошта бошанд, далели он ки онҳо дидаю дониста ягон шартеро гузоштаанд, ки дар гуфтушунидҳои оянда мувофиқа карда шавад, ё аз ҷониби шахси сеюм муайян карда шавад, монеа барои бастани шартнома нест...». Чунин шартҳо дар Принсипҳои УНИДРУА шартҳои кушода номида мешаванд. Дар амалияи шартномавӣ ҷорӣ намудани шартҳои кушод

аҳаммияти калони амалӣ дорад. Дар вақти бастани шартнома бо ягон сабаб дар бораи шартҳои алоҳидаи он созиш кардан ғайриимкон мешавад. Он гоҳ тарафҳое, ки гуфтушунид мекунанд ва ба фавран бастани шартнома манфиатдор мебошанд, метавонанд ин шартҳои алоҳидаро номувофиқ (кушода) гузоранд ва бо вуҷуди ин, шартнома баста шавад. Шартҳои боқимондаро тарафҳо баъд аз бастани шартнома мувофиқа карда метавонанд, агар худи тарафҳо дар бораи шартҳои кушод ба мувофиқа наоянд, онҳо метавонанд ба миёнарав муроҷиат кунанд [13, с. 93].

Натиҷаи робитаҳо ва гуфтушунидҳои пеш аз шартнома метавонад бастани созишномаи пешакӣ бошад, ки дар он уҳдадориҳои тарафҳо оид ба бастани созишномаи ниҳоӣ дар вақти муайян дар оянда бо шартҳое, ки тарафҳо дар рафти гуфтушунид таҳия кардаанд ва дар созишномаи пешакӣ муқаррар кардаанд, пешбинӣ шудааст. Дар амалияи тиҷоратӣ созишномаҳои пешакӣ баъзан ҳамчун протоколҳои ният ё ёддоштҳои ниятҳо номида мешаванд.

Принсипҳои УНИДРУА номгӯйи шартҳои муҳимми шартномаро пешбинӣ намекунанд, зеро ин сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ на танҳо барои тиҷорати мол, балки барои дигар муомилоти тиҷоратӣ низ пешбинӣ шудааст. Конвенсияи Вена, ки махсусан ба шартномаи фурӯши байналмилалии мол бахшида шудааст, масъалаи доираи шартҳои асосии шартномаро ба миён мегузорад. Мутобиқи б. 1 м. 14-и КВ, пешниҳоди бастани шартнома ба таври кофӣ муайян буда, оферта эътироф карда мешавад, ... «агар он молро нишон дода, миқдор ва нархро бевосита ё бавосита муқаррар намояд ё тартиби муайян кардани онҳоро пешбинӣ намояд». Аз ин бармеояд, ки нишона (ном)-и мол дар ҳама ҳолатҳо бидуни истисно шарти муҳимми шартномаи хариду фурӯши мол ба ҳисоб меравад ва миқдор ва нархи мол шартҳои ғайримуқаррарӣ мебошанд, зеро онҳо бояд мустақиман нишон дода шаванд [13, с. 95]. Ба ҳамин тариқ, шартҳои нарх, инчунин, миқдори мол бояд ҳангоми бастани шартнома мувофиқа карда шуда, ба мазмуни он дохил карда шаванд, вале на ҳатман бо нишони мушаххаси он; агар нархе, ки собит ё гузаранда муайян нашуда бошад, дар шартнома бояд шарти мувофиқашудаи тарафҳо оид ба усули (тартиби) муқаррар намудани нарх дар оянда зикр карда шавад. Агар дар шартнома шарт дар бораи нарх ё тартиби муайян кардани он пешбинӣ нагардида бошад, чунин шартнома метавонад дорои шарти кушода дар бораи нархи мол эътироф карда шавад.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол метавонад, ҳам ба таври хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ баста шавад. Агар бори аввал барои бастани шартнома ризоияти шифоҳии тарафҳо кофи бошад, пас барои дуюм бояд ифодаи иродаи тарафҳо дар воситаи моддӣ сабт карда шавад [6, с. 114]. КВ ва Принсипҳои УНИДРУА пайваста принсипи интихоби озоди шакли шартномаи басташавандаро амалӣ мекунанд-ҳама гуна талаботи ҳатмӣ оид ба шакли шартнома истисно карда мешаванд. Ҳам оферта ва ҳам аксепт метавонад ба таври шифоҳӣ сурат гирад. Ин қоида ҳам ба шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам ба соҳибкорони инфиродӣ дахл дорад. Бастани шартнома, мазмун ва шартҳои муайяни он метавонад дар суд бо ҳар восита, аз ҷумла бо нишондодҳои шоҳид исбот карда шавад. Ин аст, ки муқаррароти дахлдор дар м. 1 б. 2-и Принсипҳои УНИДРУА чунин омадааст: «Ин принсипҳо ягон талаботеро муқаррар намекунанд, ки шартнома бояд дар шакли хаттӣ баста ё тасдиқ карда шавад.

Мавҷудияти онро бо ҳар васила, аз ҷумла бо шаҳодати шоҳидон метавон исбот кард». Аммо ба ҳар як тараф ҳуқуқ дода мешавад, ки риояи ҳама гуна шакли махсуси шартнома, аз ҷумла дар шакли хаттӣ гузоштани шартнома исрор кунад (м. 2, б. 13). Агар дар шартнома пешбинӣ карда шуда бошад, ки тағйир додан ё бекор кардани он ба таври хаттӣ анҷом дода шавад, он гоҳ шартномаро ... «бо роҳи дигар тағйир додан ё қатъ кардан мумкин нест», ба истисноии ҳолатҳои дар м. 2 б. 18, вақте ки созишномаи шифоҳӣ аз ҷониби тарафҳо оид ба тағйир додан ё қатъ кардани шартнома бо рафтори мувофиқи ҳар ду тараф тасдиқ карда мешавад [13, с. 100]. Дар қонунгузории миллии аксарияти давлатҳо меъёрҳое мавҷуданд, ки муомилоти иқтисодии беруниро дар ҳама шакл, аз ҷумла шифоҳӣ анҷом додан мумкин аст [12, с. 112]. Мувофиқи м. 1 б. 10-и Принсипҳои УНИДРУА «шакли хаттӣ маънои ҳама гуна шакли муоширатро дорад, ки сабти маълумоти дар он мавҷудбударо нигоҳ медорад ва қодир аст дар шакли моддӣ дубора тавлид шавад». Ҳангоми бастани шартнома тарафҳо метавонанд шартҳои стандартиро истифода баранд, ки онҳо ҳамчун ... «муқаррароти аз ҷониби як тараф пешакӣ барои истифодаи умумӣ ва такрорӣ омодашуда ва воқеан бидуни гуфтушунид бо тарафи дигар татбиқ карда мешаванд» истифода баранд [13, с. 101].

Ба андешаи мо, принсипҳои УНИДРУА маҷмуи умумии қоидаҳоро барои танзими шартномаҳои байналмилалӣ таъмин мекунанд. Ин принсипҳо барои тафсир ва пурра кардани санадҳои ҳуқуқии ягонаи байналмилалӣ истифода мешаванд ва ҳамчун намуна барои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ хидмат мекунанд [16, с. 25]. Ин принсипҳо ихтиёрӣ мебошанд ва метавонанд татбиқ шаванд, агар тарафҳои шартнома мувофиқа карда бошанд, ки шартномаи онҳо тибқи ин принсипҳо танзим карда мешавад [5, с. 21] ё ба мувофиқа расидаанд, ки шартномаи онҳо бо «принсипҳои умумии ҳуқуқ» танзим мешавад, инчунин дар сурати имконнопазирии муқаррар намудани меъёри дахлдори қонуни татбиқшаванда.

Дар амалияи тиҷоратии байналмилалӣ шаклҳои стандартии (намунавӣ) шартномаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ тартиб дода шудаанд, васеъ истифода мешаванд. Масалан, шартномаҳои стандартӣ хусусиятҳои таҳвили баъзе навъҳои молро бо назардошти амалияи ҷаҳонӣ: таҷҳизот, маснуоти металлӣ, ашёи хоми коркардшуда, маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайра инъикос менамоянд. Ҳамин тариқ, дар доираи Комиссияи иқтисодии СММ оид ба Аврупо, бисёр шаклҳои стандартии шартномаҳо таҳия шудаанд, аз ҷумла:

1) шарту шароитҳои умумии хариду фурӯш барои воридот ва содироти масолеҳи истеъмолии дарозмуддат ва дигар асбобу анҷоми истеҳсоли оммавӣ;

2) шартҳои умумии содироти техника;

3) шартномаҳои намунавии хариду фурӯши сӯзишворӣ, чӯбу тахта, ғалладона ва меваҷот [13, с. 102].

Дар муомилоти тиҷоратӣ аксар вақт ба ду забон тартиб додани шартнома бо назардошти мансубияти миллии ҳар ду тарафи шартнома амал мекунад. Дар шартнома қайд мегардад, ки матнҳои шартнома ба забонҳои гуногун басташуда аз ҷиҳати мазмун якхеланд ва қувваи баробар доранд.

Дар амалия ҳамзамон принсипи ба инобат гирифтани навъҳои гуногуни имконпазири иҷрои уҳдадорӣ вобаста ба шартҳои шартнома, хусусиятҳои

предмети таҳвил ва ҳолатҳои мушаххас истифода мегардад. Чунин гуногунӣ ба КВ хос аст. Ҳама вариантҳое, ки меъёрҳои КВ пешбинӣ кардаанд, ба шартҳои худи шартнома асос ёфтаанд, ки ба онҳо афзалият дода мешавад. Танҳо дар сурате, ки мазмуни шартнома барои муайян кардани тартиби иҷрои уҳдадории алоҳидаи тараф имкон надиҳад, қоидаи муқаррарнамудаи конвенсия татбиқ карда мешавад.

Мувофиқи б. 1 м. 1253-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Арманистон, бандҳои 1.2 м. 1-и Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон «Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», б. 1 м. 1093-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Белорус, б. 1 м. 1084-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Қазоқистон, б. 1 м. 1167-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Қирғизистон, б. 1 м. 1576-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Молдова, б. 1 м. 1186-и Кодекси граждании Федератсияи Россия, қ. 1 м. 1158-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Ӯзбекистон [1, с. 23], б. 1 м. 1306-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё дорои унсурҳои хориҷии дигар татбиқшаванда дар асоси ҳамин Кодекс, санадҳои қонунгузории дигар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст ва одатҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад [9].

Тарафҳо ҳангоми бастани шартнома тартиби иҷрои уҳдадории тарафайн ва пеш аз ҳама, тартиби ба харидор расонидан ва додани молро аз ҷониби фурӯшанда пешбинӣ менамоянд. Иҷрои ин уҳдадории фурӯшанда ҳалли як қатор масъалаҳои хусусӣ, вале аз нуқтаи назари амалӣ хеле муҳимро дар назар дорад: маҳал ва вақти интиқоли мол, ба маҳалли таъйинот кашондани бор, тақсим кардани хароҷоти боркашонӣ дар байни тарафҳо. Дар ИМА ва Британияи Кабир аҳаммияти калонро кодификатсияи хусусии амсолияи судӣ соҳиб аст. Кодификатсия яке аз шаклҳои мураттабсозии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав эҷод гардида, меъёрҳои куҳна аз эътибор соқит дониста мешаванд [17, с. 85]. Кодификатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар маҷмуъ ба хотири рушди мутараққии ҳуқуқи байналмилалии муосир анҷом дода мешавад [7, с. 50]; [17, с. 85]. Дар натиҷаи кодификатсия меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ тағйир ва аниқ карда шуда, ҳамчунин меъёрҳои нав коркард карда мешаванд [2, с. 36]. «Кодификатсияи машҳури чунин навъ дар Англия дар курси Дейси, дар ИМА бошад, дар «Маҷмуаи қонунҳо оид ба низои қонунҳо», ки солҳои 1934 (ҷилди I), 1974 (ҷилди II) аз тарафи Институти ҳуқуқи Амрико мураттаб шудааст, дарҷ гардидааст» [4, с. 69]. Дар як қатор давлатҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доираи як қонуни кодификатсияшуда оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муттаҳид гардонида шуданд. Аз ҷумла, дар Австрия, Полша, Венгрия, Италия, Туркия, Руминия, Швейтсария, Чин ва ғайраҳо [11, с. 70].

Принсипҳои ҳуқуқи шартномаи аврупоӣ хусусияти машваратӣ доранд. Қоидаҳои дар онҳо муқарраршуда асосан бо муқаррароти мувофиқи Принсипҳои УНИДРУА [19, с. 46] ва КВ мувофиқат мекунанд, аммо онҳо, инчунин, фарқиятҳои назаррас доранд. Принсипҳои аврупоӣ на танҳо ба шартномаҳои байналмилалӣ, балки ба шартномаҳои дохилӣ, аз ҷумла ба

шартномаҳои истеъмолӣ низ дахл доранд. Принсипҳои УНИДРУА бошанд барои истифодаи универсалӣ пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои аврупоӣ «ҳамчун қоидаҳои умумии ҳуқуқи шартномавӣ дар ҷомеаҳои Аврупо» тарҳрезӣ шуда, баҳри наздик кардани қонунҳои миллии давлатҳои ИА дар соҳаи ҳамкории байналмилалии тиҷоратӣ амал мекунанд [19, с. 46]. Бояд қайд кард, ки принсипҳои аврупоӣ ҳамчун ҳуҷҷати муваққатӣ ва мобайнӣ қабул шудаанд, зеро дар оянда ба нақша гирифта шудааст, ки онҳо ба кодекси умумиаврупоии ҳуқуқи хусусӣ табдил дода шаванд, ки аз ҷониби кишварҳои ИА на ҳамчун тавсия, балки ҳамчун ҳуҷҷати аз ҷиҳати қонунӣ ҳатмӣ қабул карда мешаванд [16, с. 24].

Дар доираи ИДМ Созишнома дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои вобаста ба амалигардонии фаъолияти хоҷагидорӣ [18] ва Конвенсияи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар корҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ [10] қабул шуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо танҳо масъалаҳои муайяни кардани ҳуқуқи амалкунанда инъикос ёфта, асосан ба меъёрҳои қонунгузории гражданнии ин кишварҳо, ки дар замони қабул амал мекарданд (баъдан ба ин меъёрҳо тағйироти назаррас ворид шуд).

Қарорҳои судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар як қатор аз ин давлатҳо хислати асосиро доро мебошад. Мисол, дар Англия қарорҳои судӣ бо қонунҳо баробар карда шуда, қарорҳои судӣ барои судҳои умумӣ дар ҳалли чунин баҳсҳои ба вуҷуд омада, татбиқ мегардад. Ин хусусият дар ИМА қисман эътироф мегардад. Масалан, қарорҳои судии як штат дар ҳудуди худи ҳамон штат нисбати суди дахлдор барои қарорҳоиояндаи судӣ ба сифати амсолияи судӣ эътироф мегардад. Аз ҷониби судҳои дигар штат татбиқ намегардад. Қарорҳои Суди Олии ИМА ҳамчун сарчашма барои судҳои тамоми штатҳо ҳатмӣ мебошад [3, с. 156].

Амсолияи судӣ чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – ин қарорҳои судӣ мебошад. Дар ҶТ қарорҳои судӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пазируфта нашудааст. Айни замон дар баъзе давлатҳои Аврупо ва Амрико қарорҳои судӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда мешаванд. Низомҳои ҳуқуқии Британияи Кабир, Зеландияи Нав, Австралия, Канада, ИМА, Ирландия, Ҳиндустон [15, с. 75] ва ғайра дар маҷмуъ «низоми ҳуқуқи англо-саксонӣ»-ро ташкил медиҳанд [14, с. 56].

**Муқарриз: Раҷабзода М.Н. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Аксенов А.Г. Обычаи, применяемые к договору международной купли-продажи товаров между субъектами предпринимательской деятельности стран СНГ // Вестник Нижегородский госуниверситет им. Н.И. Лобачевского, – 2014. – №3 (2) – С. 23.

2. Ануфриева Л.П. Международное публичное право: учеб. [Текст] / Л.П. Ануфриева, М43 Д.К. Бекяшев, К.А. Бекяшев, В.В. Устинов [и др.]; отв. ред. К.А. Бекяшев. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – С. 36.

3. Богуславский М.М. Международное частное право. Рос. акад. наук. Ин-т государства и права, Акад. правовой ун-т. - 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – С. 156.

4. Богуславский М.М. Международное частное право: Учеб. Рос. акад. наук. Ин-т государства и права, Акад. правовой ун-т. - 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 1999. – С. 69.

5. Дмитриева Г.К. Унификация или гармонизация права: новые формы // Унификация международного частного права в современном мире: сборник статей / Отв. ред И.О. Хлестова. – М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ: ИНФРА-М, 2013. – С. 21.

6. Ерпылева Н.Ю. Международное коммерческое право: новеллы правового регулирования международных контрактных обязательств // Адвокат. – 2005. – № 6. – С. 114.

7. Идизода Ф.Ф. Кодификатсияи институти ҷавобгарии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – №1 (13) – 2022. – С. 50.

8. Камаров А.С. Применение принципов УНИДРУА – унификация регулирования международной торговли в действии // Унификация международного частного права в современном мире: сборник статей / Отв. ред И.О. Хлестова. – М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ: ИНФРА-М, 2013. – С. 54.

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj моддаи 1306. (санаи муроҷиат: 10.08.2023).

10. Конвенция о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам от 22 января 1993 г. Вступила в силу 19.05.1994. (Минская конвенция). [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_ 5942/ (Дата обращения: 27.11.2023).

11. Қодиров Н.А. Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 70.

12. Мамаев А.А. Форма внешнеэкономических сделок: вопросы теории и практики // Экономическое правосудие на Дальнем Востоке России. – 2004. – № 3. – С. 112.

13. Международное торговое право: учеб. пособие / [Бушев А.Ю.М43 и др.]; под общ. ред. В.Ф. Попондопуло. – М.: Омега-Л, 2005. – С. 93.

14. Менглиев Ш.М. Международное частное право. – Душанбе, 2013. – С. 56.

15. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2019. – С. 75.

16. Раҷабзода М.Н., Давлатов Н.М. Сарчашмаҳои шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол Ахбори ДДҲБСТ, Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ – 2023. – №3 (96) – С. 25.

17. Раҷабов С.А. Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – С. 85.

18. Соглашение о порядке разрешения споров, связанных с осуществлением хозяйственной деятельности (Киевское соглашение от 20 марта 1992 года).

[Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=1640. (Дата обращения:16.06.2023).

19. Шестакова М.П. Способы и формы унификации правового регулирования международной купли-продажи товаров // Унификация международного частного права в современном мире: сборник статей / Отв. ред И.О. Хлестова. – М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ: ИНФРА-М, 2013. – С 46.

**Literature:**

1. Aksenov A.G. Customs applicable to the contract of international sale of goods between business entities of the CIS countries // Bulletin of the Nizhny Novgorod State University named after N.I. Lobachevsky, - 2014. - № 3 (2) - P. 23.

2. Anufrieva L.P. International public law: textbook. [Text] / L.P. Anufrieva, M43 D.K. Bekyashev, K.A. Bekyashev, V.V. Ustinov [et al.]; ed. K.A. Bekyashev. - 4th ed., revised. and enlarged. - Moscow: TK Velbi, Prospect Publishing House, 2005. - P. 36.

3. Boguslavsky M.M. International private law. Rus. acad. sciences. Institute of State and Law, Acad. Law University. - 4th ed., revised and enlarged. - Moscow: Yurist, 2001. - Page 156.

4. Boguslavsky M.M. International Private Law: Textbook. Rus. Academy of Sciences. Institute of State and Law, Academy of Law University. - 3rd ed., revised and enlarged. - Moscow: Yurist, 1999. - Page 69.

5. Dmitrieva G.K. Unification or harmonization of law: new forms // Unification of international private law in the modern world: collection of articles / Ed. I.O. Khlestov. - Moscow: Institute of Legislation and Comparative Law under the Government of the Russian Federation: INFRA-M, 2013. - Page 21.

6. Erpyleva N.Yu. International commercial law: innovations in the legal regulation of international contractual obligations // Advocate. – 2005. – № 6. – P. 114.

7. Idizoda F.F. Codification of the institute of international legal responsibility // Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht district. – № 1 (13) – 2022. – P. 50.

8. Kamarov A.S. Application of UNIDROIT principles – unification of international trade regulation in action // Unification of international private law in the modern world: collection of articles / Ed. I.O. Khlestov. – M.: Institute of Legislation and Comparative Law under the Government of the Russian Federation: INFRA-M, 2013. – P. 54.

9. Civil Code of the Republic of Tajikistan from July 1, 2023 [Electronic resource]. Source of access: URL: http://mmk.tj article 1306. (access date: 10.08.2023).

10. Convention on Legal Assistance and Legal Relations in Civil, Family and Criminal Matters of 22 January 1993. Entered into force on 19.05.1994. (Minsk Convention). [Electronic resource]. Access source: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_ 5942/ (Accessed: 27.11.2023).

11. Qodirov N.A. Customs as a source of private international law in the Republic of Tajikistan dis. …name. science. law. – Dushanbe, 2020. – P. 70.

12. Mamaev A.A. Form of foreign economic transactions: issues of theory and practice // Economic justice in the Russian Far East. - 2004. - № 3. - P. 112.

13. International trade law: textbook / [Bushev A.Yu.M43 et al.]; under the general editorship of V.F. Popondopulo. - Moscow: Omega-L, 2005. - P. 93.

14. Mengliev Sh.M. International private law. - Dushanbe, 2013. - P. 56.
15. Nodirov F.M. Business Law. Textbook. Part 1. – Dushanbe: “ER-graf”, 2019. – P. 75.
16. Rajabzoda M.N., Davlatov N.M. Sources of the contract of international sale of goods News of the International Chamber of Commerce, Scientific and Theoretical Journal – 2023. – № 3 (96) – P. 25.
17. Rajabov S.A. Theology of international law. – Dushanbe: Donish, 2012. – P. 85.
18. Agreement on the procedure for resolving disputes related to the implementation of economic activities (Kiev Agreement of March 20, 1992). [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn= 1640. (Accessed: 16.06.2023).
19. Shestakova M.P. Methods and forms of unification of legal regulation of the international sale and purchase of goods // Unification of international private law in the modern world: collection of articles / Ed. I.O. Khlestov. - M .: Institute of Legislation and Comparative Law under the Government of the Russian Federation: INFRA-M, 2013 . - P. 46.

## МАВҚЕИ ПРИНСИПҲОИ УНИДРУА ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

Дар мақола мавқеи принсипҳои УНИДРУА дар танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, принсипҳои УНИДРУА маҷмуи умумии қоидаҳоро барои танзими шартномаҳои байналмилалӣ таъмин мекунанд. Ин принсипҳо барои тафсир ва пурра кардани санадҳои ҳуқуқии ягонаи байналмилалӣ истифода мешаванд ва ҳамчун намуна барои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ хидмат мекунанд. Ин принсипҳо ихтиёрӣ мебошанд ва метавонанд татбиқ шаванд, агар тарафҳои шартнома мувофиқа карда бошанд, ки шартномаи онҳо тибқи ин принсипҳо танзим карда мешавад. Дар амалия ҳамзамон принсипи ба инобат гирифтани навъҳои гуногуни имконпазири иҷрои уҳдадорӣ вобаста ба шартҳои шартнома, хусусиятҳои предмети таҳвил ва ҳолатҳои мушаххас истифода мегардад. Чунин гуногунӣ ба КВ хос аст. Ҳама вариантҳое, ки меъёрҳои КВ пешбинӣ кардаанд, ба шартҳои худи шартнома асос ёфтаанд, ки ба онҳо афзалият дода мешавад. Танҳо дар сурате, ки мазмуни шартнома барои муайян кардани тартиби иҷрои уҳдадории алоҳидаи тараф имкон надиҳад, қоидаи муқаррарнамудаи конвенсия татбиқ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** принсипҳои УНИДРУА, уҳдадорӣ, қонун, бастани шартнома, қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, шартнома.

## ПОЗИЦИЯ ПРИНЦИПОВ УНИДРУА В ПРАВОВОМ РЕГУЛИРОВАНИИ ДОГОВОРА МЕЖДУНАРОДНОЙ КУПЛИ-ПРОДАЖИ ТОВАРОВ

В статье исследуется положение принципов ЮНИДРУ в правовом регулировании договора международной купли-продажи товаров. По мнению автора, принципы ЮНИДРУ предусматривают общий свод правил регулирования международных договоров. Эти принципы используются для толкования и дополнения единых международно-правовых инструментов и служат моделью для национального и международного законодательства. Эти

принципы являются необязательными и могут применяться, если стороны договора согласились, что их договор регулируется этими принципами. На практике также используется принцип учета различных возможных видов исполнения обязательств в зависимости от условий договора, особенностей предмета поставки и конкретных обстоятельств. Такое разнообразие характерно для КВ. Все варианты, предусмотренные стандартами KV, основываются на условиях самого договора, которым отдается приоритет. Только в случае, если содержание договора не позволяет определить порядок исполнения конкретного обязательства стороны, применяется правило, установленное конвенцией.

**Ключевые слова:** принципы ЮНИДРО, обязательство, право, заключение договора, национальное законодательство, международное право, договор.

## THE POSITION OF THE UNIDROIT PRINCIPLES IN THE LEGAL REGULATION OF THE CONTRACT FOR THE INTERNATIONAL SALE OF GOODS

The article examines the position of the UNIDROIT principles in the legal regulation of contracts for the international sale of goods. In the author's opinion, the UNIDROIT principles provide a common set of rules for the regulation of international contracts. These principles are used to interpret and supplement uniform international legal instruments and serve as a model for national and international legislation. These principles are optional and can be applied if the parties to the contract have agreed that their contract will be governed by these principles. In practice, the principle of taking into account various possible types of performance of an obligation depending on the terms of the contract, the characteristics of the subject of delivery and specific circumstances is also used. Such diversity is inherent in the CC. All options provided for by the CC norms are based on the terms of the contract itself, which are given priority. Only in cases where the content of the contract does not allow determining the procedure for performing a separate obligation of a party, the rule established by the convention is applied.

**Key words:** UNIDROIT principles, obligation, law, conclusion of a contract, national legislation, international law, contract.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода Насимҷон Маҳмадҷон** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 933888844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Сведения об автор: Давлатзода Насимджон Махмадджон** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 933888844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Information about author: Davlatzoda Nasimjon Mahmadjon** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer, department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 933888844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 93/94**

# АЗ ТАЪРИХИ БА САРИ ҚУДРАТ РАСИДАНИ СОМОНИЁН ДАР МОВАРОҲУННАҲРУ ХУРОСОН

**Садиров Ш.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Сулолаи Сомониён на танҳо дар таърихи давлатдории халқи тоҷик, инчунин дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ нақши намоён гузоштанд. Онҳо нахустин силсилаи намояндагони халқи тоҷик буданд, ки пас аз суқути Бармакиён сарфарозии дастгирии Аббосиён гардиданд. Яке аз хизматҳои бузургтарини онҳо ин бунёди давлати мутамарказ ва тавассути низоми идории қавӣ нигоҳ доштани он буд. Табиист, ки Сомониён низоми идории худро тавассути таҷрибаи давлатдории пешинаи аҷдодони тоҷик идома медоданд. Аммо бештари хонадонҳои минбаъдаи ҳукмрон, ки ин усули давлатдориро қабул кардаанд, онро бо номи Сомониён алоқаманд менамуданд. Роҷеъ ба таъсисёбӣ ва сиёсати идории Сомониён аз аввалинҳо шуда муаррихони асрмиёнагии тоҷик, Абубакри Наршахӣ ва Низомулмулк ахбор додаанд [11; 12].

Роҷеъ ба таъсис ва рушди давлати Сомониён як қатор муаррихони ватанию хориҷӣ таҳқиқоти илмӣ бурда, оид ба ҷанбаҳои мухталифи он маълумотҳои нодиру гаронбаҳое ба даст даровардаанд. Дар ин ҷода пеш аз ҳама хидмати академикҳо Б Ғ. Ғафуров [4], Н. Неъматов [13; 14; 15; 16] ва А. Мухторов [10] назаррас мебошад, ки дар асарҳояшон саҳми Сомониён дар аломатҳои муайянкунандаи миллат, забон, ҳудуд, вазъи иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон мавриди таҳлили илмӣ қарор додаанд.

Оид ба омӯзиши таьрих ва фарҳанги маьнавии замони Сомониён маводи нашршудаи нишасти илмии Академия Илмҳои ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1954 баргузор гардидконференсияҳои илмие, ки ба муносибати 1100-солагии зодрузи асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ, 1000-солагии олим-энсиклопедисти барҷастаи тоҷик Абуалӣ ибни Сино [6], 1000-солагии шоири маьруфи форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ [17] ва  1000-солагии зодрӯзи олими маьруфи хоразмӣ Абурайҳони Берунӣ [3], 1100-солагии зодрӯзи энсиклопедисти барҷаста Форобӣ [1], 1200-олими маьруф Муҳаммади Хоразмӣ барпо шуданд, саҳми калон гузоштанд.

Академик Н. Неъматов роҷеъ ба давлати мутамаркази Сомониён, таҳқиқоти илмӣ бурда, аз ҷумла дар асараш “Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X” авзои қувваи истеҳсолкунанда, тараққиёти иҷтимоӣ ва маданияти тоҷикон дар аҳди Сомониён ва масъалаи ташаккули халқи тоҷик диққати зиёд додааст. Китоб дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва мадракоти ҳафриёти бостоншиносӣ таьлиф гардидааст.

Мувофиқи ахбори маъхазҳои таърихӣ давлати Сомониён  қаламрави васеъро фаро гирифта [11], маводи нумизматикаи замони Сомониён, ки як қатор

сиккашиносон тадқиқ кардаанд, аз бисёр ҷиҳат маълумоти маъхазҳоро роҷеъ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии асрхои IX-X аниқу пурратар мекунанд. Масалан асарҳои П.И. Лерх [8] ва Марков А.К., миқдори зиёди тавсифи каталогӣ ва асарҳои ҷамъбастӣ [9], баъзе мақолаю қайдҳо ба нумизматикаи Сомониён бахшида шудаанд.

Тибқи ахбори манбаъҳои асрмиёнагӣ сарвари ин хонадон Сомонхудот марди дидадарову кордон буд, бинобар ин рафтораш ба ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ писанд омада, ӯро кори идорӣ-маъмурӣ ҷалб намудааст. Сомонхудот бо Асад ибни Абдуллоҳ муносибати наздик барқарор карда, ба хотири поси эҳтироми ин дӯстӣ писари худро низ Асад ном гузоштааст. Сомонхудот ҳамчун намояндаи арабҳо солҳои 725-738 ҳокими Балх буда, барои тасхири баъзе қисматҳои Хуросону Мовароуннаҳр бо арабҳо ҳамдастӣ кардааст. Мувофиқи сарчашмаҳо Баҳроми Чӯбина бобокалони Сомонхудот ба шумор меравад [2, с. 273]. А. Наршахӣ дар асараш оид ба баромади хонаводагии Сомониён менависад, ки пеш аз ин ёд карда шуда буд, ки Сомонхудотро писаре буд Асад ном кард, аз дустии Асад бинни Абдуллоҳ ал- Қушайрӣ. Ва Асадро чаҳор писар буд; Нуҳ ва Аҳмад ва Яҳё ва Илёс [11, с. 268].

Мувофиқи ақидаи Наршахӣ аз солҳои 817-818 сар карда, писарони Асад ибни Сомонхудот Нӯҳ – дар Самарқанд, Аҳмад –дар Фарғона, Яҳё-дар Чочу Истаравшан ва Илёс-дар Ҳирот ҳоким шуданд [11]. Хулоса, А. Наршахӣ тавонистааст, ки роҷеъ ба баромади хонадони Сомониён маълумоти нодирро ҷамъоварӣ намояд ва ба насли имрӯза расонад. Аз ахбороти ӯ муаррихини замони оянда васеъ истифода намдуаанд.

Дар замони хилофати Ҳорунаррашид аз сабаби зиёд гаштани зулму ситами коргузорони хилофати аббосӣ дар ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр вазъияти буҳронӣ ба амал омад. Соли 806 бо роҳбарии Рофеъ ибни Лайс ном саркардаи араб бар муқобили хилофат шӯриши бузурге сар зад, ки дар муддати кӯтоҳ миёни мардумон низ ҳамовозӣ пайдо кард [5]. Рофеъ шаҳри Самарқандро ба даст овард ва халифа маҷбур шуд, ки барои фурӯ нишонидани ин ошӯб шахсан ба Хуросон ояд. Яке аз саркардаҳои машҳури дарбори Бағдод Ҳарсама барои пахш кардани шӯриш ба Мовароуннаҳр омад ва дар ин кор оҷиз монд. Писари халифа Маъмун ба фарзандони Асад – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс нома фиристода, хостори он шуд, ба лашкари хилофат ёрӣ расонанд. Маъмун ва дастгоҳи хилофати аббосӣ хуб медонистанд, ки фарзандони Асад аз мардуми маҳаллӣ буда, аз решаҳои ин ихтилоф огоҳ буда, миёни мардум ҷойгоҳи муносиби иҷтимоӣ доштанд ва ҳусну тадбири онон низ ба халифа маълум буд [7, с. 332].

Асад ҳам мисли падар дар дарбори халиф Маъмун ба обрӯ ва нуфузи хоса соҳиб буд. Вай дар идора намудани мулкҳои Шарқ хилофат чун машваратчии асосии баромад мекард. Писаронаш низ дар корҳои дохили даргоҳ фаъолона иштирок менамуданд. Нуҳ - ҳокими Самарқанд, Аҳмад- ҳокими Фарғона, Яҳё – ҳокими Чочу Истаравшан, Илёс - ҳокими Ҳирот шуданд [4, с. 450].

Фарзандони Асад ба дархости халифа посухи мусбат доданд ва Рофеъро бар он доштанд, ки бо Ҳарсама сулҳ кунад. Ҳамин тавр ин фитна ором гардида, Мовароуннаҳр дар ихтиёри Аббосиён боқӣ монд. Пас аз ин фарзандони Асад ба дарбори хилофат наздик шуданд. Авзои нобасомони Хуросону Мовароуннаҳр

Маъмунро водор карда, ки солҳо худ дар Хуросон боқӣ монад. Дар низоъи миёни бародарон Маъмун ва Амин барои хилофат ҳам, ки ба хунрезӣ анҷомид, унсури эронӣ барои ба қудрат шинонидани Маъмун нақши муҳиме гузошт. Соли 818 Маъмун вориди Бағдод гардид. Ба поси хидматҳои кардаашон халифа ба амири Хуросон Ғассон ибни Аббод супориш дод, ки набераҳои Сомонхудот ба корҳои идорӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамин тавр Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс мутаносибан ҳокимони шаҳрҳои Самарқанд, Фарғона, Чоч ва Ҳирот гардиданд. Ба истисноИ Ҳирот фарзандони Асад тавонистанд ҳукумати хешро бар ин шаҳрҳо меросӣ гардонанд.

Пас аз он ки Тоҳириён ва Сaффориён ҳам амири Хуросон гардиданд, қудрати намояндагони Сомониён бар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ҳифз карда шуд. Нахуст Нӯҳ, баъд Аҳмад ва сипас писараш Наср сардори сулолаи сомониро бар ӯҳда доштанд. Соли 874 охирин шаҳри бузург дар Моваруннаҳр – Бухоро ҳам ба ихтиёри Сомониён дода шуд. Соли 874 шаҳри Бухоро гирифтори ошӯбу фитна гардид, мардумони он маҳз ба намояндаи хонадони сомонӣ муроҷиат карданд ва Наср бародараш Исмоилро ба ин нуқтаи нooром фиристод. Ба Исмоил зарур омад, ки дар муддати кӯтоҳ шаҳри ошӯбзадаро ором сохта, аъёну ашрофро ба ҷониби худ ҷалб созад.

Халифа соли 875 ба Наср ибни Аҳмад фармон фиристода, амалан ҳукумати Сомониён бар кулли Мовароуннаҳр расмият бахшид. Муаррихон ҳамин солро соли пурра тобеъ гаштани Мовароуннаҳр ба хилофат меномад. Барои ба ислом ҷалб гардидани аҳолӣ Сомониён аз ин давра саъй мекарданд ва мавриди эътимоду пуштибонии халифаҳои аббосӣ буданд. Онҳо даст ба ҳеҷ гуна ислоҳоти куллӣ намезаданд, балки бо нигоҳ доштани оромӣ дар қаламрави худ заминаи тадриҷии мусулмоншавии аҳолӣ ва ба хилофат содиқ монданро меҷустанд. Яке аз тафовутҳои аслӣ дар миёни Саффориён ва Сомониён он буд, ки қудрати Саффориён, чуноне ки аз ишораи Яъқуб бармеояд, ба зӯри шамшер вобаста буд. Сомониён бо иштирок дар пахши шӯриши Рофеъ ибни Лайс минбаъд ҳамаи фармонравоии худро пас аз гирифтани номаву фармони халифа ба роҳ мемонданд. Пас аз таъин шудан бошад миёни раият чун намояндаи халифа нисбатан адлу додро пеша карда, миёни мардум низ маҳбубият пайдо мекарданд [10].

Бародарон тобеи Тоҳириён бошанд ҳам, аммо дар маҳаллҳо ҳокимони пурқувват буданд, ба номи худ фулуси мисин сикка мезаданд, лашкари халқӣ гирд оварда, ба вилоятҳои ҳамҷавор юришҳо ташкил мекарданд. Онҳо беш аз пеш нуфузу эътибор ва сарвату иқтидор пайдо мекарданд. Солҳои 839-840 Нӯҳ ибни Асад ба муқобили ҳокими Исфиҳоб лашкар кашида, онро ба тасарруфи худ даровaрда ва фармон дод, ки девори баланду мустаҳкаме бардоранд, то ки ин мулки ободаз ҳуҷуми ғоратгариҳои бодиянишинон эмин бошад. Қайд намудан лозим аст, ки дар ин давра ҳуҷуми бодиянишинон ба вилоятҳои ободи Осиёи Миёна зуд-зуд рӯй медоданд.

Баъд аз вафоти Нӯҳ ибни Асад бо супориши Абдуллоҳи Тоҳир Самарқандро бародарони ӯ Аҳмад ибни Асад ва Яҳё ибни Асад ҳамроҳ идора мекарданд ва минбаъд волигӣ ба писари Аҳмад-Наср гузашт, ки ин комёбии калони Аҳмад буд. Пас аз вафоти Яҳё ибни Асад Чоч ва

Истаравшан ба писари Аҳмад Яқуб расид, ки онҳоро ба муддати тӯлонӣ идора кард. Хулоса, дар миёнаи асри IX бори нахуст Мовароуннаҳр қисман муттаҳид гардид ва вилоятҳои асосии он зери ҳокимияти оли Аҳмад монданд. Вале баъд аз вафоти Илёс дар Ҳирот ҳокимият аз дасти Сомониён рафт. Дар солҳои 70-уми асри IX дар Мовароуннаҳр парокандагии сиёсӣ ва ногузир вобаста ба ин ҷангҳои байнихудии ашрофи феодалӣ пурзӯр гардид. Пас аз вафоти Аҳмад сардори нави хонадон, писари калонии ӯ Наср танҳо ҳокими Самарқанд буд, Фарғонаро писари дигари Аҳмад Абдулашъос идора мекард.

Ҷараёни иттиҳоди сиёсӣ баъди ба арсаи сиёсат баромадани бародари Наср, Исмоил ибни Аҳмад, ки одами ғаюру доно ва дурандеш буд, ба итмом расид. Фаъолияти Исмоил дар Бухоро оғоз ёфтааст[10].

Баъди пароканда шудани сулолаи Тоҳириён дар Бухоро ҳокимияти босуботе вуҷуд надошт. Дар ибтидои соли 874 Ҳусайн ибни Тоҳир бо дастаи лашкариёни Хоразм шаҳрро ба даст даровард. Шаҳр ғорат шуда, кисми зиёди он ба хок яксон гардид. Сокинони шаҳр, аз андозгириҳои ҳиллагаронаи Ҳусайн ва бедодгариҳои дастаи ӯ ба дод омада буданд, дере нагузашта шӯриш бардоштанд ва қасри ҳокимро ба даст даровarda талаву тороҷ намуда, худи ӯро ронданд. Бо илтимоси ашрофи Бухоро Наср ба Бухоро Исмоилро чун волӣ фиристод, ки ӯро низ мардум пешвоз гирифтанд. Ба ӯ лозим омад, ки ба ҳар васила баъзе намояндагони аъёну ашрофи бухороиро фармонбардори худ гардонад ва дар айни замон муқобилати халқ, аз ҷумла шӯриши кишоварзон ва дигар табақаҳоро дар ноҳияи байни Баркад ва Ромитан пахш намояд.

Агар дар давраи аввали Сомониён тобеи Тоҳириён бошанд, баъди заволи он роҳи истиқлоли комилро пеш гирифтанд. Бо ин мақсад шароити мусоидро барои муттаҳид намудани тамоми Мовароуннаҳр ва таъсис додани давлати мустақили худ истифода бурданд. Ин иқдоми Насрро заҳматкашон дастгирӣ карданд, зеро умед доштанд, ки агар давлати ягона таъсис шавад, шояд аз тохтутози беамони кӯчманчиён халос шаванд ва шояд миқдори андози бешуморе, ки барои муҳофизати мамлакат гуфта аз онҳо меситонданд, камтар шавад ва тасодуфӣ нест, ки аввалин тадбири Наср ин ташкили юриш ба Шавган ба муқобили бодиянишинон буд [10, с. 38].

Пас аз он ки Бухоро ба ихтиёри Сомониён гузашт, Наср чун сардори хонадон аз тарафи халифа Мӯътамид барои идора намудани тамоми Мовароуннаҳр ҳуҷҷат гирифт. Исмоил, ки ба мансаби волии Бухоро қонеъ набуд, аз додани андозу хироҷ ба Самарқанд сар кашида фаъолияти ҷудоихоҳиро пеш гирифт. Дар задухӯрди ҳарбие, ки соли 888 байни бародарон ба вуқӯъ омад, қӯшуни Наср торумор гардид, худаш бошад, ба Исмоил асир афтод. Исмоил дурандеш бародари калонии худро расман сардори сулола монд, аммо амалан тамоми ҳокимият ба дасти худ гирифт. Баъди вафоти Наср дере нагузашта салтанати ягонаи Исмоил оғоз ёфт [4, с. 451].

Баъди ҷорӣ гардидани ҳокимияти мутлақ ва барҳам хӯрдани ҷангҳои байнихудии дохилӣ Исмоил ба таъмин намудани бехатарии давлат аз ҳуҷуми душманони аҷнабӣ машғул шуд. Тохтутозҳои қабилаҳои бодиянишин

ба воҳаҳои зироатӣ харобиҳои зиёд меоварданд. Исмоил соли 893 ба муқобили бодиянишинон юриши калон карда, Тирозро ба даст даровард, хони туркҳоро бо ҳазор лашкару надимонаш асир гирифт ва дар натиҷа ба муддати тӯлонӣ тохтутозҳо ба Мовароуннаҳр қатъ гардиданд. Исмоил ба водии Талас юриш карда ба мақсади дуюмини муҳимаш ноил гардида конҳои бо нуқраи Шелҷиро ба мулкҳои худ ҳамроҳ намуд. Дар худи ҳамон сол 893 Исмоил ҳокими Истаравшан Сайр ибни Абдуллоҳро сарнагун сохт, сулолаи афшинҳои Ковусро барҳам дод ва ин сарзаминро пурра ба давлати худ ҳамроҳ намуд.

Беш аз пеш пурзӯр гардонидани ҳокимияти Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Саффориён дар Хуросон дар маркази Хилофати Араб ба мақсади заиф гардонидани ҳардуи онҳо кушиши барангехтани Исмоили Сомонӣ ва Амри Саффорӣ карда шуд. Соли 898 халифа дар бараи аз вазифа озод нимудани Исмоил ва волии Мовароуннаҳр таъин кардани Амр маншур фиристод. Ба Исмоил муяссар гардид, ки душмани худро пешдастӣ кунад ва амалиёти ҷангиро ба ҷанубтари дарёи Аму гузаронад. Ҳангоми муҳорибаи нахустин, тирамоҳи соли 899 қушуни лашкаркаши асосии Амр-Муҳаммад бини Башоро мағлуб карда шуд. Бо мақсади мату маҳбут намудани душманон аз олиҳимматиаш, Исмоил тамоми асиронро озод кард, ки ин аъёну ашроф ва ҷанговарони Амрро ба ӯ хайрхоҳ гардонд. Ҳангоми муҳорибаи дуюм ҳалкунандае, ки баҳори соли 900 дар наздикии Балх рух дод, Исмоил моҳирона тадбир карда қушуни Амрро ба муҳосира гирифт ва пурра торумор кард, худи ӯро асир карда ба Бағдод фиристод. Амр ду сол дар ҳабс хобид ва баъд ба фармони Халифа Мӯътамид соли 901-902 кушта шуд. Дар ғалаба бар Саффориён дастгирии оммаи халқ нақши ҳалкунанда бозид. Дар натиҷаи ин ғалаба Исмоили Сомонӣ ҳокимияти худро дар тамоми вилоятҳое, ки тобеи Саффориён буданд, пойдор кард.

Дар натиҷа давлати Сомониён дар шимол то дарёи Талас вусъат ёфт, дар ғарб Хуросон ва баъзе вилоятҳои шимолӣ ва шарқии Эронро ба худ ҳамроҳ кард. Мамлакат аз тохтутози бодиянишинони ҳамсоя наҷот ёфт. Дар ибтидои асри X Исмоили Сомонӣ имконият пайдо кард, ки ба таъсиси сохтори марказии давлатӣ ва ташкили қушуни пурқуввату мусаллаҳ машғул шавад.

Дар асари Наршахи роҷеъ ба идоракунии Сомониён маълумоти муфассал оварда шудааст Мазкур иброз медорад, ки аввали салотини Сомониён Исмоил аст ва ба ҳақиқат подшоҳи сазовори боистеҳқоқ буда, марди оқил, одил, мушфиқ, соҳиброй ва тадбир ва пайваста бо хулифо изҳори тоат кардӣ ва мутобаати ишон воҷиб ва лозим донистӣ. Дар рӯзи шанбеи соли 900 Амр бинни Лайсро ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставлӣ гашт ва муддати ҳашт сол подшоҳӣ кард. Ва дар санаи 907 дар Бухоро ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст [11].

Ҳамин тариқ, дар аҳди намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён-Исмоил бори нахуст баъди истилои араб тоҷикзамини аз ҷиҳати сиёсӣ пароканда муттаҳид карда, давлати муқтадиру мутамарказ ба вуҷуд оварда, ба ҷангҳои байнихудӣ ва тохтутозҳои аҷнабиён хотима дода шуд.

Давлати Сомониён аввалин давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар таъсиси он нақши намояндагони ин хонадон аз ҷумла Исмоил ва Насри

Сомонӣ бузург буда, замони салтанати онҳоро давраи гул-гулшукуфӣ меноманд. Таҷрибаи давлатдории онҳоро сулолаҳои минбаъдаи минтақа истифода бурданд [18, с. 293].

Сиёсати нахустин намояндагони Сомониён барои ба халқ наздик гардидан, ба эҳёи анъанаҳои маҳаллӣ, муттаҳид намудани халқиятҳои пароканда ва ҳифзи мамлакат аз тохтутозҳои беруна нигаронида шуда буд. Бинобар ин нахустин амирони Сомониён дар байни халқ обрую эътибори калон доштанд ва табақаҳои заҳматкаши халқ онҳоро дастгирӣ мекарданд. Сабаби асосии болоравии онҳо ҳам дар ҳамин аст.

Ин буд, ки тоҷикон дар аҳди салтанати Сомониён аз тобеияти маънавиёти араб берун баромада, бо таъсиси ҳукумати миллӣ ва эҳёи таърихиву фарҳанги хеш соҳиб шуданд.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1.Аль – Фараб и развитие науки и культуры стран Востока. Тезисы докладов Международной научной конференции. Посвященной 1100 – летию со дня рождения аль – Фараби. – Алма – Ата: Наука, 1975. – 115 с.

2.Амиршоҳӣ Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. –Душанбе: Амри илм, 1999.

3.Бируни. Сборник статей. Под редакқией С. П. Толстово – М. – Л., 1950.

4.Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 702 с.

5. Гардезӣ Абусаъид. Зайну-л-ахбор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.

6.Ибн – Сина. Материалы научной сессии АН Уз. ССР, посвященной 1000 – летнему юбилею Ибн Сины, – Ташкент, 1953.

7.История таджикского народа. Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1999.

8.Лерх П. И. Монеты бухар – худатов. – СПб., 1909. – 161 с.

9.Марков А.К. Инвентарный каталог восточных монет им. Эрмитажа. – СПб., 1896. – 872 с.

10.Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе, 1999.

11.Наршахи А. Таърихи Бухоро. Мураттиб Н. Қосимов. – Душанбе, 1979.

12.Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – 200 с.

13.Неъматов Н. Государство Саманидов (Мавераннаҳр и Хорасан в IX-X вв.). – Душанбе, 1977. 279 с.

14.Неъматов Н. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989. – 304 с.

15.Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе, 1989. – 304 с.

16.Неъматов Н. Давлати тоҷикбунёди Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 40 с.

17.Фирдовсӣ. – Душанбе, – 1934.

18.Ҳамза Камол Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён. – Душанбе, – 2022. – 324 с.

**Literature:**

1. Al-Farab and the development of science and culture in Eastern Europe. Theses of reports of the International Scientific Conference. 1100th anniversary of the birthday of al-Farabi. - Alma - Ata: Nauka, 1975. - 115 p.
2. Amirshahi N. Tajik statehood in the IX-XIV centuries. Dushanbe: Amri ilm, 1999.
3. Inside. Collection of articles. Under the editorship of S. P. Tolstovo - M. - L., 1950.
4. Gafurov B. Tajiks. Ancient, ancient and medieval history. Book 1. - Dushanbe: Irfan, 1983. - 702 p.
5. Gardezi Abu Saeed. Zainu-l-akhbar. - Dushanbe: Bukhara, 2014. - 416 p.
6. Ibn Sina. Materials of scientific session of AN Uz. SSR, devoted to the 1000th anniversary of Ibn Sini, Tashkent, 1953.
7. History of the Tajik people. T. II. The era of the formation of the Tajik people. - Dushanbe: Donish, 1999.
8. Lerkh P. I. Steam coin - khudatov. - SPb., 1909. - 161 p.
9. Markov A.K. Inventory catalog of eastern coins. Hermitage. - SPb., 1896. - 872 p.
10. Mukhtorov A. Somonians: time and place. - Dushanbe, 1999.
11. The price of A. History of Bukhara. Compiled by N. Kasimov. - Dushanbe, 1979.
12. Nizamulmulk. Policy. – Dushanbe: Adib, 1989. – 200 p.
13. Nematov N. Samanid State (Transcaucasia and Khorasan in the IX-X centuries). – Dushanbe, 1977. 279 p.
14. Nematov N. Samanid State. Dushanbe, 1989. – 304 p.
15. Nematov N. Samanid State: Tajiks in the IX-X centuries. Dushanbe, 1989. – 304 p.
16. Nematov N. Tajik-based Samanid State. – Dushanbe: Irfon, 1999. – 40 p.
17. Firdovsi. – Dushanbe, – 1934.
18. Hamza Kamol Avomili The Coming to Power of the Samanids. – Dushanbe, – 2022. – 324 p.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ БА САРИ ҚУДРАТ РАСИДАНИ СОМОНИЁН ДАР МОВАРОҲУННАҲРУ ХУРОСОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси маъхазҳо ва хулосаи олимони ватанӣ таърихи ба сари қудрат расидани Сомониён баррасӣ менамояд. Аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки Сомониён нахустин силсилаи намояндагони халқи тоҷик буданд, ки пас аз суқути Бармакиён мавриди эътимоду пуштибонии халифаҳои аббосӣ гардиданд. Яке аз хизматҳои бузургтарини онҳо ин бунёди давлати мутамарказ ва тавассути низоми идории қавӣ нигоҳ доштани он буд. Табиист, ки Сомониён низоми идории худро тавассути таҷрибаи давлатдории пешинаи аҷдодони тоҷик идома медоданд. Аммо бештари хонадонҳои минбаъдаи ҳукмрон, ки ин усули давлатдориро қабул кардаанд, онро бо номи Сомониён алоқаманд менамуданд. Давлати Сомониён аввалин давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар таъсиси он нақши намояндагони ин хонадон аз ҷумла Исмоил ва Насри Сомонӣ бузург буда, замони салтанати онҳоро давраи гул-гулшукуфӣ меноманд. Таҷрибаи давлатдории онҳоро сулолаҳои минбаъдаи минтақа истифода бурданд.

**Калидвожаҳо:** Сомониён, хонадон, ҳокимият, қудрат, тоҷикон, сиёсат, давлат.

## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИИ ПРИХОДА К ВЛАСТИ САМАНИДОВ В МОВЕРАНАХРЕ И ХОРАСАНЕ

В данной статье автор на основе источников и выводов отечественных ученых рассматривает историю прихода к власти Саманидов. Помимо прочего, автор отмечает, что Самандиды были первым представителей таджикского народа, получивших доверие и поддержку аббасидских халифов после устранение Бармакидов. Одним из их величайших достижений было создание централизованного государства и ее современной административной системы. Естественно, свою административную систему они взаимствовали из опыт прежних государств предков таджикского народа. Однако большинство последующих правящих династии, принявших этот метод правления, считали его связанным с именем Саманидов. Саманидское государства считается первым национальным государством таджиков, роль представителей этого рода, в том числе Исмаила и Насри Самани, была велика в его создании, а период их правления называют периодом расцвета таджикской культуры. Опыт их государственной мудрости был использован последующими династиями региона.

**Ключевые слова:** Саманиды, династия, власть, таджики, политика, государство.

## A LOOK AT THE HISTORIES OF THE SAMANID COMING TO POWER IN MOVERANAKHR AND KHORASAN

In this article, the author, based on the sources and conclusions of domestic scientists, examines the history of the coming to power of the Samanids. Among other things, the author notes that the Samandids were the first representatives of the Tajik people who received the trust and support of the Abbasid caliphs after the removal of the Barmakids. One of their greatest achievements was the creation of a centralized state and its modern administrative system. Naturally, they borrowed their administrative system from the experience of the former states of the ancestors of the Tajik people. However, most of the subsequent ruling dynasties who adopted this method of government considered it to be associated with the name of the Samanids. The Samanid state is considered the first national state of the Tajiks, the role of representatives of this kind, including Ismail and Nasri Samani, was great in its creation, and the period of their rule is called the heyday of Tajik culture. The experience of their state wisdom was used by the subsequent dynasties of the region.

**Key words:** Samanids, dynasties, power, Tajiks, politics, state.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Садиров Шарафҷон Аҳтамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 918334179. E-mail: sharaf.256@mail.ru

**Сведения об автор: Садиров Шарафджон Ахтамович** – Таджикский педагогического института в Раштском районе, кандидат исторических наук,

доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 918334179. E-mail: sharaf.256@mail.ru

**Information about author: Sadirov Sharafjon Ahtamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of historical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 918334179. E-mail: sharaf.256@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

## ЗАМИНАҲОИ МУҲОҶИРКУНИИ ДЕҲҚОНОНИ ВИЛОЯТИ ҒАРМ БА ВОДИИ ВАХШ

**Шарифова М.Қ., Абдурасулов И.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр дар муносибатҳои заминдории собиқ кишвари Туркистон, аз ҷумла ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон тайғирот ба амал омаданд. Ба ин дигаргуниҳо қарорҳои анҷумани дуввуми Умумироссиягии Шӯроҳо, 26 октябри (8 ноябр) соли 1917 асос гузошт. Дар анҷумани мазкур бо таклифи В.И. Ленин “ Декрет оид ба замин” қабул гардид. Мувофиқи ин декрет тамоми шакл ва намудҳои заминдоии қаламрави Шӯравӣ ва моликияти шахсӣ нисбат ба замин бекор карда шуд. Дар шароити сарзаминҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, ки асосан аграрӣ ба ҳисоб мерафтанд, масъалаи обу замин дар мадди асосӣ буд. Дар қисмати шимол ва ҳам ҷанубу маркази Тоҷикистон дар натиҷаи вазъияти мураккаби ҳарбӣ-сиёсӣ масъалаи мазкур ва тадбиқи он, хело давраи дуру дарозро дар бар гирифт.

Мувофиқи созишномаи мазкур тамоми заминҳое, ки дар дасти собиқ тарафдорони подшоҳӣ боқӣ монда буданд, мусодира гардида, то андозае шумораи ин заминҳо ба деҳқонони безамин тақсим гардиданд. Ин чорабинии мазкур то андозае деҳқононро муваққатӣ бошад ҳам, ба замин таъмин намуд, аммо бадбахтона қисми дигари аъзоёни ҷамъиятро аз воситаҳои истеҳсолот маҳрум сохт.

Дар маҳалҳои Тоҷикистон кумитаҳо оид ба ислоҳоти обу замин таъсис гардиданд. Вазифаи асосии онҳо назорат ва тақсим намудани заминҳо вобаста ба шароити замон дар байни деҳқонон буд. Ин чорабинӣ, ки хусуияти ҷамъиятӣ-ҳарбӣ баъдан сиёсиро касб карда буд, дар минтақаҳо ба таври гуногун гузаронида шуд. Бо оғози ҳаракати зиддишӯравӣ ё худ “босмачигарӣ” дар бештари қисматҳо раванди ин чорабинӣ ба таъхир гузошта шуд. Дар қисматҳои кӯҳистон бо оғози чунин ҳаракатҳо бойҳову кулакҳо боз аз сари нав сар бароварда заминҳои мусодирашудаи хешро талаб намуданд. Чунин рафтор чорабинии мазкурро боз ҳам ба таъхир андохта, инчунин, онҳо вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии пеш аз ислоҳотро тадбиқ кардан мехостанд.

Доир ба масоили мазкур Р. Абдулҳаев муаррихи шинохтаи тоҷик чунин қайд намудааст: “Бояд изҳор намуд, ки Туркистон аз лиҳози иқтисодию фарҳангӣ яке аз гӯшаҳои ақибмондаи империяи Россия ҳисобида мешуд, ки дар он асосан муносибатҳои истеҳсолии феодалӣ ҳукумфармо буданд. Дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон соҳаи асосии иқтисодиёти ҷамъиятӣ соҳаи кишоварзӣ ба

ҳисоб мерафт. Зеро сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ аз он иборат буд, ки ин кишварро чун дигар кишварҳои Туркистон ҳамчун манбаи ашёи хом ва пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ ба фоидаи хеш нигоҳ дорад. Соҳаи саноат бошад дар ин ҷо ниҳоят суст пеш мерафт ва асосан баҳри коркарди аввалии маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама пахта равона гардида буд. Ҳатто баъд аз Инқилоби Октябр ҳам сиёсати мустамликадорӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла кишоварзӣ аз байн нарафт. Гарчанде ки дар як муддати кӯтоҳ деҳқонони безамину камзамин соҳиби як қисми муайяни замин шуда бошанд ҳам, дар солҳои сохтмони колхозӣ онҳо боз аз воситаҳои истеҳсолӣ бенасиб гардиданд [1, с. 17-18].

Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ мавзеъҳои зиёде буданд, ки асрҳои аср бекор хобида, барои аз худ кардани заминҳо ба киштзор табдил додани онҳо маблағ, воситаҳои моддию техникии зиёд лозим буд. Аксари деҳқонон барои истифодаи заминҳои бекорхобида, ки даҳҳо ҳазор гектарро ташкил медоданд, қувваву воситаҳои зарурӣ надоштанд. Аморати Бухоро бошад, барои аз худ кардан ва ба макони асосии инкишофи соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ табдил додани онҳо ягон чораи зарурӣ намеандешид. Ҳукуматдорони Бухоро роҳи осони пур кардани хазинаи давлатиро ҷустуҷӯ карда, дар арафаи Инқилоби Октябр мувофиқи шартнома азхудкунии заминҳои зархези водии Вахшро тадриҷан ба ихтиёри капиталистони рус додан гирифтанд.

Ғалабаи Инқилоби Октябр, бо барқарор гардидани сохти Шӯравӣ, вазъияти тезу тунди ҳарбӣ- сиёсии солҳои минбада ва дигар омилҳои иқтисодӣ-сиёсии зиёд, садди роҳи аз тарафи капиталистони рус истифода кардани заминҳои бекорхобидаи водии Вахш шуданд. Чӣ тавре ки, маълум аст, коркард ва истифодаи ин заминҳо асосан дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX-ум муяссар гардид [1, с. 15-16].

Намояндагони Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон баъди омадан ба Душанбе ба машаққати зиёде рӯ ба рӯ гаштанд. Онҳо намедонистанд чӣ хел тақсимбандии маъмурии ҷумҳуриро ҷудо намоянд. Онҳо тақсимбандии ҳудудӣ-маъмурӣ, ҷуғрофии ҷумҳуриро дар асоси бекигариҳое, ки соли 1920 дар қисмати Бухорои Шарқӣ боқӣ монда буданд: Қаротегин, Ҳисор, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Сариосиё тақсим намуданд [5, с. 8]. Дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ мисли пештара, вазифаи муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ меистод, яъне деҳқонони безамину фирориёни ихтиёран ба Ватан баргаштаро бо замин ва ҷову макон таъмин кардан. Барои ҳалли мусбии он Кумитаи Инқилобӣ бо қарори худ Комиссариати халқии зироатиро вазифадор сохт, ки масъалаи бо замин таъмин кардани оилаҳои деҳқонон ва босмачиёни ихтиёран ба тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ гузаштаро ҳарчи зудтар аз сари нав дида барояд. Тавсия дода шуд, ки аз вилоятҳои нисбатан сераҳолии Кӯлобу Ғарм деҳқонон ба вилояти Қурғонтеппа фиристонида шаванд [2, с. 81]. Ба замми ин Кумитаи Инқилобӣ қарор дод, ки дар назди ҳукуматҳои маҳаллии вилоятҳои Қурғонтеппаю Кӯлоб бо мақсади расонидани кӯмаки фаврии пуливу молӣ барои фирориёни ба Ватан бозоянда ба маблағи 20 000 сӯм фонди махсус кушода, ғайр аз ин бар ҳар як вилоят 2000 пуд ( 1 пуд = 16 кг) ғалла ҷуддо карда шавад [2, с. 81].

Масъалаи ба Ватан баргардонидани фирориён як низом ва ҳисобу китоби муайян дошта, манзилҳои ояндаашон муқарар бошад, ба маблағи 25 000 сӯм аз

ҳисоби фонди Комиссариати халқии умури дохилаи ҷумҳурӣ шаҳодатномаи шахсии онҳо чоп карда шуд. Шаҳодатномаро ба фирориёни баргашта марзбонон дар гузаргоҳҳо пас аз тафтиши пешакӣ месупориданд [1, с. 97]. Дар шаҳодатномаи мазкур чунин дарҷ гардида буд: “ Ман аз ҷониби душманони халқ гумроҳ карда, дар натиҷаи таҳдиду зуровари онҳо Ватанро падруд гуфтам. Ҳоло бошад хатоии худро дарк карда, аз кирдори содиркардаам пушаймон шудаам ва ба макони аслиам боз мегардам ” [1, с. 97].

Нашри шаҳодатномаҳо то андозае дилгармии мардумро нисбат ба Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд овард. Пеш аз ҳама, дар баъзе минтақаҳо шумораи зиёди мардумон худро “фирорӣ” ҳисобида, ба ин васила мехостанд соҳиби молу мулк гарданд. Инчунин, дар марзҳои Тоҷикистону Афғонистон гузаргоҳҳои махсус ташкил гардида, ҳар як фироришударо баъди ӯбур кардани сарҳад аз муоинаи тиббӣ гузаронида, ба онҳо кӯмаки тиббӣ ва моддӣ расонида мешуд. Дар гузаргоҳҳо ҳайати оилаи онҳо ба рӯйхат гирифта шуда, барои ташкил кардани хоҷагиашон муайян карда мешуд [11, с. 50].

3 феврали соли 1925 ҳайати ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон ба Душанбе омад. Дар рӯзи дигар яъне 4 феврал намоиши эътирози бо шумораи зиёди одамон баргузор гардид. Мақсади намоишчиён қабул кардани деклоратсия дар бораи маданияти мардуми Тоҷикистон буд [12, с. 58]. Моҳи сентябри соли 1925 амалӣ гардидани қонун оид ба ҳалли масъалаи фирориён ва оғози фаъолияти Комиссияи Марказӣ дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ ва минбаъд таъмин кардани ягонагии сокинони Тоҷикистон бегуфтугӯ аҳамияти калон дошт ва дар сиёсати дохиливу хориҷии ҳукумати навбунёд як иқдоми нек ба ҳисоб мерафт. Ин комиссия даврае ба кори худ оғоз намуд, ки дар ҷумҳурӣ маъракаи муташакилонаи гузаронидани интихоботии шӯроҳо бавуҷуд омада буд. Аз ин рӯ, ҷо ба ҷо кардани фирориён дар маҳалҳо ба ташвиқу тарғиби маъракаи пешазинтихоботӣ зич алоқаманд буд [1, с. 97]. Бо мақсади иҷрои вазифаи мазкур 4-уми октябри соли 1925 аъзои Комиссияи Марказӣ оид ба расонидани кӯмак ба тамоми гурӯҳҳои фирориёни ба Ватан баргашта, ба вилояту ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд. Ҳамин тариқ, Гуляев ба вилояти Қурғонтеппа, Антонов ба вилояти Кӯлоб ва Ёқубов ба вилояти Ғарм барои амалӣ гардонидани вазифаҳои ба миён гузошта сафарбар карда шуданд [1, с. 97].

Нақшаи кории Комиссияи Марказӣ пешакӣ муҳокима ва тасдиқ гардида буд. Дар асоси нақшаи қабул гардида, дар туманҳо ва маҳалҳо шуъбаи Комиссияи Марказӣ бояд таъсис дода мешуд. Мувофиқи нақшаи мазкур дар маҳалҳои марказӣ ва ҷанубии кишвар шуъбаҳои Комиссияи Марказӣ таъсис ёфта, кумак ба фирориёни баргаштаро ба назар мегирифтанд. Ба ғайр аз ин, ба нақшаи кории Комиссияи Марказӣ ва вилояти чунин масъалаҳои муҳим дохил мешуданд: [1, с. 97].

- Коркарда баромадани тарз ва меъёри расонидани кӯмак;
- Муйян кардани шумораи босмачиёни ихтиёран ба Ҳокимияти Шӯравӣ гузашта ва ҳаҷми расонидани кӯмаки зарурӣ;
- Бо манзилу хоҷагӣ дар вилояти Қурғонтеппа таъмин кардани фирориёни баргаштаи сиёсӣ;
- Дар вилоятҳо ба масъалаи бозгаштагон ва расонидани кӯмак ба онҳо ҷалб кардани диққати аҳли ҷомеа ва ғайра;

Яке аз вазифаҳои муҳим ва аввалини комиссия ба таври ҷиддӣ ба ҳисоб гирифтани шумораи оила ва одамони ба Ватан бозгашта ба шумор мерафт. Муайян кардани масъалаи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ пеш аз ҳама ҳарчӣ тезтар ҷо ба ҷо кардани онҳо дар маҳалҳои камаҳолӣ аҳамияти калон дошт. Дар солҳои аввали фаъолияти хеш комиссия шумораи зерини ба Ватан баргаштани фирориёнро муайян намуд [1, с. 98].

| № | Вилоят | Хоҷагӣ |
|---|---|---|
| 1 | Қурғонтеппа | 893 |
| 2 | Ҳисор | 70 |
| 3 | Кӯлоб | 786 |
| 4 | Ғарм | 387 |
| | Ҷамъ | 2136 |

Солҳои 1925-1926 барои соҳаи кишоварзӣ-хоҷагидорӣ 4 маркази хоҷагидорӣ дар Душанбе, Кӯлоб, Ғарм ва Қурғонтеппа сохта шуд. Ҳар кадом аз ин шуъбаҳои хоҷагидорӣ вобаста ба мавзеҳои мазкур таҳқиқоти муайяни кор ва намудҳои пешрафти кишоварзиро ба вуҷуд меовард.

Дар солҳои 1927 муҳоҷиркунии аҳолии қишлоқҷойҳои кӯҳистон ба водиҳои фарох оғоз гардид. Дар соли 1927 -2725 , соли 1928 -4572 ва соли 1929 - 7980 хоҷагӣ ба водиҳо муҳоҷир гардиданд. Соли 1925-1926 дар вилоятҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм 6875 хоҷагиҳои фирориёни дар Афғонистон буда, баргардонида шуданд [12, с. 72].

Дар солҳои 1925-1926 дар вилояти Ғарм ва дигар минтақаҳо 40 ҳазор оилаҳои деҳқонон баргаштанд, ки аз ин шумора 25% деҳқонони баргашта, беҷойи зист ва ҳатто хӯрока низ надоштанд. Аз тарафи ҳукумат барои деҳқонон ба маблағи 1 миллиону 500 ҳазор рубл, барои хӯрока ва барқарории хоҷагӣ-300 ҳазор рубл, барои харидани маҳсулоти донагӣ 160 ҳазор рубл ёрдампулӣ дода шуд [9, с. 35].

Албатта, чунин ёрдампулиҳо ва дигар маблағгузориҳои ҳукуматӣ барои деҳқонони Тоҷикистон ва вилояти Ғарм хеле хушбахтиовар буд. Аммо, то соли 1929 бо сабабҳои номаълум чунин нишондоди маблағҳо ба Тоҷикистон ва вилояти Ғарм нарасид. Ҳамин тариқ, наздик ба 80% маҳсулотҳои деҳқонон тороҷ мешуданд [8, с. 81].

Давомдиҳандагони отряди зиддишӯравӣ бо сарварии Фузайл Махсуму Эшони Султон дар Қаротегину Дарвоз ва Иброҳимбек дар қисмати ҷанубу маркази ҷумҳурӣ вуҷуд доштанд. Ҳар кадоме аз ин дастаҳо барзидди Ҳокимияти Шӯравӣ дар давраи ҳассосӣ сохтмони ҷомеъаи нав мубориза мебурданд. А. Брискин менависад: “Дар ягон ҷойи Тоҷикистон хомӯшии тоҷикони коммунист дида намешуд. Барои мардум намоишҳои эътирозӣ конференсияҳо ва дигар чораҳои қатъи бар зидди ҳаракати босмачигарӣ гузаронида мешуд” [3, с. 49].

Моҳи марти соли 1929 дар вақти кишту кори баҳорӣ Фузайл Махсум ба воситаи Қалъаи Хумб аз Афғонистон гузашт. Дастаҳои Фузайл ба осони ба Ғарм расиданд. Дар баробари дастаҳои босмачигарӣ, инчунин мардуми маҳаллӣ низ дар пайдо намудани тарафдорони сохти нав (Ҳокимияти Шӯравӣ) ва фаъолони

ҳизбӣ буданд. Дастаҳои Иброҳимбек то ибтидои соли 1931 бо якҷоягии гурӯҳҳои ихтиёриёни маҳаллӣ мубориза худро давом доданд [11, с. 75-87].

Бештари мардумоне, ки дар водии Вахш зиндагӣ мекарданд, дар ибтидои солҳои 30-ум бо сабаби гирифтор шудан ба “тройка”, тарафдори босмачиён, душмани ҳизбию-халқӣ ва ғайра ба дарға шуданд.

То ғалабаи Инқилоби халқии Бухоро дар ҳудуди Аморати Бухоро шумораи заминҳо 700 000 десятинро (1 десятин= 1.04 гектар) ташкил медод, ки дар он 1000 нафар одамон кор мекарданд. Баъди ғалабаи инқилоби мазкур соли 1922 шумораи заминҳои корам 15 000 десятин кам гардид. Ин вазъият дар қисмати Бухорои Шарқӣ аз ҳама бадтар буд. Масалан, солҳои 1920-1924 ба Афғонистон 200 000 одам гуреза шуданд. Аз водии Вахш бошад, 3 500 хоҷагӣ аз 36 қишлоқ, 450 хоҷагӣ монд. Ҳудуди заминҳои корам дар водии Вахш то 73 % кам гардиданд [12, с. 148].

Инқилоби Бухоро баъди соли 1920 дигаргуниҳои зиёдеро дар сохтори иҷтимоии мамлакат ба вуҷуд овард. Пеш аз ҳама, солҳои 1920-1930 ба ихтиёри дастаҳои Аскарони Сурх гузаштани қисматҳои Бухорои Шарқӣ, гӯреза шудани аҳолӣ ба минтақаҳои кӯҳистон оғоз гардид. Дар натиҷа намояндагони гуногуни аҳолӣ: бой, мулло, кулак, деҳқон ва ғайра дар қисматҳои Бухорои Шарқӣ ба вуҷуд омаданд. Онҳо дар барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар қисматҳои Бухорои Шарқӣ зиддиятҳои шаддид нишон доданд.

Масъалаи муҳоҷиркунӣ ин сиёсати дурнамои Ҳокимияти Шӯравӣ буд. Ҳатто дар “ Декрет дар бораи замин” чунин гуфта шуда буд: “ Агар дар баъзе ҷойҳо захираи замин барои ҳамаи аҳолии маҳаллӣ кифоя накунад, дар он ҳолат қисми зиёдатии аҳолӣ муҳоҷир карда хоҳад шуд” [1, с. 75]. Ин сиёсат аз инкишофи барномавии иқтисодиётӣ сотсиалистӣ бар меомад. Дар барномаи иқтисодиёти сотсиалистӣ принсипи ба нақша гирифтани инкишофи хоҷагии халқ, ки дар он мебоист захираҳои меҳнатӣ самаранок истифода бурда шаванд, ба асос гирифта шуда буд. Дар рафти инкишофи ҷамъият, сохтмони саноативу иншоотҳои бузурги обёрикунӣ, неругоҳҳои барқӣ, шаҳру ноҳияҳо ва дигар объектҳо, қисми зиёди аҳолӣ ба заминҳои нокораму бекорхобида муҳоҷир карда шуданд. Ин намуди муҳоҷиратро муҳаққиқон “маҷбурӣ” номидаанд. Чунин ақидаро Д.И. Шинджикашвили ҷонибдорӣ намудааст. Ин ақида то ҷое муҳоҷирати маҷбуриро ифода намекунад. Масалан, дар ҷомеаи сотсиалистӣ муҳоҷирати маҷбурӣ амри воқеиро дошта сабабҳои объективиро доро буд. Ба чунин шакли муҳоҷират заминларзаҳои сахт, селу обхезӣ ва ғайра ҳисоб мешуданд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ чунин ҳодисаҳои мазкур тез-тез ба амал меомаданд.

Р. Абдулҳаев ақидаи муҳоҷирати “маҷбурӣ”- ро рад карда менависад: “... Чунки барои сохтани иншоотҳои мазкур, пеш аз ҳама нақшаи онҳо кашида, хароҷоти молиявиашон аниқ карда, сипас ба нақшаи умумидавлатӣ дохил карда мешуданд. Аз ин рӯ, давлат тамоми хароҷотҳои молиявии ба мавзеҳои нави муҳоҷират кӯчонидани аҳолии маскуни объекҳои сохташавандаро ба ҳисоб гирифта, ба нақшаи умумии пешакӣ дохил мекард... Бинобар ҳамин, ин тарзи муҳоҷиратро бечунучаро ба шакли муҳоҷирати пешакӣ банақшагирифташуда дохил намудан ба ҳаққиқат мувофиқ меояд” [1, с. 43].

Муҳоҷир гардидани одамон ба минтақаҳои кӯҳӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаби солҳои 20-ум ба шумор мерафт. Масалан, дар вилоятҳои Ғарм ва Кӯлоб қариб 6-9% оилаҳо, 30% заминҳоро ишғол менамуданд. Дар Ғарм бар сари деҳқон 0, 2 десятин замин рост меомад. Дар баъзе қишлоқҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ низ, чунин нишондод аз ин ҳам бадтар буд [12, с. 149].

Муҳоҷир гардонидани деҳқонони кӯҳӣ ба водиҳои фарох хусусиятҳои сиёсӣ ва иқтисодии зеринро доро буд:

- Дар водиҳо шароити мусоид буд, барои истифода намудани техникаҳои хоҷагидорӣ;
- Зичии аҳолӣ дар кӯҳистон зиёдтар буд;
- Кам сарф намудани қувваи дастии корӣ;
- Аз ҷиҳати сиёсӣ ҳаракатҳои зиддишӯравӣ аз байн бурда мешуданд;
- Идоракунии аҳолӣ дар водиҳо дар як низоми муайян буд.

Бухорои Шарқӣ дар миёни кӯҳҳо ва дарёҳои пуртуғён иҳота гардида буд. Сарзаминҳои кӯҳистон (Ғарм, Дарвоз, Кӯлоб, Сталинобод ва ғайра) дар давраи барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ мустақилият ва озодии хешро нигоҳ дошта, дастаҳои зиддишӯравиро таъсис намуданд. Инчунин, пешвоёни маҳаллӣ, русҳо ва тарафдорони сохти шӯравиро дар байни мардум бо ҳаргуна мақолу фатвоён бад нишон медоданд. Аммо, то ҷое чунин ҳам буд.

Мувофиқи съезди 1-уми советҳои ИҶШС соли 1926 муҳорҷиркунии хоҷагиҳои кӯҳӣ ба водиҳо масъалагузорӣ гардид. Муҳоҷиркунӣ давра ба давра гузаронида шуда, солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ давом ёфтааст.

Р. Абдулҳаев ва Ҳ. Дӯстов нақши Н.Махсумро доир ба ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ чунин ёдовар кардаанд: “ Нусратулло Махсум муҳоҷирати кишоварзии кӯҳистониёни тоҷикро аз саркӯбии зиддиинқилоб ва бозовардани фирориёни ҷалои ватан карда, камтар намедонист. Тамоми маърӯзаю музокирот ва мақолаю навиштаҷоти расмии ӯ, ҳамаи сӯҳбат ва вохӯриҳои гарму ҷӯшонаш бо аҳли заҳмат, ҷараёни кору пайкораш ин андешаи моро сад дар сад тасдиқ менамоянд” [9, с. 385-386].

Дар солҳои 1925-1926 чун таҷрибаи нахустин 460 хоҷагии деҳқонии вилояти Ғарм ба заминҳои навкорами водии Вахши вилояти Қурғонтеппа муҳоҷир карда шуданд. Ин раванди муҳоҷиркунӣ то андозае муваффақиятҳои қадами аввалияро нишон дод.

Дар съезди 2-юми советҳо моҳи апрели соли 1929 қатъиян дарҷ гардид, ки бо мӯҳлати 5 –сол аҳолии қишлоқҳои кӯҳӣ ба водиҳо махсусан, водии Вахш муҳоҷир карда шаванд [12, с. 154]. Бояд қайд кард, ки аз сабаби нодурурст ба роҳ мондани ин маърака ва мушкилиҳои дар ҷойҳои нав пеш омада, соли 1929, 2-ҳазор хоҷагии ба Қурғонтеппа аз Ғарм муҳоҷир намуда, ҳазор хоҷагӣ ба ҷойҳои авлодии худ баргаштанд. Чунин мисолҳо аз дигар ноҳияҳо низ ба назар мерасиданд [10, с. 63]. Аммо, моҳи ноябри соли 1932 бо омадани касалиҳои сироятӣ ва фавти зиёди аҳолӣ муҳоҷиркунии бештари одамон ба таъхир монд.

Барои ба заминҳои нав баргардонидани муҳоҷирон, муҳайё кардани шароитҳои онҳо ҳизби коммунист ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба мақомоти ҳизбиву давлатии маҳаллӣ амр мекарданд. Масалан, 19-уми феврали соли 1931 КМ ҲК (б) Тоҷикистон ба кумитаҳои ҳизбии ноҳиявӣ ва раисони комиҷроияҳо барои ҳалли

таъҷилии масъала бо телогром муроҷиат карданд: " Бо мақсади ҳар чи тезонидани суръати ба ноҳияҳои пахтакор баргаштани муҳоҷирон якум, дар мӯҳлати се рӯз ба дасти муҳоҷироне, ки аз ноҳияҳои пахтакор рафтаанд, даъватнома дода, талаб карда шавад, ки фавран ба ҷойҳои муҳоҷиршудаашон баргарданд, дувум, ҳар як муҳоҷири собиқ шахсан огоҳ карда шавад, ки дар сурати ба ноҳияҳои пахтакор барнагаштан мувофиқи қарори ҳукумат аз заминҳои ҷудокардашуда маҳрум мегардад ва ниҳоят дар мӯҳлати се рӯз он шахсони ашадие, ки дар байни мардум зидди муҳоҷиршавӣ ташвиқу тарғиб мебаранд, дастгир шуда, ба ҷавобгарии судӣ кашида шаванд" [1, с. 97].

Аз ҳуҷҷати мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки дар баъзе ҳолатҳо принсипи муҳоҷиршавии ихтиёрӣ вайрон карда мешуд.

Моҳи феврали соли 1931-ум Анҷумани IV шӯроҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки яке аз масъалаҳои асосии мавриди муҳокима, масъалаи муҳоҷиркунӣ ба ҳисоб мерафт. Дар маърӯзаҳои ШКХ ва КИМ ҷумҳурӣ А.Ҳоҷибоев ва Н.Махсум ва дигар намояндагони маҳалҳо паҳлӯҳои манфӣ ва мусбати ҷараёни муҳоҷиркунии аҳолии кӯҳистонро ба водиҳои фарох ҳаматарафа таҳлил карда шуданд. Таҳлилҳои намояндагони ҳизбӣ ба хулосае меоварад, ки роҳбарони ҷумҳурӣ камбудиҳои мавҷудаи соҳаи муҳоҷиркуниро ба гардани коркунони маҳаллӣ мезаданд ва намояндагони маҳалҳо бошанд, аз мақомоти болоӣ гиламанд будаанд, ки дар мӯҳлати муайян барои сари вақт ёрии лозима расонидан онҳо деҳқононро ба маконҳои лозима ҷойгир карда наметавонанд [1, с. 146]. Масалан, Н. Махсум дар баромади хеш изҳор намуд, ки яке аз норасогиҳои муҳоҷиркунӣ, аз ҷониби намояндагони ҳукумати маҳаллӣ-ноҳиявӣ сари вақт ҷо ба ҷо кардани муҳоҷирон ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳодисаҳои ба макони пештараи хеш баргаштани муҳочирон дида мешавад. Инчунин, ӯ изҳор намуд, ки агар то ин дам муҳоҷиркунӣ аз минтақаҳои кӯҳии Дарвозу Қаротегин сурат гирифта бошад, сиёсати ҳукумат минбаъд ба васеъ кардани ҷуғрофиёи муҳоҷиркунӣ равона карда хоҳад шуд [1, с. 146].

Дар Анҷумани мазкур Комиссари халқии зироат Ниёзов ва дигар намояндагони маҳаллҳо доир ба масъалаи ҷо ба ҷо гузории сари вақтии муҳоҷирон ва дигар камбудиҳои ҷойдошта, баромадҳо намуданд.

Намояндаи округи Ғарм Холназар Хошмуҳаммадзода арз кард, ки нисбати муҳоҷирони Қаротегин дар водии Вахш ташкилотҳои болоиву маҳаллӣ беэътиноӣ зоҳир менамоянд, ки ин ба натиҷаҳои манфӣ оварда мерасонад. Х. Холназар иброз дошт, ки муҳоҷирон борҳо барои ба макони нав кӯчонидани оилаҳояшон ба мақомоти дахлдор бо хоҳишу илтимос муроҷиат кардаанд, аммо то ҳол ягон натиҷаи мусбат ба назар намерасад [1, с. 147].

Маъракаи муҳоҷиркунии деҳқонон ба заминҳои бекорхобидаву навкорам ба мисли пештара дар округи Ғарм нисбатан муташакил мегузашт. Масъалаи мазкурро шахсан худи раиси КИМ Тоҷикистон Нусратулло Махсум назорат мекард. Аввали моҳи марти соли 1931 аз ноҳияҳои Ғарму Ҳоит, Ҷиргатолу Тавилдараи округи Ғарм 500 хоҷагии деҳқонон ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд, ки ин 170% нақшаи ҷумҳурӣ ва 125% нақшаи округро ташкил медод. Аз байни ноҳияҳо аз ҳама бештар аз ноҳияи Ғарм, яъне 210 хоҷагиҳои деҳқонон муҳоҷир карда шуда буданд [1, с. 148]. Дар ҳамин давра ҷараёни аз мамлакатҳои

хориҷа омадани фироriён давом мекард. Омадани фироriён ба Ватан дар давраи мазкур ба хоҷагиҳои нав муҳоҷиргардида, барои ҷо ба ҷо кардани онҳо мушкилиҳо меоварданд.

Яке аз чорабинии бузург дар назди ҳукумати ҳамонвақтаи ҶШС Тоҷикистон, ин сохтмонҳои ирригатсионӣ-милиоративии водии Вахш ба шумор мерафт. Дар қатори оилаҳои муҳоҷирон, инчунин комунистону комсомолон ба водии Вахш фиристода мешуданд. Масалан, моҳи феврали соли 1931 100 нафар комунистҳо ва 500 нафар комсомолон ба водии Вахш фиристода шудаанд [1, с. 158].

Моҳи июни соли 1931 Котиботи КМ ҲК (б) Тоҷикистон масъалаи "Дар бораи бо қувваи корӣ таъмин кардани сохтмони Вахш"-ро мавриди муҳокима қарор дода, изҳор намуд, ки дар ин иншоот ба ҷойи 4-ҳазор одамон ҳамагӣ 1200 нафар одамон кор мекунаду халос. Бинобар ин КМ бо мақсади сари вақт бо қувваи корӣ таъмин кардани сохтмони Вахш қарор қабул кард [6, с. 64-65]. Мувофиқи қарори мазкур талаб карда мешуд, ки аз ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон аз ҳисоби деҳқонон, косибон ва батракҳо ба водии Вахш қувваи корӣ сафарбар карда шавад. Инчунин, мувофиқи қарори мазкур котибони маҳалҳо вазифадор гардиданд, ки коргарони заминкову беихтисос аз ноҳияи Хуҷанд-700, Конибодом-500, Исфара-400, Ашт-100 кас сафарбар карда шаванд. Ғайр аз ин, аз котиби ҳизбии Хуҷанд талаб карда мешуд, ки 200 нафар коргарони касбӣ, аз ҷумла устоҳои гилкор, дуредгар ва дигар мутахассисонро фиристанд [1, с. 158]. Ҳамин тариқ, ба ҳамаи ин чорабиниҳо нигоҳ накарда дар сохтмони водии Вахш нарасидани қувваи корӣ ҳис карда мешуд. Масалъаи муҳоҷиркунӣ дар ин давра хеле мураккаб гардид. Бюрои КИМ ҲК (б) тобистони соли 1931 қарор дар бораи фиристонидани боз 4-ҳазор нафар коргарон аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба водии Вахш пешниҳод намуд. Дар асоси қарори мазкур аз ноҳияҳои Ӯротеппа-400, Шаҳристон-500, Данғара-300, Ғарм-500, Файзобод-500, Тавилдара-600 ва Ҳоит-500 кас сафарбар карда мешуданд [6, с. 58]. Сохтмони ирригатсионӣ ва милиоративии водии Вахш азбаски аҳамияти умумииттиҳодӣ дошт, аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ Ӯзбекистон-1300, Туркманистон- 1000 ва Қирғизистон-700 кас фиристонида шуда буд. Аз шумораи мазкур 300 нафар коммунистон ва 600 нафар комсомолонро ташкил медоданд [6, с. 59].

Давраи дуюми муҳоҷиркунии аҳолии кӯҳистон ба охир расидани сохтмони канали Вахш рост омад. 16 ноябри соли 1932 қатъиян қарор "Доир ба муҳоҷиркунӣ ба водии Вахш" қабул карда шуд. Дар қарор чунин дарҷ гардида буд: "Дар соли 1933 коркарди заминҳои кишт ба 15 ҳазор гектар, шумораи муҳоҷирон то 5 ҳазор хоҷагӣ расонида шавад". Мувофиқи баъзе маълумотҳо шумораи муҳоҷирон 7 230 хоҷагӣ, аз шумораи мазкур 6 140 хоҷагӣ дар водии Вахшро ташкил медод. Дар дигар ноҳияҳо: Арал-1170, Қурғонтеппа-1400, Ҷиликӯл-1400 ва Қубодиён-2170 ҳоҷагиро ташкил дод [12, с. 155]. Хоҷагиҳои мазкур аз ноҳияҳои кӯҳии Уротеппа, Балҷувон, Ховалинг, Ҳисор, Ҳоит, Қалъаи Хумб, Конибодом ва Ашт буданд. Дар водии Вахш то соли 1937 шумораи ҳоҷагиҳои муҳоҷиршуда 20 ҳазор нафар ва то соли 1941 ба 48 ҳазор нафар расонида шуд.

Хулоса, раванди муҳоҷиркунӣ сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор рафта, мақсади асосии он азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи водии фарохи Вахш

буд. Гарчанде, дар ҷараёни муҳоҷиркунӣ каҷравиҳои зиёде аз тарафи кормандони ҳизбӣ ва мутассадиёни ин чорабинӣ вуҷуд дошт, аммо деҳқонон мақсади муҳоҷиркуниро фаҳмида фаъолияти баланди кории хешро нишон доданд.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н.Рашт**

**Адабиёт:**


1. Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000). [Матн] / Р. Абдулҳаев. – Душанбе, 2009. – 479 с.
2. Абдулҳаев Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми қарни XX [Матн] / Р. Абдулҳаев. – Душанбе, 2018. – 272 с.
3. Брискин А. Кишвари тоҷикон [Матн] / Р. Абдулҳаев. – М., 1930. – С. 49.
4. Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан. – Рашт, 2019. – 126 с.
5. Кошелева А.И., Васильев П.А. Тақсимоти маъмурию ҳудудии Тоҷикистон. (Очерки таърихй) [Матн] / А.И. Кошелева, П.А. Васильев. – Сталинобод, 1948.
6. Қурбонова Ш.И. Муҳоҷират: чӣ гуна рӯй дод? [Матн] / Ш.И. Қурбонова. – Душанбе, 1993. – С. 64-65.
7. Масов Р.М. Таърихнигории хоҷаги қишлоқи Ҷумҳури Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Масов. – Душанбе: “Дониш”, 1972. – 126 с.
8. Наврӯзов Ғ.Л. Таърихи ташкил ва рушди вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон (1921-1956) [Матн] / Ғ.Л. Наврӯзов. – Душанбе, 2017. – 182 с.
9. Хотамов Х., Мухаббатов М. Нусратулло Махсум дар бораи хаёт ва эчодиёти ӯ [Матн] / Х. Хотамов, М. Мухаббатов. – Душанбе, 1997. –С. 350.
10. Пирумшоев Ҳ. Бобоҷон Ғафуров ва ҳалли масъалаи муҳоҷирати дохилӣ. [Матн] / Ҳ. Пирумшоев // Мероси ниёгон. – Душанбе, 2018. – №20. – С. 61-64.
11. Саидов С.Ҷ. Рашти куҳандиёр (маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / С.Ҷ. Саидов. – Душанбе, 2023. – 249 с.
12. Ҳақназаров А., Ҳусайнов А., Мусоев А. Водии Вахш – гавҳари Иттиходи Шӯравӣ (1924-1991) [Матн] / А. Ҳақназаров, А. Ҳусайнов, А. Мусоев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 312 с.


**Literature:**


1. Abdulhaev R. History of migration in Tajikistan (1924-2000). [Text] / R. Abdulhaev. – Dushanbe, 2009. – 479 p.
2. Abdulhaev R. From the history of Tajik refugees in the 20s-90s of the XX century [Text] / R. Abdulhaev. – Dushanbe, 2018. – 272 p.
3. Briskin A. The country of the Tajiks [Text] / R. Abdulhaev. – M., 1930. – P. 49.
4. Printers in history: a new look at old events. – Rasht, 2019. – 126 p.
5. Kosheleva A.I., Vasiliev P.A. Administrative and territorial division of Tajikistan. (Historical essay) [Text] / A.I. Kosheleva, P.A. Vasiliev. –Stalinobod, 1948.
6. Kurbonova Sh.I. Migration: how did it happen? [Text] / Sh.I. Kurbonova. – Dushanbe, 1993. – P. 64-65.

7. Masov R.M. Historiography of the rural economy of the Tajik Socialist Republic [Text] / R.M. Masov. – Dushanbe: "Donish", 1972. – 126 p.
8. Navruzov G.L. History of the organization and development of the Gharm region of the Tajik SSR (1921-1956) [Text] / G.L. Navruzov. – Dushanbe, 2017. – 182 p.
9. Khotamov Kh., Mukhabbatov M. Nusratullo Makhsum about his life and work [Text] / Kh. Khotamov, M. Mukhabbatov. – Dushanbe, 1997. –P. 350.
10. Pirumshoev H. Bobojon Gafurov and the solution to the problem of internal migration. [Text] / H. Pirumshoev // Heritage of Ancestors. – Dushanbe, 2018. – No. 20. – P. 61-64.
11. Saidov S.J. Rashti kuhandiyor (collection of articles) [Text] / S.J. Saidov. – Dushanbe, 2023. – 249 p.
12. Haknazarov A., Husaynov A., Musoev A. Vakhsh Valley - the jewel of the Soviet Union (1924-1991) [Text] / A. Haknazarov, A. Husaynov, A. Musoev. – Dushanbe: Irfon, 2016. – 312 p.

## ЗАМИНАҲОИ МУҲОҶИРКУНИИ ДЕҲҚОНОНИ ВИЛОЯТИ ҒАРМ БА ВОДИИ ВАХШ

Муаллифон дар мақолаи мазкур доир ба раванди муҳоҷиркунӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX сабаб, мақсад, дурнамо ва монеаҳои муҳоҷиркунӣ маълумот додааст. Муҳоҷиркунӣ яке аз низоми нақшавии Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалисти Тоҷикистон ба шумор рафта, давра ба давра гузаронида мешуд. Мақсади асосии муҳоҷиркунии деҳқонони баландкуҳ ба заминҳои ҳамвори водии Вахш, азхудкардани заминҳои нав ва пешрафти истеҳсолоту иқтисодиёти кишвар буд. Аз сабаби кам будани шумораи заминҳои корам дар вилояти Ғарм (Рашт) деҳқонон бештар аз ин минтақа муҳоҷир гардиданд. Дар қатори деҳқонони вилояти Ғарм, инчунин аз Масчоҳи куҳӣ ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон низ муҳоҷир гардида буданд. Хулоса, раванди муҳоҷиркунӣ сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор рафта, мақсади асосии он азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи водии фарохи Вахш буд. Гарчанде, дар ҷараёни муҳоҷиркунӣ каҷравиҳои зиёде аз тарафи кормандони ҳизбӣ ва мутассадиёни ин чорабинӣ вуҷуд дошт, аммо деҳқонон мақсади муҳоҷиркуниро фаҳмида фаъолияти баланди кории хешро нишон доданд.

**Калидвожаҳо:** Инқилоби Октябр, Ғарм, босмачигарӣ, водии Вахш, деҳқонон, хоҷагидорӣ, Сталинобод, Қурғонтеппа, Шаҳритус, Қубодиён.

## ОСНОВАНИЯ КРЕСТЬЯНСКОЙ МИГРАЦИИ ГАРМСКОМ ОБЛАСТЕ В ВАХШСКОМ ДАЛИНЕ

В данной статье авторы предоставили информацию о миграционном процессе в 20-30-е годы XX века, причинах, целях, перспективах и препятствиях миграции. Миграция была одной из плановых систем Советского Союза, особенно Советской Социалистической Республики Таджикистан, и осуществлялась периодически. Основной целью миграции горских земледельцев на равнинные земли Вахшской долины было освоение новых земель и развитие производства и экономики страны. Из-за небольшого количества пахотных земель в Гармском (Раштском) районе из этого региона мигрировало больше фермеров. Среди фермеров Гармского района они также мигрировали из

горного Масчоха и Горно-Бадахшанской автономной области. В заключение можно сказать, что процесс переселения считался политикой Советского Союза, и его основной целью было освоение заброшенных земель Фарах-Вахшской долины. Хотя в процессе переселения было немало отклонений со стороны партийных работников и чиновников от мероприятия, крестьяне поняли цель переселения и проявили свою высокую трудовую активность.

**Ключевые слова:** Октябрьская революция, Гарм, босмочество, Вахшской долины, крестянь, сельское хозяйство, Сталинабад, Кургантеппа, Шахритус, Кабадиан.

## GROUNDS OF PEASANT MIGRATION IN THE GARM REGION IN THE VAKHSH DALIN

In this article, the authors provided information about the migration process in the 20-30 s of the 20 th century, the reasons, goals, prospects and obstacles of migration. Migration was one of the planned systems of the Soviet Union, especially the Soviet Socialist Republic of Tajikistan, and was carried out periodically. The main purpose of the migration of mountain farmers to the flat lands of the Vakhsh Valley was the development of new lands and the development of production and the country's economy. Due to the small amount of arable land in the Gharm (Rasht) region, more farmers migrated from the region. Among the farmers of the Garm region, they also migrated from the mountainous Maschokh and the Gorno-Badakhshan Autonomous Region. In conclusion, it can be said that the process of resettlement was considered a policy of the Soviet Union, and its main goal was the development of abandoned lands of the Farah-Vakhsh Valley. Although there were many deviations from the event by party workers and officials during the process of resettlement, the peasants understood the purpose of resettlement and showed their high labor activity.

**Key words**: October Revolution, Garm, godliness, Vakhsh Valley, peasant, Agriculture, Stalinabad, Kurganteppa, Shahritus, Kabadian.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905180033.

**Абдурасулов Исматулло Саъдуллоҷонович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988779393.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905180033.

**Абдурасулов Исматулло Садуллоджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант 2-го курса истории. Адрес: 734025,

Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988779393.

**About the authors: Sharifova Maknuna Qarchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 905180033.

**Abdurasulov Ismatullo Sadullojonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year history master's student. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 988779393.

**ТДУ: 930.85.17.023.36**

## НАҚШИ АХЛОҚ ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ

**Одинаев Б.А., Ҳикматов С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ахлоқ падидаи таърихию ҷамъиятие мебошад, ки нақши он дар тамоми давраи таърихӣ мусбӣ арзёбӣ гаштааст. Ахлоқ калимаи арабӣ буда, маънояш рафтору кирдор, хӯ, хулқу атвор, сират, хислат, табъ ва ғ. мебошад. Қоидаи ахлоқ: хислатҳои рӯҳиву маънавӣ ва фарҳангии пазируфта миёни мардум ва риояи онҳо аз тарафи ҳар як фарди ҷамъият. Илми ахлоқ як соҳаи илми фалсафа (фалсафаи амалӣ) [4 с. 11] буда, ба омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ахлоқ машғӯл аст. Фалсафаи ахлоқ ҳаракату тағйирот ва таназзулу болоравии ахлоқро дар ҷомеа меомӯзад. Файласуфони муосир аз комёбиҳои ахлоқии давраи атиқа, асрҳои миёна ва давраи нав хулосабарорӣ намуда, ахлоқро ҳамчун инъикоси муносибати байниинсонӣ ва омили махсуси пойдорию такомули маънавии афроди ҷомеа мешуморанд. Кулли масъалаҳои ахлоқиро ахлоқиёт меноманд. Ахлоқ арзишҳои умумиинсонии маънавӣ, меъёрҳои рафтору атвори одамон ва муносибати мутақобилаи онҳоро инъикос намуда, дар иҷрои меъёрҳояш ба афкори умум такя мекунад. Ахлоқе, ки ба талаботи тараққиёти иҷтимоӣ мувофиқ аст ва пайваста инкишофи таърихро метезонад, ахлоқи ҳақиқӣ ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки аксари мутафаккирон ахлоқро муъҷизаи олии маънавӣ гуфтаанд. Илми ахлоқ ба унвони фалсафаи амалӣ дар сайри таърихии худ марҳилаҳои инкишофи давраҳои гуногунро аз сар гузаронида, ба ҳаёти ҷомеа ҳамеша таъсири мусбӣ расонидааст. «Ахлоқ нахустин шакли шуури ҷамъиятӣ буда, дар он таҳкурсии тамоми шаклҳои дигари ҷамъиятӣ ва самти рушди онҳо муайян гардидааст. Масалан, агар категорияҳои ахлоқӣ – некӣ, бадӣ, шараф, бешарафӣ, номус, беномусӣ, адолат, беадолатӣ барин мафҳумҳо дар сиёсат, ҳуқуқ, илм, дин, санъат ба таври худ баҳо дода шаванд ҳам, бо вуҷуди ин ҳамон маъноеро медиҳанд, ки дар ахлоқ таҷассум ёфтааст» [11 с. 158] Мутафаккирони машшоия илми ахлоқро қисми муҳимтарини фалсафаи амалӣ шуморида, онро ҳикмати хулқия, тибби рӯҳонӣ ва таҳзиби ахлоқ (ислоҳи ахлоқ) низ гуфтаанд. Ба андешаи машшоиён инсон аз овони хурдӣ ниёзманди тарбияи

ахлоқист, зеро ахлоқ фитрӣ не, балки иктисобист ва тавассути таълиму тарбия ба даст омада ташаккул меёбад. Зеро дониш қувва аст ва қувва дар дониш аст. Инсон ба воситаи донишандӯзӣ маънавиёташро қавӣ намуда, худ қавиирода мегардад. Ба андешаи Х.Ш. Имомов: «Танҳо қувваи дохилӣ, рӯҳонӣ ва ҳаётбахшандаи меҳнат сарчашмаи шаъну шараф ва ахлоқу хушбахтии инсон аст» [3 с. 31-36]. Инсон дар рафтору кирдораш мухтор ва масъул мебошад. Насируддини Тӯсӣ низ назарияи фитрӣ будани ахлоқро рад намуда, қайд мекунад, ки он бо таъсири муҳит ва таълиму тарбия тағйир меёбад. Ӯ инсонро дар содир кардани чи афъоли нек ва чи бад соҳибихтиёр дониста, инсонҳоро барои кирдорашон масъул мешуморад [12 с. 29]. Намояндаи дигари машшоия – Ибни Сино чун дигар ҳаммаслакоти худ дар мавриди ахлоқ дидгоҳи идеалистӣ дошта, онро махсуси зиндагии инсон медонад: «Зиндагии одамӣ бо одоби ҳасана ва ахлоқи карима, ки мӯҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебу зинати одамӣ аст, мувофиқу мунтабиқ гардидааст» [1 с. 19]. Дар таълимоти фалсафии тасаввуф бошад идроку идораи қувваҳои ботинии инсон, ислоҳу тарбияи ӯ, ташаккули инсони комил ва дигар ҷиҳатҳои муҳимми илми ахлоқ дар мадди аввал истодаанд. Аҳли тасаввуф ба ахлоқи футувват низ таваҷҷуҳ намудаанд, ки асосашро се усули зерин ташкил медиҳад:

1. Вафо ба аҳду паймон;
2. Ростию дурусткорӣ;
3. Далерию мардонагӣ.

Носири Хусрав роҷеъ ба масъалаҳои ахлоқӣ як силсила фикрҳои бикру ноб баён кардааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, хулқи баду нек ба нафс алоқаманд мебошад. Агар бадиву зиштӣ аз нодонию оҷизӣ ба миён ояд, пас накӯиву хайрот аз покизагии хулқи инсон бармеояд. Аз ин рӯ, ақл меъёри асосии ахлоқ аст [12 с. 39].

Панду ҳикмат ва тарбияи ахлоқӣ яке аз мавзуъҳои калидии мутафаккирони моро ташкил медиҳад. Дар ин замина файласуфони зерин асарҳои ахлоқӣ таълиф намудаанд:

1. Ибни Мискафайҳ (932-1030) «Ҷовидонхирад» ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ»,
2. Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111) «Ахлоқ-ул-анвор»,
3. Насируддини Тӯсӣ (1201-1274) (соли 1235) «Ахлоқи носирӣ»,
4. Ҳусай Воизи Кошифӣ (1420-1505) (соли 1500) «Ахлоқи муҳсинӣ»,
5. Ҷалолуддини Давонӣ (1427-1503) (соли 1475) «Ахлоқи ҷалолӣ» ва ғ.

Дар ин китобҳо марҳалаҳои гуногуни таҷрибаи ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, ки ояндаи ҷомеаро муайян менамояд, бо далелҳои муътамад ва исбот расидаанд [9 с. 84]. Зеро, дар рӯҳияи ахлоқи хуб тарбия намудани ҷавонон мавқеи онҳоро муайян менамояд, фаъолияти сиёсӣ ва меҳнатиашонро инкишоф медиҳад [10 с. 30]. Агар таърихро варақ бизанем, мебинем, ки модарони бузург ва накукор бо таваҷҷуҳоташон тавонистаанд фарзандонро баҳри ҷомеа бо тарбияи хуби иҷтимоӣ-ахлоқӣ бузург намоянд [7, с. 84-92]

Ибни Мискавайҳ, ки ҳамзамони Ибни Сино буд, масъалаҳои ахлоқро мавриди баррасии хос қарор дода, ба ин васила чун муассиси ҳикмати ахлоқии Шарқи исломӣ шӯҳрат ёфтааст. Мутафаккирони минбаъда, чун Насируддини

Тусӣ ва Ҷалолуддини Давонӣ аз осори ӯ баҳраҳои зиёд бардошта, дар зери таъсири ӯ ҳикмати ахлоқро рушду такомул додаанд.

Дар ҳаёти инсонӣ инчунин ба ду вожаи дигар низ таваҷҷуҳ дода мешавад, ки мустақиман бо масоили ахлоқӣ алоқаманд мебошанд – сурат ва сират.

Сират ба маънои зебоии ботинӣ ва сурат ба маънои зебоии зоҳирӣ истифода мешаванд. Аксаран ин ду вожа бо ҳам муқобил гузошта шуда, ҳадафи ниҳоӣ бо ҳам мувофиқат намудани онҳо мебошад. Агар сирати некӯ (хушахлоқӣ) ва сурати зебои зоҳирӣ бо ҳам мувофиқат намоянд, онгоҳ шахс ба дараҷаи камолот мерасад. Вале, номувофиқатии онҳо боиси тағйир ёфтани муносибат гашта, нуфуз ва обрӯйи шахсро комилан аз байн мебарад. Намунаи он дар «Гулистон»-и Саъдӣ ба касрат дида мешавад.

На ҳар ки ба сурат некӯст, сирати зебо дар ӯст.

*****

Сурати зебои зоҳир ҳеҷ нест,
Эй бародар, сирати зебо биёр! (Саъдӣ Шерозӣ)

Саъдӣ Шерозӣ мувофиқатии сурат ва сиратро пеш аз ҳама дар мувофиқатии гуфтор ва кирдор мебинад:

Гар онҳо, ки мегуфтаме кардаме,
Некусирату порсо мурдаме.

Вожаҳои дигаре, ки ишортан ба некхислатӣ, хушхулқӣ, соҳиби беҳтарин хислатҳои инсонӣ будан, инсондӯстӣ ва ғ. далолат мекунанд – Одамгарӣ, Одамсиратӣ, Одамият мебошанд.

Ҳар, он ки гузашт зи раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш одамӣ. (Фирдавсӣ)

*****

На ҳар одамизода аз дад беҳ аст,
Ки дад з-одамизодаи бад беҳ аст. (Саъдӣ)

*****

Одамиро одамият лозим аст,
Уд агар бӯяш набошад ҳезум аст.

Ахлоқ ду навъ мешавад – ахлоқи ҳамида (сутуда, хуб, қобили қабул, нек) ва ахлоқи разила (манфур, зишт, бад, ғайри қобили қабул). Саъдӣ дар «Гулистон»-и худ анвои ахлоқро ба ибораи дигар – а) макорими ахлоқ, б) замоими ахлоқ зикр намудааст, ки ифодагари ахлоқи нек ва бад мебошанд:

Аз суҳбати дӯсте ба ранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.
Ку душмани шӯхчашми нопок,
То айби маро ба ман намояд. (Саъдӣ)

Ба назар мерасад, ки феъли ахлоқӣ, сифати ахлоқӣ ва андешаи ахлоқӣ эҳтиёҷе ба таъриф надоранд, зеро ахлоқ мафҳумест, ки дар забони ҳамаи мардуми дунё бо калимаҳои гуногун мечархад. Пас ҳама ахлоқ ва зидди ахлоқро мешиносанд. Бо вуҷуди ин, ягона падидае, ки атрофи он бинишҳо ва нуқтаи назарҳо гуногунанд ахлоқ мебошад. Зеро ахлоқ ифодагари ҷаҳонбинӣ аст ва ҷаҳонбинии ҳар давраи таърихӣ баёнгари ахлоқи он аст. Ҳар ҷомеа ахлоқи ба худ хос дорад. Ахлоқи динҳо низ аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, ахлоқи мусулмонӣ, ахлоқи яҳудия, ахлоқи насрония, ахлоқи зардуштия, ахлоқи буддоия

ва ғ. аз ҳамдигар фарқ доранд. Яъне метавонад ягон амал аз нигоҳи як идеология «ахлоқи хуб» ва аз нигоҳи дигар идеология «ахлоқи бад» бошад [8, с. 64-72]. Гуфтан мумкин аст, ки ахлоқ ба монанди қолабест, ки меёърҳои рафтор ва ҷаҳонбиниҳо ба он мувофиқ карда мешаванд. Инчунин, ахлоқ аз тарафи файласуфон ва мутафаккирон низ ба тариқи гуногун шарҳ дода шудааст.

Афъоли инсонро роҷеъ ба ҳадафашон ба ду қисмат тақсим намудаанд – феъли табиӣ (оддӣ) ва феъли ахлоқӣ:

**- Феъли табиӣ (оддӣ).** Бештари амалҳои инсон амали табиию оддианд, на ахлоқӣ. Масалан, инсон аз ҷое ба ҷое ҳаракат мекунад, эҳсоси гуруснагӣ мекунад ва барои рафъи он хурок истеъмол мекунад, эҳсоси ташнагӣ мекунад ва об менӯшад, хаста мешавад истироҳат мекунад, бемор мешавад ба табиб муроҷиат мекунад ва ғ. Чунин афъолро афъоли табиӣ меноманд, зеро табиати инсон инро талаб мекунад. Иҷрои ҳар коре аз тарафи инсон, ки мақсадаш ба даст овардани суди шахсӣ ва рафъи зиён аз худ бошад, кори оддӣ ва табиӣ аст. Бояд гуфт, ки корҳои табиии инсон дар сатҳи корҳои ҳайвонӣ қарор доранд, зеро инсон бо феъли ахлоқӣ аз ҳайвон фарқ мекунад на бо феълӣ табиӣ, чунки феълу рафтори ҳайвон низ табиӣ аст. Табиати ҳайвон низ чунин афъолро талаб мекунад. Аз тарафи дигар инсон ҳеҷгоҳ бо иҷрои афъоли табиӣ таҳсину офарин намешунавад. Намегӯянд, ки офарин, фалонӣ гушна шуд хӯрок хурд, офарин ташна шуд об нӯшид, офарин хаста шуд хобид ва ғ. Е баръакс нафрин (ноофарин) низ намешунавад.

**- Феъли ахлоқӣ (олӣ).** Аввалин хусусияти феъли ахлоқӣ ин аст, ки сазовори ситоиш, офарин ва таҳсин аст. Амалест, ки ҳар кас иҷрои онро бубинад ё бишнавад ба соҳиби он офарин мегӯяд [6]. Яъне, феъли ахлоқӣ амалест, ки инсон аз тавоноии худ, вақти худ, ҳунари худ дигаронро низ бархӯрдор месозад. Манфиати дигаронро аз манфиати худ муқаддам мешуморад. Бояд гуфт, ки дар марказ ва меҳвари феъли ахлоқӣ мафҳумҳои «мо» ва «шумо» аст. Дар маркази феъли табиӣ бошад мафҳуми «ман» қарор дорад.

Ман ман шавам, ту ту шавӣ,
На ман шавам, на ту шавӣ.
Ма ту шавам, та ман шавӣ,
Ҳам ман шавам, ҳам ту шавӣ.

Категорияҳои фалсафаи ахлоқ хело зиёданд, ки мафҳумҳои зетин намунае аз онҳоанд:

**1) Виҷдон** (ар. ёфтан, дарёфтан) – қобилияти инсон барои назорат ва баҳодиҳӣ ба одобу рафтор ва аъмоли худ. Ҳисси ботинӣ барои муҷаррар кардани меъёрҳои ахлоқи фардӣ ва ташхиси дуруст аз нодуруст. Касе, ки ғайрбинии дигаронро сутуда, худбинии онҳоро мазаммат мекунад, беихтиёр нисбат ба рафторҳои худ низ аз ҳамин мавқеъ баҳо медиҳад. Инсони бо виҷдон аз рафторҳои наҷибу шоистаи худ эҳсоси қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон барои худкомагии хеш дар хиҷолат меафтаду пушаймон мешавад. Сенека *(Луций Анней Сенека, 4 т.м.-65 м. – файласуфи Рими қадим)* виҷдони покро ба ҳайси қаноатмандӣ аз корҳои писандида ва азоби виҷдониро ба ҳайси ҷазо барои рафторҳои ношоиста ишора намудааст. Демокрит *(Демокрит Абдерский, 460-370 т.м. – файласуфи Юнони қадим)* виҷдонро сифати фитрии инсон ва меъёри олии

рафтори ӯ медонист. И. Кант *(1724-1804 – файласуфи немис)* виҷдонро довари ботинӣ хондааст, ки он сифати фитрии инсон буда, аз ҷониби ӯ касб нашудааст. Аз нигоҳи Кант доварии виҷдон бечунучаро эътимоднок буда, хатои виҷдон номумкин аст. Дарвин *(Чарлз Роберт Дарвин, 1809-1882 – файласуф-биологи Англия)* пайдоиши азоби виҷдонро чунин тасвир мекунад, ки дар ботини мо ҳисси ғамхорӣ мавҷуд аст. Агар мо ба сабаби худхоҳӣ он ҳисро пайгирӣ нанамоем, масалан, ба наздиконамон дар фалокати ба сарашон омада мадад нарасонем, пас, минбаъд вақте мо он фалокатро тасаввур мекунем андешаи ёрирасонӣ ба онҳо дубора пайдо мешавад ва анҷом надодани он дар мо эҳсоси дардноки азоби виҷдонро ба вуҷуд меоварад. Аз нигоҳи Менгер *(Карл Менгер, 1840-1921 – файласуф-экономисти Австрия)* виҷдон ҳисси фитриест, ки дар заминаи шарм пайдо мешавад ва бо он тавъам (ҳамзод, дугона, ҳамроҳ, якҷоя, ҷуфт) аст. Он бо синну сол таҳаввул наёфта, баъди вориди ҷомеа гаштани инсон низ дигаргун намешавад. Аммо муносибатҳои ҷамъиятӣ ба хирад таъсир расонида, ба шахс имкон медиҳанд, ки виҷдонро пинҳон дорад. Виҷдон доимо аз худ хабар дода, касро азоб медиҳад. Менгер виҷдонро ягона меъёри дурусти қабули қарорҳо арзёбӣ кардааст. Ӯ гуфтааст: «Дар оянда ҷомеа бояд ногузир насли наврасро чунон тарбия намояд, ки виҷдон қонуни асосии хирад бошад. Дар акси ҳол, ба ҷомеае, ки дар он нисбати виҷдон беэътиноӣ карда мешавад, ҳалокат таҳдид менамояд» [2]. Ба ақидаи З. Фрейд *(1856-1939 – файласуф-психологи Австрия)* виҷдон рафтору пиндорҳои инсонро назорат карда, дар бораи онҳо ҳукм мебарорад ва роли нозир (сензор)-ро адо мекунад. Аз нигоҳи идеологҳои исломӣ виҷдон баробар бо «нафси лаввома» (нафси маломаткунанда – Қуръон: 75:2) буда, шахсро пас аз анҷом додани кору рафтори нодуруст сарзаниш мекунад.

**2) Номӯс** (обрӯ, иззат, шараф, покӣ, нанг, ор, иффат) – ифодагари ғайрати инсонӣ буда, дар ҷомеаҳои суннатӣ ва фарҳангӣ осиёӣ махсусан минтақаҳои Ховари Миёна ҳифозат аз номус (аъзои хонавода, ҷинси муқобил) ифтихор ба шумор меравад.

**3) Хиёнат** – бевафоӣ, норостӣ, макру фиреб, аҳдшиканӣ, мол ё чизи барои нигоҳдорӣ гузошташударо дуруст нигоҳ надоштан. Мафҳуми хиёнат бо категорияҳои «хиёнатгар», «хиёнатгарӣ», «хиёнатгарона», «хиёнаткор», «хиёнаткорона», «хиёнатпеша» ва ғ. низ ифода меёбад.

Наям ҷуз мурғи обу донаи ӯ,
**Хиёнат** чун кунам дар хонаи ӯ. (А. Ҷомӣ)

**4) Шараф** (бузургворӣ, баландмартабагӣ) – сифати ахлоқии инсон ва арзёбии иҷтимоии ӯ мебошад, ки нигариши ҷомеаро нисбати шахс таъйин мекунад. Ба шахси баландмартаба ва бузургвор шариф гуфта мешавад. Бартарие, ки аз тарафи падар ба писар расидааст шараф гуфта мешавад.

Тарки девӣ кунӣ малак бошӣ,
Аз **шараф** бартар аз фалак бошӣ.

*****

Ин ҳама иззату **шараф,** ки туrост,
Ту зи худ ғофилӣ, азим хатост. (Саноӣ)

Шараф неъмати ғайри моддӣ ва махсуси инсон буда, он дар фазои ахлоқӣ мавриди икром қарор мегирад. Фазои ахлоқӣ дар ҷомеаест, ки озодии ҳақиқии

рафтори шахсро бо эҳсоси масъулият дар назди ҷомеа кафолат дода, ҳуқуқҳои шахсро таъмин намуда, эҳтироми шаъну шарафи ӯро нигоҳ медорад.

**Муқарриз: Худойдодзода Ф.Б.. – д.и.фал., профессори ДМТ**

**Адабиёт:**


1. Абӯалӣ, ибни Сино. Осор. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: «Дониш», 2008. – 922 с.
2. Зиёев И.Ғ., З.И. Зиёева. Ахлоқ ва зебоишиносӣ, китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – 480 с.
3. Имомов Х.Ш. Фарҳанги меҳнат ва фарҳанги иқтисодии шахсият [Матн] / Х.Ш. Имомов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №2. – С. 31-36.
4. Исроилов И.Н., Одинаев Б.А., Фақиров Ф.Л. Фалсафа (воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ) [Матн] / И.Н. Исроилов, Б.А. Одинаев, Ф.Л. фақиров. – Душанбе, 2022. – 276 с.
5. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. (дар 7 ҷилд) Ҷилдҳои 3 ва 4, китоби дуюм (таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ ва Саидиён Исматуллоҳ). – Душанбе: Ирфон, 2002. – 404 с.
6. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Фалсафаи ахлоқ. – Теҳрон, 1367ҳ. – 256 с.
7. Одинаев Б.А. Тарбияи иҷтимоӣ-ахлоқии фарзанд аз нигоҳи ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №4. – С. 84-92.
8. Одинаев Б.А. Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом [Матн] / Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №6. – С. 64-72.
9. Одинаев Б.А., Ҳикматов С.М. Гулчини андешаҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо [Матн] / Б.А. Одинаев, С.М. Ҳикматов // – Душанбе: «Ашуриён», 2024. – 200 с.
10. Пирматова Г.Х., Одинаев Б.А. Андешаҳо перомуни масоили гуногуни иҷтимоӣ-тарбиявӣ [Матн] / Г.Х. Пирматова, Б.А. Одинаев. –Душанбе, 2022. – 180 с.
11. Саид Н.С., Хуморов Д.М., Шарипов М.И., Сангинова Д.Н. Фалсафа. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ [Матн] / Н.С. Саид, Д.М. Хуморов, М.И. Шарипов, Д.Н. Сангинова. – Душанбе: Маориф, 2019. – 232 с.
12. Фалсафа. Таърихи фалсафа. (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ) / (Ҳайати муаллифон). – Душанбе: «Собириён», 2011. – 605 с.


**Literature:**


1. Abuali ibn Sino. Works. Volume Four [Text] / Abuali ibn Sino. – Dushanbe: «Knowledge», 2008. – 922 p.
2. Ziyoev I.Gh., Ziyoeva Z.I. Ethics and aesthetics, textbook. – Dushanbe, 2019. – 480 p.
3. Imomov Kh.Sh. Labor culture and economic culture of the individual [Text] / Kh.Sh. Imomov // Message of the National University of Tajikistan. – 2020. – №. 2. – P. 31-36.

4. Isroilov I.N., Odinaev B.A., Fakirov F.L. Philosophy (teaching material for higher education students) [Text] / I.N. Isroilov, B.A. Odinaev, F.L. faqirov. – Dushanbe, 2022. – 276 p.
5. Muhammad Rashshod. Philosophy from the beginning of history. (in 7 volumes) Volumes 3 and 4, book two (compiled by Saidbegi Mahmadullo and Saidiyon Ismatullo). – Dushanbe: Irfon, 2002. – 404 p.
6. Murtaza Mutahhari. Philosophy of ethics. – Tehran, 1367 h. – 256 p.
7. Odinaev B.A. Socio-moral upbringing of children from the point of view of Islam [Text] / B.A. Odinaev // Message of the National University of Tajikistan. – 2022. – №. 4. – P. 84-92.
8. Odinaev B.A. Comparative analysis of the institution of the family in Zoroastrianism and Islam [Text] / B.A. Odinaev // Message of the National University of Tajikistan. – 2022. – №. 6. – P. 64-72.
9. Odinaev B.A., Hikmatov S.M. Gulchini odenyeho. Collection of articles [Text] / B.A. Odinaev, S.M. Hikmatov. – Dushanbe: «Ashuriyon», 2024. – 200 p.
10. Pirmatova G.Kh., Odinaev B.A. Thoughts on various socio-educational issues [Text] / G.Kh. Pirmatova, B.A. Odinaev. – Dushanbe, 2022. 180 p.
11. Said N.S., Humorov D.M., Sharipov M.I., Sanginova D.N. Philosophy. Textbook for students of secondary vocational education institutions. [Text] / N.S. Said, D.M. Humorov, M.I. Sharipov, D.N. Sanginova. – Dushanbe: Maarif. – 2019. – 232 p.
12. Philosophy. History of Philosophy. (Textbook for higher education institutions of the republic) / (Authors). – Dushanbe: «Sobiriyon», 2011. – 605 p.

**НАҚШИ АХЛОҚ ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ**

Мақола аҳамияти таърихӣ-фалсафӣ дошта, дар он доир ба масъалаи нақши ахлоқ дар масири таърих сухан рафтааст. Бояд қайд намуд, ки ахлоқ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, маҷмӯи меъёру муқаррароти асосии муносибати оилавӣ, фардӣ ва ҷамъиятии одамонро ифода мекунад. Ахлоқ падидаи таърихие аст, ки зимни ҳамкории байниҳамдигарии инсонҳо ба вуҷуд омадааст. Он дар ҷомеаи ибтидоӣ дар заминаи муборизаи дастаҷамъона бо офатҳои табиӣ пайда гардидааст. Зеро инсоният бе ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар зиста наметавонад. Аз ин рӯ, ахлоқ барои ба тартиб даровардани муносибатҳои байни одамон омили муҳим ба шумор меравад. Муаллифон масъалаи мазкурро бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, қайд намудаанд, кифайласуфони муосир аз комёбиҳои ахлоқии давраи Атиқа, асрҳои Миёна ва давраи Нав хулосабарорӣ намуда, ахлоқро ҳамчун инъикоси муносибати байниинсонӣ ва омили махсуси пойдорию такомули маънавии афроди ҷомеа мешуморанд. Ахлоқ арзишҳои умумиинсонии маънавӣ, меъёрҳои рафтору атвори одамон ва муносибати мутақобилаи онҳоро инъикос намуда, дар иҷрои меъёрҳояш ба афкори умум такя мекунад. Ахлоқе, ки ба талаботи тараққиёти иҷтимоӣ мувофиқ аст ва пайваста инкишофи таърихро метезонад, ахлоқи ҳақиқӣ ба шумор меравад. Аксари мутафаккирон ахлоқро муъҷизаи олии маънавӣ гуфтаанд. Илми ахлоқ ба унвони фалсафаи амалӣ дар сайри таърихии худ марҳилаҳои инкишофи давраҳои гуногунро аз сар гузаронида, ба ҳаёти ҷомеа ҳамеша таъсири мусбӣ расонидааст.

**Калидвожаҳо:** таърих, фалсафаи ахлоқ, категория, виҷдон, номӯс, хиёнат, феъли табиӣ, феъли ахлоқӣ, ахлоқи ҳамида, ахлоқи разила, фалсафаи амалӣ, сурат, сират, асарҳои ахлоқӣ, одамгарӣ, хислатҳои инсонӣ.

## РОЛЬ МОРАЛЬ НА ПУТИ ИСТОРИИ

Статья имеет историко-философское значение, в ней говорится о роли морали в ходе истории. Следует отметить, что мораль является одной из форм общественного сознания и представляет собой совокупность основных правил и норм семейных, личных и общественных отношений людей. Мораль – историческое явление, возникшее в ходе взаимодействия людей. Оно появилось в первобытном обществе в контексте коллективной борьбы со стихийными бедствиями. Потому что человечество не может жить без сотрудничества и взаимопомощи. Поэтому мораль считается важным фактором регулирования отношений между людьми. Авторы обсудили этот вопрос с использованием научных источников и отметили, что современные философы делают выводы из нравственных достижений Древнего, Средневековья и Новой эпохи, рассматривают этику как отражение межличностных отношений и особый фактор духовной стабильности и совершенствования людей. в обществе. Мораль отражает общечеловеческие духовные ценности, нормы поведения людей и их взаимоотношения, опирается на общественное мнение при реализации своих норм. Истинной моралью считается мораль, отвечающая требованиям общественного развития и постоянно ускоряющая развитие истории. Большинство мыслителей называли нравственность высшим духовным чудом. Наука этики как практическая философия на своем историческом пути прошла этапы развития разных периодов и всегда оказывала положительное влияние на жизнь общества.

**Ключевые слова:** история, моральная философия, категория, совесть, честь, предательство, естественное поведение, нравственное поведение, нравственное поведение, нравственное поведение, практическая философия, образ, характер, моральные произведения, человечность, человеческие качества.

## ROLE MORALITY ON THE PATH OF HISTORY

The article has historical and philosophical significance, and it discusses the role of morality in the course of history. It should be noted that morality is one of the forms of public consciousness, representing a set of basic norms and regulations of family, individual and public relations of people. Morality is a historical phenomenon that arose during the interaction of people with each other. It emerged in primitive society on the basis of a collective struggle against natural disasters. Because humanity cannot survive without cooperation and mutual assistance. Therefore, morality is an important factor in regulating relations between people. The authors discussed this issue using scientific and specialized sources and noted that modern philosophers, drawing conclusions from the moral achievements of Antiquity, the Middle Ages and the New Era, consider morality as a reflection of interpersonal relations and a special factor in the stability and spiritual development of individuals in society. Morality reflects universal human spiritual values, norms of behavior and actions of people and their mutual relations, and relies on public opinion in the implementation of its norms. Morality that meets the requirements of social development and constantly accelerates the development of history is considered true morality. Many thinkers have called

morality a supreme spiritual miracle. The science of morality, as a practical philosophy, has gone through the stages of development of different periods in its historical journey and has always had a positive impact on the life of society.

**Key words:** history, moral philosophy, category, conscience, honor, betrayal, natural action, moral action, moral virtue, moral vice, practical philosophy, image, biography, moral works, humanity, human qualities.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддинов-63. Телефон: 988328388. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Ҳикматов Саъдулло Маҳмадуллоевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, шаҳраки Ғарм, кӯч. Э. Муҳиддинов-63. Телефон: 943434300.

**Сведение об авторах: Одинаев Баходур Абдуджаборович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат философских наук, доцент кафедры социальные науки. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинов-63. Телефон: 988328388. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Хикматов Садулло Махмадуллоевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры социологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова-63. Телефон: 943434300.

**Information about the authors: Odinaev Bahodur Abdujaborovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, candidate of philosophical sciences, associate professor of the department of sociology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddinov-63. Phone: 988328388. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Hikmatov Sadullo Mahmadulloevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant professor of the department of social sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm town, E. Muhiddinov-63. Phone: 943434300.

**ТДУ: 93/94**

# САҲМИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

**Махсудов А.М., Ҳикматов С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Солҳои 1926-1927 дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна тақсимоти нави маъмурӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи он аз тақсимоти чорзинагии маъмурӣ – вилоят, уезд, волост ва шӯрои маҳаллӣ, ба тақсимоти сезинагӣ – округ, ноҳия ва шӯрои маҳаллӣ гузаштанд. Дар ҶМШС Тоҷикистон 3 ноябри соли 1926 кентҳо

барҳам дода шуданд. Минбаъд ҳамаи вилоятҳои ҷумҳуриро ба округҳо табдил доданд. Округҳо ба ноҳияҳо ва ноҳияҳо ба шӯроҳои маҳаллӣ тақсим мешуданд. «То моҳи сентябри соли 1929 ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон, ба ғайр аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, боз округҳои Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷакент ва Ӯротеппа (Истаравшан) дохил мешуданд» [10, с. 395].

Замоне, ки Нусратулло Махсум Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр дар ҳайати ИҶШС таъсис доду роҳбари он таъйин карждада шуд, ҷойнишинони ӯ Б. Додобоев, Р. Бобоҷонов, аъзоён – А. Ёрмуҳаммадов, С.М. Солоков, Ш. Шоҳтемур ва дигарон дохил гардиданд [6, с. 43]. Пойтахти кишвари навтаъсис деҳаи Душанбе буд. Бо шуҷоату кордонии Нусратулло Махсум қоил бояд шуд, ки деҳаро дар мӯҳлати ниҳоят кӯтоҳ ба шаҳр мубаддал гардонд [1, с. 82].

Баъди бунёди ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар назди ҳукумати ҷавони он иҷроиши вазифаҳои мураккаб меистод. Аз ҳамон лаҳзаҳо Нусратулло Махсум ба тақсимоти марзию маъмурӣ норозӣ буданашро дар суҳбатҳо бо масъулони Ҳизби болшевикон ва номаҳо ба И.В. Сталин иброз медошт. Ва масоили дигаре, ки ғазаби Маскавро меовард, баргардонидани фирориён аз хоки Афғонистан буд.

Аз рӯи маълумот беш аз чоряк миллион ба Афғонистон фирор карда буданд. Ин мардуми ҷумҳурии мухтори буридаву дӯхтаи Тоҷикистон буданд. Ва гӯё аз он ҷумла 60 ҳазораш баргаштанд. Вале санҷишу пурсишҳо қисматеро пас гурезонд ва доирае ҳабсу қатл шуданд.

«Нусратулло Махсум Хуҷанду Конибодомро бармегардонад. Ҳамчунин, дар нома пешниҳод шудааст, ки ба худуди Тоҷикистон Ӯротеппа, Ҳуҷанд, Конибодом, Исфара, Соҳа, Риштон ва Учқурғон, ҳамчунин мавзеҳои дигаре, ки теъдоди зиёди аҳолиашон тоҷиконанд дохил карда шаванд. Инчунин, гуфта шудааст, ки ба Тоҷикистон имконоти пурра ва комилан озод, ки ба Туркманистону Ӯзбекистон дода шудааст, дода шавад, бе ягон тобеият...» [11, с. 5-7].

Мо дар матлабҳои қаблӣ, ки иштибоҳоти Ҳукумати болшевикиро фош гуфтем, донишмандонамон барошуфтанд. «Воқеан, эшон даъво доранд, ки наход садҳо, балки ҳазорҳо ҷомеашинос-донандагони коммунизми илмӣ ва сиёсатшиносону таърихнигорон барғалат зиставу офарида, ки ревизияшон шурӯъ гардида. Ҳеҷ кадомро «ревизия» накардем. Аснодеро овардем, ки аз назар ниҳон монда буд ё ба эътибор гирифта намешуд. Ва Ҳукумати Шӯравиро мо вайрон накардем. Агар он гурӯҳи олимон сарриштаи дурусти пажӯҳишро меёфтанд ва воқеан ба илм машғӯл мешуданд, шояд ҷомеа аз роҳи ғалат мегашт ва парешон намегардид» [11, с. 5].

Ҳарчанд Н. Махсум дар номааш бо рақамҳо дарҷ намуд, ки дар қаламрави Бухоро 70% тоҷикон ба ҳисоб гирифта шудаанд, аз ҷумла дар Вилояти Фарғона шумораи онҳо ба 450.000, вилояти Самарқанд 750.000, дигар маҳалҳои Туркистон 100 ҳазорро ташкил медиҳанд, И.В. Сталини ба тӯри туркгароён афтида, бетафовут буд. Дақиқтараш ӯ ва наздиконаш найранги тозае эҷод карданд, ки фиреби сиёсӣ буд.

Марзбандии маъмурӣ – ҳудудии Осиёи Миёна ва таъсиси ташкилотҳои нави маъмурӣ – худудӣ дар қарори Сессияи дуввуми КИМ-и Иттиҳоди ҶШС аз

27 октябри соли 1924 ба сурати куллӣ сабт гардид. Дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҶМШС Тоҷикистон бо пойтахт дар Душанбе ташкил ёфт. Андаке дертар (моҳи январи соли 1925) ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон вилояти Помир дохил шуд, ки баъдтар он вилояти Кӯҳистони Бадахшон номида шуд. Моҳи октябри соли 1929 баъди ба Тоҷикистон ҳамроҳ карда шудани округи Хуҷанд ҷумҳурии мухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил гардид.

Ҳоло аксарияти муаррихони мо мекӯшанд исбот намоянд, ки гӯё соли 1924 барои таъсиси Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон шароит ҳанӯз муҳайё нагардида буд. Аввал, ингуна нуқтаи назар хилофи ақидаи Нусратулло Махсум аст, ки ӯ дар мактуб ба номи И.В. Сталин дар бораи ҳуқуқ ва имкониятҳои халқи тоҷик барои «ташкил намудани ҷумҳурии мустақил дар бораи ташкил намудани он дар асоси ҳамон принсипҳое, ки Туркманистон ва Ӯзбекистон ташкил шудаанд, бидуни тобеият ба Ӯзбекистон» навишта буд. Сониян, он ба методология ва назарияи нодурусти мо асос ёфта буд, ки он ҳар гуна кӯшиши таърихиро ҳамчун сиёҳ кардани гузаштаи худ медонист. Ҳамаи «далелҳо»-и соли 1924 дар бораи онвақт ва ғайри имкон будани таъсиси Ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон дар асл бо ақидаҳои пантуркистон асоснок шуда буданд.

**Ақидаи якум** аз он иборат буд, ки округи Ҳуҷандро аз Тоҷикистон дур ва аз роҳҳои мувосилот маҳрум мепиндоштанд. Чи тавре ки маълум аст, округи Хуҷанд сентябри соли 1929 аз нав ба ҶМШС Тоҷикистон муттаҳид карда шуд. Саволе ба миён меояд, ки дар ин вақт роҳҳои мувосилоти он бо Тоҷикистони Шимолӣ магар тағйир ёфта буд? Ҳеҷ не! Роҳи ағбаи Анзоб, ки ноҳияҳои шимолро бо Душанбе мепайваст, фақат соли 1935 сохта шуда буд. Робитаҳои иқтисодии Хуҷанд бо Ӯзбекистон (ба истилоҳ «кашиши иқтисодӣ») пеш аз ин ва баъд аз ин ҳам вуҷуд дошт.

**Далели дуввуми** ғайриимкон будани дар он вақт ташкилшавии Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон авҷи ҷанги гражданӣ дар қаламрави Бухорои Шарқӣ ҳисоб мешуд. Вале саволе ба миён меояд, ки магар ташкилшавии ҷумҳурии мустақили аз ҷиҳати иқтисодӣ қавитар барои торумори босмачигарӣ шароити хубтар фароҳам намеовард? Ҷои шубҳа нест, ки ба ин ҷавоби ҳама мусбат ҳоҳад буд.

Ниҳоят муаррихоне ҳастанд ва онҳо даъво мекунанд, ки ҶМШС Тоҷикистон дар он вақт ба қадри кофӣ барои таъсиси ҷумҳурии иттифоқӣ кадри маданӣ надошт. Ин гуна даъво шабеҳи он аст, ки асбро ба ақиби ароба банданд. Ақибмондагии маданӣ, кам буди кадр на сабаб, балки оқибати он буд, ки аксари марказҳои маданӣ (аз ҷумла бештарини ноҳияҳои шимолӣ) аз ҳудуди ҷумҳурӣ берун монда буданд.

Ҳамаи ин омил дар бораи дурусти мулоҳозот ва талаботҳои Нусратулло Махсум дар он замон оиди таъсиси фақат ҶМШС Тоҷикистон шаҳодати боэътимод медиҳад. Он ки вай тавонист дар ин солҳо ба таъсиси фақат ҶМШС Тоҷикистон муваффақ шавад (бар хилофи амали пантуркистҳо ва баъзе лидерҳои сиёсии тоҷик, ки бо онҳо ҳамнавоӣ мекарданд) бори дигар он нуқтаро тасдиқ мекунад, ки агар масъалаи миллиро на бо роҳи референдуми умумихалқӣ, балки бо роҳи муҳокима ва аз тарафи даҳҳо нафар одамон ҳал кунанд, ин оқибати манфӣ дошта, нақши омили зеҳнӣ (субъективӣ)-ро зиёд менамояд.

Тоҷикистонро Ҷумҳурии Мустақил эълон карданд, вале тоҷикон берун аз он монданд.

Дар шароити ҷумҳурии мухтории Тоҷикистон самтҳои асосии азнавбарқароркунӣ ва дигаргунсозиҳои хоҷагии халқ сараввал аз вазифаҳои зерин иборат буданд: бартараф намудани харобиҳое, ки дар натиҷаи ҳаракати зиддишӯравӣ ба амал омаданд; бунёди корхонаҳои саноатӣ; сохтани роҳҳо, аз ҷумла роҳи оҳани Тирмиз–Душанбе; электрикунонидани ҷумҳурӣ; инкишофи кишоварзӣ, дар асоси шаклҳои оддии кооператсия; мувофиқи талаботи ҷамъияти нав ташкил ва ба роҳ мондани корҳои илму фарҳанг ва ғайраҳо.

Таъсиси органҳои нави идора дар шакли шӯроҳо ва кумиҷроияҳо, бозгардонидани фирориён ва ташвиқу таблиғи моҳияти Ҳокимияти Шӯравӣ, ҷалби занон ба корҳои идоракунии ҳокимияти ҷамъиятӣ, анҷом додани муқовимати мухолифин, маҳви бесаводӣ ва созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, бунёди иншоотҳои обӣ, роҳи оҳан ва шабакаи васеи роҳҳои автомобилгард, ривоҷи васеи пахтакорӣ ва ғайраҳо таҳти роҳбарии ӯ амалӣ гаштанд.

Муҳимтарини онҳо созмон додани органҳои маҳаллии ҳокимият ба шумор мерафт. Иҷрои бомувоффақияти ин нақшаҳои бузургба Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон дар алоҳидагӣ муяссар шуда наметавонист. Бинобар ин Нусратулло Махсум аз минбари анҷумани III Шӯроҳои Иттиҳоди Шӯравӣ (моҳи майи соли 1925 дар шаҳри Маскав) изҳор мекунад, ки «ба кишвари харобгаштаи мо ёрии ҷиддии халқҳои бародари ИҶШС барои барқарорсозии хоҷагиҳо, рушди маориф, тандурустӣ ва хусусан бунёди роҳи оҳан, ки ба пешравии иқтисодиёт такони бузург хоҳад дод, зарур аст…» [2, с. 4].

Ба танзим даровардани дастгоҳи идора дар шакли шӯроҳо ва комиҷроияҳо, ба идоракунии давлат ҷалб намудани омма ва ёрии Марказу ҷумҳуриҳои бародар имкон доданд, ки дар зарфи се сол Тоҷикистон ба комёбиҳои баланд ноил гардад. Дар ин бора Н.Махсум дар маърӯзаи ифтитоҳияш ба Анҷумани дуюми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон (21 апрели соли 1929) ёдовар шуда, изҳор медорад, ки «дувумин сол пеш мо шабакаи обёрӣ надоштем, роҳ набуд, дар деҳот мактабҳо ва нуқтаҳои тиббӣ мавҷуд намуданд. Имрӯз мо дар соҳаҳои кишоварзӣ, маориф ва тандурустӣ дастовардҳои хуб дорем. Пурқувват шудани дастгоҳи маҳаллии Давлати Шӯравӣ, баланд шудани эътибори мо таҳти роҳбарии ҳизб ва ширкати фаъолона батракҳо ва миёнаҳолон сурат гирифтанд. Он вазифае, ки анҷумани якум пешбинӣ карда буд, 100% иҷро шуданд» [4].

Дар ҳамин маърӯза ӯ дар бораи вазифаҳои минбаъда сухан ронда, дар мадди аввал масъалаи пурқувват кардани соҳаи кишоварзӣ, сохтмони роҳи оҳан ва автомобилиро ба миён мегузорад. Таҳлили ниҳоят мӯшикофона ва дурандешонаи роҳбари ҷумҳурӣ, ки аз маърӯзаҳои ӯ эҳсос мегардад, далели он аст, ки Нусратулло Махсум мушкилоти мавҷударо амиқ дарк мекард ва барои ҳалли онҳопайваста ҷадал менамуд.

Дар ин давра самти асосии фаъолияти Н. Махсум ва ҳамсафони ӯ мубориза баҳри ба даст овардани мустақилияти ҷумҳурӣ буд. Ҳаминро бояд зикр кард, ки ба ҷумҳурии мустақили иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистонқадаме бузурге буд дар поягузории давлатдории навини миллии халқи тоҷик. Ба ин хотир Н. Махсум бо ҳайати онвақтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар саросари кишвар ҷаласаву пленумҳои ноҳиявии кумиҷроияҳоро ба роҳ монд. Дар ин ҷамъомадҳо мардум

пешниҳод намуд, ки Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон бароварда шавад ва ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ мустақилона ворид гардад. Дар баробари ирсоли мактубҳо ба органҳои марказӣ Н. Махсум ба воситаи матбуот низ баромад намуда, ин талаботи мардумро асоснок мекунад.

Нусратулло Махсум дар нутқи хотимавиаш паз аз интихоби ҳайати нав КИМ, ҳангоми анҷоми кори анҷуман бори дигар вазифаҳои минбаъдаро ёдрас намуда, зикр кард, ки муҳимтарини онҳо ҷоннок кардани органҳои маҳаллии Шӯроҳо ва ба кори онҳо ҷалб намудани деҳқонон мебошад. Инчунин вай барои мустаҳкамии алоқаи органҳои маҳаллӣ бо органҳои марказӣ зарурати сохтмони роҳҳоро таъкид мекунад.

Вазифаи муҳими дигар иҷрои барномаи пахта буд, ки барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарур маҳсуб меёфт.

Бунёди ташкилотҳои ҳизбию ҷамъиятӣ дар назар дошта шуда буд, ки дар сохтмони давлатии он давр тамоми ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбӣ – ҳизби коммунистӣ, иттифоқи ҷавонон ва иттифоқҳои касаба бояд фаъолона иштирок намоянд. Дар ҷумҳурӣ созмон ёфтани ташкилотҳо ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ низ таҳти сарварии Нусратулло Махсум амалӣ гаштаанд.

Яке аз чунин вазифаҳо ин таъсиси ташкилотҳои давлатии барои ҷумҳурии мухторӣ ва ҷамъияти сотсиалистӣ хос ба ҳисоб мерафт. Бо зудӣ он ташкилотҳои маҳаллие, ки ба собиқҷумҳурии Бухоро хос буданд, ба ташкилотҳои маҳаллии ҷумҳурии мухтории Тоҷикистон табдил дода шудаанд. Аз 5 феврали соли 1925 дар Бухорои Шарқӣ, ки ҷумҳурии мухтории Тоҷикистон маҳз дар худуди он бунёд гардида буд, ба барҳам додани ҳама гуна ташкилотҳои давлатдории аз замони амирии Бухоро боқӣ монда шурӯъ карданд ва ба ҷои онҳо ташкилотҳои нав бунёд намуданд [5, с. 159-164].

Аз масъалаҳои нозук ва муҳим ҷалб намудани занон ба меҳнати ҷамъиятӣ ва таҳсил буд. Дар солҳои сарварияш Н. Махсум ба ин масъала аҳамияти махсус медод. Ӯ дар мақолаи хеш «Шӯроҳо-ситоди озодибахши занон», ки моҳи марти соли 1930 дар рӯзномаи «Советский Таджикистан» дарҷ шуда буд, дар хусуси аҳамияти воқеоти сиёсии давр дар ҳаёти занон ибрози назар намуда, таъкид мекунад, ки «мо шоҳиди болоравии фаъолнокии занон мебошем. Шумораи занҳо дар Шӯроҳо ва кумитаҳои иҷроияи ҷумҳурӣ меафзояд; таваҷҷӯҳ ба дониш ва таҳсил даҳҳо ҳазор занонро ба муассисаҳои таълимӣҷалб месозад, онҳоро аз асорату ҷаҳолат бурун меорад» [7].

Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба мубориза бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад. Кӯшишу талошҳои ӯ пеш аз ҳама дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст. Зеро дар он солҳои ҳассосу тақдирсоз бадхоҳони миллати тоҷик намехостанд, ки халқи мо соҳиби ҷумҳурии худ гардад. Аз ин рӯ, Нусратулло Махсум ба ҳайси яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷасорати фавқулодат ва шуҷоати сиёсӣ барои тақсимоти одилонаи ҳудудӣ, муайян намудани шахсияти миллии мардуми тоҷик мубориза бурда, кӯшиш намуда буд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва дорои таъриху фарҳанги чандинҳазорсола эътироф ва шинохта шаванд [8]. Хидмат ва кӯшишу ҷонбозиҳои ҳамин гуна фарзандони бонангу номус ва

ватандӯсту ватанпарасти миллати тоҷик буд, ки имрӯз давлати мо соҳибистиқлол гаштааст. Дар таърихи худшиносии миллати тоҷик номи чунин фарзандони барӯманд бо ҳарфҳои зарин навишта шуда, дар хотири мардум абадӣ хоҳад монд.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Ақназаров Ҳ.М. Захмҳои таърих (Маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров. – Душанбе, «Ашӯриён», 2023. 207 саҳ.
2. Вишневский А.Я. Қиссаи марзбандӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси давлати шӯравии халқи тоҷик // Садои мардум №92 (2764) аз 21 июли соли 2011. – С. 4.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. [Матн] / Ғафуров Б. // Ҷ.2. Душанбе, 1983. – 416 с.
4. Қобилова Б. Нусратулло Махсум и культурная революция Таджикистане // Чархи Гардун аз 7 июли соли 2011.
5. Махсудов А.М. Саҳми Нусратулло Махсум дар поягузории давлатдории миллии тоҷикон [Матн] / А.М. Махсудов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №4(8). – С. 159-164.
6. Набиева Р.А., Файзӣ Б., Зикриёева М.Ф. Таърихи халқи тоҷик. Душанбе: Собириён, 2010. – С. 43.
7. Нусратулло Махсум «Шӯроҳо – ситоди озодибахши занон» // Советский Таджикистан моҳи марти соли 1930.
8. Нусратулло Махсум - ҷонфидои миллат. [манбаи электронӣ] URL: https://www.mfa.tj (санаи истифодабарӣ: 08.12.2024).
9. Одинаев Б. А., Тағдиров А. У. Мафҳуми луғавии таърих / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №2/1. – С. 80.
10. Ҳотамов Н., Давлатхоҷа Д. Таърихи халқи тоҷик (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, «ЭР-граф» 2011. – С. 395.
11. Ҷонибеки Асрориён. Нусратулло Махсум: Қаҳрамон ё «душмани халқ»? // Рӯзномаи «СССР» №19 аз 8 июни соли 2011. – С. 5-7.

**Literature:**

1. Aknazarov H.M. Wounds of history (Collection of articles) [Text] / H.M. Aknazarov. – Dushanbe, “Ashuriyon”, 2023. 207 p.
2. Vishnevsky A.Ya. The story of the demarcation and the role of Nusratullo Makhsum in the establishment of the Soviet state of the Tajik people // Sadoi Mard No. 92 (2764) of July 21, 2011. – P. 4.
3. Ghafurov B. Tajiks. [Text] / Ghafurov B. // J.2. Dushanbe, 1983. -416 p.
4. Qobilova B. Nusratullo Makhsum and the cultural revolution in Tajikistan // Charkhi Gardun of July 7, 2011.
5. Makhsudov A.M. The contribution of Nusratullo Makhsum to the foundation of the national statehood of the Tajiks [Text] / A.M. Makhsudov // Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2021. – № 4(8). – P. 159-164.

6. Nabieva R.A., Faizi B., Zikriyoeva M.F. History of the Tajik people. Dushanbe: Sobiriyon, 2010. – P. 43.
7. Nusratullo Makhsum “Councils – the headquarters of women’s liberation” // Soviet Tajikistan in March 1930.
8. Nusratullo Makhsum - the heroes of the nation. [electronic resource] URL: https://www.mfa.tj (access date: 08.12.2024).
9. Odinaev B. A., Tagdirov A. U. The lexical meaning of history / Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2020. – №2/1. – P. 80.
10. Hotamov N., Davlatkhodja D. History of the Tajik people (Textbook for higher schools of the Republic of Tajikistan). – Dushanbe, “ER-graf” 2011. – P. 395.
11. Jonibeki Asroriyon. Nusratullo Makhsum: Hero or "enemy of the people"? // "SSSR" newspaper No. 19 of June 8, 2011. – P. 5-7.

## САҲМИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола доир ба саҳми Нусратулло Махсум дар ташаккулёбии Ҷумҳурии мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон сухан рафтааст. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур аҳамияти таърихӣ дорад, ки муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-соҳавӣ онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф саҳми Нусратулло Махсумро дар ташаккулёбии Ҷумҳурии мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон назарраст арзёбӣ намуда, иброз менамояд, Нусратулло Махсум баъди ташкили Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ба тақсимоти марзию маъмурӣ изҳори норозигӣ намуда, оид ба он бо масъулони Ҳизби болшевикӣ борҳо суҳбат намудааст. Инчунин, изҳороти худро дар хусуси тақсимоти мазкуб дар номаҳо ба И.В. Сталин иброз намудааст. Нусратулло Махсум аз И.В. Сталин тавассути номаҳо дархост намудааст, ки Ӯротеппа, Ҳуҷанд, Конибодом, Исфара, Соҳа, Риштон, Учқурғон ва дигар минтақаҳое, ки теъдоди зиёди аҳолиашон тоҷиконанд ба худуди Тоҷикистон дохил карда шуда, ба Тоҷикистон имконоти пурра ва комилан озод бе ягон тобеият дода шавад.

**Калидвожаҳо:** саҳм, Нусратулло Махсум, ташаккул, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, халқи тоҷик, мубориза, ҳизб, Бухорои Шарқӣ.

## ВКЛАД НУСРАТУЛЛЫ МАХСУМА В ОБРАЗОВАНИЕ ТАДЖИКСКОЙ АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ

В статье рассматривается вклад Нусратулло Махсума в становление Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики. Поэтому данная статья имеет историческое значение, которое автор рассмотрел, используя научные и профессиональные источники. Автор оценивает значительный вклад Нусратулло Махсума в становление Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики и констатирует, что после образования Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики Нусратулло Махсум выражал недовольство территориально-административным делением и неоднократно обсуждал его с должностными лицами большевистской партии. Также его заявление о распространении материала в письмах И.В. сказал Сталин. Нусратулло Махсум из И.В. Сталин в письмах просил включить в состав Таджикистана Урат-Тюбе, Ходжент,

Канибадам, Исфару, Соху, Риштан, Учкурган и другие районы с большим таджикским населением и предоставить Таджикистану полную и совершенно свободную возможность без какого-либо подчинения.

**Ключевые слова:** вклад, Нусратулло Махсум, формирование, Таджикская АССР, таджикский народ, борьба, партия, Восточная Бухара.

## CONTRIBUTION OF NUSRATULLAH MAKHSUM TO THE FORMATION OF THE TAJIK AUTONOMOUS SOVIET SOCIALIST REPUBLIC

The article discusses the contribution of Nusratullo Makhsum to the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic. Therefore, this article has historical significance, which the author has considered using scientific and specialized sources. The author assesses the contribution of Nusratullo Makhsum to the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic as significant and states that after the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, Nusratullo Makhsum expressed dissatisfaction with the territorial and administrative division and repeatedly discussed it with officials of the Bolshevik Party. He also expressed his views on the division of the territory in letters to I.V. Stalin. Nusratullo Makhsum from I.V. Stalin requested in letters that Uroteppa, Khujand, Konibodom, Isfara, Soha, Rishton, Uchkurgan and other regions with a large Tajik population be included in the territory of Tajikistan, and that Tajikistan be given full and completely free opportunities without any subordination.

**Key words:** contribution, Nusratullo Makhsum, formation, Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, Tajik people, struggle, party, Eastern Bukhara.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Махсудов Аслиддин Муҳабатович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декани факултети таърих ва ҳуқуқ оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985-02-29-82. E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru

**Ҳикматов Саъдулло Маҳмадуллоевич –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934-43-43-00.

**Сведения об авторах: Махсудов Аслиддин Мухабатович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана историко-правового факультета по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 985-02-29-82. E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru.

**Хикматов Садулло Махмадуллоевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистр 2-го курса истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 934-43-43-00.

**Information about authors: Makhsudov Asliddin Muhabatovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean of the faculty of history and law for

educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985-02-29-82 E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru.

**Hikmatov Sadullo Mahmadulloevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master of history. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934-43-43-00.

**ТДУ: 93/94**

# ИНЪИКОСИ САБАБҲОИ ҲУҶУМИ МУҒУЛҲО БА ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСАРИ “ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ”-И РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ

**Мирзоев Ш.Ҷ., Тағдиров А.У.**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Империяи ташкилкардаи муғулҳо пас аз соли 1218 дар Осиё аз ҷиҳати масоҳат бузургтарин ва лиҳози қувваи ҳарбии дар ихтиёрдошта қавитарин буд. Бо истилои Қошғару Ҳафтрӯд ва қисми Тёншон муғулҳо таҳти роҳбарии Чингизхон ба сарҳади асосии минтақаҳои мусулмоннишин, пеш аз ҳама ба давлати Хоразмшоҳиён наздик шуд. Давлати Хоразмшоҳиён низ аз ҷиҳати иқтидор аз империяи муғулҳо камӣ надошта, балки як давлати абарқудрати замони худ маҳсуб мешуд. Аммо ба таҳқиқоти академк Бобоҷон Ғафуров “Ҳокимияти Муҳаммади Хоразмшоҳ устувор набуд: давлати ӯро на фақат оммаи заҳматкаш ва халқҳои мутеъ, ки ҳам аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ ва ҳам аз тарафи хоразмшоҳ ба ҷабру зулм дучор буданд, пуштибонӣ намекарданд, балки ҳатто ашрофи феодалони ҳарбӣ ва руҳониёни бонуфуз низ нисбат ба он ошкоро равияи душманона доштанд” [5, с. 600].

Ба таҳқиқи бисёр аз муҳаққиқон Чингизхон барои ғасби Осиёи Миёна омодагӣ мегирифт. Сабабҳои асосии ҳуҷуми фавҷи муғул ба Осиёи Миёна пеш аз ҳама дар он буд, ки тавассути истилои он Чингизхон соҳиби қаламрави нав ва боигарии зиёд мешуд. Ин амал талаботи ашрофони навташаккулёфтаи муғулро нисбати ба даст овардани чарогоҳҳои серҳосили нав таъмин мекард. Вале Чингизхон дарк мекард, ки ин масъаларо танҳо тавассути сиёсати забткорона баррасӣ кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, Чингизхон метавонист низоъҳои дохилии қабилавию давлатӣ ва зиддияти табақавии ҷомеаи муғулро, ки нав рӯ мезад, бо ҳуҷум намудан ба Осиёи Миёна рафъ намояд. Хулоса, Чингизхон ва атрофиёну сарлашкаронаш ба лашкар кашидан ба Осиёи Миёна манфиатдор буданд. Аммо рафти ҳаводиси таърихӣ собит менамояд, ки Чингизхон то андозае аз ҳуҷум ба давлати Хорзмшоҳӣ ҳарос дошт. Ин масъаларо муаррихи асримиёнагӣ Ибни Батута дар асари худ “Сафарнома” қайд намуда, менигорад, ки “Чингизхон аз ӯ (султони Хоразм) бимнок буд ва канора мегирифт ва

мутаъарризи ӯ намешуд” [6, с. 443-444]. Зеро ӯ аллакай аз қудрату тавони давлати Хоразмшоҳ огоҳ буд. Аз тарафи дигар Чингизхон дар таърихи лашкаркашии худ ба кишварҳои ҳамсоя ҳеҷ баҳонаву сабаб намеҷӯст. Аммо ҳаракати лашкари ӯ ба самти давлати Хоразмшоҳ бо сабабҳое сар зад, ки воқеан Муҳаммад Хоразмшоҳ гунаҳкор буд.

Сабабҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон дар манобеи хаттӣ, хусусан асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, ки ӯ аз ҷумлаи донишмандони садаи XIII-ибтидои асри XIV ва муддати 40 сол хидматгори дарбори хонҳои муғул буда, ба мартабаи вазири дарбори Элхониён расида буд, инъикос ёфтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сулҳу субот дар кишвари Хоразмшоҳ боиси вусъат ёфтани тиҷорат дар ин мамлакат гардида, тоҷирон аз дигар кишварҳо ба ин ҷо сафар мекарданд. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ бо ишора ба ин масъала қайд менамояд, ки «Ва чун ақвоми муғул саҳронишин буданд ва аз шаҳрҳои дур анвоъи матоъ малбус ва мафрӯш пеши эшон қимате тамом дошт ва овозаи манофеи мамлакат ба эшон бағоят ниҳоят машҳур» [12, с. 472]. Ба ахбори Рашидуддин Фазлуллоҳ аз ин сабаб аз Бухоро се тоҷир ба муғулистон сафар карда, анбоъҳои базоъот аз ҷомаҳои зарбофт, карбос ва дигар молҳои лоиқ ба қавми муғул бурданд: «Ва дар он вақт (Чингизхон) аксари билоди Хитой ва Туркистон аз тоъат ва тифот ва мутъаддин пок гардонида буд ва бар сари роҳҳо қаровул нишонда, то бозоргононро ба саломат мегузаронанд ва аз қамошот ва амтеъа ишон ҳар он чӣ лоиқ донанд, бо соҳибаш ба бандагии Чингизхон мефиристанд» [12, с. 472]. Ҳарчанд Рашидуддин Фазлуллоҳ аз сафаре се тоҷири бухороӣ ишора менамояд, аммо номи онҳоро баён намекунад. Ба маълумоти рисолаи «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Атомалик Ҷувайнӣ ва “Маҷамъу-л-ансоб”-и Муҳаммад бини Алӣ бини Муҳаммд Шабонкораоӣ, ки муаллифони онҳо дар ин масъала ба Рашидуддин ҳамфикр мебошанд, номи он тоҷирон Аҳмади Хуҷандӣ, писари амир Ҳусайн ва Аҳмади Болҳанҷӣ зикр мегарданд [3, с. 63; 10, с. 233]. Муаррихони дигари асримиёнагӣ Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ ва Мирхонд аз ин воқеа хабар надода, балки онро ба таври дигар зикр менамоянд. Хусусан, Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ, ки ҳамзамони воқеаҳои ин давра буд, дар ин маврид чунин фармудааст: “Саидаҷали Баҳоуддини Розӣ алайҳираҳма саиди шариф зоти зоҳирнасаб буд, доъии давлати Минҳоҷ Сироҷ ҷамъкунандаи ин табақот аст, аз вай симоъ дорад, ки чун султон Муҳаммад Хоразмшоҳ он Саид Баҳоуддинро ба рисолат наздики Чингизхон фиристод ва сабаби рисолат он буд, ки чун ҳадис зуҳури Чингизхон ва истилои лашкари муғул бар мамолики Тамғоҷ ва Тағрутабат ва ақолими Чин ва Оқсе Машриқ ба самъи Хоразмшоҳ бирасониданд, мехост то таҳқиқи он ахбор аз муътамадони худ истилоъ кунад ва кайфият ва камити лашкари муғул ва олат ва адат ва адади ишон таҳқиқ гардонд ва ин котиб, ки Минҳоҷ Сироҷ аст, соли сана сабъ ва ъашр ва ситамоъия, ки аввали убури лашкари муғул буд, бар Ҷайҳуну Хуросон дар қалъаи Тулук шунид аз лафзи имодулмулук Тоҷуддин дабири Ҷомӣ, ки яке аз аркони Хоразмшоҳӣ буд, ки савдои забти мамолики Чин дар димоғи султон Муҳаммади Хоразмшоҳ мутамкин шуда буд ва мудом мутафаҳси он мамлакат буд ва аз ояндагони мамолики Чин ва ахсои Туркистон мепурсид ва мо бандагон ба ваҷҳ арз дошт,

мехостем, ки то ӯро аз он сарони азимат бибарем, ба ҳеҷ ваҷҳ он андеша аз хотири ӯ дафъ намешуд” [8, с. 549].

Муҳаммад Хоразмшоҳ аз муваффақиятҳои пай дар пайяш дар Хуросону Ироқ бисёр мағрур шуда, ҳавои тасхири Чинро дар сар мепарварид. Хусусан, пас аз шикаст додани Гурхон боигарии Чин диққати ӯро аз ҳад зиёд ҷалб карда буд [7, с. 265]. Ҳарчанд вузаро ва донишмандони дарбори ӯ кӯшиш мекарданд, ки ӯро аз ин нияташ боз доранд, аммо кӯшишҳояшон натиҷа намедод. Дар ҳамин вақтҳо ба ӯ хабар расид, ки Чингизхон дар билоди Уйғур ва Тибет пойтахти Чини Шимолӣ шаҳри Пекинро мусаххар кард [1, с. 20]. Ӯ ҷиҳати таҳқиқи ин хабар Саидаҷали Баҳоуддини Розиро, ки яке аз аркони давлати Хоразмшоҳӣ буд, бо чанд нафари дигар ба ҷониби Пекин равон кард. Чингизхон ин сафоратро бо эҳтиром пазируфта, қайд менамояд, ки ба султон Муҳаммад расонанд, ки Чингиз, ҳамчунон ки худро подшоҳи Шарқ медонад, Хоразмшоҳро низ фармонфармои Ғарб медонад ва моил аст, ки байни тароиф сулҳу мусолимат барқарор бимонад ва аз мамолики Хоразмшоҳӣ ва Чингизӣ корвонҳову туҷҷор омаду рафт намоянд[1, с. 21]. Дар ҳақиқат, ин роҳи пешгирифтаи Чингизхон ба нафъи туҷҷори ҳар ду ҷониб буд. Зеро ҳам тоҷирони Осиёи Миёна ва ҳам тоҷирони муғул бисёр мехостанд, ки ба кишварҳои якдигар молу маҳсулот содир ва ворид намоянд. Аммо султони Хоразм аслан дар фикри равнақ додани тиҷорат ва беҳтар кардани муносибатҳои дипломатӣ набуда, мақсад дошт дар бораи лашкари муғул ҳарчи бештар маълумот ба даст оварда, ба самти Чин лашкар кашад. Чингизхон бошад, мехост байни давлати ӯ ва Хоразмшоҳӣ муносибатҳои тиҷоратӣ равнақ ёбад.

Инъикоси сафари тоҷирони Бухоро ба сарзамини муғулҳо дар асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ воқеият дорад. Ахбори “Таърихи ҷаҳонкушо”-и Атомалик Ҷувайнӣ, “Маҷмаъу-лансоб”-и Муҳаммад Шабонкораоӣ маълумоти овардаи Рашидаддинро тақвият мебахшанд. Аммо ин масъала дар рисолаи “Табақоти Носирӣ” инъикоси бештари худро ёфтааст. Сабаби эътимод ба ахбори Минҳоҷ он аст, ки ӯ ахборро аз шоҳиди воқеа шунида, ҳамзамон аз сирри Муҳаммади Хоразмшоҳ бохабар буд. Аммо Атомалик Ҷувайнӣ ва Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ, ки чандин сол пас аз ин воқеаҳо ба таълифи асарҳои худ машғул гаштанд, сафорати Хоразмшоҳро ба даргоҳи Чингизхон, ки албатта бо туҳфаҳо сафар карда буд, аз мадди назари худ дур гузошта, танҳо аз сафари тоҷирон ёдовар мешаванд. Эҳтимол меравад, ки Рашидуддин Фазлуллоҳ дар инъикоси ин масъала ба асари “Таърихи ҷаҳонкушо”-и Атомалик Ҷувайнӣ такя карда, аз ахбори Минҳоҷ Сироҷӣ Ҷузҷонӣ бехабар мондааст. Ҳақиқат ин аст, ки чун овозаи лашкаркашии Чингизхон ба сарзаминҳои ҳамсоя паҳн шуд, султон Муҳаммади Хоразмшоҳ дар ташвиш афтода, ба хотири дақиқ кардани ин хабар сафорати худро ҳамчун туҷҷор ба назди Чингизхон фиристод ва ба ин восита хост аз ҳайати лашкариён ва лашкаркашиву ғоратгариҳои Чингизхон бохабар шавад.

Мувофиқи маълумоти “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳ тоҷирон, ки ба назди Чингизхон расиданд, аз ҷониби ӯ хуш пазируфта ва молҳояшон ба нархи гарон харидорӣ гардид: “...Чингизхон аз ин сухани тоҷир хушҳол шуд ва фармуд то ҳар ҷома зарро як болш зар доданд ва ҳар ду карбоси

занданиҷиро болши нуқра..., онҳоро иззату эҳтиром намуд ва ба вақти баргаштани онҳо фармуд то хавотин ва шоҳзодагон ва умаро ҳар як аз муталлиқони хеш се кас бо бизоъат болишҳои зар ва нуқра ҳамроҳи эшон гардонид то ба вилояти султон Муҳаммад рафта ва тиҷорат кунанд ва тароифи он тараф ҳосил гардонида биёранд" [12, с. 472-473]. Ба ахбори Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ бошад, сафорт аз ҷониби Чингизхон ба чунин минвол пазируфта мешавад. Яъне, ҳаводиси туҷори дар асари Рашидуддин ва сафорати овардаи Ҷузҷонӣ дар назди Чингизхон ба ҳам шабоҳат доранд.

Бино ба иттилои Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ зимни барагаштанти тоҷирон Чингихон Маҳмуди Хоразмӣ, Алихоҷа Бухорӣ ва Юсуфи Утрориро ба ҳайси элчӣ ҳамроҳи бозоргонон назди Хоразмшоҳ фиристода, чунин пайғом додааст: "Туҷҷори он тараф назди мо омаданд ва бар он минвол, ки истимоъ хоҳад кард, боз гардонидем. Мо низ ҷамъе туҷҷорро дар суҳбати эшон бад он диёр фиристодем то тароифи он атроф бадин тараф оранд ва нифоиши матоъҳои он асқоъ ҳосил гардонид ва бузургии хонадон ва асолати дудмони шумо пушида нест ва ситати арсаи мамлакат ва нифози авомири ту дар аксар ақолими замин пеши хос ва ом рушан аст ва назди ман ту азиз фарзанде ва беҳтар касе аз мусулмонон. Ва чун ҳудуде, ки ба мо наздик аст, аз душманон пок шуд ва тамомат мустахалис ва мусаллам гашт ва аз ҷонибини ҳамсоягӣ собит аст, муқтазе ақл ва мурӯввати он бошад, ки аз тарафин тариқи мувофиқат маслук бошад ва дар вуқуи ҳаводис муъовинат ва мадад якдигарро илтизом намоем ва масолик аз мамолик амн дорем то туҷҷор, ки ободонии ҷаҳон ба тараддуди эшон аст, фориғбол омадушуд кунанд ва баъдулсавум маводи ташвиш хотир ба сабаби мувофиқат мунҳасим бошад ва амдоди фасод ва инод мунсарим" [12, с. 473]. Ин ахборро Атомалик Ҷувайнӣ дар асари худ "Таърихи ҷаҳонкушо" ба мисли Рашададдин инъикос кардааст, вале номи он сафорате, ки Чингизхон ба ҷониби султон ирсол медорад, дар рисолаи ӯ зикр намешавад [3, с. 63]. Шиҳобуддин Муҳамма ан –Насавӣ дар асари худ "Сирату-с-султон Ҷалолуддин Манкубернӣ" дар тақвият ба ахбори Рашидуддин илова менамяод, ки дар он мактубе, ки Чингизхон ба султон Муҳаммад равон кардааст, мефармояд, ки ту барои ман мисли фарзандам азиз ҳастӣ" [14, с. 72]. Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ ҳодисаро аз нақли шоҳиди воқеа- Саидаҷал Баҳоуддин оварда, ишора менамояд, ки дар вақти баргаштан Чингизхон туҳфаву ҳадяҳои зиёд ба Хоразмшоҳ фиристода, гуфтааст: "Муҳаммад Хоразмшоҳро бигӯед, ки ман подшоҳи Офтоби баромадам ва ту подшоҳи Офтоби фурӯшудан, миёни мо аҳду мувводат ва муҳаббату сулҳ мустаҳкам бошад ва аз тарафайн тиҷору корвонҳо биёянд ва бираванд ва тарафайн ва бизоат, ки дар вилояти ман бошад, бар ту оранд ва он билоди ту ҳамин ҳукм дорад ва дар миёни таҳфу ҳадоё, ки наздики султон Муҳаммад Хоразмшоҳ фиристод, як қитъаи зарри сомит, чунончи гардани шутуре аз кӯҳи Тамғоҷу Чин ба наздики ӯ оварда буданд, чунончи он қитъаи зарро бар гардун нақл боист кард" [8, с. 549].

Мирхонд бошад, ҳаводиси тоҷирони Бухороро аз мадди назари худ дур гузошта, аммо аз омадани сафорати Чингизхон дар шахсияти Маҳмуди Хоразмӣ, Алихоҷа Бухорӣ ва Юсуфи Утрорӣ ёдовар шуда, номаи Чингизхонро ба монандии Рашидаддин Фазлуллоҳ ва Атомалик Ҷувайнӣ дар асари худ

овардааст [9, с. 76]. Бино ба санади ӯ ин сафорат бо туҳфаву зару симҳои зиёд ба назди султон Муҳаммад омада, зону зада номаи Чингизхонро расониданд. Аммо аз маълумоти овардаи Мирхонд бармеояд, ки бо ин сафорат тоҷирони 450 - нафараи муғул ҳамроҳ набудан. Мирхонд пас аз ин воқеаҳо изҳор медорад, ки Чингизхон ба ҳамаи ин рафторҳои султон лашкар накашид, то он вақте ки туҷҷори муғулро дар Утрор ба қатл расониданд [9, с. 78]. Ҳамзамон, ба маъуломоти овардаи Мирхонд халифа Носир ба Чингизхон нома навишта, ба сарзамини Хоразмшоҳ ҳуҷум кардани Чингизхонро даъват ва ҷонибдорӣ намуда, дар ин масоил дигар найрангҳоро низ ба кор мебарад, ки ин ахбор бо вуҷуди дар дигар манобеи хаттӣ зикр нашуданаш то андозае ба ҳақиқат наздик аст. Зеро Муҳаммад Хоразмшоҳ дар ҳамин вақт ба мухолифати онҳо бархоста, Бағдодро дар тасарруфи худ даровarda буд. Дар чунин ҳолате, ки халифа Носир ба муқобили Муҳаммад Хоразмшоҳ истодагарӣ карда наметавонист, мехост ин рақиби худро ба дасти Чигизхон шикаст диҳад.

Муаррихи дигар ин давра Ибни Батута дар асари Худ “Сафарнома” ва Муҳаммад Шабонкораоӣ аз сафоратҳои ду ҷониба ёдовар нашуда, танҳо омодани туҷҷори муғул ва қатли онҳоро дар Утрор ба монанди дигар муаррихон баён медорад [6, с. 443]. Хусусан, ба навиштаи Шабонкораоӣ вақте ба Чингизхон аз аҳволи давлати Хоразм хабар медиҳанд ва ӯро барои тасхири он маслиҳат медиҳанд, Чингизхон рад карда, дар ҷавоб мегӯяд, ки аз он давлат моро хавфе нест ва туҷҷори он давлат назди мо омадааст ва туҷори мо низ он ҷо рафта, мунсибатҳои дӯстӣ барқарор менамоем [10, с. 140].

Ҳарачанд воқеаи сафари тоҷирони Бухоро ва ё сафорати Муҳаммад Хоразмшоҳ ба дарбори Чингизхон дар манобеи хаттӣ ба таври гуногун инъикос ёбад ҳам, аммо онҳо мазмунан ба ҳам мувофиқанд. Хусусан, ҳаводиси бо тоҷирон ва ё сафорати Муҳаммад Хоразмшоҳ равон намудани тоҷирон ва номаи Чингизхон ба султони Хоразм дар тамоми манобеъ таъкид мегардад, ки воқеият дорад.

Чингизхон бо истифода аз чунин фурсат 450 нафар туҷҷорро бо 500 шутур симу зар ва молу амвол ба ҷониби Хоразм фиристод. Элчиён ва туҷҷори муғул ба шаҳри Утрор расидаанд, ки дар ин вақт ҳокими Утрор Инолчуқ маъруф бо лақаби Қоирхон (ва ё Ғоирхон) - аз ақорибИ модари султон Турконхотун буд. Аз ҷамоати туҷҷор ҳиндуе буд, ки пештар бо Қоирхон маърифате дошта ва бар одати пештара ӯро Инолчуқ мехонд ва аз сари ғурур ба азимати хони хеш ӯро эътибор намедод. Қоирхон аз ин рафтори ӯ ба ғазаб омада, ҳамзамон дар моли онҳо тамаъ кард. Бинобар ин, онҳоро ба ҳабс гирифта, ба ҷониби Ироқ назди султон Муҳаммад қосид фиристода, ӯро аз ҳодиса огоҳ намуд. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ менигорад, ки “Хоразмшоҳ насоиҳи Чингизхонро ношунавида бемъонӣ назар ба аҷобати ироқати димоъ ва оғтиноми амволи эшон мисол дод ва надонист, ки ба ҳалол дошт хун ва моли ишон зиндагонӣ ҳаром хоҳад шуд. Қоирхон бар вафқи фармон ишонро беҷон кард, балки ҷаҳонеро вайрон ва халқеро бехонумон. Ва пеш аз он ки ишорат расид, яке аз эшон ба ҳиллат аз зиндон гурехта буд ва дар байғулае пинҳон шуда. Чун ҳоли воқеаи ёрон маълум кард, рӯй ба роҳ овард ва ба хидмати Чингизхон шитофт ва сурати ҳоли дигарон арза дошт” [12, с. 474]. Ин нуктаро Атомалк Ҷувайнӣ, Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ ва Мирхонд низ тасдиқ мекунанд [2, с. 165].

Чингизхон аз шунидани ин суханҳо ба қаҳр омада, лашкарҳо мураттаб намуда, ба назди султон элчӣ фиристода, аз лашкар кашидани худ ба мулки ӯ хабар дод. Тибқи санади Рашидаддин "Ва чун Кушулук дар пеш буд, ибтидо ба дафъи ӯ карда, лашкар фиристод ва чунончи машруҳ гуфта шуд, ӯро аз миёна бардошт ва илчиёнро ба назди султон равона гардонид, мазкари ғадре, ки бегазр аз ӯ содир шуда буд ва маълум аз ҳаракати лашкар ба ҷониби ӯ то ҷангро мустаъид бошад.Хоразмшоҳ чун аз сари нахват ва ғурури офият оқибатро андеша накард ба осеби бало гирифтор шуд" [12, с. 475].

Аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили манобеи хаттӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Чингизхон пас аз омадани тоҷирон ва ё сафорти Муҳаммад Хоразмшоҳ хост бо давлати Хоразмшоҳ муносибатҳои дипломатӣ ва тиҷоратӣ барқарор намояд [13]. Бинобар ин, бо истифода аз фурсати муносиб зимни баргаштани сафорати Муҳаммад Хоразмшоҳ корвони тиҷоратӣ дар шумулӣ 450 нафар тоҷир [11, с. 111] бо тилло, нуқра ва амволи тиҷоратӣ, аз қабили абрешим, аҳқори карима, мансуҷот ва ғайра дар ҳаҷми 500 шутур ба қаламрави Хоразмшоҳ фиристод, ки дар ҳайати онҳо сафорати Чингизхон дар шахсияти Маҳмуди Хоразмӣ, Алихоҷа Бухорӣ ва Юсуфи Утрорӣ ба ҳайси элчӣ қарор доштанд [4, с. 463]. Корвон ба зудӣ ба сарҳади шаҳри Утрор, ки дар соҳили дарёи Сайҳун воқеъ аст, расид. Ҳокими Утрор Қоирхон аз ин воқеа Муҳаммади Хоразмшоҳро, ки дар Ироқ қарор дошт, хабар дода, аз ҷониби султон оид ба қатли корвониён дастур гирифт. Қоирхон тоҷиронро ба қатл расонида, молу амволашонро ғорат намуд. Аммо яке аз ҳайати корвониёни муғул, ки тавре қайд кардем, аз шутурбонон буд, зинда монда, ин хабарро ба Чингизхон расонд. Чингизхон аз ин хабар ба ғазаб омада, бо сардории Қофраҷ Буғру сафорати нав ташкил ва ба назди Хоразмшоҳ равон намуд. Бино ба иттилои Насавӣ ба воситаи ин сафорат аз Муҳаммад Хоразмшоҳ хост, ки дар сурати аз ҷониби Қоиргон худсарона рух додани ҳодиса, гунаҳкорони фоҷиа, хусусан ҳокими Утрор Қоирхонро ба вай таслим намояд, то ӯ ҷазо дода шавад ва ба ин восита хунрезӣ пешгирӣ карда шавад [14, с. 74-75]. Муҳаммад Хоразмшоҳ аз сабаби он ки қисми зиёди лашкариёнаш аз хешовандон ва пайвандони Қоирхон буданд ва аз тарси он ки ба ӯ қасди ҷон намоянд, натавонист Қоирхонро ба Чингизхон таслим намояд [14, с. 75; 1, с. 24]. Аз ҷониби дигар модари султон Муҳаммад Турконхотун, ки дар корҳои идораи давлати Хоразмшоҳ нақши бузург дошт ва бе иҷозати ӯ султон кореро анҷом дода наметавонист, ба таслими Қоирхон иҷозат надод, зеро ба иттилои баъзе аз адабиётҳои хаттиву илмӣ Қоирхон аз хешовандони Турконхотун буд. Бинобар ин, Муҳаммад Хоразмшоҳ на танҳо ба ин шарти Чингизхон розӣ нашуд, балки сафорати ӯ Қофраҷ Буғруро низ ба қатл расонид. Чунин ваҳшиёна рафтор намудани султон Муҳаммад Хоразмшоҳ шояд аз он сабаб буд, ки аз муваффақиятҳои пай дар пайи истилогаронааш дар Хуросону Ироқ хеле мағрур гардида буд.

Қатли корвониёни муғул дар Утрор ва қосидони Чингизхон аз ҷониби Муҳаммад Хоразмшоҳ сабаби асосии ҳаракати лашкари муғул ба ҷониби Мовароуннаҳру Хуросон ва ё сарзамини давлати Хоразмшоҳӣ гардид.

Ҳамин тариқ, сабабҳои асосии ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асари "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Рашидаддин дар тасвири ҷузиёти баъзе воқеаҳо ба дигар

муаррихон ҳамфикр набошад ҳам, ин ҷузъитҳо арзиши илмии ахбори ӯро коста намекунанд, балки бисёр аз масоиле, ки дар асари ӯ инъикос ёфтааст, дигар муаррихон аз он воқеаҳо бехабар мондаанд. Бинобар ин, "Ҷомеъу-т-таворих"-и Рашидаддин Фазлуллоҳ дар инъикоси сабабҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ахбори он ба ҳақиқат наздик аст. Рисолаҳои "Таърихи ҷаҳонкушо"-и Атомалик Ҷувайнӣ, "Табақоти Носирӣ"-и Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ, "Маҷмаъу-л-ансоб"-и Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад Шабонкораоӣ ва "Равзату-с-сафо"-и Мирхонд оид ба масъалаи мазкур ахбори Рашидаддинро тақвият мебахшанд.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Аббос Иқбол. Таърихи муғул аз ҳамлаи Чингиз то ташкили давлати темурӣ [Матн] // Аббос Иқбол. – Теҳрон: 1388. – 624 с.
2. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушо. Бо тасҳеҳӣ Муҳаммад Қазвинӣ. [Матн] // Атомалик Ҷувайнӣ, Муҳаммад Қазвинӣ. – Теҳрон: 1391. – 1016 с.
3. Атомалик Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушо. Чопи аввл. Ҷилди 1. [Матн] // Атомалик Ҷувайнӣ Теҳрон: Дунёи китоб, 1375 ҳ.ш.
4. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Бартольд В.В. Сочинения Том 1. Москва 1963. – 763 с.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Ҷ.1. [Матн] // Ғафуров Б. Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 600.
6. Ибни Батута. Сафарнома. [Матн] // Ибни Батута Ҷилди 1. Чопи шашум. Теҳрон, 1376 ҳ. – 639 с.
7. История таджикского народа. Том. III. Душанбе, Дониш, 2013. – 580с.
8. Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. Табақоти носирӣ. [Матн] // Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. Чопи сеюм. – Кобул, 1391 ҳ.ш. – 649 с.
9. Мирхонд. Равзат-ус-сафо. [Матн] // Мирхонд. – Теҳрон. Ҷ. 5. Чопи пирӯз. 1339. – 628с.
10. Муҳаммад бини Алӣ бини Муҳаммд Шабонкораоӣ "Маҷмаъу-л-ансоб". Ба тасҳеҳи Мирҳошим Муҳаддас. Теҳрон, 1363 ҳ.-374с.
11. Петрушевский И.П. Поход монгольских войск в Среднюю Азию в 1219-1224гг. и яго последствия// Татаро-монголы в Азии и Европе. Москва, 1977.-С. 107-139.
12. Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъу-т-таворих. Бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Рушан. Ҷилди 1. Теҳрон, 1373. – 775с.
13. Рене Груссе. Императории Саҳновардон. Тарҷуми Абдулҳусайни Майкада. Чопи 4. Теҳрон, 1379 ҳ.ш.
14. Шиҳаб-ад-дин Мухаммад ан-Насавӣ. Сират ас-султан Джалал –ад-дин Манкбурны. Москва 1996.-798с.

**Literature:**

1. Abbas Iqbal. Mongol history from the invasion of Genghis to the establishment of the Timurid state [Text] // Abbas Iqbal. – Tehran: 1388. – 624 p.

2. Atomaliq Juvaini. History of the world explorer. With corrections by Muhammad Qazvini. [Text] // Atomaliq Juvaini, Muhammad Qazvini. – Tehran: 1391. – 1016 p.
3. Atomaliq Juvaini. History of the world explorer. First edition. Volume 1. [Text] // Atomaliq Juvaini Tehran: Dunyoi Kitab, 1375 AH
4. Bartold V.V. Turkestan in the era of the Mongol invasion // Bartold V.V. Works Volume 1. Moscow 1963. – 763 p.
5. Ghafurov B. Tajiks: The oldest history, ancient and medieval. Vol. 1. [Text] // Ghafurov B. Dushanbe: Irfon, 1983. – P. 600.
6. Ibn Batuta. Travelogue. [Text] // Ibn Batuta Volume 1. Sixth edition. Tehran, 1376 AH. – 639 p.
7. History of the Tajik people. Vol. III. Dushanbe, Donish, 2013. – 580 p.
8. Minhaj Siroji Juzjani. Nasirian strata. [Text] // Minhaj Siroji Juzjani. Third edition. – Kabul, 1391 AH. – 649 p.
9. Mirkhand. Ravzat-us-safo. [Text] // Mirkhand. – Tehran. Vol. 5. Victorious edition. 1339. – 628s.
10. Muhammad bin Ali bin Muhammad Shabankora'i "Majma' al-Ansab". Edited by Mirhashim Muhaddas. Tehran, 1363 AH-374s.
11. Petrushevsky I.P. The campaign of the Mongolian troops in Central Asia in 1219-1224 and its consequences// Tatar-Mongols in Asia and Europe. Moscow, 1977.- P. 107-139.
12. Rashiduddin Fazlulloh Hamadani. Jami'-t-tawarikh. With corrections and annotations by Muhammad Rushan. Volume 1. Tehran, 1373. – 775p.
13. Rene Grussé. Imperial Sahnovardan. Translation by Abdulhusaini Maykada. 4th edition. Tehran, 1379 AH.
14. Shihab-ad-din Muhammad an-Nasavi. Sirat as-sultan Jalal-ad-din Mankburni. Moscow 1996.-798p.

## ИНЪИКОСИ САБАБҲОИ ҲУҶУМИ МУҒУЛҲО БА ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСАРИ “ҶОМЕЪУ-Т-ТАВОРИХ”-И РАШИДУДДИН ФАЗЛУЛЛОҲИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола муаллифон дар асоси асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ сабабҳои асосии ҳуҷуми Чингизхонро ба Осиёи Миёна инъикос намудаанд. Дар мақола ҷиҳати таҳқиқи масъалаи мазкур аз дигар манбаҳои хаттӣ истифода ва ахбори онҳо ба маълумоти овардаи Рашидуддин муқоиса карда шудааст. Хусусан, қайд мегардад, ки яке аз сабабҳои асосии ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна қатли корвониёни муғл дар Утрор буд, ки ин амал бо дастури Муҳаммад Хоразмшоҳ анҷом дода шуд. Муаллифони мақола ба хулосае меоянд, ки сабабҳои асосии ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Рашидуддин дар тасвири ҷузиёти баъзе воқеаҳо ба дигар муаррихон ҳамфикр набошад ҳам, ин ҷузъитҳо арзиши илмии ахбори ӯро коста намекунанд, балки бисёр аз масоиле, ки дар асари ӯ инъикос ёфтааст, дигар муаррихони асримиёнагӣ аз он воқеаҳо бехабар мондаанд. Бинобар ин, “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳ дар инъикоси сабабҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳру Хуросон аз манбаъҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ахбори он ба ҳақиқат наздик аст.

**Калидвожаҳо:** Рашидуддин Фазлуллоҳ, муғулҳо, хоразмшоҳиён, туҷҷор, Чингизхон, асар, сарчашмаҳои хаттӣ, инъикос.

## ОТРАЖЕНИЕ ПРИЧИНИ МОНГОЛЬСКОГО НАШЕСТВИЯ В СРЕДНЯЯ АЗИЮ В ПРОИЗВЕДЕНИИ РАШИДАДДИНА ФАЗЛУЛЛАХИ ХАМАДОНИ «ДЖАМЕУ-Т-ТАВАРИХ».

В статье авторы на основе произведения Рашидаддина Фазлулли Хамадани «Джамеут-т-таварих» отражают основные причины нападения Чингисхана на Среднюю Азию. Для исследования этого вопроса в статье привлекаются различные другие письменные источники и сведения их сравниваются с данными, предоставленными Рашидаддином. В частности, отмечается, что одной из основных причин нападения Чингисхана на Среднюю Азию стало убийство монгольских караванщиков в Утраре, осуществленное по приказу Мухаммада Хорезмшаха. Авторы статьи приходят к выводу, что основные причины нападения монголов на Моваруннахр и Хорасан широко отражены в произведении Рашидуддина Фазлуллахи Хамадони «Джамеу-т-таварих». Даже если Рашидуддин не согласен с другими историками в описании деталей некоторых событий, эти детали не уменьшают научной ценности его известий, однако многие вопросы, отраженные в его работах, другим средневековым историкам неизвестны. Поэтому «Джамеу-т-таварих» Рашидуддина Фазлуллах считается одним из важных источников, отражающих причины нападения монголов на Восточный Хорасан, и его сведения близки к истине.

**Ключевые слова:** Рашидуддин Фазлулла, монголы, хорезмшахи, купец, Чингисхан, произведения, письменные источники, размышления.

## REFLECTION OF THE REASONS FOR THE MONGOL INVASION OF CENTRAL ASIA IN THE WORK “JAME’U-T-TAVORIKH” BY RASHIDUDDIN FAZLULLOH HAMADANI

In the article, the authors, based on the work “Jame’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani, reflect the main reasons for Genghis Khan’s invasion of Central Asia. In order to study this issue, the article uses other written sources and compares their information with the information provided by Rashiduddin. In particular, it is noted that one of the main reasons for Genghis Khan’s invasion of Central Asia was the massacre of Mongol caravanians in Utrar, which was carried out on the orders of Muhammad Khorezmshah. The authors of the article conclude that the main reasons for the Mongol invasion of Transoxiana and Khorasan are widely reflected in the work “Jame’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlulloh Hamadani. Although Rashiduddin does not agree with other historians in describing the details of some events, these details do not diminish the scientific value of his information, but many of the issues reflected in his work were unknown to other medieval historians of those events. Therefore, “Jame’u-t-tavorikh” by Rashiduddin Fazlulloh is considered an important source in reflecting the reasons for the Mongol invasion of Transoxiana and Khorasan, and its information is close to the truth.

**Key words:** Rashiduddin Fazlulloh, Mongols, Khorezm Shahs, merchant, Genghis Khan, work, written sources, reflection.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: **Мирзоев Шуҳрат Ҷумъамуродович** – Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши

АМИТ, доктори фалсафа (PhD)-аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,хиёбони Рудакӣ 33. Тел: 985-77-79-95. E-mail: mirzo-juma@mail.ru

**Тағдиров Абдуназар Умарбекович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Сведения об авторах: Мирзоев Шухрат Джумамуродович** – Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша ННАТ, доктор философии (PhD) – по специальности 6D020300-История. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33. Телефон: 985-77-79-95. E-mail: mirzo-juma@mail.ru

**Тагдиров Абдуназар Умарбекович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Information about the authors: Mirzoev Shukhrat Jumamurodovich** - A. Donish institute of history, archaeology and ethnography of the NAST, doctor of philosophy (PhD) – specialty 6D020300-History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33. Phone: 985-77-79-95. E-mail: mirzo-juma@mail.ru

**Tagdirov Abdunazar Umarbekovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant professor, department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# ИНЪИКОСИ ҲАРАКАТИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР АСАРҲОИ С. АЙНӢ

**Шарифова М.Қ., Аминов И.Р.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Мутафаккири барҷаста, муаррих, нависанда, шоир ва шахсияти маъруфи халқи тоҷик Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муҳаққиқоне, мебошад, ки тамоми соҳаҳои ҷамъиятии ибтидои асри XX-ро қариб дар ҳамаи осори гаронбаҳояш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди бевоситаи давр, вазъи мавҷудаи замонро мушоҳида намуда, онро бо тамоми унсурҳояш дар осори худ инъикос намудааст.

Таърихи нимаи аввали асри XX-и халқи тоҷикро бе осори С. Айнӣ тасаввур намудан ғайримкон аст. Ӯ барои боз ҳам равшантар инъикос намудани таърихи ибтидои асри XX тамоми падидаҳои дар ин давра ба миёномадаро таҳлил намуда, хусусиятҳои хосси давраи мазкурро дар осораш инъикос намудааст. С. Айнӣ ҳамчун маорифпарвар ва амаликунандаи ақидаҳои Аҳмади Донишу дигар маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри

XX масъалаи таҳқиқи аҳаммияти маориф ва ақидаҳои маорифпарваронро дар мадди аввал гузоштааст.

То имрӯз таърихшиносон ва олимон пас аз таҳлилу омӯзиши афкору андешаҳои Аҳмади Дониш кӯшиш намудаанд, ки хусусиятҳои хосси ҳаракати маорифпарварии халқи тоҷикро нишон диҳанд.

Махсусан, Б. Ғафуров, З. Ш. Раҷабов, Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, Н. Ғаффоров ва С. Табаров ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ин ҷараёни пешқадам камар бастанд [1]; [2]; [4]; [7]; [9].

Вале дар саргаҳи ин таҳқиқот Садриддин Айнӣ қарор дошт. Мисли С. Айнӣ ҳеҷ нафаре мазмуну мундариҷаи ин ҳаракати фарҳангию сиёсии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро хубтар дарк намекард. Агар омӯхта бошад ҳам, дар асоси осори С. Айнӣ омӯхтаанд. Чунки ӯ худ яке аз фаъолонии ин мактаб ва амаликунандаи бевоситаи ақидаҳои нахустин маорифпарварон буд. Махсусан, ӯ дар асари безаволи худ «Ёддоштҳо» фаъолияти маорифпарваронро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX вазъияти сиёсиву иқтисодии аморати Бухоро дар дараҷаи хеле вазнин қарор дошт. Хусусияти хосси давраи мазкурро муборизаҳои мусаллаҳона ва зиддиятҳо дар тамоми кишвар миёни синфҳои ҷамъиятӣ ташкил медод. Баъд аз он, ки Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ забт карда шуд, зулму ситами дутарафа вазъи оммаи заҳматпешаро боз ҳам мушкилтар сохт. Сохти муҳит ва шароити тоқатфарсо синфи зиёии ҷоема – шоирон, нависандагон ва дигар намояндагони илмро, ки ақидаи пешқадами тараққихоҳона доштанд, ба танг меовард. Аксарияти зиёии ҷомеа дар ҳолати ноумедӣ ва парешонию парокандагӣ ба сар мебурданд. Маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар чунин як муҳити носозгор ақидаи пешқадамонаи хешро ба миён гузоштанд [3, с. 76-81].

Бояд тазаккур дод, ки С. Айнӣ дар даврае ба кору фаъолияти адабиву илмӣ ва омӯзгорӣ шуруъ намуд, ки ҳаёти иҷтимоиву маънавии халқи тоҷик дар аморати Бухоро дар вазъияти ногувор қарор дошт. Дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар сарзамини Бухоро ва қаламрави таърихии тоҷикон ҳаракати маорифпарварӣ бо асосгузор ва намояндаи маъмули худ Аҳмад Махдуми Дониш ташаккул ёфт. Дар ҳалқаи маорифпарварони тоҷик устод Садриддин Айнӣ ҳам бо мақсади равшан намудани роҳи ояндаи босаодати мардум камар баста, шамъи илму донишро дар ҳамон муҳити тираву торик шуълавар намуд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст, ки «Корномаи беназири устод Садриддин Айнӣ дар таърихи миллати мо камназир буда, тамоми умри бобаракати ӯ барои ҳифзи ҳувияти тоҷикон ва ба сифати миллати қадимӣ эътироф гардидани онҳо сарф гардидааст. Устод Айнӣ аз ҷумлаи зиёии пешқадам мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллат намудааст. Муборизаи ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, ғоявӣ, адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар оянда буд. Бесабаб нест, ки устод Садриддин Айнӣ аввалин «Қаҳрамони Тоҷикистон»-и соҳибистиқлол гардид» [16, с. 308].

Бояд қайд намуд, ки маҳаки асосии афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷикро дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX маорифпарварӣ ташкил

медод. Пеш аз оне, ки оиди таҳқиқи дараҷаи масоили мазкур дар такя ба осори Садриддин Айнӣ ҳарф занем, мебояд каме ба таври умум аз аҳаммияти ин ҷараёни пешқадами халқи тоҷик маълумот диҳем.

Маорифпарварӣ ҷараён, ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангие ба ҳисоб мерафт, ки бо роҳи паҳн намудани ғояҳои хайру адолат ва илму дониш ноқисиҳои сохтори мавҷудаи ҷамъиятии ҳукмронро аз байн бурдану анъанаҳои номатлуб ва маишату сиёсати фосидонаи ин ҳаёти ҷомеаро аз миён бардоштан мехост [14, с. 15].

Таҷрибаи таърихӣ собит намудааст, ки дар ҳар давру замон дар зери таъсири омили субъективӣ ва объективӣ намояндагони маорифпарвар аз зумраи синфи пешқадаму зиёии ҷамъиятӣ баромадаанд. Омили объективии ба вуҷуд омадани чунин як тафаккури солим ва тараққихоҳона, пеш аз ҳама, инкишофи табиии ҷомеа дар Аврупо, ки капитализмро дар Аврупо ба самар оварду таъсирашро ба Шарқ гузошт, маҳсуб меёбад. Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ва пешрафти илму техника ба миён омадани муносибатҳои молию пулӣ, бонк ва умуман саноат натиҷаи амали бевоситаи маорифпарварони аврупоӣ дар асрҳои XV-XVI гардид, ки минбаъд бо номи давраи Эҳё маълум шуд.

Дар ҷомеаи Шарқи мусалмонӣ, махсусан Осиёи Марказӣ, ки замоне маркази густариш ва рушди тамаддуни инсоният буд, акнун як низоми анъанавии фалаҷгашта бо сарварии сулолаҳои кӯчӣ, ки аз баъзе унсурҳои тамаддун бехабар буданд, ҳукмрон буд ва он омили пастравии ҷомеа гардид. Ҳам дар ҷомеаи ибтидоии маорифпарварии Аврупо (XVI) ва ҳам дар Осиёи Марказӣ (XIX) намояндагони маорифпарвар аз ҳисоби рӯҳониён, аҳли зиёию пешовару ҳунарманд ва аъзои идории давлатӣ ташаккул ёфт. Хусусияти умумии ин ҷараён дар он буд, ки дар ҳама намуду ҳайат шуур омили асосию ҳалкунандаи ҷамъият ҳисобида мешуду омили ноқисиҳои ҷомеа бошад, бемаърифатӣ маҳсуб меёфт.

Хусусияти хосси маорифпарварии Осиёи Марказиро бошад, ба ақидаи муаррихи тоҷик Ҳакимов Н. ҳоло ҳам ба маънавиёти ҷомеасозии исломӣ такя намудан ва зери таъсири маънавиёти ҷомеасозии навин – буржуазии аслан русӣ мондан ташкил медод [14, с. 17].

Қафомонии асримиёнагии ҳаёти ҷамъиятии халқи тоҷик, ки аз қафомонии иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии оммаи заҳматкаш, бесаводии сиёсию иқтисодӣ, ҳукмронии якранги идеологияи феодалию динӣ дар ҳаёти маънавӣ, маҳрумияти сиёсӣва истибдоди феодалӣ он заминаҳое буданд, ки ақида, афкор, таълимот ва ҳаракати маорифпарвариро ҳамчун қиёс бо ҳаёту маишати табақаҳои дорою ҳукмрон ба вуҷуд овард. Барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва тафовути ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва ҳуқуқии табақавӣ ҳамеша зиддият вуҷуд дошт. Вале фақат ба давраи маорифпарварӣ замона даст дод, ки роҳи ҳалли ин зиддиятҳоро шарҳу баён намояд.

Дар робита ба ин, қайд намудан ба маврид аст, ки маорифпарварони асри XIX аксар ҳаёти ҷамъиятии Ғарбу Шарқ, яъне капитализму феодализмро дар муқоисаи байниҳамдигарӣ қарор дода, назарияҳои худро иброз менамуданд. Дар ибтидо маорифпарварони тоҷик бештар дар хусуси барқарор намудани адолати иҷтимоӣ баҳсу мунозара намуда, ягона роҳи ҳалли масъаларо дар маориф ва маърифатнок намудани ҷомеа нишон медоданд [3, с.76-81].

Маорифпарварони ибтидои асри XX, яъне идомадиҳандагони мактаби Аҳмад Махдуми Дониш – Тошхуҷаи Асирӣ, А. Фурқат, Садри Зиё, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Сироҷиддини Табиб, С. Айнӣ таълимоти маорифпарвариро ба падидаҳои нави тағйир додани ҳаёти ҷомеа пурзӯр гардониданд.

Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш перомуни хусусиятҳои ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он то ҷое тавонистааст маълумоти муфассал пешниҳод намояд. Дар ин хусус, қайд намудан меарзад, ки сарчашмаи тамоми маълумоти марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ қариб, ки аз осори С. Айнӣ чи аз асарҳои илмӣ ва чи дар асарҳои бадеӣ ӯ ки ҳаёт ва фаъолияти ин муҳаққиқи барҷастаро инъикос менамояд, баромадааст. Мактаби ташаккулдодаи С. Айнӣ, ки минбаъд ҷадидия ном гирифт, мувофиқи таъкиди бевоситаи худи ӯ, заминаи асосиашро аз маорифпарварӣ гирифтааст. Дар онҳо масоили марбут ба мавҷудияти муносибатҳои феодалию динӣ, аз лиҳози иқтисодӣ ва маданӣ заифу нотавон будани аморати Бухоро, дар сатҳи паст зиндаги мондани меҳнаткашони қашшоқу хонахаробшудаи Туркистону Бухоро, набудани истеҳсолоти саноати замонавӣ, вайрон кардани ҳуқуқҳои сиёсӣ, ҳукумфармоии бесаводӣ миёни аксарияти аҳолӣ ва мавҷудияти зулму ситами мустамликавӣ инъикос шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар илми таърихшиносӣ то ҳол дар хусуси ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия ду ақида ҳукмрон аст. Яке онро сиёҳ ва дигаре сафед мекунад. Аксар ҷадидонро давомдиҳандагони кори маорифпарварон эътироф намудаанд. Дар навбати худ бархе аз муаррихон ва адабиётшиносон ҷадидонро ба ду қисм-иртиҷоӣ ва прогрессивӣ тақсим намудаанд. Бо мақсади ба хатогӣ роҳ надодан дар хусуси ин масоили мубрами охири асри XIX ва ибтидои асри XX моро мебояд, ки ба осори муаррихи замон ва дар айни ҳол ҷадид Садриддин Айнӣ такя намоем. Дар хусуси ҷадид ё маорифпарвар будани С. Айнӣ муҳаққиқон дар як ақида нестанд. Агар осори С. Айниро таҳлил намоем, ҷавоби инро даремёбем, вале дар навиштаҳои тоинқилобии ӯ наметавон ақоиди маорифпарвариро аз ҷадидия ҷудо намуд [8, с.35].

Муҳимтарин ва дақиқтарин осоре, ки дар мавриди маорифпарварӣ сухан меравад, ин «Таърихи инқилоби Бухоро» мебошад. Мувофиқи таҳлили асари мазкур, маълум мегарадад, ки ақидаҳои маорифпарваронаю ислоҳотхоҳонаи С. Айнӣ ва дигар зиёиёну равшанфикрони ибтидои асри XX баъд аз хондани асари Аҳмад Махдуми Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» оғоз меёбад [3, с. 76-81].

Ин асар соли 1883 таълиф гардида, дар аввал дар доираи маҳдуд паҳн шуда, баъдан дастраси баъзе аз зиёиён мегардад. Чунончи, худи устод қайд намудааст:«Пеш аз ба Бухоро омадани матбуоти Русия ва Туркия ба кушода шудани фикри баъзе касон ҳамин китоб сабаб шуда буд» [8, с. 35].

Агар ба дараҷаи таҳлили ҳаракати маорифпарварӣ ва таҳқиқи он аз ҷониби С. Айнӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ӯ пайдоиши аввалин норозигии аҳли зиёро аз низоми таълимии мактабу мадраса ва сохтори идории аморати Бухоро пеш аз Дониш аз давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ медонад. Мувофиқи ахбори муаррих, пас аз вайрон намудани ҷадвалҳои дарсӣ ва аз хуруфот иборат монда шудани дарсҳои расмӣ бо дар назардошти

китобхонаҳое, ки дар Бухоро вуҷуд дошт, баъзе донишмандони пешқадам ба майдони мубориза омада, бар зидди рафторҳои худхоҳона ва худписанди уламои расмӣ баромада, ба гуфти С. Айнӣ «... ҳеҷ набошад кайфи гуруҳи мустабидро парронда меистоданд» [1, с. 24].

Дар ин хусус яке аз айнишиносони барҷаста, академик М. С. Имомзода дар такя ба маълумоти С. Айнӣ қайд намудааст, ки «...Вале онҳо коре карда натавонистанд ва баъзе аз онҳо ҷону моли худро аз даст доданд» [8, с. 35].

Бояд зикр кард, ки устод С. Айнӣ дар китоби дар боло зикршуда дар зермавзӯи «Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ» Аҳмад Махдуми Донишро омили асосии инқилоби фикрӣ ва иҷтимоӣ дар чунин як давраи тираи Бухоро номидааст. Дар ҳақиқат, вақте ба осори Дониш назар меафканем, ӯ ба таври сода ва оммафаҳм ақидаҳои танқидии хешро нисбат ба ҷомеаи қафомондаи Бухоро ва омили ин қафомонӣ ба таври хеле барҷаста иброз намудааст. Махсусан, аз аҳволи уламо, ҷадвалҳои дарсӣ, раванди дарсҳо бо мазмуну мундариҷааш ва то муносибатҳои оилавиро дар осораш инъикос намудааст. Бо таъсири суҳбатҳои Аҳмади Дониш ва осори танқидии вай дар Бухорои он вақта як гурӯҳ донишмандоне ба саҳнаи мубориза ворид шуданд, ки ба муқобили сохти давлатдорӣ ва низоми таълиму тадриси мавҷуда як навъ ҳаракатҳои опозитсионӣ нишон медоданд [1, с. 35].

Муаррих дар ин радиф як қатор донишмандонро номбар намудааст, ки дар саргаҳи онҳо Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, Қорӣ Абдулкарими Офарин, Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дигарон, ки норозигии хешро нисбат ба сохти мавҷуда ба тариқи гуногун иброз медоштанд. С. Айнӣ дар ин хусус қайд намудааст, ки аксари ин номбаршудагон шогирдон, дӯстон ва ҳамсуҳбатони Аҳмад Махдуми Дониш маҳсуб меёфтанд. Ҳамчунин, онҳо дар маҳфили илмию адабии Садри Зиё фаъолона ширкат менамуданд.

Аз маълумотҳои муаррих бармеояд, ки ӯ бо дастпарварони мактаби маорифпарварӣ аз наздик ошноӣ дошта, хусусиятҳои хосси фаъолияти онҳоро дар осораш инъикос намудааст. Дигар аз мусоҳибони Дониш, ки устод С. Айнӣ номбар намудааст, ин Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Иноят Махдум, мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ мебошад, ки нисбат ба дигарон дар фош намудани разолату ҷаҳолатҳои ҷойдоштаи замона бе ҳарос буданд. Ҳамин буд, ки баъзеи онҳо дар зери фишори ҳукумати амирӣ Бухороро тарк намуда, баъзе дигар ба сахтӣ ҷон бохтанд. С. Айнӣ дар хусуси амалҳоиислоҳотхоҳонаи дастпарварони мактаби маорифпарварӣ навишта, ки домулло Икром ва домулло Иваз то ҷое тавонистанд ҷадвали дарсҳои хешро иваз намуда, дар он ислоҳот ворид карданд.

Академик М. С. Имомзода саҳми бузурги С. Айниро дар таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои хосси ҳаракати маорифпарварӣ нишон дода, дар баробари ӯ қайд намудааст, ки пас аз ба вуҷуд омадани рӯзномаву китобҳое ба мисли «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобиддини Мароғаи дар Бухоро шумораи «тараққихоҳон» хеле зиёд мегардад ва онҳо аз қафои ворид намудани ислоҳот дар самти таълими мактабу мадорис мешаванд [9, с. 36].

Қайд намудан ба маврид аст, ки диққати С. Айниро бештар масоили аввалин тарафдорони ҳаракати «тараққихоҳ» ҷалб намудааст. Дар радифи

нахустин «тараққихоҳо» ё «ислоҳотхоҳон» муаррих номҳои Бӯрибой, Мирхон Порсозода, Қорӣ Бурҳон ва Мирзо Муҳиддин Мансурзода, ки машҳуртаринашон буданд, номбар намудааст [1, с. 35].

Таҳқиқи осори С. Айнӣ ва айнишиносони давраи муосир нишон медиҳад, ки ӯ худро яке аз шогирдони мактаби А. Дониш ва ҳаракати маорифпарварӣ нагуфтааст, балки амалу пайкораш ба барномаи ислоҳотхоҳонаи маорифпарварон мутобиқат менамуд. С. Айнӣ, ки дар Бухоро ба воя мерасиду аз кӯдакӣ нисбат ба сохти амирӣ ва низоми ҷаҳолатпарастонаи ӯ нафрат дошт, хоҳ нохоҳ дар зери таъсири ин ҷараёни тараққихоҳона қарор мегирифт. Ақида ва амалҳои маорифпарваронаи С. Айнӣ, дар навбати аввал, ба мактаб ва ташкилу тарғиби ақидаҳои ислоҳотхоҳона пайвастагӣ дорад. Бо мақсади равшан намудани ақидаҳои маорифпарваронаи устод С. Айнӣ ва назари ӯ нисбат ба ин ҷараёну намояндаҳои вай мебояд дар хусуси нахустин мактабҳо ҳарф занем, вале ин мавзуи ҷадидия аст, ки баъдтар ин масъаларо баррасӣ хоҳем намуд.

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди таҳқиқ қарор дод, истифодаи мафҳумҳое чун ба мисли «маорифпарвар», «ислоҳотхоҳ», «ислоҳотталаб», «ҷадид», қадим ва монади инҳо аз ҷониби С. Айнӣ мебошад. Ӯ дар зери истилоҳи маорифпарвар нафареро дар назар дорад, ки дар замони хеш шоеъ аст, яъне ба таври дигар илму дониш ва васоити он ҳосили он мактабу мадорис мебошад [1, с.37].

Аммо муаррих на худашро ва на каси дигарро, ки дар ташкилу ба вуҷуд овардани мактабҳои ислоҳотӣ, яъне усули нав даст доштанд, маорифпарвар наномидааст. Мафҳуми маорифпарвар дар илми таърих ба касоне марбут дониста шудааст, ки барои рушду нумӯи фаъолияти мактабҳои усули нав аз ҳисоби хеш маблағ ҷудо намудаанд ва нисбат ба ин мактабҳо, ки мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботи замон буданд, назари нек доштанд.

Таҳлили осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки маорифпарварон ҷоҳилии боёну камбағалонро сабаби асосии бадбахтиҳо ва бемаърифатии онҳо дониста, беҳтарсозии сифати таълиму тарбияро омили асосии аз мусибатҳои феодалӣ озод шудани ҷомеа медонистанд. Аз ин рӯ, ҷорӣ кардани маърифат, адолат, дӯстӣ ва барҳам додани истибдодро мақсаду мароми асосии худ медонистанд. Ғояҳои ислоҳотии онҳо аз доираи идеологияи расмии ислом берун намебаромад. Вале ғояҳои пешқадаму демократии маорифпарварони тоҷик, сарфи назар аз ин ки на ҳама дар амал татбиқ гардида буданд, аҳаммияти бузурги таърихӣ доштанд.

Аввалан дар шароити тартиботи қафомондаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии асримиёнаги, афзудани нуфузи идеологияи феодалию динӣ таълимоти маорифпарварӣ худ ифодаи эътирози намояндагони пешқадами зиёиён нисбат ба сохтори мавҷуда буд.

Дуюм маорифпарварони тоҷик барои қатъиян тағйир додани низоми маориф, маҳдуд кардани доираи таъсири дин ва ҷорӣ гардидани таълими илмҳои дунявӣ мубориза мебурд. Сеюм тарзи зиндагӣ, низоми маорифу маданият ва илми Аврупо (Русия)-ро тарғибу ташвиқ мекарданд. Ва ниҳоят, муборизае, ки маорифпарварон зидди тартиботи феодалии асримиёнагӣ бурданд, бар абас нарафт [15, с.89].

Ӯ дар осори хеш чунин нафаронро маорифпарвар ном бурдааст: Мирзо Муҳиддин Мансуров, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Қози Саидҷон ва чанд нафари дигареро, ки ҳамаи онҳо одамони сарватманд ва соҳиби молу пули зиёде буданд. Дар ин радиф онҳо ҳамчун элитаҳои фарҳангпарвари замони хеш дар фикри пешрафту шукуфоии мулки худ буданд. Ҳамин буд, ки аз рӯзҳои аввал маҳз фарзандону ақрабои онҳо баин мактабҳо ворид гардиданд.

Академик М. С. Имомзода масъалаи мазкурро пайгирӣ намуда, қайд кардааст, ки истилоҳи маорифпарвар аз ҷониби Айнӣ ду маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ин иқтибосро метавон аз китоби худи устод Айнӣ мисол овард: «Аъзои ҷамъият сирри онро накушода, аз чанд нафар маорифпарварон ҳар моҳе маблағе ба тариқи нона мегирифтанд. Мирзо Муҳиддин Мансуров, Қозӣ Шарифҷони Садр, Қози Саидҷон ва боз чанд нафаре, ки исмашон дар хотирам нақш набастааст, ҳар моҳ маблағи муайяне медоданд» [1, с.133].

Ба фикри мо дар аввал таъсири ҳамин сарватмандони ҷомеа буд, ки мактабҳои ташкилнамудаиислоҳотхоҳон ба мушкилот дучор нагардид. Вале минбаъд таъсиру нуфузи зиёди онҳо амири Бухороро ба ташвиш оварда, дар пайи мубориза бар зидди ақидаҳои тараққихоҳнаи онҳо гардид.

Таҳқиқи фаъолияти густурдаи назариявию амалии устод С. Айнӣ моро ба хулосае овард, ки ӯ дар ибтидои фаъолияташ ҳамчун маорифпарвар ба миён омадааст. Махсусан, ташкилу тарғиби мактаб, пешниҳоди усули нави таълиму тадрис дар мадрасаҳои Бухоро, ҷалби мардум ба омӯзиши таърихи ислом ва ба ин восита огоҳ намудани онҳо аз ҳақиқати шариати исломӣ, тарғибу ташвиқи рӯзномаҳо ва ширкат дар табъу нашри онҳо аз ҷумлаи амалҳои маорифпарваронаи ӯ маҳсуб меёфт. Имрӯз агар принсипҳои маорифпарваронаи чи Шарқ ва чи Ғарбро ба назар гирем, аз ҳамон ҳаракатҳои мусаллаҳона бар муқобили сохти ҳукмрон, аз дигаргунсозии низоми мавҷуда, аз эъмори ҷомеаи нав дур будан ва чунин ҳаракат, махсусан ҳарбро намепазируфтанд [9, с.45].

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти С. Айнӣ дар аввал хусусияти маорифпарваронаро дошта, баъдан ба ҷадидия пайваст. Дар ҳоле ки маорифпарвариро аз ҷадидия ҷудо намоем, пас гуфтан ҷоиз аст, ки Айнӣ аз рӯзи пайвастан ба «Ҷамъияти тарбияи атфол» аз маорифпарварӣ ба ҷадидия қадам ниҳод [4, с.76-81].

Хусусияти хосси афкори маорифпарварии Бухорою Туркистонро аввалан ҳоло ҳам ба маънавиёти ҷомеасозии исломӣ такя доштан ва зери таъсири маънавиёти ҷомеасозии навин–буржуазии аслан русӣ мондан ташкил медод. Онҳо аз ақидаҳою анъанаҳои ҷомеасозии миллӣ дур рафтан нахоҳанд ҳам, вале бартарии ҷомеасозии ҳамсоягони дуру наздикро надида намонданд. Онҳо нақши таълими мактабӣ: мактабҳои усули нав, русӣ-маҳаллӣ, матбуот, нашриёт, маълумоти касбӣ, хидмати тиббӣ ва ғайраҳоро пеш гузоштанд. Маҳз кӯшишу талоши онҳо буд, ки дар 20-соли аввали асри XX аз маорифпарварӣ ҷараёни назариявии нав–ҷадидия ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, устод С. Айнӣ дар осори хеш фаъолияти маорифпарваронаи зиёиёни замони хешро инъикос намуда, дар он хусусиятҳои хосси ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи даврро ба таври муфассал тавзеҳ додааст. Бояд қайд намуд, ки С. Айнӣ аз ҷумлаи аввалин нафароне аст, ки ба таҳқиқи масоили мазкур пардохта, онро ҳамчун шоҳиди замон ба таври объективӣ нишон додааст. Аз мутолиоти осори ӯ маълум мегардад, ки маорифпарварон гуфта, он табақаи

дорои ҷамъиятӣ, ки сарвати зиёд дошта, дар фикри пешрафти ҷомеа, махсусан мактабу мадорис буданд, номида мешуданд.

Таҳқиқоти С. Айнӣ дар ин самт роҳи дигар муҳаққиқонро кушода, ба онҳо имконият додааст, ки ҷиҳати омӯзиши таърихи охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз осори С. Айнӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н.Рашт.**

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 24.
2. Асозода Х. Вокеъият, сиёсат ва С. Айнӣ [Матн] / Х. Асосзода. – Душанбе, 2010.
3. Асозода Х. Зиндагинома ва осори С. Айнӣ [Матн] / Х. Асосзода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2013.
4. Баҳорзода С. Таҳқиқи масоили маорифпарварӣ дар осори Садриддин Айнӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши илмҳои таърриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика [Матн] / С. Баҳорзода. – Душанбе: Сино, 2019. №7– С. 76-81.
5. Бакиев М.И. Отражение истории таджикского народа конца X1X в.-1917 г. в произведенмях С. Айни, Дж. Икроми, Р. Джалил. Дисс. На соиск. Степ. Канд.ист. наук [Текст] / М.И. Бакиев. – Душанбе, 1988.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтраин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008.
7. Муҳиддинов Р.Т. Освещение истории таджикского народа в творчестве С. Айни. Автореф. дисс. на соиск уч. степ КФН [Текст] / А. Мухиддинов. – Душанбе, 1999. – 144 с.
8. Илолов М. Айнӣ-олим, таърихчи ва филолог // Бадахшони Советь, 1958. – 14 апрел.
9. Имомов М.С. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури Садриддин Айнӣ [Матн] /. М. Имомов. – Душанбе, Матбуот, 2001. – 120 с.
10. Имомов М.С. Маънавият ва нақши зоҳир [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2000. – 186 с.
11. Кучаров А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ [Матн] / А. Кучаров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 268 с.
12. Табаров С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 205 с.
13. Табаров С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ. Китоби 3 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: ДДМТ, 1999.
14. Ҳошим Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 211 с.
15. Ҳотамов Н. Инъикоси револютсияи халқии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе: Дониш, 1980.
16. Раҳмонов Ш. Се кори муҳим ва ба хайри Садриддин Айнӣ [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 65 с.
17. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 308.

18. Раджабов З. Садриддин Айнӣ-историк таджикского народа. [Текст] / Раджабов З. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1951.- С. 39-40.

**Literature:**

1. Aini S. History of the Bukhara Revolution [Text] / S. Aini. – Dushanbe: Adib, 1987. – P. 24.
2. Asozoda H. Reality, politics and S. Aini [Text] / H. Asoszoda. – Dushanbe, 2010.
3. Asozoda H. Biography and works of S. Aini [Text] / H. Asoszoda. – Dushanbe: DMT Press, 2013.
4. Bahorzoda S. Research on educational issues in the works of Sadriddin Aini // Message of the National University of Tajikistan: Department of Historical and Archaeological Sciences, Philosophy and Pedagogy [Text] / S. Bahorzoda. – Dushanbe: Sino, 2019. No. 7– P. 76-81.
5. Bakiyev M.I. Reflection of the history of the Tajik people of the end of the 19th century-1917 в годровмях C. Aini, J. Ikromi, R. Jalil. Diss. Don't worry. Step. Kand. ist. Science [Text] / M.I. Bakiev. - Dushanbe, 1988.
6. Gafurov B. Tajiks. History of the oldest, ancient, middle ages and new period [Text] / B. Gafurov. - Dushanbe: Donish, 2008.
7. Muhyiddinov R.T. Enlightenment of the history of the Tajik people and creation of S. Right now. Autoref. diss. not soisk three. step KFN [Text] / A. Mukhiddinov. - Dushanbe, 1999. - 144 p.
8. Ilolov M. Aini-olim, historian and philologist // Soviet Badakhshan, 1958. - April 14.
9. Imamov M.S. Worldview and thinking of Sadriddin Aini [Text] /. M. Imomov. – Dushanbe, Press, 2001. – 120 p.
10. Imomov M.S. Spirituality and the role of appearance [Text] / M. Imomov. – Dushanbe: Adib, 2000. – 186 p.
11. Kucharov A. Textual criticism and textual issues of S. Aini's prose [Text] / A. Kucharov. – Dushanbe: Press, 2002. – 268 p.
12. Tabarov S. Three Tajik educators about the emirs of the Manghit [Text] / S. Tabarov. – Dushanbe: Ejod, 2006. – 205 p.
13. Tabarov S. Issues of national and international pride from the vision of Sadriddin Aini. Book 3 [Text] / S. Tabarov. – Dushanbe: DDMT, 1999.
14. Hoshim R. Words from teachers and friends [Text] / R. Hoshim. – Dushanbe: Irfon, 1971. – 211 p.
15. Hotamov N. Reflection of the Bukhara people's revolution in the works of Sadriddin Aini [Text] / N. Hotamov. – Dushanbe: Donish, 1980.
16. Rahmonov Sh. Three important and beneficial deeds of Sadriddin Aini [Text] / R. Hoshim. – Dushanbe: Devashtich, 2007. – 65 p.
17. Rahmon E. Faces of the Enduring [Text] / E. Rahmon. – Dushanbe: Er-graf, 2016. – P. 308.
18. Radjabov Z. Sadriddin Aini-historiographer of the Tajik people. [Text] / Radjabov Z. – Stalinabad: Tajik Publishing House, 1951.- P. 39-40.

## ИНЪИКОСИ ҲАРАКАТИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР АСАРҲОИ С. АЙНӢ

Маорифпарварӣ ҷараён, ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангие ба ҳисоб мерафт, ки бо роҳи паҳн намудани ғояҳои хайру адолат ва илму дониш ноқисиҳои сохтори мавҷудаи ҷамъиятии ҳукмронро аз байн бурдану анъанаҳои номатлуб ва маишату сиёсати фосидонаи ин ҳаёти ҷомеаро аз миён бардоштан мехост. Таърихи нимаи аввали асри XX-и халқи тоҷикро бе осори С. Айнӣ тасаввур намудан ғайримкон аст. Ӯ барои боз ҳам равшантар инъикос намудани таърихи ибтидои асри XX тамоми падидаҳои дар ин давра ба миёномадаро таҳлил намуда, хусусиятҳои хосси давраи мазкурро дар осораш инъикос намудааст. С. Айнӣ ҳамчун маорифпарвар ва амаликунандаи ақидаҳои Аҳмади Донишу дигар маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX масъалаи таҳқиқи аҳаммияти маориф ва ақидаҳои маорифпарваронро дар мадди аввал гузоштааст. Ҳамин тариқ, муаллифон кушиш намудаанд, ки дар асоси маълумотҳои мухталиф тамоми ҷанбаҳои маориф ва нақши маорифпарваронро дар осори қаҳрамони миллат Садриддин Айнӣ дарҷ намоянд.

**Вожаҳои калидӣ:** Маорифпарварӣ; Садриддин Айнӣ; иҷтимоӣ; Аморати Бухоро; ҷадидон; амирони манғит; инқилоби фикрӣ; ҷавонбухориён.

## ОТРАЖЕНИЕ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОГО ДВИЖЕНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ С. АЙНИ

Просвещение было общественно-политическим, литературным и культурным движением, которое стремилось устранить недостатки существующей социальной структуры правящего класса и искоренить нежелательные традиции, коррумпированный образ жизни и политику этого общества путем распространения идей добра, справедливости, науки и знаний. История таджикского народа первой половины XX века не может быть полной без творчества С. Айни. Это невозможно представить. Чтобы более наглядно отразить историю начала XX века, он проанализировал все явления, возникшие в этот период, и отразил в своем творчестве специфические особенности этого периода. С. Айни будучи педагогом и практиком идей Ахмада Дониша и других педагогов конца XIX — начала XX веков, Айни уделял первостепенное внимание изучению важности образования и идей педагогов. Таким образом, авторы попытались на основе различных источников охватить все аспекты образования и роль просветителей в творчестве национального героя Садриддина Айни.

**Ключевые слова:** образование; Садриддин Айни; социальный; Бухарский эмират; новички; князья Мангита; интеллектуальная революция; Молодые бухарцы.

## REFLECTION OF THE ENLIGHTENMENT MOVEMENT IN THE WORKS OF S. AINI

Enlightenment was a socio-political, literary and cultural movement that sought to eliminate the shortcomings of the existing social structure of the ruling class and eradicate undesirable traditions, corrupt lifestyle and politics of this society by spreading the ideas of goodness, justice, science and knowledge. The history of the Tajik people of the first half of the 20th century cannot be complete without the works of S. Aini. It is impossible to imagine. In order to more clearly reflect the history of the

early 20th century, he analyzed all the phenomena that arose during this period and reflected in his work the specific features of this period. S. Aini, being a teacher and practitioner of the ideas of Akhmad Donish and other educators of the late 19th - early 20th centuries, Aini paid primary attention to the study of the importance of education and the ideas of educators. Thus, the authors tried to cover all aspects of education and the role of educators in the work of the national hero Sadriddin Aini on the basis of various sources.

**Key words:** education; Sadriddin Aini; social; Bukhara Emirate; newcomers; princes of Manghit; intellectual revolution; Young Bukharans.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33

**Аминов Исмоил Рашидҷонович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 000-88-58-21

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Аминов Исмоил Рашиджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, студент 2 курса магистратуры, специальность «История», Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э.Мухиддин – 63. Тел.: (+992) 000-88-58-21

**About the authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik Pedagogical Institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin - 63. Phone: (+992) 905-18-00-33.

**Aminov Ismoil Rashidjonovich** – Tajik Pedagogical Institute in Rasht district, 2nd year master's student, specialty "History", Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63. Tel.: (+992) 000-88-58-21

**ТДУ: 93/94**

# «ТАЪРИХИ АМИРОНИ МАНҒИТИ БУХОРО» -И МУШРИФИ БУХОРОӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

**Махсудов А.М., Хушаков Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии Аморати Бухоро дар бештари сарчашмаҳои мухталифи нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XX

инъикос гардидаанд. Яке аз сарчашмаҳои мухталиф барои таҳқиқи давлатдориҳои Аморати Бухоро ва мулкҳои ҳамҷавори он «Таърихи амирони манғити Бухоро» -и Мушрифи Бухороӣ мебошад.

Мирзо Саидхоҷа Мушрифи Бухороӣ маъруф бо тахаллуси Мушрифи Бухороӣ аз зумараи таърихнависони нимаи дуюми асри XIX -ибтидои асри XX мебошад, ки бо эҳтимоли зиёд дар дарбори амир Абдулаҳад ва амир Олимхон хидмат намудааст. Мутаассифона, дар барои дигар паҳлӯҳои ҳаёти ӯ, аз ҷумла соли таваллуд, вазъи оилавӣ, касбу кор, таҳсил ва соли вафоташ маълумот дастрас нест. Ягона ёдоште, ки номи ӯро то имрӯз боқӣ мондааст, асари таърихиаш «Таърихи амирони манғити Бухоро» мебошад. Муаллиф дар ин рисола номи худро зикр кардааст.

«Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ ҳаводиси таърихиро аз замони қадим, хусусан аз давраи пайдоиши ҳазрати Одам (алайҳиссалом) то давраи ҳукмронии охирин амири манғит- амир Саид Олимхон инъикос карда, дар як китоб гирдоварӣ шудаанд. Аз ин китоб як нусха ба мо маълум шуд, ки дар Маркази меросӣ хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти № 2354/4 нигаҳдорӣ мешавад. Эҳтимол меравад, ки ин нусха дастхати худи Мушрифи Бухороӣ аст. Аммо чӣ гуна ва аз ҷониби кӣ ин рисола ба Маркази мероси хаттии АМИТ пешниҳод шудааст, дар Маркази мероси хаттӣ маълумот нест. Он ягона нусхаи қаламии асар ба ҳисоб меравад. Аммо баъзан саҳифаҳои он вуҷуд надорад ва қисми дигари сафҳаҳо нодуруст ҷо ба ҷо шудаанд.

Аз чунин шакли ҷобаҷогузории саҳифаҳои рисола тахмин кардан мумкин аст, ки рисолаи “Таърихи амирони манғити Бухоро” аз дасти муаллиф ба нафаре туҳфа шуда, чанд муддат дар дасти ӯ мондааст. Нафари нигаҳдоранда аҳамияти ин асарро дарк накарда, онро хуб нигаҳдорӣ накардааст, қисме аз саҳифаҳояшро гум карда, дар ҷобаҷогузории қисми дигари саҳифаҳо иштибоҳ кардааст. Баъдан ин асар ба Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳо интиқол ёфта, саҳифаҳои он аз ҷониби кормандони он дар ҳамон шакли мавҷуда рақамгузорӣ шудааст.

“Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухороӣ бо забони форсӣ-тоҷикӣ содаву равон ва бо хатти настаълиқ навишта шудааст. Он аз фаслҳо ва гуфторҳо иборат аст. Аммо номҳои фаслу гуфторҳо аз матн ҷудо карда нашуда, дар дохили онҳо омада, танҳо бо хатти рост ишора карда шудаанд.

Рисолаи Мушрифи Бухороӣ аз муқаддимаи муаллиф оғоз мешавад. Аммо муқаддима дар саҳифаи 447-и асар ҷойгир аст, ки мебояд, дар сафҳаи аввал меомад. Бо вуҷуди ин, Мушрифи Бухороӣ муқаддимаи худро бо номи Худованди бахшанда оғоз карда, дар он мақсад ва ҳадафи таълифи асарашро инъикос кардааст. Аз ҷумла, ӯ мефармояд: “Алҳамду ли-л-лаҳи Робби-л-ъоламин ва-л-ъоқибату ли-л-муттақин ва-с-салота ва-с-салому ъало расулан Муҳаммад-ив-ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаин. Аммо баъд бар замоири арбоби дониш пӯшида намонад, ки муаллиф Олимхоҷа ибни Мирзосаидхоҷаи Мушрифи Бухорои Шариф аз рӯи нолоиқӣ ва камистеъдодӣ мехост, ки китобе ба забони форсӣ таълиф намояд, ки аҳли хос ва ом шояд аз он мустафид гардида, сабаби ёдоварии бародарони исломӣ гардад ва низ дар ин дер нест. Ҳаст нишонаву аломате шояд Аллоҳ таъоло гардонида ба баҳона ва боиси ин саҳмдонро иҷрое аз каромат ба мунтаҳои худ ато фармояд. Чунончи шайх Саид раҳимаҳ –ул- Лоҳ фармоянд:

Нақшест аз мо боз монд, ки оламро намебинам вафое,
Магар соҳибдиле рӯзе раҳмат кунад дар ҳаққи ин мискин дуое.

Дар ин нусха аз ҳарим он чи зарур аст ба қадри абохире оварда” [9, с. 447].

Дар ин саҳифа фикри муаллиф анҷом наёфта, мебоист дар сафҳаи дигар идома меёфт, вале дар сафҳаи 448 ҳаводиси лашкаркашии Искандари Мақдунӣ зикр шудааст. Аз ин маълум мешавад, ки саҳифаҳои дигари муқаддимаи муаллиф дар асар канда шуда, вуҷуд надоранд. Шояд ки муаллиф дар ин сафҳаҳои вуҷуднадошта дар бораи худ маълумоти мушаххас дода бошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар “Католог”-и Маркази мероси хаттӣ ин асарро аз чор ҷилд [5, с. 120] ва дар сомонаҳои интернетӣ, хусусан дар сомонаи Wikipedia аз ду қисм иборат донистаанд, ки мувофиқи ахбори аввал таърихи амирони манғитӣ ба ҷилди 4-ум ва тибқи манбаи дуюм ба қисми дуюм дохил мешавад. Аммо дар худи асар дар ин хусус тамоман ишора нашуда, ҳодисаҳои таърихӣ ба воситаҳои бобҳо аз ҳам ҷудо шудаанд ва дар зери номи ин бобҳо муаллиф бо қалам хат кашидааст, ки ба ин восита хостааст ба хонанда ҳодисаҳои таърихиро аз ҳам ҷудо нишон диҳад. Дар хусуси қисмҳои асар ишора нашудааст.

Мо зимни омӯзиш ва баррасии рисолаи “Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухоро шартан ин асарро ба чор қисм ё ҷилд ҷудо намудем. Қисми якуми асар аз қадим то давраи ҳукмронии Аштархониён, қисми дуюм замони ҳукмронии Пешдодиён то салтанати Сосониён, қисми сеюм масоили одобу ахлоқ ва рукнҳои ислом ва қисми чорум таърихи ҳукмронии амирони манғитиро дар бар мегиранд.

Ҳодисаҳои таърихии қисми якуми асар 149 гуфторро ташкил медиҳад, ки вобаста ба воқеаҳои таърихӣ онҳоро шартан ба чунин бобҳо ҷудо намуд мумкин аст:

**Боби 1. Пайдоиши Одам (алайҳиссаллом) аз ҷониби Худованд.** Дар ин фасл муаллиф офариниши одамро аз гил, мақому мартабаи ӯ, саҷда кардани малоик ба одам, ронда шудани Шайтон барои саҷда накардан ба одам, аз биҳишт ронда шудани Одам (а) ба замин ва тарзи зиндагии аввалин одам аз нигоҳи шариати Ислом дар рӯйи замин инъикос ёфтааст [9, с. 16-17].

**Боби 2. Ҳаёту рӯзгори пайғамбарон.** Дар ин боб зиндагиномаи пайғамбарон, аз ҷумла Шис, Идрис, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим, Лут, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Мусо, Шуъайб, Айюб, Юнус, Довуд, Сулаймон, Хизр ва Илёс, Узайр, Закариё, Яҳё ва Исо, тарғибу ташвиқи онҳо мардумро ба шинохти Худованди ягона, ҳамчунин, бунёди Макка, ҳаёту рӯзгори Зулайхо, ҳалоки Қорун, зиндагиномаи Мариям ва таваллуди фарзанди ӯ, муъҷизаҳои Худовандӣ ва истеъдодҳои худовандии пайғамбарон ва ҳаводиси дар замони ҳар яке аз онҳо ба вуҷудомада баён шудааст [9, с. 14 а-118б].

**Боби 3. Пайдоиши дини Ислом дар Арабистон ва паҳн шудани он.** Дар ин фасл воқеаҳои пеш аз таваллуди пайғамбар Муҳаммад (с) рухдода, таваллуди Муҳаммад (с), зикри падару модар ва амаки ӯ, вафоти онҳо, тарғиби дини мубини Ислом аз ҷониби Муҳаммад (с), ҳиҷрати Муҳаммад аз Макка ба Мадина, ҷангҳои Бадр, Уҳуд, Хандақ, воқеаҳои қатли Абдурофеъ, Сӯфиён ибни Холид, нома фиристодани Муҳаммад (с) ба подшоҳони олам, ҷангҳои Хайбар, Ҳунайн, Тоиф, тасвири Маккаи Мунаввара, вафоти ҳазрати Муҳаммад, тасвири ҷанозаи ӯ, воқеаҳои баъд аз вафоти ӯ рухдода зикр ёфтаанд [9, с. 128а-238б].

**Боби 4. Арабистон дар замони хулафои Рошиддин.** Зикри чор ёри Муҳаммад (с), ба хилофат соҳиб шудани Абубакр, Умар ва тарзи ҳукмронии онҳо, ба

ҷониби Эрон лашкар фиристодани Умар, ҷанги байни арабҳо ва шоҳи Сосонӣ Яздигурди III, баъд аз вафоти Умар ба тахти хилофат нишастани Усмон, тарзи идораи ҳукумат дар замони ӯ, ба сари ҳокимият омадани Алӣ, ҷангҳои дар замони ӯ рухдода, авзои хилофат баъд аз вафоти Алӣ, ба сари ҳокимият омадани Умавиён, идораи давлат дар замони онҳо, муборизаи Аббосиён бо Умавиён ва ба сари қудрат омадани Аббосиён ва дигар воқеаҳои таърихии марбут ба ин давра таркиби ин бобро ташкил медиҳад [9, с. 233б-290].

**Боби 5. Давлати Сомониён.** Дар ин боб заминаҳои таъсисёбии давлати Сомониён, ташкили давлат, вазъи идораи давлат дар замони амирони Сомонӣ, ба сари ҳокимият омадани Исмоили Сомонӣ ва дигар воқеаҳои сиёсии ин замон инъикос ёфтааст [9, с. 294а-301б].

**Боби 6. Давлати Ғазнавиён.** Аз сарлашкарони Сомониён будани Сабуктегин, аз ҷониби амири Сомонӣ ба Ғазна ҳоким таъин шудани ӯ, ҳукмронии султон Маҳмуд, пас аз вафоти ӯ ба тахт нишастани султон Масъуд дар ин фасл баён шудаанд [9, с. 301б-307б].

**Боби 7. Давлати Салҷуқиён.** Таъсиси давлати Салҷуқиён, аз қавми туркманон будани намояндагони он, тарзи ба сараи қудрат расидани Алп Арслон ва адлу эҳсони ӯ, пас аз вафоти ӯ ба тахти салтанат нишастани султон Маликшоҳ, пойтахти ин давлат будани Нишопур, ба сари ҳокимият омадани султон Санҷар, ҳудуди ҷуғрофии давлати Салҷуқиён дар аҳди Санҷар ва дигар масоили таърихӣ дар ин қисмат тасвир ёфтаанд [9, с. 308б-317б].

**Боби 8. Давлати Хоразмшоҳиён.** Дар ин боб ташкили давлати Хоразмшоҳӣ, ҳукмронии подшоҳони он, хусусан Муҳаммад Хоразмшоҳ, ҳуҷуми лашкари Чингизхон ба давлати Хоразмшоҳиён, шикасти давлати Хоразмшоҳиён, фирор кардани Муҳаммад Хоразмшоҳ, тасарруфи шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби муғулҳо, муборизаи мардум бар зидди лашкари муғул ва ҳукмронии Уқтойқоон инъикос ёфтааст [9, с. 321-328б].

**Боби 9. Давлати Темуриён.** Дар ин фасл муборизаҳои Темурланг барои ба даст овардани ҳокимият, муборизаҳои ӯ бо амир Ҳусайн, ба қатл расидани Ҳусайн, ба тасарруфи Темур даромадани Мовароуннаҳру Хуросон, лашкаркашиҳои Темур ба давлатҳои бегона, ҳукумати Темур пас аз вафоти ӯ, ба сари ҳокимият омадани Шоҳрух, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар замони ҳукмронии Шоҳрух ва писараш Улуғбек, замони салтанати султон Ҳусайни Бойқаро баён шудааст [9, с. 330-338].

Ҳамин тариқ, қисми якуми асар аз пайдоиши инсон аз назари шариати Ислом оғоз шуда, таърихи пайғамбарон, пайдоиши ислом ва ҳодисаҳои рухдодаи марбут ба он давра, инчунин ташкил ва ҳукмронии давлатҳои Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, лашкаркашии Чингизхон ба Осиёи Миёна ва давлати Темуриёнро фаро гирифтааст.

Муаллиф дар қисми дуюми асар ба масоили таърихӣ аз нигоҳи устураҳо нигариста, ҳаводиси таърихиро аз замони Пешдодиён то ҳукмронии охирин намояндаи Сосонӣ инъикос намудааст. Мушрифи Бухороӣ ин қисми асари худро бо “Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-раҳим” оғоз карда, мефармояд, ки “Фасл дар баёни подшоҳоне, ки дар вилояти Ирон подшоҳи кардаанд, табақаи аввали инҳоро Пешдод гӯянд ва он аз Каюмарс, ки набераи Сом ибни Нуҳ алайҳи-с-салом буд” [9, с. 343а]. Ин қисми асар фарогири 30 гуфтор мебошад, ки мо онро шартан ба чунин бобҳо ҷудо намудем:

**Боби 1. Аввалин подшоҳон дар Эронзамин.** Дар ин боб ба сари тахт нишастани аввалин подшоҳ дар эронзамин, ҳукмронии Пешдодиён, аз ҷумла Каюмарс, аз наберагони Сом ибни Нуҳ пайғамбар будани Каюмарс, ҳукмронии Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед ва дигар шоҳони ин сулола инъикос ёфтааст [9, с. 343-352а].

**Боби 2. Ба сари қудрат расидани Каёниён.** Дар ин қисмат ба сари ҳокимият омадани сулолаи Каёниён, хусусан ба тахт нишастани Кайқубод, ҳукмронии Кайковус, лашкаркашии Кайковус ба Яман, дар тарбияи Рустам қарор гирифтани Сиёвуш, қаҳрамониҳои Рустами Достон, бо духтари шоҳи Самангон – Таҳмина хонадор шудани Рустам ва ба дунё омадани Суҳроб баён шудааст [9, с. 352б-362б].

**Боби 3. Ҳукмронии дигар шоҳони Каёнӣ.** Дар ин фасл ҳукмронии шоҳони Каёнӣ, аз ҷумла, Кайхусрав, Луҳросп, Гуштосп, Баҳман, Ҳамонӣ ва дигарон, инчунин ба ҳалокат расидани Сиёвуш, ҷанги Рустаму Суҳроб, кушта шудани Суҳроб аз дасти падар, ҷанги Рустаму Исфандиёр, ҷанги байни Афросиёб ва Кайхусрав ва дигар воқеаҳои марбут ба ин давра тасвир ёфтаанд [9, с. 353б-362б].

**Боби 3. Искандари Зулқарнайн.** Дар ин фасл вазъи сиёсии Рум, ба сари ҳокимият омадани Искандар, лашкаркашиҳои ӯ ба Эрон ва дигар ҳаводиси ин замон зикр шудааст [9, с. 411а-415а].

**Боби 4. Давлати Сосониён.** Ба сари ҳокимят омадани Ардашери Бобакон ва ҳукмронии ӯ, ба тахти подшоҳӣ нишастани Баҳроми Гӯр ва қаҳрамониҳои ӯ, ҳукмронии Қубод ва Нушервони Одил, замони салтанати Ҳурмуз ва Хусрав таркиби ин бобро ташкил медиҳад [9, с. 425б-445б].

Аз ҳаводиси дар қисми дуюми асар инъикосшуда бармеояд, ки муаллиф дар ин қисмат ба таърихи гузаштагони форсу тоҷик дар асоси ривояту устураҳо аҳамияти ҷиддӣ дода, ҳукмрониҳои аввалин давлатҳоро дар сарзамини Эрон аз замони салтанати Пешдодиён то замони ҳукмронии Сосониён зикр кардааст.

“Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухороӣ танҳо масоили таърихиро фаро нагирифта, балки қисми сеюми он ба мавзӯи одобу ахлоқ бахшида шудааст. Ин қисмати асар 36 гуфторро дар бар мегирад, ки онҳоро шартан ба чунин бобҳо ҷудо намудан мумкин аст.

**Боби 1. Дар баёни одобу ахлоқ.** Дар ин боб панду андарзҳои бузургон, адлу эҳсон, ки ахлоқи дуюм ба ҳисоб мерав족анд, хулқи хуш, ки аз ахлоқи сеюм аст, саховатмандӣ, илму дониш, сабр, шукргузорӣ, тарзи суҳбату машварат, ишқу муҳаббат, ҳусни зоҳирӣ ва ботинии инсон; аломатҳои сар, чашм, абрӯ, гардан ва ғайраҳо тибқи илми қиёфашиносӣ, инчунин пайдоиши Замин ва ахлоқи Одам (а) инъикос гардидаанд [9, с. 468-540а].

**Боби 2. Дар баёни гузаштагони Муҳаммад (с).** Дар ин фасл таваллуди Иброҳим (а) ва зиндагии ӯ, зиндагиномаи Лут, Исмоил, Ҳоҷара, бунёди Каъба ва охирин аҷдодони Ҳазрати Муҳаммад қайд шудааст [9, с. 468-545а-568б].

**Боби 3. Дар баёни сифатҳои ислом.** Дар ин боб сифатҳои ислом ва мусулмонӣ, аҳамияти намоз ва рӯза, тартиб ва аҳамияти закот аз нигоҳи дини ислом, зиёрати Каъба ва аҳодиси муборак инъикос ёфтааст [9, с. 468-569а-586б].

Муаллиф дар ин қисмати асар ба масоили ахлоқиву тарбиявӣ таваҷҷуҳ намуда, хонандаро ба роҳи рост ҳидоят намудааст. Ахлоқи шариатро низ ӯ дар ин қисмати асари худ таблиғ намуда, рукнҳои ислом ва шаҷараи Муҳаммад (с) баён кардааст, ки асли пайғамбар ва исломро равшан менамояд.

Қисми 4-уми асар ба таърихи ҳукумронии амирони манғитӣ бахшида шуда, аз 11 фасл ва ё гуфтор иборат мебошад, ки ин гуфторҳо ҳодисаҳои таърихии ба амаломадаро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд:

**Боби 1. Дар баёни подшоҳии амир Шоҳмуродхон.** Дар ин фасл таърихи ба сари ҳокимият омадани Шоҳмурод, муборизаи ӯ бар зидди золимону фасодкорон, ба илму дониш даъват кардани мардум аз ҷониби Шоҳмурод, лашкаркашии ӯ ба ҷониби миёнколи Бухоро, Хитои қипчоқ, Хуқанду Ҳисор, Кӯлобу Шаҳрисабз, ҳуҷуми лашкари Шоҳмурод ба Марв ва ҳамчун асир ба Бухоро овардани мардуми зиёди он, мустаҳкам намудани пояҳои дини ислом дар Бухоро ва андешидани як қатор чораҳои зарурӣ дар ин самт, қаноатпешагии Шоҳмурод, сару либос ва хурду хӯроки ӯ, муносибати Шоҳмурод бо уламо, ба дарсгӯӣ пардохтани амир ва муддати ҳукмронии ӯ, ҳамзамон шоҳи одилу раъиятпаравар будани ӯ инъикос ёфтааст [9, с. 468-569а-586б].

**Боби 2. Дар байёни амир Саййидбаҳодур Султон.** Дар ин боб баъди вафоти Шоҳмурод ба тахт нишастани амир Ҳайдар, баробари ба сари ҳокимият омадан дар болои арки Бухоро ба дарсгӯӣ машғул шудани ӯ, бештар ба илму донишандӯзӣ машғул шудани Ҳайдар, ҳуҷуми муфсидон ба шаҳру навоҳии тобеи Бухоро ва ба дасти худ гирифтани онҳо, ҳуҷуми лашкари Ҳайдар ба муқобили онҳо ва озод намудани шаҳру навоҳии атрофи Бухоро, лашкар кашидани Ҳайдар ба ҷониби Қаршӣ, Урганҷ, Балх ва дигар шаҳру навоҳиҳо, инчунин суҳбати амир Ҳайдар бо олимон ва донишмандон, муддати ҳукумронӣ ва вафоти ӯ тасвир ёфтааст [9, с. 594б-595б].

**Боби 3. Дар баёни амир Ҳусайн.** Баъд аз вафоти амир Ҳайдар ба сари ҳокимият омадани фарзанди ӯ Ҳусайн, тавсифи одобу ахлоқ ва раиятпарварии ӯ, вафот кардани Ҳусайн пас аз шаш моҳи ҳукмронӣ, аз Кармина ба Бухоро омадани бародари Ҳусайн Умархон, ба тахти Бухоро нишастани ӯ, аз Қаршӣ ба ҷониби Бухоро ҳаракат кардани амир Насруллоҳ, муборизаи амир Насрулло бо Умархон, шикаст хӯрдани Умархон ва фирор намудани ӯ аз Бухоро, ҳамчунин ба қатл расидани Умархон зикр мешавад [9, с. 596а-600а].

**Боби 4. Гуфтор дар баёни амир Насруллоҳ Баҳодурхон.** Ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Насруллоҳ, ба шаҳрҳои Самарқанд, Шаҳрисабз, Қаршӣ ва ғайраҳо сафар кардани ӯ, кӯмак ба фақирон, нома фиристодани Насруллоҳ ба ҳокими Хоразм, лашкар кашидан ба Хоразм ва тасарруф шудани он аз ҷониби Насруллоҳ, ба Бухоро баргаштани Насруллоҳ, пурқувват намудани лашкар, лашкаркашии ӯ ба Шаҳрисабз, Хуқанд, Балх, Хуҷанд, Уротеппа ва ғайраҳо, инчунин муносибати ӯ бо дигар давлатҳои ҳамсоя, муносибати Насруллоҳ бо мардуми Бухоро, олимон, донишмандон, тарзи идораи аморати Бухоро дар аҳди Насруллоҳ, вафоти ӯ ва ба тахти Бухоро нишастани амир Музаффар дар ин қисмат баён гаштааст [9, с. 600-625б].

**Боби 5. Дар баёни шоҳии амир Музаффар.** Дар ин боб ҳаводиси таърихии ба сари қудрат расидани Музаффар, лашкаркашиҳои ӯ ба ҷониби Ҳисор, Шаҳрисабз, Хуқанд, Кӯлоб, Вахш, ҳуҷуми лашкари Рус ба Осиёи Миёна, ҷангҳои байни амир Музаффар ва рус, инчунин шикаст хӯрдани лашкари Музаффар ва шартнома бастани амири Бухоро бо давлати рус ва дигар воқеаҳои таърихии дар ин давра ба амал омада инъикос ёфтааст [9, с. 626-648б].

**Боби 6. Дар баёни аҳволи Хоразм.** Ҳуҷуми лашкари Руссия ба ҷониби Хоразм, муборизаи лашкари хони Хоразм ба муқобили истилогарон, шикаст хӯрдани хони Хоразм ва ба тасарруфи Руссия даромадани ӯ, инчунин ҳуҷуми

лашкари Руссия ба Ҳирот, Хуқанд ва тасарруфи дигар шаҳрҳо таркиби ин бобро ташкил медиҳад [9, с. 625б-649б].

**Боби 7. Дар баёни ҳокими Дарвоз.** Дар ин фасл вазъи ҷуғрофии Дарвоз, даъват шудани ҳокими он ба Бухоро аз ҷониби амир Музаффар ду маротиба, дастгир кардан ва ба зиндон андохтани ҳокими Дарвоз, лашкар фиристодани Музаффар ба Дарвоз ва сар задани ҷанг дар он ҷо, аз ҷониби Музаффар ҳокими нав фиристодан ба Дарвоз қайд шудааст [9, с. 653-658а].

**Боби 8. Дар баёни Франк.** Дар ин фасл ҳуҷуми ғоратгаронаи лашкари Фаранг ба Ҳиндустону Афғонистон, сулҳ бастани он бо Хитой, муносибати тиҷоратии Фаранг ба Осиёи Миёна, муносибатҳои дипломатии он ба Руссия инъикос шудааст [9, с. 658а-662б].

**Боби 9. Дар баёни шоҳии Абдулаҳадхон.** Дар ин боб баъд аз вафоти амир Музафар ба сари ҳокимият омадани амир Абудлаҳад, вазъи дохилии кишвар, хусусан Ҳисор ба таври хеле мухтасар зикр меёбад [9, с. 658а-662б].

**Боби 10. Дар баёни лашкар кашидани Рус ба афғония.** Дар ин фасл лашкар кашидани рус ба Ҳирот, омодагии афғонҳо ва лашкари Фаранг ба муқобили лашкари рус, фиристодани ашёи номаълум аз ҷониби лашкари рус ба лашкари афғон ва ба қафо баргаштани ҳар ду лашкар, инчунин ҳар сол ба Руссия сафар кардани амир Абдулаҳадхон, вохӯриҳои намояндагони Руссия бо қозикалони Бухоро Бадриддин баён шудааст [9, с. 663-666].

**Боби 11. Дар баёни подшоҳии Сайид Олимхон.** Ба сари ҳокимият омадани амир Олимхон, дар рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш ба мардум тухфаҳо додани ӯ, озод кардани мардуми фақир аз супурдани баъзе андозҳо, баланд бардоштани музди маоши сарбозон, ба Руссия сафар кардани амир Олимхон ва дигар воқеаҳои таърихӣ дар ин фасл инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар қисми чоруми асари “Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухороӣ вазъи сиёсиву иқтисодии аморати Бухоро дар давраи ҳукмронии амирони манғитӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф тарзи ба сари ҳокимият омадани ҳар як амир, тарзи ҳукмронии ӯ ва ҷангу хунрезиҳои ин давраро махсусан қайд намуда, аз аҳволи мардуми Бухоро ва шаҳру навоҳии тобеи он хабар додааст.

Навиштани чунин як асари бузург бе истифодаи манбаъҳо номумкин аст. Аммо Олимхоҷа ибни Мирзо Саидхоҷа Мушрифи Бухороӣ дар офариниши асари худ ба манбаҳои истифоданамудааш ишора накардааст. Аз сабку услуби таълифи асар, ҳаводиси фарогирифта, мавқеи иҷтимоии муаллиф тахмин кардан мумкин аст, ки Мушрифи Бухороӣ дар таълифи қисми якум, дуюм ва сеюми асараш аз китобҳои таърихи ислом, осори таърихнависони Юнон, нақлу ривоятҳои дорои хусусиятҳои асотирӣ ва “Шоҳномаҳо” истифода намудааст. Дар таълифи қисми 4-уми асар бошад, муаллиф аз асноди дарбори манғитӣ, шоҳидони воқеаҳо ва рисолаҳои таърихии дар ин давра таълифшуда истифода намуда, дар нигориши қисме аз ин воқеаҳо, ки худ шоҳиди зиндаи онҳо будааст, дидаву шунидаҳояшро мунъакис кардааст. Аммо ахбори қисми чоруми асари “Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Мушрифи Бухороӣ ба ахбори “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати амирони манғития”-и Аҳмади Дониш хеле шабоҳат дорад. Эҳтимол меравад, ки Мушрифи Бухороӣ дар навиштани асари худ аз рисолаи Аҳмади Дониш ба таври васеъ истиода кардааст ва ё ҳар ду, ки хидамтгорони даробори манғития буданд, аз як манбаъи асосии дарборӣ истифода намудаанд.

Ҳамин тариқ, дар хусуси зиндагиномаи Мушрифи Бухорой чандон маълумот дастрас нест. Фақат ҳамин маълум шуд, ки ӯ дар дарбори амирони манғитӣ хидмат намуда, ба навиштани "Таърихи амирони манғити Бухоро" машғул шуд. Ин асари ӯ ҳаводиси таърихиро аз ибтидои таърихи инсоният то ҳукмронии охирин амири манғитӣ дар бар гирифта, хусусияти сарчашмавӣ дорад. Ҳамчунин, "Таърихи амирони манғити Бухоро" ҷиҳати омӯзиш ва баррасии масоили сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии аморати Бухоро дар замони салтанати Манғития манбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н.Рашт**

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. [Матн] / Айнӣ С. // Қисми I.Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 286 с.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо [Матн] / Айнӣ С. // Куллиёт, ҷ. 7. —Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – 616 с.
3. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро [Матн] / Айнӣ С. // Куллиёт, ҷ. 10. - Душанбе, 1966. - С. 5-191.
4. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. [Матн] / Аҳмад Махдуми Дониш // Ба саъй ва эҳтимому тасҳеҳи А. Мирзоев. – Сталинобод. Нашрдавтоҷик, 1960. – 193 с.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон [Матн] / Ғафуров Б. // Ҷ.2. – Душанбе, 1983. –416 с.
6. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. [Матн] Ғоибов Ғ. – Душанбе, 2006. – 960 с.
7. История таджикского народа. [Текст]/ История таджикского народа// Т. IV. – Душанбе: «Дониш», 2010. – 298 с.
8. Каталог восточных рукописей Академии наук таджикской СССР [Текст] / Каталог восточных рукописей Академии наук таджикской СССР // Том1. – Сталинобод, 1960. – С.120.
9. Мушрифи Бухорой. Таърихи амирони манғитӣ [Матн] / Мушрифи Бухорой // Ҷ. 4. Дастхати мероси хатии АМИТ, таҳти №2354/4.
10. Мирзо Муҳаммад Азими Сомӣ [Матн] / Мирзо Муҳаммад Азими Сомӣ// Таърихи салотини Манғития. Дастхати мероси хатии АМИТ, таҳти №927 /2.

**Literature:**

1. Aini S. Memoirs. [Text] / Aini S. //Part I. Stalinobod: Tajik State Publishing House, 1958.–286 p.
2. Aini S. Memoirs [Text] / Aini S. //Collection, vol. 7. – Dushanbe: Nashrdavtojik, 1962. – 616 p.
3. Aini S. History of the Mangitian emirs of Bukhara [Text] / Aini S. //Collection, vol. 10. - Dushanbe, 1966. - P. 5-191.
4. Ahmad Makhdumi Donish. A treatise or summary of the history of the Mangitian dynasty. [Text] / Ahmad Makhdumi Donish// With the efforts and careful editing of A. Mirzoev. – Stalinobod. Nashradavtojik, 1960. -193 p.
5. Gafurov B. Tajiks. [Text] / Ghafurov B. // J.2. Dushanbe, 1983. -416 p.
6. Goibov G. History of Khatlon from the beginning to the present day. [Text] Ghoibov G. – Dushanbe, 2006. - 960 p.

7. History of the Tajik people. [Text]/ History of Tajik people// T. IV. Dushanbe, "Knowledge", 2010.-298 p.
8. Catalog of oriental manuscripts of the Academy of Sciences of the Tajik USSR. [Text]/ Catalog of eastern manuscripts of the Academy of Sciences of the Tajik USSR // Volume 1. Stalinabad. 1960. - P. 120.
9. Mushrif Bukhara. "History of Mangiti Emirs". [Text] / Mushrif Bukharai// Vol. 4. Manuscript of the written heritage of the National Institute of Mathematics, under number 2354/4.
10. Mirzo Muhammad Azimi Somi. [Text] / Mirzo Muhammad Azimi Somi// History of the Mangitian Sultanate. Manuscript of the written heritage of the National Institute of Mathematics, under number 927 /2.

## «ТАЪРИХИ АМИРОНИ МАНҒИТИ БУХОРО» -И МУШРИФИ БУХОРОӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола рисолаи «Таърихи амирони манғитӣ»-и Мушрифи Бухороӣ ҳамҷун сарчашмаи муътамади таърихӣ доир ба омӯзиши таърихи ҳукуматронии амирони манғит дар Бухоро инъикос ёфтааст. Муаллифонии мақола рисолаи «Таърихи амирони манғитӣ»-и Мушрифи Бухороиро сарчашмаи муҳимми таърихӣ арзёбӣ кардаанд, аммо бештари ахбори онро дар хусуси ба сари ҳокимият омадани амирони манғит ва лашкаркашиҳои онҳо, инчунин муносибати амирон ба мардум комилан ноодилона дониста, сабабашро дар бехабар мондани муаллиф аз воқеияти таърихӣ ва ё аз мавқеи хидматгузори дарбор будани ӯ муайян намудаанд. Дар мақола муаллифон бо такя ба дигар манобеи таърихӣ қайд менамоянд, ки асари «Таърихи амирони манғитӣ»-и Мушрифи Бухороӣ гарчанде баъзан ҷиҳатҳои манфии амирони манғитро нодида гирифтааст, қиммати илмиро доро буда, барои омӯзиши паҳлуҳои мухталифи таърихи халқи тоҷик нақши созгор дорад.

**Калидвожаҳо:** Аморати Бухоро, Мушрифи Бухороӣ, сарчашма, амирони манғит, Қуқанд, манбаъ, дастхат.

## «ИСТОРИЯ ВЫДАЮЩИХСЯ БУХАРЫ» МУШРИФА БУХАРЫ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

Статья Мушрифа Бухарского «История мангитских эмиров» отражена в статье как надежный исторический источник для изучения истории правления мангитских эмиров в Бухаре. Авторы статьи оценили трактат Мушрифа Бухары «История мангитских эмиров» как важный исторический источник, однако большая часть его сведений посвящена приходу мангитских эмиров к власти и их походам, а также отношению эмиров к люди как совершенно несправедливые, причина в незнании автором действительности. Они определили, что он был судебным служащим. В статье авторы, опираясь на другие исторические источники, указывают, что труд Мушрифа Бухарая «История мангитских амиров», хотя и игнорирует порой негативные стороны мангитских амиров, имеет научную ценность и играет важную роль в изучение различных аспектов истории таджикского народа.

**Ключевые слова:** Бухарский эмират, Мушриф Бухарский, источник, эмиры Мангит, Куканд, источник, рукопись.

**«HISTORY OF OUTSTANDING BUKHARA» BY MUSHRIF BUKHARA AS A HISTORICAL SOURCE**

The article by Mushrif Bukhara "The History of the Manghit Emirs" is reflected in the article as a reliable historical source for studying the history of the reign of the Manghit Emirs in Bukhara. The authors of the article assessed the treatise by Mushrif Bukhara "The History of the Manghit Emirs" as an important historical source, but most of its information is devoted to the coming of the Manghit Emirs to power and their campaigns, as well as the attitude of the emirs to the people as completely unfair, the reason for this is the author's ignorance of reality. They determined that he was a judicial officer. In the article, the authors, relying on other historical sources, indicate that the work of Mushrif Bukhara "The History of the Manghit Emirs", although it sometimes ignores the negative aspects of the Manghit Emirs, has scientific value and plays an important role in studying various aspects of the history of the Tajik people.

**Key words:** Bukhara Emirate, Mushrif of Bukhara, source, emirs Mangit, Kukand, source, manuscript.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Махсудов Аслиддин Муҳабатович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декани факултети таърих ва ҳуқуқ оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985022982. E-mail: asliddin.maxsudov.92 @mail.ru

**Хушаков Наврӯз Маҳмадҷонович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 937881619.

**Сведения об авторах: Махсудов Аслиддин Мухабатович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана историко-правового факультета по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 985022982. E-mail: asliddin.maxsudov.92 @mail.ru

**Хушаков Навруз Махмаджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистр 2-го курса истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 937881619.

**Information about authors: Makhsudov Asliddin Muhabatovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean of the faculty of history and law for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985022982 E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru.

**Khushakov Navruz Mahmadzhonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master of history. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 937881619

ТДУ: 93/94

# ТАЪРИХНИГОРИИ ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ ОМӮЗИШИ НАҚШИ САРВАРИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ ҶОМЕА

**Саидов С.Ҷ., Сайвалиев Н.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Инсоният аз замонҳои хеле қадим муҳимм будани нақши сарварро дар ҳаёти ҷомеа дарк намуда буд. Ин эҳтиёҷ дар натиҷаи зиндагии якҷояи одамон ба вуҷуд омада, тӯли асрҳост, ки мавҷудияти он муайян ва шаклгирифтаи иҷтимоиро дар ҷомеа ба вуҷуд овардааст.

Муносибатҳои ҳокимият ҳам ифодаи фаъолияти субъекту объекти идоракунӣ буда, сарвари сиёсӣ дар занҷири зикргардидаи муносибатҳо мақоми хосро ишғол менамояд.

Ҳамзамон бо ин, сарвари сиёсӣ нафарест, ки масъулияти азимро дар назди ҷомеа ва мардум ба дӯш гирифта, мақоми роҳбалади иҷтимоию сиёсиро низ дар ҷомеа иҷро мекунад. Дар ҷараёни рушди афкори илмӣ ва фалсафӣ таърифҳои гуногуни сиёсат пешниҳод карда шуданд: «санъати шоҳона» -и умумӣ, ки иборат аз доштани маҷмуи махсуси истеъдодҳо (суханварӣ, ҳарбӣ, судӣ ва ғайра), қобилияти «ҳамаи шаҳрвандонро муҳофизат кардан ва агар имконпазир бошад, онҳоро аз бадтаринҳо беҳтар намудан». (Афлотун), дониш дар бораи идоракунии дуруст ва оқилона (Макиавелли), роҳбарии дастгоҳи давлатӣ ё таъсир ба роҳбарият (Макс Вебер), мубориза манфиатҳои синфӣ (Карл Маркс) ташаккул ёфтаанд [8, с. 321].

Таҳлили афкори сиёсӣ нишон медиҳад, ки мутафаккирони давру замонҳои гуногун вобаста ба ин масъала ақидаҳои арзишманди худро баён намудаанд. Яке аз чунин таълимот таълимоти Конфутсий мебошад. «Таълимоти Конфутсий дар бораи санъати идоракунии ҷомеа – анъанаи пурғановат дорад. Ҳаққу ҳуқуқи худро ба идоракунӣ ашрофон бояд тавассути ахлоқ, дониши воло, ғамхорӣ нисбат ба тобеон, таъминот ва тарбияи онҳо исбот кунанд. Роҳбари хирадманду оқил бояд хуб донад, ки одамон чиро меписананд (боигарӣ, обрӯ) ва чиро дӯст намедоранд (камбағалӣ, бадбинӣ), ашрофи кордон бояд қобилияти дидан, шунидани ҳама чизро дошта бошад ва нуктаи назари худро эҳтиёткорона гуфта тавонад, аз амали хатарнок ва таваккалӣ худдорӣ карда тавонад. «Як ҳарфи беҷо дар бораи хирад ва бехирадии одам, махсусан ҳокимро, шаҳодат дода метавонад, ки самимият ва бамаврид будани вай, ҳамзамон метавонад, тақдири давлатро ҳал кунад» [7, с. 237-239].

Мутафаккири дигаре, ки ақидаҳои ӯ вобаста ба масъалаи давлату идоракунӣ арзиши худро тӯли қарнҳо нигоҳ доштааст, Афлотун мебошад. Таълимоти сиёсию фалсафии Афлотун фарогирии кулли масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ буда, дар онҳо қонунияти рушди ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди таҳлилу мубоҳисаҳо қарор гирифтааст.

Дар мавриди сарварӣ низ номбурда ақидаҳои пурарзиш баён намудааст. Дар асари машҳури худ «Давлат» ӯ: «Сиёсатро санъати шоҳҳон маънидод кардааст, ки донишу маҳорати идоракунии одамонро тақозо дорад. Сиёсат он замоне падид меояд, ки дар ҷомеа зарурати танзими муносибатҳо

байни одамон ба вуҷуд ояд. Аз як ҷониб сиёсат, ин «дониши ягона» дар бораи он ки чӣ гуна бояд ҷомеаро идора кард ва аз ҷониби дигар, ин «санъати идоракунии ҳамаи одамон» аст. Мақсади сиёсат «некии кулли давлат» мебошад. Дар қиёс ба худоён, ки инсонҳоро идора мекунанд ва бевосита аз адолати илоҳӣ истифода мебаранд, сиёсатмадорон - одаманд. Танҳо чанд нафари интихобшуда, ки рӯҳи онҳо ҳақиқати илоҳиро фарогир аст, медонанд, кичӣ гуна инсонҳоро дуруст идора кунанд ва метавонанд ба ҷомеа хуб раҳбарӣ кунанд» [15, с. 232].

Ақидаҳои сиёсии Афлотунро дар масъалаи давлат ва сарварӣ таҳқиқ намуда, олими рус Р.Х.Кочесоков қайд мекунад, ки: «Афлотун боварӣ дошт, ки давлати идеалии ӯро метавон ба воқеият табдил дод. Инро бо ду роҳ анҷом додан мумкин аст. Аввалан, Афлотун гуфт, ки дар байни авлоди подшоҳон тасодуфан файласуфманишон пайдо шуда метавонанд, ки бо адолат ҳукмронӣ мекунанд ва шаҳрвандон бо омодагӣ муқаррарот ва қонунҳои онҳоро риоя мекунанд. Сонияи, файласуфон ба сари қудрат омада, аз шахсони аз даҳсола болоро аз давлат пеш мекунанд, боқимондаро ба тарзи худ тарбия мекунанд» [10].

Ба ақидаи Афлотун: «Давлати идеалӣ бояд аз се табақаи асосӣ иборат бошад: ҳокимону файласуфон, ки ҳамзамон ҳоким мебошанд, муҳофизон-сарбозон, ки масъули ҳифзи давлат аз душманони дохилӣ ва хориҷианд, ҳунармандону деҳқонон, заминкорон, ки ба ду табақаи дигар мутеъ ҳастанд» [15, с. 234]. Табақабандии Афлотун нишонаи мавҷудияти тақсимбандии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Файласуфон бошад, дорои мартабаи баланд буда, мутафаккирон ба онҳо вазифаи сарварӣ дар ҷомеаро бовар мекунад.

Файласуфи дигари бузурги Юнони Қадим, ки вобаста ба давлату сарвари сиёсӣ ақидаҳои пурарзиш баён намудааст, Арасту мебошад. Ӯ муътақид аст, ки: «Давлат мансуб ба зуҳуроти моҳиятӣ аст. Инсон, табиатан, мавҷуди сиёсӣ мебошад. Касе, ки аз рӯйи хислат, на аз лиҳози ягон ҳодисаи фавқулода, «берун аз давлат» зиндагӣ мекунад, аз ҷиҳати рӯҳӣ солим нест.... Гомер онро беасл, берун аз қонун ва ломакон номидааст. Ин гуна шахс доимо ташнаи низоъ мебошад» [1, с. 23].

Вобастагии байни давлат ва инсонро баррасӣ намуда, мавҷудияти дуюмиро берун аз якумӣ номумкин меҳисобад. Яъне, берун аз ҷомеа инсон наметавонад рисолати инсонии худро иҷро намояд.

Нақши давлатро ҳамчун ташкилоти сиёсии барои ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ зарурӣ қайд намуда, навиштааст: «Намунае, ки мо онро бо давлат қиёс карда тавонем, мавҷуд нест» [1, с. 23].

Арасту қайд мекунад, ки: «Давлат моли халқ аст ва мардум ҳар гуна ҷамъи одамоне нест, ки ба ҳар васила ҷамъ шудаанд, балки иттиҳоди одамоне мебошад, ки дар масъалаҳои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои умумӣ ба ҳамдигар ризоият доранд. Сабаби аввали чунин робитаи одамон на он қадар заъфи онҳо, балки ба истилоҳ, ниёзи фитрии зиндагии якҷоя мебошад. Зеро инсон майл ба мавҷудияти ҷудогона ва саргардонии танҳоӣ надорад, балки барои он офарида шудааст, ки ҳатто бо фаровонӣ ба ҳама чизе, ки ба шумо лозим аст, аз ҳамсафони худ нагурезад» [1, с. 23].

Мутафаккир дар ҷойи дигар таъкид кардааст, ки: «Минбаъд иҷрои онҳо бояд ба як ё каси интихобшуда супурда шавад ё ин ки онро шаҳрвандон ба зимма гиранд. Ҳамин тавр, вақте ки ҳокимияти олӣ дар

дасти як нафар аст, мо ин шахсро подшоҳ ва чунин сохтори давлатиро ҳокимияти шоҳӣ меномем. Вақте ки он дар дасти интихобшудагон аст, мегӯянд, ки ин ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Ҳокимияти мардумӣ бошад, чунин ҷамъиятест, ки дар он ҳама чиз дар дасти халқ аст» [1, с. 358].

Мутафаккири дигари бузурге, ки дар масъалаи идоракунӣ ва сарвари сиёсӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст, Ситсерон мебошад.Ӯ идоракуниро ҳамчун масъулият ва амали мушкил маънидод намуда, қайд мекунад, ки: «Аз ин рӯ, шахси оқил набояд зимоми ҳукуматро ба дӯш гирад, агар наметавонад табақаи поёниро аз талошашон баҳри ба даст овардани ормонҳои бешуурона ва озодандешагонро аз мубориза на барои ҳаёт, балки барои марг боздорад, ба таҳқир дучор шавад ё беадолатиро интизор шавад, ки барои хирадмандон тоқатнопазир аст» [17, с. 23].

Ақидаи мазкур бозгӯйи рисолати душвори сарварӣ дар ҷомеа мебошад. Ситсерон ақида дорад, ки ба сарварӣ бояд ҳамонҳое машғул шаванд, ки имкони дуруст идора кардани ҷомеаро доранд. Касоне, ки аз уҳдаи иҷрои ин рисолат баромада наметавонанд, набояд ба ин кор даст зананд. Г. Гротсий марҳилаи ҳаёти инсонҳоро то ба вуҷуд омадани давлат ҳамчун «ҳолати табиӣ» тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ: «Одамон дар давлат, на бо амри илоҳӣ, балки ихтиёран, бо таҷрибаи нотавон будани оилаҳои парокандаи алоҳида дар муқобили зӯроварӣ, ки ҳокимияти шаҳрвандӣ аз он ҷо сарчашма мегирад, муттаҳид шуданд». Пайдоиши давлатро Г.Гротсий ҳамчун василаи ҳифзи мардум маънидод мекунад, ки имкон дорад ба муқобили ҳама гуна зӯроварӣ муқовимат намояд.Ҳокимияти шаҳрвандиро ҳамчун асоси муқовиматкунанда ҳисобида, пайдоиши давлатро ҳамчун раванди табиӣ маънидод мекунад.

Мутафаккири машҳури итолиёвӣ Н.Макиавелли азшахсиятҳои шинохтае мебошад, ки дар таърихи афкори сиёсӣ мавқеи хоси худро дошта, оид ба давлат ва сарварӣ мероси бойи илмӣ боқӣ мондааст. Асари машҳури ӯ «Подшоҳ» (Государь) ба сифати сарчашмаи боэътимоди илмӣ барои муҳаққиқон ва дастури фаъолият барои сарварон мебошад. Барои идоракунии давлат, ба ақидаи Макиавелли, ба сарвари давлат - таҷрибаи таърих воситаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Вай навиштааст, ки: «Он чӣ муҳимм аст, подшоҳ бидонад, чӣ гуна бо халқ ва дӯстон амал кардан аст. Ба ҷойи хаёлпардозӣ ба воқеият рӯй биёрад, фосила миёни зиндагии воқеӣ ва зиндагии идеалиро аз байн барад, вагарна дар ҳолати баръакси он нобуд мегардад» [18, с. 55]. Ақидаҳои Н.Макиавелли дар бобати нигоҳ доштани робитаи зич байни сарвар ва ҷомеа то ҳол муҳиммияти худро аз даст надодаанд.

Ҳадафи асосии муаллиф, пеш аз ҳама, имкон додан баҳри бунёди давлати пурқудрат ва тавоно мебошад. Ба хотири бунёд ва пойдории давлати пурқудрат подшоҳ бояд аз тамоми воситаҳо истифода намояд. «Бисёр чизҳо, - қайд мекунад ӯ, - одамонро идора мекунанд – иқлим, дин, қонунҳо, принсипҳои ҳокимият, мисолҳои замони гузашта, одоб, урфу одат, дар натиҷаи ҳамаи ин рӯҳияи умумии халқ ташаккул меёбад» [15, с. 232].

Мутафаккир ба ҳокимон тавсия медиҳад, ки дар раванди Вобаста ба сарварӣ ва идоракунии давлат файласуфи бузурги немис В. Ф. Гегел низ ақидаҳои консептуалии пурарзиш баён намудааст. Консепсияи ӯ дар бораи омилҳои шаклгирӣ, рушд ва сифати инсон то ба имрӯз ҳамчун сарчашмаи бунёдии илмӣ хизмат намуда истодааст. Ӯ дар асари машҳураш «Фалсафаи

рӯҳ» дар боби тафсири хислатҳои шахсиятҳои таърихӣ таъкид месозад: «Ба сифати шахсият он қисмати неруи инсон мансуб аст, ки намегузорад касе ӯро аз роҳи интихобкардааш берун барорад, мақсади худро то ба охир пеш мебарад» [4, с. 77].

Дар идома оид ба инсонҳое, ки олими бузург эҳтиромихудро нисбат ба онҳо пинҳон карда наметавонад, бо қаноатмандӣ иброз медорад: «Инсоне, ки азми қавӣ ва нияти нек дорад, эътиқод ва эҳтироми дигаронро соҳиб мешавад. Одамон медонанд, дар шахсияти ӯ бо кӣ сарукор доранд» [4, с. 77].

Файласуфи маъруф ба арзишмандӣ ва дараҷаҳои амали инсон, ки маҳз аз рӯйи он феълу атвори ӯро муайян ва баҳогузорӣ кардан мумкин аст, таъкид кардааст: «Фақат тавассути амалӣ кардани мақсадҳои бузург, инсон дар худ сифати шахсияти бузургро ошкор месозад. Маҳз ҳамин хислат ӯро барои дигарон машъал менамояд» [4, с. 77]. Яъне, манзур ашхосе мебошанд, ки онҳоро ҳамчун сарварони прагматик тавсиф менамоянд.

Онҳо вобаста ба вазъият амал намуда, қарорҳое қабул мекунанд, кивобаста ба тақозои замон буда, самаранокии раванди идоракуниро баланд мебардоранд. Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда Р.Дафт низ ақидаҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ хулоса баровардааст, ки: «Инсонҳо аз бисёр чизҳо тарс доранд: аз марг, аз содир намудани хато, муваффақ нашудан, инкор шудан, ҳарос аз дигаргуниҳо, аз даст додани назорат, танҳоӣ, дард, номуайянӣ, зӯроварӣ, озод шудан аз кор, нобарорӣ зимни суханронӣ дар назди мардум. Бисёр шаклҳои тарс аз худ осори амиқ гузошта, инсонро аз роҳи ба амалҳои зарурӣ бозмедорад. Сарвари ҳақиқӣ тамоми ин тарсҳоро бартараф карда, масъулиятро ба дӯш гирифта, барои дигаргунӣ ташаббус намуда, фикри худро баён ва мавқеи худро дифоъ менамояд» [5, с. 231].

Дар ҷойи дигар ӯ қайд кардааст, ки: «Сарварони ҳақиқӣ дорои як қатор хислатҳое мебошанд, ки онҳоро шахсиятҳои таъсиррасон дар ҷомеа мегардонанд. Масалан, баъзе сарварон дар муносибат ба идеяҳои нав бештар кушода буда, назари танқидӣ надоранд. Онҳо метавонанд ба дигарон ғамхорӣ намоянд ва бо бартараф намудани масофаи эмотсионалӣ робитаҳои шахсӣ барқарор кунанд. Онҳо қодиранд, ки сарҳадҳои анъанавиро вайрон карда, аз онҳо берун бароянд.

Муттафакири дигаре, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, ақидаҳои пурарзиш баён намудааст, Ҷ. Блондел мебошад. Ба ақидаи номбурда: «Сарварӣ як навъи махсуси қудрат ба он маъно аст, ки он дар доираи васеи масъалаҳо ва мушкилот амалӣ карда мешавад ва ҳамчун яке аз механизмҳои ҳамгироии фаъолияти ҷамъиятӣ ба тамоми ҷараёни раванди таърихӣ таъсир мерасонад ва дар моҳият ва шакл он як падидаи мақомот аст. Сарварӣ қудрат аст, аммо, албатта, на ҳама гуна қудрат сарварӣ аст» [2, с. 19].

Ҷанбаи дигареро ки дар ин робита месазад номбар намоем, ин рисолати идоракунӣ мебошад. Ба ақидаи сиёсатшинос А. Комилбек: «Идоракунии давлатӣ аслан раванди сиёсӣ мебошад, зеро давлат ҳамчун ниҳоди асосии сиёсӣ ҳамаи стратегияҳои муҳимтарини рушди ҷомеаро коркард, тасдиқ ва амалӣ мегардонад. Вай ҳамчун низоми фарогир, шохадор ва таъсирбахши идоракунии сиёсӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, механизмҳои сиёсии идоракунӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи давлатдорӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Режими ҳокимияти давлатӣ методҳои

принсипиалии амалигардонии ҳокимиятро ҷорӣ мекунад, ки дар доираи онҳо механизмҳои зарурӣ ва имконпазири амалҳои мушаххаси идорӣ дар навбати худ интихоб карда мешаванд. Одатан чунин механизмҳо маҷмуи чораҳои муайяни идоракунӣ, маҳорат, усулҳои бо ягон метод ёпринсипи сиёсӣ муттаҳидшударо мефаҳмонанд» [7, с. 54-55].

Муҳаққиқони рус Г.В. Пушкарева, А.И. Соловев ва О.В. Михайлова низ вобаста ба ин ҳолат дар бораи «назарияи интихоби ратсионалӣ» сухан ронда, қайд менамоянд, ки: «Он дар илми идоракунӣ василаи маъмулии тафсири ҳавасмандӣ ба се усул асос меёбад:

- фард доимо барои ба даст овардани мақсад ва ё натиҷаи муайян талош дорад, ки бо мафҳумҳои фоиданокӣ, манфиатнокӣ ва самаранокӣ тавсиф мешаванд;
- ӯ қодир аст дар робита ба вазъе, ки дар он қарор дорад, бетаъхиру дурандешона тадбир андешад;
- ӯ усулҳои дар айни замон муносибро барои ба даст овардани мақсад, ки натиҷаҳои максималиро таъмин мекунанд, интихоб менамояд» [13, с. 255-256].

Усулҳои номбарнамудаи олимони зикргардида имкон медиҳанд, сарвари сиёсӣ бо истифода аз онҳо ва ба назаргирифтани манфиатҳои умумии ҷомеа натиҷаи дилхоҳро ба даст оварад.

Файласуфи маъруф Т.Карлейл нақши шахсиятро дар таърих чунин тавсиф намудааст: «Шахсеро, ки сарвар мешаваду ба иродаи ӯ дигарон бечунучаро таслим мешаванд ва дар ин итоат некуаҳволӣ меёбанд, мо метавонем бузургтарини бузургтаринҳо номем. Онҳо, ин одамони бузург, пешвоёни инсоният, тарбиятгарон, намунаҳо ва бо маънии васеъ офаридгорони ҳамаи он чизе ҳастанд, ки мардум барои ба даст овардани онҳо кӯшиш мекунанд. Ҳамаи амалҳои анҷомдода дар ҷаҳон моҳиятан ифодаи натиҷаи моддӣ, татбиқи амалӣ ва таҷассуми афкорест, ки ба одамони бузурги ба олами мо фиристодашуда тааллуқ доранд.Таърихи онҳо рӯҳи таърихи ҷаҳонист» [8, с. 34].

Воқеан ҳам нақши шахсиятҳо дар таърихтавассути амалу фаъолияти шоиста ва ба манфиати умум нигаронидашуда устувор мемонад. Ҳамин аст, ки Т. Карлейл навиштааст: «Таърихи дунё тарҷумаи ҳоли одамони бузург аст» [8, с. 32].

Ба ақидаи олими рус Н.А. Кисилёва: «Фаъолияти инсон ифодаи бевоситаи худро дар рӯйдодҳои таърихӣ меёбад. Маҳз онҳо асоси таърихро ҳамчун воқеияти иҷтимоӣ ва раванди воқеӣ ташкил медиҳанд. Рӯйдодҳои таърихӣ якдигарро дар чаҳорчӯби фазою вақт иваз намуда, раванди рушди иҷтимоии ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Онҳо моҳиятан воқеияти иҷтимоӣ буда, маҳз тавассути фаъолияти инсон рух дода, ин раванд бардавом аст. Маҳз инсон онро ба амал меорад ва худаш боз онро меомӯзад» [9, с. 3].

Сарварӣ ва нақши он дар таҳкими давлату тамаддун дар афкори сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик низ мавқеи сазовор дошт. Зардуштия яке аз таълимоти қадимаи мардуми ориётабор мебошад, ки ба ҳамаи самтҳо ва соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ мутобиқи замон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз ҷумла ба идоракунии сиёсӣ низ. Ҳокимияти ягонаро ин таълимот беҳтарин шакли идоракунӣ ҳисобида, бар он аст, ки дар сари қудрат бояд ҳокими неруманд, вале адолатпарвар, доно ва ростқавл қарор гирад [10, с. 71]. Дар

таълимоти зардуштия ҳокимони накукорро мадҳу ситоиш мекунанд. Назарияҳои таълимоти мазкур доир ба ҳокимият ва идоракунӣ дар айни замон мубрамияту моҳияти худро гум накардаанд.

Ба ғайр аз ин масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар таълимоти монавия низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ин ҷараёни динӣ-ахлоқӣ баъд аз зардуштия зуҳур кард. Монӣ ва таълимоти вай талқингари маърифат, баробарӣ ва муқобили моликияти хусусию боигарӣ буд. Назарияҳои Монӣ ба аҳли ҷомеаи онвақта таъсиррасон буданд. Аз шарҳутавсияҳои назару ақидаҳои монавият бармеояд, ки роҳбари давлат на танҳо сарвари сиёсӣ, балки ҳар каси дигар аз аҳли ҷомеа шуда метавонад [19, с. 36-37].

Мутафаккири маъруфи шарқ Ал-Форобӣ ақидае дорад: «Сарвар бояд шаш сифат дошта бошад:

- бояд файласуф бошад; - бо донишҳои шариат, анъана ва ахлоқ аз сарварони пешина фарқ дошта бошад ва онҳоро ҳифзу дастгирӣ намояд;
- дар ҳолатҳое, ки сарварони пешина нисбат ба ҳалли онҳо ягон қароре қабул накарданд, ба таври оқилона муносибаткунад;
- ба коркарди қонунҳои нав қодир бошад, ки ба талаботизамон мувофиқанд;
- халқро идора карда тавонад ва ҳамзамон қонунҳои пешинаро риоя карда, онҳоро шарҳ дода тавонад;
- дар муҳорибаҳо ва дигар корҳои вобаста ба онҳо мустаҳкам ва қавӣ бошад» [11, с. 224].

Мутафаккири дигари машҳур Абӯалӣ ибни Сино дар робита ба масъалаи таҳқиқшаванда чунин гуфтааст: «- сарвар – ин шахсест, ки аз амалашон ҳаёти ҳазорон нафар вобастагӣ дорад, яъне мақоми асосӣ дар ин самт маҳз хирадмандӣ ва адолатпарварии сарвар дорад;

- ҳаёти ҷамъиятӣ – ин раванди ниҳоят мураккаб аст, ки идоракунии он масъулияти баланд ва далерию шуҷоатро тақозо мекунад;
- хирадмандӣ на танҳо донишҳои динӣ, балки дунявиро низ фарогир бояд бошад, ки сарвар ҳар дуи онҳоро доимо тақвият диҳад. Танҳо бо ҳамин шартҳо сарварро хирадманд номидан мумкин аст» [11, с. 224].

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, маъруф ба Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ (1017-14.10.1092) ба ҳайси яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги замони худ эътироф шудааст. Низомулмулк бо истеъдоди фавқулодае, ки дошт, аз вазифаи дабирӣ то мақоми вазорат дар давлати Салҷуқиён расид ва бо фазилату хирад тавонист низоми давлатдории ниёгонаш-Сосониён ва Сомониёнро дар давлати туркони Салҷуқӣ татбиқ намояд ва дастуруламале чун «Сиёсатнома» барои идораи давлат нависад» [17].

Вобаста ба масъалаи мазкур М. Ғазолӣ низ ақидаҳои пурарзиш баён намудааст. Номбурда дар китобаш «Насиҳатнома баҳокимон» менависад, ки мақоми сарвар аз интихоб ва хоҳиши мардум вобаста нест, зеро он аз оғози илоҳӣ сарчашма мегирад [18, с. 210].

Ба назари ӯ сарвар дорои мустақилияти муайян аст. «Дасти шоҳ ҳам барои адолат ва ҳам барои бераҳмӣ озод аст ва ягон меъёр наметавонанд ӯро дар назди суд ҷавобгар кунанд, хоҳ вай адолатпарвар ё хоҳ бераҳм бошад» [18, с. 210].

Файласуфи бузург Ибни Халдун дар тавсифи давлат фармудааст: - «Ҷаҳон бӯстонест, ки девори он давлат аст ва давлат қудратест, ки бад -он дастур ё суннат зинда мешавад ва дастур сиёсатест, ки салтанат онро иҷро мекунад…» [20, с. 159]. Сиёсатро ҳамчун василаи амалигардонии ҳокимият ва идоракунии давлат маънидод намуда, нақши сарварро дар он муҳимм мешуморад.

Ховаршиноси бузурги муосир Р. Франс дар қиёс ба андешаҳои сиёсии Ибни Халдун ва Макиавелли чунин мегӯяд: «Чун ин ду шахсиятро баробар гузошта, андешаи онҳоро дар бораи давлат муқоиса кунем, пай мебарем, ки ҳар ду давлатро аз нуфуз ва султаи дин ҷудо дониста, назарияи нав пешниҳод кардаанд» [15, с. 97].

Дар робита ба мавқеи ҳоким Ибни Халдун чунин нигоштааст: «Ҳар гоҳ ин иҷтимоъ барои башар ҳосил ояд ва ободонии ҷаҳон ба василаи он анҷом пазирад, ногузир бояд ҳокиме дар миёни онон бошад, ки аз таҷовузи дастае ба гурӯҳи дигар дифоъ кунад… Он ҳоким як фард аз худи онон хоҳад буд бар онон ғалабаву тасаллут ва зӯрмандӣ дошта бошад, то ҳеҷ кас ба дигаре натавонад таҷовуз кунад ва маънии подшоҳ ҳамин аст» [20, с. 159].

Ҳамин тариқ, таҳлили назария ва ақидаҳои гуногуни илмӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои таърихию сиёсии афкори мутафаккирону олимони Шарқу Ғарб дар масъалаи давлат ва нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими он собит намуд, ки масъалаи мазкур тӯли солҳои зиёд мадди назари олимон қарор дошт. Маҳз ҳамон афкору ақида асоси назарияҳои муосири илмиро гузоштаанд, ки дар заминаи онҳо таснифи шаклҳои гуногуни сарварӣ гузаронида мешавад.

Дар илми муосири сиёсӣ таснифи пешниҳоднамудаи М. Вебер мавқеи хос дошта, зоҳиршавии сарварӣ аз ҷониби ӯ дар се шакл: анъанавӣ, бюрократӣ ва харизматикӣ муайян шудааст:

- сарвари анъанавӣ, ки дар асоси боварӣ ва муқаддас будани анъанаҳо пазируфта шудааст. Фарзанди шоҳ ҳуқуқ дорад баъд аз вафоти шоҳ «қонунӣ» шоҳ шавад;
- сарвари расмӣ ба қонунӣ будани тартиботи мавҷуда боварӣдошта, ин сарвар ба воситаи интихобот ба сари ҳокимият меояд;
- сарвари харизматикӣ дар асоси боварӣ ба қобилияти фавқулодааш ба шахсияти нотакрор маъруф шудааст. Идоракунии чунин сарварон аз болоиодамон аз рӯйи қонунҳо набуда, он дар асоси обрӯ ва қобилият асос ёфтааст [3, с. 83].

Мутафаккирони замонҳои гуногун моҳияти онро ҳамчун ниҳоди зарурии иҷтимоӣ дарк намуда, ақидаҳои пурарзиш дар бораи ташаккули сарварӣ, пайдоиши сарварон ва вазифаҳои онҳо баён намудаанд. Як идда моҳияти илоҳӣ доштани падидаи сарвариро таъкид намуда, қисми дигар моҳияти ратсионалию легалии онро тасдиқ намудаанд, ки аз мавҷудияти гуногунақидагӣ дар ин самт шаҳодат медиҳад. Таҳлили ақидаҳои сиёсии олимони Ғарбу Шарқ нишон дод, ки дар ҳама ҷо, новобаста ба тафриқаи тамаддунии онҳо, зарурати фаъолияти сарвари сиёсиро барои ҷомеа таъкид карда, тавсияҳои муфиду асоснокро дар бораи беҳтар намудани сатҳи идоракунӣ ва роҳҳои ба мақсад расонидани ҷомеа баён намудаанд.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н.Рашт**

**Адабиёт:**

1. Аристотель. Сочинение: [Текст] / Аристотель // в 4 томах / пер. с древнегреч.; общ. ред. А.И. Доватура. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – 830 с.
2. Блондель Ж. Политическое лидерство [Текст] / Ж. Блондель // Путь к всеобъемлющему анализу. – М., 1992. – 540 с.
3. Вебер М. Власть и политика [Текст] / М. Вебер. – М., 2017. – 429 с.
4. Гегель В.Ф. Философии духа [Текст] / В.Ф. Гегель. – М., 1977. – 470 с.
5. Дафт Р. Уроки лидерства. при участии П. Лейн[Текст] / Р. Дафт // Пер. с англ. А.В. Козлова; Под ред. И.В. Андреевой. – М.: Эксмо, 2006. – 480 с.
6. Конфуций. Лунь юй [Текст] / Конфуций. – М., 1962. – 620 с.
7. Комилбек А. Низоми идоракунии сиёсӣ: ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дисс.. док. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2022.
8. Карлейл Т. Энциклопедия ума [Текст] / Т. Карлейл. – М., 2012. – 276 с.
9. Кисилева Н.А. Социально-философский анализ исторического события [Текст]: автореф. дисс… канд. филос. наук. – Чита, 2007. – С. 3.
10. Камилов Р. Социально-утопические учения в истории таджикско-персидской культуры [Текст] / Р. Камилов. – Душанбе, 2001. – 110 с.
11. Маджад Ф. Философские тенденции в исламском мире [Текст] / Ф. Маджад // Перев. С перс. – Центр публикации университета, 1372. – 324 с.
12. Мировая политика: Теория, методология, прикладной анализ [Текст] / Мировая политика: // Под ред. А.А. Кокошина, А.Д. Богатурова. – М.: КомКнига, 2005. – С. 321.
13. Пушкарева Г.В., Соловьев А.И. Идеи и ценности в государственном управлении [Текст] / Г.В. Пушкарева, А.И. Соловьев. – М., 2018. – С. 255-256.
14. Платон. Государство [Текст] / Платон // Собрание сочинений: в 4 томах. – М., 1993. – Т.3. – С. 232.
15. Розентал Ф. Таърих, таърихнигорӣ дар ислом [Матн] / Ф. Розентал // Тарҷумаи О. Асадуллоҳ. – Машҳад: Остони қудси разавӣ, 1988. – 125 с.
16. Ситсерон. Философские трактаты [Текст] / Ситсерон // О государстве. – М.: Наука, 1994. – 223 с.
17. Садриддини А. «Сиёсатнома»: дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва адабӣ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/
18. Хотами С.М. Традиция и мысль во власти авторитаризма. [Текст] / С.М. Хотами. – М.: Московского ун-та, 2001. – С. 210.
19. Хидирова М.У. Конфликт и лидерство в современных условиях (на материалах Республики Таджикистан) [Текст] / М.У. Хидирова. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 185 с.
20. Халдун А. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун // мутарҷим аз арабӣ ба форсӣ М.П. Гунободӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илми Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2019. – Ҷ.1. – 639 с.

**Literature:**

1. Aristotle. Work: [Text] / Aristotle // in 4 volumes / trans. from ancient Greek; general. editor A.I. Dovatura. - M .: Mysl, 1983. - Vol.4 .- 830 p.
2. Blondel J. Political Leadership [Text] / J. Blondel // The Path to a Comprehensive Analysis. - M., 1992. - 540 p.
3. Weber M. Power and Politics [Text] / M. Weber. - M., 2017. - 429 p.

4. Hegel W.F. Philosophies of Spirit [Text] / W.F. Hegel. - M., 1977. - 470 p.
5. Daft R. Leadership Lessons. with the participation of P. Lane [Text] / R. Daft // Translated from English by A.V. Kozlov; Ed. by I.V. Andreeva. - M.: Eksmo, 2006. - 480 p.
6. Confucius. Lun yu [Text] / Confucius. - M., 1962. - 620 p.
7. Komilbek A. The political management system: its theoretical, methodological and practical aspects in the conditions of the Republic of Tajikistan [Text]: dissertation. Doctor of Political Science. – Dushanbe, 2022.
8. Carlyle T. Encyclopedia of the Mind [Text] / T. Carlyle. - M., 2012. - 276 p.
9. Kisileva N.A. Social and philosophical analysis of a historical event [Text]: author's abstract. diss... candidate of philosophical sciences. - Chita, 2007. - P. 3.
10. Kamilov R. Social and utopian teachings in the history of Tajik-Persian culture [Text] / R. Kamilov. - Dushanbe, 2001. - 110 p.
11. Majad F. Philosophical tendencies in the Islamic world [Text] / F. Majad // Transl. From Persian. - University Publication Center, 1372. - 324 p.
12. World Politics: Theory, Methodology, Applied Analysis [Text] / World Politics: // Ed. by A.A. Kokoshin, A.D. Bogaturov. - M.: KomKniga, 2005. - P. 321.
13. Pushkareva G.V., Soloviev A.I. Ideas and Values in Public Administration [Text] / G.V. Pushkareva, A.I. Soloviev. - M., 2018. - P. 255-256.
14. Plato. State [Text] / Plato // Collected Works: in 4 volumes. - M., 1993. -Vol. 3. - P. 232.
15. Rosenthal F. History, historiography in Islam [Text] / F. Rosenthal // Translated by O. Asadullah. – Mashhad: Razavi Shrine, 1988. – 125 p.
16. Sitseron. Philosophical treatises [Text] / Sitseron // On the state. – M.: Nauka, 1994. – 223 p.
17. Sadriddini A. "Policy": a guide to state administration, an important historical and literary source [Electronic resource]. Source of access: https://cyberleninka.ru/article/n/
18. Khotami S.M. Tradition and Thought in the Power of Authoritarianism. [Text] / S.M. Khotami. - M.: Moscow University, 2001. - P. 210.
19. Khidirova M.U. Conflict and Leadership in Modern Conditions (based on the materials of the Republic of Tajikistan) [Text] / M.U. Khidirova. - Dushanbe: Irfon, 2004. - 185 p.
20. Khaldun A. Introduction to Ibn Khaldun [Text] / A. Khaldun // translated from Arabic into Persian by M.P. Gunobodi. – Dushanbe: Scientific Editorial Board of the Tajik National Encyclopedia, 2019. – Vol. 1. – 639 p.

## ТАЪРИХНИГОРИИ ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ ОМӮЗИШИ НАҚШИ САРВАРИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ ҶОМЕА

Дар мақолаи мазкур доир ба баъзе ҷанбаҳои омӯзиши таърихнигории нақши сарвари давлат дар рушди ҷомеа маълумот дода шудааст. Сарвари давлат яке аз шахсиятҳои волои ҷамъияту халқият ба шумор рафта, барои рукнҳои давлатдорию давлатсозӣ нақши созгореро дорост. Ҳамзамон бо ин, сарвари сиёсӣ нафарест, ки масъулияти азимро дар назди ҷомеа ва мардум ба дӯш гирифта, мақоми роҳбаладии иҷтимоию сиёсиро низ дар ҷомеа иҷро мекунад. Инчунин аз гузаштаи таърих то имрӯз сарвари давлат дар ҷомеа нақши аввалин дараҷаро дорост. Мақолаи мазкур дар асоси ақидаҳои файласуфон,

таърихнигорон ва ҷомеашиносон доир ба нақши сарвари давлат дар рушду нумуи ҷомеа маълумот медиҳад. Муаллифон дар асоси маводҳои мутафаккирони давраи асримиёнагии форс-тоҷик, муҳаққиқони шарқ ва аврупоиён доир ба масоили мазкур таҳқиқоти таърихӣ-сиёсӣ анҷом додаанд.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, сарвари давлат, ҷомеа, давлат, идоракунӣ, сиёсатшиносӣ, ҷанбаҳои сиёсӣ.

## ИСТОРИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ИЗУЧЕНИЯ РОЛИ ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВА

В данной статье представлена информация о некоторых аспектах историографического изучения роли главы государства в развитии общества. Глава государства считается одной из высших фигур общества и народа и играет примирительную роль для основ государственности и государственного строительства. В то же время политический лидер – это человек, который берет на себя огромную ответственность перед обществом и народом, а также выполняет в обществе позицию социального и политического лидера. Также, от прошлой истории до настоящего времени, глава государства играет примирительную роль в обществе. В данной статье представлена информация о роли главы государства в развитии общества на основе мнений философов, историков и социологов. Авторы провели историко-политические исследования по данным вопросам на основе материалов персидско-таджикских средневековых мыслителей, исследователей Востока и европейцев.

**Ключевые слова:** политика, глава государства, общество, состояние, управление, политическая наука, политические аспекты.

## HISTORY OF POLITICAL ASPECTS OF THE STUDY OF THE ROLE OF THE HEAD OF STATE IN THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

This article provides information on some aspects of the historiographical study of the role of the head of state in the development of society. The head of state is considered one of the highest figures of society and the people and plays a conciliatory role for the foundations of statehood and state building. At the same time, a political leader is a person who takes on enormous responsibility before society and the people, and also fulfills the position of a social and political leader in society. Also, from past history to the present, the head of state plays a conciliatory role in society. This article provides information on the role of the head of state in the development of society based on the opinions of philosophers, historians and sociologists. The authors conducted historical and political research on these issues based on the materials of Persian-Tajik medieval thinkers, researchers of the East and Europeans.

**Key words:** policy, head of state, society, state, control, political science, political aspects.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидов Саймурод Ҷамолиддинович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 078369393. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

**Сайвалиев Наҷибулло Сафаралиевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 918817166. E-mail: saivaliev.93@mail.ru

**Сведения об авторах: Саидов Саймурод Джамолиддинович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 078369393. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

**Сайвалиев Наджибулло Сафаралиевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 918817166. E-mail: saivaliev.93@mail.ru

**About the authors: Saidov Saimurod Jamoliddinovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 078369393. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

**Sayvaliev Nadjibullo Safaralievich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 918817166. E-mail: saivaliev.93@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# СИЁСАТИ ДОХИЛИЮ ХОРИҶӢ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁНИ ҲИНД ДАР ДАВРАИ ШОҲ ШОҲИҶАҲОН (1627-1658)

**Фақиров Ф.Л.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Вазъи сиёсии Ҳиндустон мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар давраи салтанати 31 солаи Шоҳҷаҳон умуман орому осуда будааст. Ба ин пеш аз ҳама ҳукумфармои дуру дарози вай далел шуда метавонад. Далели дигар, вусъат ва серҳудудии ҳукумати ӯ буд, ки аз шоҳ Акбар ва Ҷаҳонгир ба вай мерос монда буд. Дар давраи шоҳ Акбар ҳудуди давлати Темуриён устувор шуда дар давраи Ҷаҳонгир бошад он ба суръати балан пеш рафта буд. Пешрави рузафзун ва хазинадори давлат орзуву мақсадҳои тавсиаталабонаи Шоҳҷаҳонро ба бор меоварад. Ин кушишҳои Шоҳҷаҳон то андозае натиҷаҳои манфиро дар дохили давлати Темуриёни Ҳинд ба бор оварда буд, зеро аз сабабе ки шоҳ бисёртар ба корҳои запту ғаспкори овора буд сиёсати дохилиро чандон аҳамият намедодод, ки ин ба пурзуршави роҷаҳои Банғолаву, Дакан нисбат ба давлати Темуриён саркашиву истиқлолиятхоҳиро оғоз намуданд ва аксари онҳо баробари Шоҳҷаҳон неруман гашта буданд. Истиқболи хуши мардуми бумии Ҳиндустон аз англисҳо ҳам ба ин саркашии ҳокимони минтақаҳо сабаб шуда метавонист.

Ба ин маврид сабаби дигаре ҳам вуҷуд дошта метавонад, оид ба ноороми сиёсати дохили, ки чунин аст: Шоҳҷаҳон зоҳиран дар аввалҳои ҳукуматдори марде озодандеш ва дорои ақидаи озод будааст. Ӯ мудати аввали дар сари ҳукумат буданаш, нисбат ба ҳиндуҳо ва дину мазҳаби онҳо мисли Акбар ва Ҷаҳонгир пайравӣ мекард. Аммо баъд аз мудате назари вай нисбат ба ҳиндуҳо ва расму оини онҳо, ҷидан тағир мепазирад ва ин сабабгори коҳиш ёфтании бовари ва муҳабату эҳтиром қабоили ҳинду нисбат ба Шоҳҷаҳон ва хонадони темурӣ мегардад. Шоҳҷаҳон дар муқоиса бо шоҳ Акбар ва Ҷаҳонгир, ки дар мавзӯи дину мазҳаб тамоман тасубу бадбини надоштанд, фарқ дошт лек ин дорои таассуботи динию мазҳаби буд. Ӯ расми посуб ё саҷдаи остонаи шоҳро, ки хилофи шаръии исломи аст, манъ фармуд. Ин шоҳ ҳамеша кушиш мекард, ки расму оинҳои исломиро аз нав эҳё кунад ва нисбат ба дину оини ҳиндуҳо хусумату бадбини дошт. Ҳатто ӯ фармон медиҳад, ки тамоми маъбаду парастишгоҳои ҳиндуҳо, ки дар замони шоҳ Акбар ва Ҷаҳонгир сохта шудабудан дубора вайрону хароб намоянд. Ҳамчунин, ӯ издивоҷи байни мусулмонон ва ҳиндуҳоро манъ мефармояд, ки ин рафтори он бадбинии ҳиндуҳо нисбат ба шоҳро ба бор меоварад [2, с. 216].

Шоҳҷаҳон дар мавриди тарбияти фарзандони худ низ натавонист як усули хуберо ба роҳ монад. Ҳарчанд ҳар яке аз онҳоро бар садри иёлоти бузурги мамлакаташ баргузида буд, дар чан соли охири салтанаташ ин фарзандони дар таҷрибаи зиндагию сиёсат бекифояташ яке аз сабабҳои асосии ноoромии сиёсии дохили мамлакат гардид, то ҷое, ки охиран дасти ӯро аз ҳукумати давлати Темуриён кулан кутоҳ намуданд.

Шоҳиҷаҳон чаҳор писар дошт: Дорошукӯҳ, Шоҳшуҷоъ, Аврангзеб ва Муродбахш. Дорушукуҳ ҳокими Кобул ва Мултон буд, Шуҷоъ ҳокими Бангол, Аврангзеб ҳокими Дакан, ва Муродбахш ҳокими Гуҷарот буд. Мақсади асосии шоҳ Шоҳҷаҳон аз чунин тарзи тақсимоти ҳокимият, аслан гирифтани пеши роҳи мухолифати байни ҳамдигарии миёни фарзандонаш будааст, чун онҳо доимо барои ҳаққи соҳибият дар мавзуи тоҷу тахт, ҳатто дар даврони ҳаёти падарашон бо якдигар душманиву адоват меварзидаанд. Ин буда, ки ҳарчанд Дорошукуҳ ҳукумати Кобулу Мулутонро бар уҳда дошта доимо ва тез тез ба Деҳли меомад ва, ҳатто баъзе вақтҳо муддати зиёдеро дур аз иёлати мансуби худ дар дарбори маркази мегузаронид. Бародарони дигар ҳам нигарон буданд ки кай шоҳ Шоҳҷаҳон дар мегузарад ва дар соҳиб шудан хостори марги таҷлили падар буданд. Ҳатто ҳаркадоме аз онҳо дар вилояти ҳуд лашкари махсусеро ҷиҳати ба даст даровардани пойтахти давлат шаҳри Деҳлӣ дар ҳолати омодабош қарор додабуданд, ки бо шунидани марги падар ин лашкар ба Деҳли дохил намоянд ва тахти салтанати падарро соҳиби кунанд.

Дорошукӯҳ аз байни ҳама бародарон дар илму фазл афзалият дошта дорои ақидаву тафаккури озод низ будааст. Ин беқайдии Доррошукӯҳ дар мавзуи дину мазҳаб, агар чи доираи руҳониёни дарборро мухолиф ва душмани вай карда буд, аммо Дороҳукӯҳ бисёр мағрур ва худписанд буда ва сухани касеро мавриди эътино ва қабили писанд қарор намедод ва дарбориён доимо нисбат ба ӯ бадбини доштан. Шуҷоъ фарзанди дуюми Шоҳҷаҳон амири бисёр ҷасур ва бе бок буд ва дар нутқу суханрони маҳорати хуб дошт аммо баъдан, бо

саббаби майли зиёд ба ҳавасронӣ, ва ишқбози ҳуввият ва шахсияти худро аз даст медиҳад ва мавриди нобоварии падар қарор мегирад. Авранзеб фарзанди сеюми Шоҳҷаҳон бисёр муҳофизкор ва аз шаробнушиҳову ҳавасрониҳо дур буд, аммо дар баробари иншо дорои ахлоқи баду манфуре мисли макру ҳиял ва фиребу найрагн буд. Бар акси Доршукӯҳ Авранзеб дорои ақида ва назари мутасстбона буд, хусусан дар дину мазҳаби худ эъткоди сахт доштва нисбат ба дигар аёни дарбори назари бад дошта ба онҳо эҳтиром ба ҷо намеовард. Ин феълу сифати Авранзеб дар байни руҳониёни дарбор ӯро соҳибэҳтиром карда буд. Муродбахш бошад фарзанди аз хама хӯрди шоҳ буда, ӯ нисбати бародарони худ софдилу бе кина буд. Муродбахш ба сарбози ва варзиши машқи бадан майли зиёд дошт, аммо он ҳам дорои феълу хислатҳои манфурт буд ба бодануши майли зиёд дошт ва бисёр мансабталаб буд. Барои доштани ин сифатҳои паси падараш Шоҳҷаҳон шахсияти уро барои ҳукумронии салтанат ва соҳибшудан ба тоҷу тахт бекифоя медонист [1, с. 266].

Бад ин тариқ, шоҳ Шоҳҷаҳон ба ҳамаи писарони худ бим ва гумони бад барои ҳукумат заифиоваранда дошта ва ба ҳамин сабаб онҳоро доимо аз худ ва ҳукумати маркази дур нигоҳ медошт. Аммо соли 1655 дар поитахти яке аз шоҳигариҳои Дакан Гулканда, ки дар зери салтанати Шоҳҷаҳон буд, ҳодисаи нохуше рух медиҳад, ки паёмади ин ҳодиса чанде баъд шоҳ Шоҳҷаҳонро аз тоҷу тахти шоҳиаш маҳрум месозад ва пояҳои ҳукумати зиёдаи аз як асраи Темуриёни Ҳиндро ноустувор мегардонад. Дар соли маскур вазири шоҳигарии Гулканд, Мирҷумлаи Шаҳристони, ки аслан эрони буд ба писари сеюми шоҳ Аврангзеб мактуби ниҳоне мефиристад. Дар он мактуб вазири маскур аз шоҳи худ Абдуллоҳхон шикоят менамояд, ки таҳдид ба куштани ӯро дорад. Ба ҳамин тариқ ӯ Аврангзебро барои ҳуҷум намудан ба шоҳигарии Гулканд даъват мекунад ва зимни даъват роҳҳои тасаруфи пойтахт ва соҳиб шудани тахти шоҳиро низ ба вай барраси менамояд. Аврангзеб бо 3000 савора таъҷилан худро ба сарҳадоти Гулканд мерасонад ва ба унвонии шоҳ Абдуллоҳхон ба воситаи як амири худ мактубе мефиристад ва дар он худро ба ҳайси сафири падпр шоҳ Шоҳҷаҳон муарифи мекунад. Чун фиристодаи Аврангзеб ба назди шоҳ Абдуллоҳхон мерасад ӯ аз омадани чунин як намояндаи воломақоми шоҳ Шоҳҷаҳон (яъне писараш Аврангзеб) хушнуд мегардад ва барои истиқболи меҳмон ба ҷониби беруни поитахт равона мегардад. Аммо вақте шоҳ Абдуллоҳхон ба лашкари дар берунии шаҳр наздик мешавад аз макри Аврангзеб воқиф мегардад ва бо таҷлили тамом ба пойтахт даромада, амр медиҳад, ки ҳама дарвозаҳои шаҳрро бубанданд. Аврангзеб ҳам аз паси Абдулоҳхон таҳқиб карда пойтахти шоҳигарии ӯро муҳосира менамояд. Мудати муҳосира ду сол тӯл мекашад. Дар ин мудат Аврангзеб Хайрободро тасарруф менамояд. Чун Абдуллоҳхон ва мардуми Гулканд аз ин муҳосира ба танг меояд, ниҳоятан ба Аврангзеб изҳори тобеият менамоянд. Дар ивази сулҳ Аврангзеб ҳукумати Гулкандро бозпас ба Абдуллоҳхон бахшида ӯро бо миқдори ниҳрят гарони пулуи накт ва шартҳои таҳқиромез товон мебандад. Дар муроҷиат ба Дакан Аврангзеб ба ҳамроҳи Мирҷумла, ки аз вазорати Абдуллоҳхон сарпечи намуда буд қалъаи мустаҳками бедаро низ тасаруф менамояд. Аз ин баъд Аврангзеб Мирҷумларо ба худ наздик мегардонад ва ӯро, ки марди бисёр ҳушманду заки буд, дар ҳамаи корҳои минбаъдааш маҳрами асрори худ мегардонад.

Бо ин ҳама бе кифояти фарзандон, шоҳ Шоҳҷаҳон аз байни писарони худ бештар ба писари калониаш Дорошукуҳ меҳру муҳабат мепарварид ва мақсад дошт, ки пас аз вай Дорошукуҳ зимоми ҳукумати шоҳии ӯро ба дасти худ гирифта тахту тоҷро соҳиби кунад. Ва ҳамчунин васиятро низ барои Дорошукуҳ карда буд. Ин буд ки Дорошукуҳ, бо ин ки ба ҳукумати Кобулу Мултон муазаф шуда буд, ба хости худи шоҳ Шоҳҷаҳон бештари вақт дар Деҳли ба сар мебурд. Ин буд, ки вақти шоҳ Шоҳҷаҳон дар соли 1658\59 ба бемори гирифтор мешавад, зимоми идораи салтанатро ба Дорошукуҳ вогузор мекунад. Ин амали шоҳ кинаву адовати бародарони Дорошукуҳро боз ҳам меафзояд. Бо ин ки ҳануз шоҳ Шоҳҷаҳон зинда ва дар қайди ҳаёт буд, овозаи марги вай дар тамоми ҳудуди ҳукуматаш паҳн мешавад.

Ҳангоме ки шоҳзодагон Шоҳшуҷоъ ва Муродбахш аз бемори падар ва аз бар тахти шоҳи нишастани бародарашон, Дорошукуҳ огаҳ мешаванд ҳар яке аз аз вилояти худ берун шуда бо лашкари савора бо мақсади тасаруфи минтақаи маркази ҳукумат мешиттобанд. Шоҳшуҷоъ пеш аз ҳама, аз роҳи Банғола Биҳоро тасаруф мекунад ва бо лашкари неруманди худ ба Агра даромада худро шоҳ эълон мекунад. Шоҳшуҷоъ овоза паҳн мекунад, ки гуё падарашро Дорошукуҳ заҳролуд намуда, ба қатл расонидааст ва мехоҳад интиқоми хуни падарро аз ин писари нохалафу хоинаш бигирад. Муродбахш ҳам аз ҷониби Гуҷарот бо лашкари неруманд вориди шаҳри Агра мешавад ва дар роҳ барои таъмини минбаъдаи эҳтиёҷоти молию пулии лашкари худ ва зиёд кардани хазинааш Савратро тасаруф намуда, ҳамаи дороиҳои онро ғорат мекунад. Дорошукуҳ ки дар ин вақт кори табобати падарашро анҷом медод, аз ҷониби ду бародари худ, ки алакай ба маркази салтанат наздик шудабудан мавриди таъқибу ҳуҷум қарор гирифта буд. Бинобарин ӯ барои аз даст надодани тахт шоҳи лашкари бузургеро таҳти фармони писараш Сулаймони Шайху ва роҷа Ҷисагҷайпур бар зиди Шоҳшуҷоъ мефиристад дар натиҷа лашкари Дорошукуҳ ғолиб меояд ва Шоҳшуҷоъро ба Банғрла фирор менамояд. Фаъолияти сиёси Шоҳшуҷоъ барои соҳиб шудани тахти ҳукумати шоҳи то як муддате хотима меёбад [12, с. 210].

Аврангзеб, ки бисёр муҳофизакор буд бо Дорошукуҳ ва Шоҳшуҷоъ ҳамроҳ намешавад ва мегузорад, ки ҳарду бародараш бо ҳам даргир шаванд то ба ин восита он неруи худро заиф гардонанд. Бинобарин Аврангзеб дар тасаруфи минтақаи ҷудогона вақтро сарф накарда бо маслиҳати Мирҷумлаи Шаҳристони, ки мулоҳизати ӯро ихтиёр карда буд ба таъҷили тамом ба назди Муродбахш меравад ва бар вай изҳори мулозимат менамояд. Дар ин маврид Аврангзеб макру ҳиларо истифода карда, ба Муродбахш мегуяд, ки хосдори кумак ба вай аст: бо ин ки гуё ӯ аз молу ҷалол ва давлату сиёсат дури ҷуста ва кунҷи хилват ихтиёр кардааст, мехоҳад дар ниҳояти кор ба бародараш барои соҳиб шудари тоҷу тахт ва ҳукумати шоҳи ёри расонад. Ба ин суханонаш Аврангзеб бародарашро фирефтаи худ мегардонад ва Муродбахш суханони бародарашро самимию бе газанд пиндошта, ба вай офарин мехонад ва дар муқовимат бо Дорушукуҳ ӯро шарики бо эътимод мепиндорад. Муродбахш ва Анрангзеб ҳарду бо ҳам иттифоқ шуда, бо лашкари муттаҳид ба тарафи шимол раҳсипор мешаванд. Дорушукуҳ аввал, лашкареро бар зиди бародарони худ лашкаре равон мекунад, аммо баъд аз чанде, лашкари равонкардааш ба шикаст дучор мегарданд. Ин дафъа Дорушукуҳ бо лашкари бузурги салтанатӣ таҳти фармондеҳии худаш ба

ҷониби баробарон, ки дар ин минтақаи Сомгар хайма зада буданд, ҳаракат мекунад. Аммо бо ин ки теъдоди лашкари салтанатӣ ва неруи он нисбат ба лашкари мутаҳиди бародарон бузургтар буд ин дафъа ҳам Дорошукӯҳ шикаст мехӯрад. Сабаби мағлубияти Дорошукӯҳ як нафар амири мусулмони худи ӯ буд, ки чандсол қабл, дар давраи иқтидори ҳукумати шоҳ Шоҳҷаҳон ба муҷиби воқеае аз шоҳзода Дорушукӯҳ сахт мавриди азобу шиканҷа қарор гирифта будааст, амири маскур миёни сарбозони салтанати нуфузе бузург дошт ва дар ин ҷанг бо мақсади қасос гирифтан аз шоҳзода лашкари вобастаи худро аз сипоҳи умумии ҳукумат ҷудо намуда ба тарафи дигар фирор менамояд дар натича сипоҳи Дорушукуҳ бисёр заиф мегардад ва мавриди ҳуҷуми ду бародар воқеъ мегардад, ки дар ниҳоят, вай шикаст мехурад Дорушукӯҳ ба шаҳри Агра ба назди Шоҳҷаҳон фирор менамояд. Минтақаи Сангар бошад баъд аз ғалабаи ду баробар номи Фатҳгарро мегирад.

Пас аз ғалабаи бародарон Аврангзеб расман ба Муродбахш саломи шоҳӣ дода бо вай ба ҷониби пойтахт равон мешавад. Аммо чун ба пойтахт мерасанд огоҳ мешаванд, ки падарашон Шоҳҷаҳон ҳануз намурда балки вазъи ӯ ру ба беҳбуди аст. Аз ин рӯ ҳарду шармсорона назди падар рафта, дар назди ӯ саломи шоҳи дода аз роҳи макр ба вай изҳори мулоҳизат менамоянд ва ҳамчунин итминон медиҳанд, ки ҳарду бар падар содиқу вафодоранд. Аммо Муродбахш ва Аврангзеб дар ниҳон нақшаи дасгир ва аз салтанат барканор кардани падарро таҳрези менамоянд. Соли 1658\59 мелоди ду бародар ба мақсади ниҳои худ мувафақ мешаванд. Онҳо ба воситаи писари бузурги Аварангзеб, Султон Маҳмуд, ки дар хидмати шоҳ Шоҳҷаҳон буд, посбонони падарро ғофилгир карда дарвозаҳои қасри шоҳиро қушоданд ва бо лашкари худ ба қаср ворид гашта шоҳ Шоҳҷаҳонро дасгир намуданд ва ӯро дар як нуқтаи махфии қаср маҳбус гардониданд. Дорошукуҳ аз воқеа огоҳ гашта ба тарафи Панҷоб фирор менамояд. Каме баъд Аврангзеб падарашро ба қалъаи Агра интиқол медиҳад ва Шоҳҷаҳон дар онҷо мудати 7 сол маҳбус шуда аз тамоми фаолиятҳои сиёсии маҳрум гардонида мешавад ва ҳам дар ҳамин қалъа соли 1666\67 вафот менамояд. Сабаби чунин рафтори шадид ва бераҳмонаи Аврангзеб бо падари худ бастаги ба як номаи шоҳ Шоҳҷаҳон ба писари калониаш Дорошукуҳ доштааст, ки пас аз шикасти вай бар ӯ навишта будааст. Дар ин нома шоҳ ба Дорушукуҳ чунин менависад, ки "Лашкаро фароҳам оварда дар Деҳли суботи қадам варзад. Мо дар инҷо муҳимро файсал мефармоем ". Вақте, ки ин нома пеш аз шоҳ дар дасти писараш Аврангзеб меафтад ӯ чораро аз дасгир ва маҳбус сохтани падари худ мебинад [3, с. 188].

Бо зуҳури ҳамин воқеа салтанати 30 солаи шоҳ Шоҳҷаҳон анҷом мепазирад. Шоҳҷаҳон ҳарчанд мисли Акбар ва Ҷаҳонгир дар сиёсати давлатдори дасти дароз надошт тавонист дар ин мудати дароз иқтидори ҳукумати Темуриёнро ба таври шоиста нигоҳ дорад.

Бо ин ки дар даврони ӯ нисбат ба қабоили ҳинду баъзе аз таҳқироту нодидагириҳо раво дида шудаанд аммо дар нигоҳи умуми ӯ ҳам тавонист то ҷое эҳтироми қабоили ҳиндуро, ки аҳоли асоси ва бумии Ҳиндустон маҳсуб мешуданд ҳифз намояд. Аммо дар даврони ҳукумати Шоҳҷаҳон неруи сиёсии Темуриён нисбатан заиф гардид ва бо сабаби футуҳот ва кишваркушоиҳои номуваффақ хазинаи давлат низ коҳиши назаррасе ёфт.

Ҳамчунин дар даврони салтанати шоҳ Шоҳҷаҳон дар дохили давлати Темуриён нооромии сиёси ба вуҷуд омаданд, ки сабабгори он пеш аз ҳама худи шоҳ Шоҳҷаҳон буд. Ӯ натавонист миёни фарзандони бе кифояти худ, ки ҳаркадом дар вилояти бузурге ҳоким буданд ва лашкари бузургеро таҳти фармони худ доштанд иттиҳоди хонаводагиро барқарор бидорад. Зидияти бародарон бо ҳам ва кушишҳои пайгиронаи онон дар соҳиб шудани маснади ҳокимияти маркази ба баҳонаи бемори ва марги падар сабаби асосии парокандагии сиёси ва номутамарказ шудани давлати яквақтҳо муқтадир ва як порчаи Темуриёни Ҳинд гардид, ки бо вуруди Аврангзеб ба саҳнаи сиёсии он сахт ҳис карда шуд. Ҳумоюн ва Акбар низ борҳо гирифтори бемориҳои шадид гашта буданд аммо аз ҷониби фарзандони онҳо боре чунин рафторе ба амал наомада буд. Пас аз анҷоми кори Шоҳҷаҳон Муродбахш лашкареро таҳти фармони Шоистахони Умави барои дасгир кардани шоҳзода Дорушукуҳ ба тарафи Панҷоб мефиристад ва Аврангзеброро барои муҳофизат ва нигоҳдошти ороми ва дар Агра мегузорад. Ба рафтани Шоистахон амир ваэ ъзоми лашкар ба Панҷоб, Аврангзеб дар паи аз сиёсати ҳукумат баркнор кардани бародараш, Муродбахш мешавад. Ӯ қабл аз ҳама, лашкари дар Агра ҷойгир бударро ба воситаи ришваву ваъдаҳо ба суи худ моил мегардонад ва аз амирони лашкар изҳори вафодори мегирад. Баъд ин минвол, Аврангзеб як шаб Муродбашро назди худ ба хӯроки шом даъват менамояд. Чун аз майли зиёди бародараш ба шароб огоҳ буд ӯро то ҳади имкон масту бе ҳуш мегардонад, Аврангзеб ҳамон шаб Муродро дасгир менамояд ва ӯро занҷирбан намуда дар қалаи назди соҳили Салимгар, ки дар баробари Деҳли қарор дошт ба ҳабс мегирад ва баъд аз мудате ӯро ба қалаи Гуволиёр интиқол медиҳад. Муродбахш ҳам, ки бар садоқату вафодории ва самимияти Аврангзеб бовар дошт ҳеҷ гумоне намекард, ки бародараш зери ин масъала худ суизар ва мақсадеро нуҳуфтааст. Чун субҳ Муродбахш ба ҳуш меояд худро дар занҷиру маҳбас мебинад. Аврангзеб ки то шаби гузашта ба тамоми эҳтиромоте, ки барои як шоҳ лоиқ аст ба Муродбахш илтифоту меҳрубони мекард чун ӯ ба ҳуш омад сареҳану ҷидан ба лаҳни дурушт ба Муродбахш хитоб мекунад, ки вай бо ин майлу рағбати зиёд ба ҳамру шурф сазовори подшоҳи неси. Соли 1660\61 Аврангзеб пас аз он ки Сулаймон писари Дорошукуҳро дар зиндон маҳбус гардонида ба қатл мерасонад, Муродроҳам фармони эъдом медиҳад. Ва худро Аврангзеб шоҳи давлати Темуриёни Ҳинд мехонад [4, с. 236].

**Сиёсати хориҷи Шоҳиҷаҳон**. Пас аз вафоти Ҷаҳонгир писари бузурги ӯ Хуррам ҳукумати шоҳиро соҳиб мешавад. Ҳангоми марги падар Хурам бо ҳамроҳии амир Муҳаббатхон дар Дакан буданд ва бо шунидани ин хабар фавран ба тарафи Агра роҳро пеш гирифтанд. Нуриҷаҳонбегим бо истифода аз фурсат, мехост шоҳзода Шаҳриёрро бар ҳукумати шоҳи нишонад ва бадин тариқ, мақсад дошт зимоми салтанатро шахсан дар дасти худ бигирад, ва ҳамчун маликаи дарбор боқи монад. Аммо Вазири дарбор Осафхон, ки аз вафодортарин шахсони Ҷаҳонгир ва падар аруси шоҳзода Хуррам буд, вазияти ба амал омадаро хабардор шуда онро ба нафъи Хуррам истифода намуд. Ӯ Нуриҷаҳонбегимро дар қайд гирифта ва сипоҳе муҳаё карда, ба шоҳзода Шаҳриёр ҳамла намуда уро шикаст дода асираш гирифт.Чун шоҳзода Хуррам бо амир Муҳаббатхон вориди марказ мешаванд, дучори ҳеҷ садду монеа намегарданд, ва озодона ҳукуматро

соҳиб мешаванд. Ва баробари нишастан дар ҳукумати шоҳи  шоҳзода Хуррам лақаби Шоҳиҷаҳонро мегирад, ва амр медиҳад. ки дар тамоми саросари давлат хутба бо номи ӯ хонда шавад.

Бадин тариқ аввалин коре, ки Шоҳиҷаҳон  пас аз нишастан бар ҳукумати шоҳи ба анҷом расонид ин фуру нишондани ошуби дар Дакан ва барҳам додани ошуби  Хонҷаҳони Луди, ва амирулумарои бародараш шоҳзода Парвиз буд. Ҳарчанд ки ошуби маскур соли 1627 мелоди оғоз ёфта буд, ва зиёда аз як сол тул кашид, Шоҳҷаҳон бо кумаки Осафхон онро соли 1630 бартараф менамояд. Худи Хонҷаҳони Луди пас аз шикаст хурдан аввалан аз ҳокими Беҷопур Муҳаммади Одилшоҳ паноҳгоҳ талаб мекунад. Аммо пас аз он ки ҳокими мазкур дархости Хонҷаҳонро рад менамояд, вай ба минтақаҳои Беҷопур, Аҳмаднагар, Малла фирор менамояд ва ниҳоят ӯ аз тарафи лашкари  шоҳ Шоҳҷаҳон дасгир шуда, ба қатл расонида мешавад.

Пас аз фурӯ нишондани ошӯб дар Дакан шоҳ Шоҳҷаҳон соли 1631 Аҳмаднагарро муҳосира менамояд ва Фатҳо вазири ҳокими Аҳмаднагар, ки ҳокими худро ба қатл расонид шаҳрро ба Шоҳҷаҳон супурда буд ҳокими онҷо таътн мекунад. Шоҳҷаҳон баъд аз ин як бо кушиши ба итоати худ даровардани Беҷопурро менамояд аммо муваффақ намегардад ва Муҳаббатхони вазирашро дар тамоми Дакан сарфармондеҳи сипоҳ тайин намуда худ ба тарафи Деҳли мерава Муҳаббатхон чаҳор сол барои гирифтани Беҷопур кӯшишу талош менамояд. Аммо кушишҳои ӯ бе натиҷа анҷом мепазирад. Дар натиҷа шоҳ Шоҳҷаҳон ӯро соли 1635 ба Деҳли боз мехонад ва худ бо сипоҳи бузурге соли 1636 ба Беҷопур рафта онро муҳосира менамояд. Вале муҳосираи қалаи Беҷопур як сол тул мекашад ва худи Шоҳҷаҳон ҳам дар тасаруфи он муваффак намегардад, ки дар натиҷа соли 1637 Шоҳҷаҳон маҷбур мешавад бо ҳокими онҷо Муҳаммади Одилшоҳ сулҳ бандад. Бо супурдани заминҳои атрофи Аҳмаднагар ба Одилшоҳ ва аз ҷониби вай ҳамчун шоҳигари мустақил эълон шудани Аҳмаднагар ҳарду тараф ба мофиқа мерасанд. Муҳаммади Одилшоҳ шаш соли тамоми мустақилияти комили худро дар баробари Темуриёни Ҳинд нигоҳ медорад ва дар қисмати шимоли Дакан сарҳадоти худро аз ҳукумати шоҳ Шоҳҷаҳон ҷудо менамояд ва танҳо соли 1643\44 тобеияти ҳукумати шоҳ Шоҳҷаҳон мегардад [5, с. 183].

Дар аввали ҳукмрони худ Шоҳҷаҳон кушиши вусъат додани  мавқеи давлати худ мекунад. Шоҳҷаҳон бисёр шахси зираку пинҳонкор ва дар умури сиёси давлат закиру дурандеш буд. Бинобарин ӯ бо мақсади ниҳоии тасаруфи Балху Бадахшон, ки дар зери тобеияти Аштархориён қарор дошт ва бо баҳонаи дидану тамошо кардани қисмати шимоли ҳукумати худ бо лашкари гарон ба Кобул меравад. Аммо воли Балху Бадахшон Нодирмуҳамад ба Бухоро ба Имомқулихон номаи таъҷили фиристода ӯро аз мақсади ниҳоии Шоҳҷаҳон огоҳ месозад. Имомқулихон ҳам ба таъҷили тамом бо лашкари гарон худро барои муҳофизати тағояш ба Балх мерасонад. Ӯ марди бо андеша буд. Бинобарин пеш аз ин, ки бо Шоҳҷаҳон вохури баргузор намояд, ба вай ба василаи як намояндаи худ номае мефиристад. Соҳиби Таърихи Муқимхони оид ба ин воқеа ва аҳамияти номаи хони Аштархони чунин маълумот додааст:

“Имомқулихон дар пайи ҷамъи лашкар шуд. Дар андак вақт лашкари бисёр ҷамъ оварда ба сӯи Балх раҳсипор шуд... Аз дарё гузашта ба манзили Хонобод сар даровард... Аз ҷамъи акобир ва аъёну аъроф ва мутлақи сипоҳ и пиёда дар паи Имомқулихон ва Баҳодурхон мерафтанд...Ва баъд аз он Мансур Ҳоҷи додхоҳро ба расми рисолати назди Шоҳҷаҳон подшоҳ ба Ҳиндустон фиристода. Мазмун он “Аз қадимулаём дар миёни бобо ва аҳоли ҳардутараф аҳду паймон баста аз ҳеҷҷониб зарар ва осеб нарасонидаанд. Агар он чи уҳуди собиқа ва паймони солифаро ком лам якун ангошта мувофиқатро ба мухолифат табдил мекардабошанд, мову бародари мо ба истиқболи он навбоваи бустони хилофат ва шаҳриёри меравем. Бубинем то муроддиҳандаи ҷузъу кул ба, ки мурод медода бошад” [13, с, 219]. Ва ба ӯ фармуданд, ки агар шоҳ Шоҳҷаҳон баргашта равад се манзил ҳамроҳи ӯ рафта баъд рухсати инсирроф ҳосил намуда раҷъат намои ва илло қосиде ба зуди равона соз ки мо дониста тадбири кори худро намоем. Сафир озими Кобул шуда, баъд аз паи маслиҳат ва суҳбати подшоҳ расида номаву пайғоми худро гузаронид. Шоҳҷаҳон аз ин азимат пушаймон шуд дидани вилояти Кобулро баҳона намуда гуфт: ”Мо ба дидану тамошо кардани мулки худ омада будем. Агар дар ҳотири бародарон ғуборе роҳ ёфта бошад баргашта бар таҳти худ меравем.” Ва фармуд ки ҳамон рӯз сиродиқоти давлаташро ба сӯи Ҳиндустон кашиданд. Он чи дар боло аз муарихи маскур қайд гардид агар аз як тараф аз макри сиёси шоҳ Шоҳҷаҳон хабар диҳад аз тарафи дигар он нишондиҳандаи ҳисси сиёсӣ запткоиву ғасбкориҳои вай мебошанд. Шоҳ Шоҳҷаҳон дар сиёсати ғоратгаронаи худ бештар ба фурсати муносибу фоидаи зиёд такя мекард то баъдан ба вазъият зарарҳои гаронбор рӯ ба рӯ нашавад. Ин фикрҳои сиёии вай буд, ки баъдтар бо истифода аз лаҳзаи барои ӯ бисёр муносиб Балхро бе харҷу сарфи модиву моли аз тасаруфи Аштархониён ба тасаруфи худ медарорад, ва бо ин роҳ ғаниматҳои зиёдеро аз ин мамлакати пур ганҷ соҳиб мешавад. Ҳангоме, ки ҳукумати Мовароунаҳр аз Имомқулихон ба Надрмуҳамад ҳамчун мерос меёбад ва сипас писари дуюм бо фишори аъёну ашрофони Бухоро ҳукумати Мовароунаҳрро аз дасти падари худ мегирад, Надрмуҳамад боз рӯ ба Балх мениҳад. Ӯ аз Балх ба шоҳ Шоҳҷаҳон номаи ниҳои фиристода аз тахти Бухоро маҳрум гаштан ва хиёнати писарашро дар он баён медорад ва аз вай барои дубора соҳиб шудан ба таҳти подушоҳиаш ёри талаб мекунад. Шоҳҷаҳон ҳам, ки фурсати муносибро интизор буд ва ҳамеша фикр менамуд, ки чи тавр Балхро соҳиб шавад, ин вазъиятро ба маврид донист писарони худ Аврангзеб ва Муродбахшро бо лашкари гарон бо баҳонаи ёри аммо бо мақсади ниҳоии тасаруфи он ба Балх мефиристад. Дар натиҷа лашкари низоми писарони Надрмуҳаммад Хусрав ва Баҳром Султонро ки аввали волиин тобеи Балх ва дувуми воли Хатлон буд бо ҳила дасгир намуда ба Ҳиндустон мефиристанд, ва Балхро дар таҳти тасаруфи худ медароранд. Надрмуҳаммад, ки қаблан ба василаи як амири муғули аз лашкари Аврангзеб, ки бо вай собиқаи дусти дошт аз фиреби онон воқиф мегардад ва фирор менамояд дар охир ба Эрон паноҳ мебарад [6, с. 111].

Бо тасаруфи Балх писарони шоҳ Шоҳҷаҳон тамоми дороиву хазинаҳои Надрмуҳаммадро соҳиб мешаванд. Надрмуҳаммад яке аз доротарин ҳокимони Мовароунаҳр буд, ки пас аз маҳрумият аз ҳукумати Мовароунаҳр дар Балху

Бадахшон фармонфармои мекард. Муалифи “Таърихи Мукимхони” дар ин бобат чунин қайд менамояд: “Чун лашкари Ҳинд хотири худро аз Надирмуҳамад ҷамъ карддар хазина ва анволи ӯро ба даст овардан аз бешумори молу сарвати ӯ дар тааҷуб монданд, ва гуфтан ба ин мамлакати андак (яъне Балх) ин ҳама молу сарватро чи гуна ба даст овардааст”.

Аммо дар тасаруф худ даровардани шоҳ Шоҳҷаҳон Балхро зиёд давом намекунад ва баъд аз андак вақт Аштархониён онро боз дубора соҳиб мешаванд. Соли 1638 шоҳ Шоҳҷаҳон писараш Муродбахшро ва ҳокими Қандаҳор Али Мардонхонро барои тасаруфи Балх ба онҷо мефиристад, вале ба даст даровардани ин минтақа дигар ба осони ба дасти онҳо намеафтад ва он то соли 1647 тул мекашад. Бил охир шоҳ Шоҳҷаҳон боз Балхро запт намуда онро ба писари сеюми худ Аврангзеб вогузор мекунад. Аммо як сол баъд Аштархониён боз ба Балх ҳуҷуҳои пай дар пай оварда лашари Аврангзебро шикасти сахт медиҳанд ва онҷойро дубора ба тасаруфи худ медароранд. Дар натиҷа, Аврангзеб маҷбур мешавад ба боқимонда лашкари худ ба Ҳинд фирор намояд.

Мушкилоти Балх ҳанӯз аз ҷониби шоҳ Шоҳҷаҳон ҳали худро наёфта буд, ки масалаи Қандаҳор пеш омад. Соли 1649 Қандаҳор аз ҷониби Шоҳ Тамоспи Сафавӣ тасаруф карда мешавад. Шоҳҷаҳон барои аз нав тасаруф кардани ин минтақаи муҳими стратеги лашкари гаронеро бо сарвари писараш Аврангзеб мефиристад, аммо кушишҳои Аврангзеб бебарор анҷом мепазирад. Соли 1652\53 Шоҳҷаҳон Аврангзебро боз дубора барои тасарруфи Қандаҳор мефиристад ва ин бор ҳам Аврангзеб мувафак намегардад. Соли 1653\54 Шоҳҷаҳон охирин дафъа лашкари зиёде таҳти фармони писари дувумаш Шоҳшуҷоъ барои ба даст овардани Қандаҳор мефиристад, аммо ӯ ҳам аз уҳдаи тасаруфи ин минтақаи маскур намебарояд. Дар натиҷа Қандаҳор пурра зери тобеияти Эрони Сафавӣ қарор мегирад ва шоҳ Шоҳиҷаҳон ин минтақаи стратегии барои шимоли салтанаташ бисёр муҳимро, ки Ҳумоюн ва Акбар бар асари талафоти зиёде онро соҳиб шуда баданд, дубора аз даст медиҳад.

Соли 1657\58 шоҳзода Аврангзеб ба Дакан лашкар мекашад ва Ҳайдарободро ба тобеияти худ медарорад ва ҳокими Гулканда Абдулохонро шикаст дода ӯро ба супоридани боҷи гарони солона дубора ҳокими Дакан таъин менамояд [7, с. 219].

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Алиасғари Ҳикмат. “Сарзамини Ҳинд “( баррасии таърих иштимои ва сиёсию адаби Ҳиндустон аз адвори бостони то асри ҳозир). - Теҳрон; Донишгоҳ 1337 ҳиҷри. 547 саҳ.

2. Антонов К. А.Б. Левин. Котовеки Г.Г. “Истори Инди”. - М., 1976.

3. Астарободӣ, Мулло Муҳамадқосими Ҳиндушоҳ “Таърихи Фаришта”- Ҷилди аввал – Чопи сангӣ Лакҳнав; Навал Кишур, 376 саҳ.

4. Баузани А. Бедил и Галиб\\ Мирза Галиб – “великий поэт Восток”. Сборник статей. Редакционная каллегия. - Наука, 1972. – С 183-192.

5. Баҳромнажод Муҳсин “Ҳуввияти сиёси давлати Сафавиён” Бо эҳтимоми Содиқӣ.– чопи аввал.Табрез.- 111 с.

6. Босфорт К.Э. «Мусулмански династи». - М.: Наук, 1997. - 236 саҳ.
7. Искуство Инди. Сабринк Статие / И.С. Пиюлаэв. – Тоджмахал. М – 1969.
8. История Индя в средни века. - М., 1957.
9. История средни Азия. - М., 1987. - 267 саҳ.
10. Озод Сайҷаъфаров. Вазъи сиёсию адабии Ҳиндустон дар охири асри XV ибтидои асри XVIII. – Душанбе, 2014.
11. Саидзода Ҷамолиддин. Рӯ ба Ҳинд. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 99 саҳ.
12. Ҳидоят, Ризоқулихон. Мадориҷ-ул-балоға. Дар илми бадеъ. – Шероз; Матбааи Муҳаммадӣ, 1331 ҳиҷри. - 230 саҳ.
13. Ҷабори Ҳушанг. Қандаҳор ва нақши он дар равобити миёни Эрону Ҳиндустон // Сафавия дар густариши таърихи Эронзамин. Бо эҳтимоми Мақсудали Содиқӣ. - Чопи аввал. - Табрез; Студа. - Саҳ. 219- 229.
14. Шамисо. Сирус. Анвои адаби Ҳинд. Чопи панчум. – Теҳрон, 1376 ҳиҷри. – 343 саҳ.
15. Язид Маҳмуд Афшор. Афғоннома. Ҷилди дуюм. – Теҳрон, 1361 ҳиҷри. - 185 саҳ.

**Literature:**

1. Aliasghari Hikmat. “Land of India” (review of the historical, political and literary history of India from ancient times to the present century). - Tehran; University 1337 AH. 547 p.
2. Antonov K. A.B. Levin. Kotoveki G.G. “History of India”. - M., 1976.
3. Astarabadi, Mullo Muhammad Qasim Hindushah “History of the Angel” - Volume One - Lithograph Lucknow; Naval Kishur, 376 p.
4. Bauzani A. Bedil and Ghalib\\ Mirza Ghalib – “the great poet of the East”. Collection of articles. Editorial board. - Nauka, 1972. – C 183-192.
5. Bahromnajod Muhsin “Political Identity of the Safavid State” With the permission of Sodiqi.– first edition. Tabrez.- 111 p.
6. Bosfort K.E. “Muslim Dynasties”. - M.: Nauk, 1997. - 236 p.
7. Art of India. Sabrink Articles / I.S. Piyulaev. – Tajmahal. M – 1969.
8. History of India in the Middle Ages. - M., 1957.
9. History of Central Asia. - M., 1987. - 267 p.
10. Ozod Sayjafarov. The Political and Literary Situation of India in the Late XV and Early XVIII Centuries. – Dushanbe, 2014.
11. Saidzoda Jamoliddin. Towards India. – Dushanbe: Irfon, 2012. - 99 p.
12. Hidayat, Rizaquli Khan. Madarij-ul-Balagha. In the science of literature. – Shiraz; Muhammadi Press, 1331 AH. - 230 p.
13. Jabari Hushang. Kandahar and its role in the relations between Iran and India // Safavidism in the development of the history of Iran. With the help of Maqsudal Sadiqi. - First edition. - Tabriz; Studa. - Pg. 219- 229.
14. Shamisa. Sirus. Anvai adabi Hind. Fifth edition. – Tehran, 1376 AH. - 343 p.
15. Yazid Mahmud Afshar. Afghannama. Second volume. – Tehran, 1361 AH. - 185 p.

## СИЁСАТИ ДОХИЛИЮ ХОРИҶӢ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁНИ ҲИНД ДАР ДАВРАИ ШОҲ ШОҲИҶАҲОН (1627-1658)

Дар мақолаи мазкур, яке аз масъалаҳои муҳим, сиёсати дохилию хориҷӣ давлати Темуриёни Ҳинд маҳс дар давраи шоҳ Шоҳиҷаҳон маврид баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳарчанд Ҳинд яке аз давлатҳои қадимӣ бошад ҳам давраи гул гул шукуфоии он давраи ҳукуматдории Темуриёнро донистан мумкин аст. Зеро дар замони ҳуқуматдории ин хонадон тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти дар Ҳинд рушт намуд, бахусус илм, санъат, меъмори, муҷаммасозӣ, диндори ва ғайра. Дар сиёсати дохилю хориҷи низ тавонистанд, ки ба комиёбиҳои беназир ноил гардан. Хусусан дар давраи шоҳ Акбар, Ҷаҳонгир, Шоҳиҷаҳон авзои дохилии Ҳинд рӯ ба беҳбуди намуда аз ҳар канори олам олимону, донишмандон ва меъморон барои зиндагони намудан ба ин сарзамин ташриф меоварданд. Маҳс ҳамин сабаб шуд, ки Ҳиндустон ба як кишвари афсонави табдил ёфта дар он меъмориҳои бошӯкуҳ ба мисоли Тоҷмаҳал, қалъаи Агра ва ғайра диқати саёҳонро ба ин сарзамин бештар ва бештар ҷалб намуд.

**Калидвожаҳо:** Давлат, сиёсати дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, муборизаҳоии дохилӣ, ҷаҳонкушоӣ, илм, санъат, меъморӣ.

## ВНУТРЕННЯЯ И ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА ГОСУДАРСТВА ТИМУРИЙЦЕВ В ИНДИИ В ЭПОХУ ШАХИДЖАХАНА (1627-1658)

В статье рассматривается одна из важнейших тем — внутренняя и внешняя политика индийского государства Тимуридов, особенно в период правления Шах-Джахана. Хотя Индия является одним из древнейших государств, ее расцветом можно считать время правления Тимуридов. Потому что во времена правления этой династии все сферы общественной жизни Индии процветали, особенно наука, искусство, архитектура, строительство, религия и так далее. Им также удалось добиться уникальных успехов во внутренней и внешней политике. Особенно в период правления Акбара, Джахангира и Шаха-Джахана внутриполитическая ситуация в Индии улучшилась, и ученые, специалисты в своих областях и архитекторы со всего мира приезжали в эту страну, чтобы улучшить свою жизнь. Благодаря этому Индия стала легендарной страной с такими великолепными архитектурными сооружениями, как Тадж-Махал, Красный Форт и другие, что привлекает в эту страну все больше туристов.

**Ключевые слова:** государство, внутренняя политика, внешняя политика, внутренний конфликт, глобализация, наука, искусство, архитектура.

## DOMESTIC AND FOREIGN POLICY OF THE TIMURIAN STATE IN INDIA IN THE ERA OF SHAHIJAHAN (1627-1658)

The article discusses one of the most important topics - the domestic and foreign policy of the Indian Timurid state, especially during the reign of Shah Jahan. Although India is one of the most ancient states, its heyday can be considered the reign of the Timurids. Because during the reign of this dynasty, all spheres of public life in India flourished, especially science, art, architecture, construction, religion and so on. They also managed to achieve unique successes in domestic and foreign policy. Especially during the reign of Akbar, Jahangir and Shah Jahan, the domestic political situation in India improved, and scientists, experts in their fields and architects from all over the world came to this country to improve their lives. Thanks to this, India has become a legendary country with such magnificent architectural structures as the Taj Mahal, the Red Fort and others, which attracts more and more tourists to this country.

**Key words:** state, domestic policy, foreign policy, internal conflict, globalization, science, art, architecture.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Фақиров Фарахрӯз Лойиқович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63.Телефон: (+992) 904444610**.** E-mail: farahruz8004@mail.ru

**Информация об авторе: Факиров Фарахруз Лоикович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, завиедущий кафедрой социологии. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 904444610. E-mail: farahruz8004@mail.ru

**Information about the author: Faqirov Farahruz Loiqovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the sociological department. Address: Republic of Tajikistan, sh. Garm, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 904444610. E-mail: farahruz8004@mail.ru

**ТДУ: 930.85.008**

# ОҲАНГАРӢ ВА ЭҲТИРОМИ МАРДУМ НИСБАТИ ОН ДАР ҚАРОТЕГИН ВА БАДАХШОН (ОХИРИ АСРИ Х1Х АВВАЛИ АСРИ ХХ)

**Ақназаров Ҳ.М., Саймуҳиддинов Ҷ.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Аломатҳои ибтидоии ҳунару ҳунармандӣ аз оғози сукунати мардум сарчашма мегирад. Такя бар асари “Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз” ҳунари оҳангарӣ аз давраи қадим дар Қаротегин арзи вуҷуд намудааст. Ин корро устоҳои оҳангар дар ҳавлии хонаашон анҷом медодаанд. Оғози ин ҳунарро оҳангарон ба замони Довуди пайёмбар (а) ва Коваи оҳангар мутобиқ медонанд [21, с. 209]. Танҳо дар давраи шӯравӣ дар Қаротегин ва Дарвоз корхонаҳои оҳангарӣ таъсис дода шудаанд, ки коргарони боистеъдод он ҷо кор мекарданд. Устоҳои ин корхона дар баробари корҳои корхона, иловатан дар хона ҳам кори оҳангариро анҷом медоданд. Устохонаҳои оҳангарӣ дар даврони шӯравӣ дар баъзе деҳаҳои Қаротегин ташкил карда шудаанд, ки дар он баъзан устоҳои маҳаллӣ ва агар дар он деҳот усто набошад, аз дигар ҷо даъват карда мешуданд ва барои онҳо дар боғи колхоз хонае месохтанд [22, с. 197]. Таҷҳизоти устохонаҳои колхозӣ ҳанӯз хеле қадимӣ мебошанд, гарчанде, ки асбобҳои ҳозиразамони челонгарӣ қариб дар ҳама ҷо таҷҳизотҳои кӯҳнаи оҳангариро иваз кардаанд. Бо вуҷуди ин, асбоби кӯҳна то ҳол вуҷуд дорад ва ҳангоми кор дар деҳаҳои дурдаст, ки дар маконҳои дур ҷойгир аст, истифода мешавад. Лавозимоти дигари устохона чархи суфтакунанда ном дорад, ки оҳангар корд, дос, теғи риштарош ва дигар ашёи бурандаи худ ва ҳамдеҳагонашро тез мекунад. Пештар доираи асбобҳои оҳангарӣ хеле маҳдуд буд. Ҳар як устои оҳангар болға ва путк дошт. Одатан на худи оҳангар, балки муштарии оҳангар (дархосткунанда) зери роҳбарии усто путкзанӣ мекард [22, с. 198].

Дар ин минтақаи Бадахшон, хусусан дар Бартанг ҳунармандӣ дар охири асри X1X ва аввали асри XX он қадар рушд наёфтааст, зеро ҳунармандӣ бештар дар ҷои шаҳрнишин ва зичии нисбатан зиёди аҳолӣ рушд меёбад. Дар ин минтақаи кӯҳистон шаклҳои ками ҳунармандӣ маъмул буданд, ки аввалан танҳо барои таъминоти моддии рӯзгор анҷом дода мешуданд. Сокинони собиқ деҳаи Сарез чунин маҳсулотҳоро бар ивази молҳои дигари ниёзи мардум, баъзан бар ивази гандум бо кӯчманчиёни Помири Шарқӣ доду гирифт доштанд. Аввалин бор бо тоҷикони Сарез кӯҳшиноси рус Д.Л.Иванов вомехӯрад ва доир ба ҳунару истеъдод ва шароити иҷтимоии мардум маводи этнографӣ ҷамъоварӣ кардааст. Ба андешаи ӯ зиндагии дур аз бозор, бидуни роҳҳо, сокинони бумиро маҷбур кардааст, ки ҳама кори барои худ заруриро ёд гиранд. Тоҷик бештар ба ҳунари хонагии худ такя мекунад, ҳамеша куртаи пашмин ва шими пашмин мепӯшанд ва матоъхои пашмин хеле хубанд [14, с. 94]. Қабилаҳои бодиянишини шарқӣ сокинони муқимиро бо гӯшт, пашм, пӯст ва ғайра таъмин намуда, дар навбати худ ашёи ҳунарӣ ва кишоварзӣ мегирифтанд [10, с. 33]. Вале дар бисёр маврид инҳоро ҳам тоҷикнишинон худашон омода мекарданд.

Дар деҳаи Ҷафри Қаротегин 120 хоҷагӣ мезист ва ду устои оҳангар дошт, ки ҳарду сокинони маҳаллӣ буданд. Яке аз ин устоҳо ба тиҷорати кишоварзӣ низ машғул буд, ки дар он бародарону писарон ва шогирдонаш кор мекарданд. Мардум низ ба хотири устои оҳангар кӯмакашон мекарданд. Дар деҳаи Нушор, ки 180 хоҷагӣ дошт, хоҷагиҳои бойтар ба оҳангар 4 табақ гандум ва деҳқони миёнаҳолтар ҳамагӣ 2-табақ гандум медоданд. Ин тақсимотро шахсони масъулу ба обрӯи деҳа анҷом медоданд. Дар баъзе ҷойҳо (масалан, дар деҳаи Қаротегини Навдӣ, дар баъзе деҳаҳои Дарвоз) ин ҳадяро *кафсанг,* дар дигар ҷойҳо музди усто (пардохти усто) ё ҳаққи усто (барои усто) меномиданд. Дар қишлоқи Пунишори Дарвоз пештар аҳолӣ барои оҳангар дар ҳаҷми 1 табақ до, 1 табақ мавизи хушк медоданд ва дар баробари ин ҳар як хоҷагӣ вобаста ба миқдори тавоноии худ дигар ашёҳоро медоданд. Касби оҳангарӣ дар Қаротегин аз падар ба писар мерос мемонд. Вале шогирдонеро низ устоҳои оҳангар омӯзиш медоданд, ки ин омӯзиш 3-4 сол давом мекард. Дар ҷараёни он шогирдон дар хонаи оҳангар зиндагӣ мекарданд ва дар корҳои хоҷагии ӯ низ мувофиқи супориши устодашон баъзе корҳоро иҷро мекарданд [22, с. 200].

Маблағи мушаххаси чунин омӯзиш вуҷуд надоштааст, танҳо баъди аз худ кардани тамоми нозукиҳои ҳунари оҳангарӣ шогирд ё волидайнаш ба устод тӯҳфаҳои ночиз медоданд. Шогирд барои мағул шудан ба кор аз устодаш дуо мегирифт. Баъзан, дар ин вақт ба устод волидайни доро чорвои калон, асп ё амтар пул медоданд. Масалан, як оҳангари калонсоли деҳаи Қалъанак (усто Маҳмуди 54 - сола) гуфтааст, ки дар хурдӣ аз падараш маҳрум монда дар тарбияи модараш будааст. Вақте, ки ӯ 12 сола шуд, модараш тасмим гирифтааст, ки ӯро пеши устои оҳангар барад. Ҳамин тавр, дар рӯзи душанбе (оғоз кардани ҳама гуна корҳо мусоид буд) модар кулчаҳо пӯхта, ҳамроҳи писараш ба назди усто мерафт. Устои оҳангар, ки нияти занро пешакӣ медонист, ӯ ва писарашро самимона қабул карда, дарҳол чанд пирамарди деҳаро ба ҳайси шоҳид даъват мекунад ва зиёфат оростанд. Бо ҳамин ворид шудани писарбача ба шогирдӣ дар ҳузури ҳамаи ҷамъомадагон тасдиқ мегардид. Дар маркази Дарвоз ҳамагӣ 7

нафар оҳангар барои аҳолӣ хизмат мекарданд [22, с. 201]. Яке аз устоҳои оҳангари Раштонзамин, ки имрӯз ҳам сокинони Навдеҳ аз ӯ ёдовар мешаванд, ин Усто Толиб Содиқов мебошад, ки дар асари "Тоҷикони Дарвоз ва Қаротегин" дар зери таҳрири Н.А. Кисляков ва А. К. Писарчик, дар борам Ӯ чунин қайд шудааст: "Асбобҳои тайёр кардаи Усто Толиб Содиқов ба монанди асбобҳои тайёр кардаи заводҳо мебошанд. Тамоми асбобҳои ӯ барои кор дар колхозҳо ва хоҷагиҳо истифода мешаванд..." [21, с. 210].

Дар ҳамаи деҳаҳои Бартанги Рӯшон низ ҳунари оҳангарӣ рушд карда буд ва то ҳоло вайронаҳои оҳангархона (коргаҳ) вуҷуд доранд. Дар деҳаи Нисур як оҳангархона вуҷуд доштааст, ки дар он оҳангари машҳури як аср пеш бобои Қабули Қурбонбек кор кардааст. Дар деҳаи Япшорв низ оҳангархона фаъолият кардааст ва калонсолон танҳо як устои оҳангарро бо номи Мирсаид дар ёд доранд. Дар деҳаи Савноб низ вайронаҳои оҳангархона ҳанӯз дар таги кӯҳ вуҷуд дорад. Дар деҳаи Пасор оҳангархона вуҷуд дорад ва дар гузашта яке аз устоҳои номии он Бохон - бобои оҳангари имрӯза Мазамбайг будааст (Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини деҳаи Кӯҳдараи ноҳияи Рушон Отамов Ҳайдарбек. Соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 28.07.2024). Дастгоҳҳои коркарди метал ба мисли сандон, болға, дастгоҳи дамдиҳӣ, путку нуқроз, белчаю андоза ва ғайраро ба ивази пулу мол аз ҷумла аспу барзагов аз Бадахшону Ҳиндустон харида меоварданд [19, с. 83]. Ба гуфти ҳамсӯҳбатон *"korgah"* ҳамчун макони муқаддас ба номи *"Kasabai hazrati Dovut"* ёд мешавад. Илова бар ин, бархе аз асбобу анҷоми он ба номи малоикаву ашхоси бузурги таърихӣ иртибот пайдо кардаанд. Масалан, сандон Муртазо Алӣ, хайас (асбобе, ки бо он оҳан мекӯбанд) ба Ҷабраил, анбур ба Имомон Ҳасан - Ҳусейн рабт медонанд (Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини деҳаи Кӯҳдараи ноҳияи Рушон Отамов Ҳайдарбек. Соли таваллуд 1937. Санаи сабти сӯҳбат 28.07.2024).

Дар Қаротегин низ ривояте доир ба пайдоиши аввалин оҳангар машҳур будаст. Ҳазрати Довуд подшоҳ буд ва рӯзе фаришта Ҷаброн аз Худо пайғоме меорад, ки ҳарчанд агар подшоҳ бошад ҳам, вале ризқу рӯзиашро худаш биёбад ва нонро аз обилаи кафи дастонаш пайдо кунад. Ҳамин тавр, подшоҳ ҳунари оҳангариро меомӯхт, гӯё болғаву путк надошт ва оҳани тафсонро гирифта бо дастони худ ҳар чӣ месохт. Дигарон гӯё оҳангариро аз ӯ омӯхтаанд. Аз ин ҷост, ки шогирдон устоди оҳангари худро низ пир, яъне мураббӣ ва сарпарасти худ меноманд ва шогирд шуданро "дасти пир гирифтан" мегуфтанд. Дар охир устод ба шогирдаш чунин дуо мехонад: "Ҳазрати Довуд камари туро бандад, дар касбат баракат диҳад. Довуди авлиё дар кори ту комёбӣ бифиристад". Дар Дарвоз инро камарбандон меноманд [22, с. 199].

Таъмин кардани маводи метал ва ангишти чӯб, ки ягона манбаи ҳароратӣ ҳисоб мешуд, ба зиммаи мизоҷон ва ё дарёфти худи усто меистод. Ба монанди дигар кӯҳистониҳо эҳтиёҷоти тоҷикони Бартанги боло низ (Бадахшон) беш аз ҳама ба метал буд. Кӯшишҳо дар маҳал ба роҳ мондани истеҳсоли мис дар адабиёти таърихии он ба қайд гирифта шудааст. Ба монанди "коркарди маъданҳои қалъагӣ, истихроҷ, қурғошими гудохташуда ва оҳангудозӣ дар Рошорв, Савноб, Барчидиф, Кудара, Танимас"[11, с. 145]. Зеро асбобҳои талаботи умум ба мисли оҳан, дос, табару теша, наъли асп, қисмҳои оҳанини

осиёбҳои обӣ, корду дирафш, белу каланд ва ғайраро бе истеҳсоли худӣ таъмин кардан ғайри имкон буд.

Мувофиқи таҳқиқоти эроншиноси машҳури рус И. И. Зарубин ҳунармандони оҳангари Бартанг дар байни мардум ҳамчун шахси бо обрӯй ва соҳиби эҳтироми ҳамагон ба ҳисоб мраванд. Вале музди меҳнаташонро аз муштариён хеле кам мегиранд. “Оҳангарон бештар дар ҳавои кушод кор мекунанд ва олоти ҳунарро тақрибан ба мисли мазорҳо ё сангҳои муқаддас эҳтиром мекунанд” - қайд мекунад муаллиф. Онҳо корашонро бештар вақт тибқи дархост иҷро мекунад, аммо баъзе ашёҳоеро ба таври доимӣ омода мекунанд, ба монанди корд, дос ва ғайраҳо. Ин гуна шахсони ҳунармандро усто ном мебаранд. Ҳаққашон ду тоқӣ гандум аст [12, с. 127]. Дар оҳангархона асбобҳои чқав (зоғнул - мотыга), ханцилай (корди калон), наъл барои асп, спун (оҳанаки нуги супор), ахъавҷмих (мехи оҳанин барои чидани алафҳои бегона), цоувз (дирафш - барои дӯхтани пойафзол), зулфаки дар (ҳалқаи филизии дар), хадорҷ сипин (оҳан барои таги санги осиёб), бел, корд, дос, табар, теша (*чот*), даста, ҷувозсанг, булбулок, чароғдонҳои сангин ва ғайра сохта мешуданд. Фарзияи дигаре вуҷуд дорад, ки “паҳншавии оҳан дар Помир танҳо дар асрҳои X1X ва аввали асри XX, баъди кушода шудани роҳи Помир бо Фарғона ва омадани русҳо” оғоз гардид [21, с. 194]. Мардумшинос М. С. Андреев давом медиҳад, ки “дар Бартанги боло пеш аз инқилоб ягон бели оҳанин набуд...” [21, с. 288]. Вале боқимондаҳои оҳангархона дар Бартанги боло ин фарзияҳоро рад карда, ишора ба он мекунанд, ки ҳунари оҳангарӣ хеле қадимтар аз ин асрҳо вуҷуд доштааст. Дар шаҳрҳои Осиёи Миёна устоҳои оҳангарӣ аз рӯи дараҷаи маҳораташон фарқ мекунанд. Масалан, дар Қаротегин ва Дарвоз оҳангарони ботаҷриба ва кордон устод ё устои бузург (устои калон) меноманд ва оҳангари миёнакасбро устои мехкаш, устои нав номида мешуд. Чунон ки Н. А. Кисляков менависад, дар Ғарм гӯё 100 хоҷагии ҳунармандони коркарди оҳан ва дар маҳаллаи даббоғҳо низ 100 хоҷагии косибони коркарди пӯст мавҷуд буданд. Дарвоз ва қисман Қаротегин аз Ванҷ оҳан мегирифтанд, ки истихроҷи он тавассути гудохтан аз маъдани дар он ҷо истихроҷшуда кайҳо ба роҳ монда шуда буд [22, с. 202].

Миқдори хеле ками маҳсулоти тайёри оҳанин аз Фарғона аз ҷониби қирғизҳои Олой ва тоҷирони Қаротегини Боло ба Қаратегин оварда шуда, ба аҳолии маҳаллӣ ба чорвои хурд ё ғалла иваз карда мешуданд. Аз Ҳисор ҳам маҳсулоти оҳан оварда мешуд, ки дар он ҷо дар Қаратоғ «аз маъданхои маҳаллӣ ва асбобу анҷоми рӯзгор оҳан гудохта, аз он асбобҳои оддии хоҷагии қишлоқ тайёр карда мешуданд». Оҳанҳои аз Ванҷ овардашударо оҳангарони маҳаллӣ ба се навъ ҷудо мекарданд: навъи якумро навъи беҳтарин меномиданд ва аз он корд, теғи риштарошак, қайчӣ, досу теша ва дигар асбобу аслиҳа месозанд. Навъи дуюми оҳанро нармоҳан (оҳани нарм) меномиданд ва барои сохтани наъл, мех, занҷири дар, дастаки дос, калтак ва ғайра истифода мешуданд, навъи сеюм, пасттаринро барои рехтани қубур истифода мекарданд.

Ба қавли бузургон ҳар як оҳангар бояд софдилона, бефиреб, кори худр иҷро кунад, устохонаи худро тоза нигоҳ дорад, Рӯзҳои ҷумъа пеш аз идҳои Рамазон ва Қурбон лозим буд, ки гиёҳҳои хушбӯйро (Peganum harma-Na ё Allium darvasicum L.) меафрӯхтанд. Дар деҳаи Яхчи, собиқ ноҳияи Комсомолобод пахтаро дар чӯбчаҳо печонида дар равғани растанӣ тар карда, меафрӯзанд ва дар

дарахт мемонанд. Дар табақи калони чӯбин таъом омода карда, ба масҷид мебурданд. Мардуми деҳа таъомро хӯрда дар ҳаққи ҳазрати Довуд дуо мехонданд. [22, с. 202]. Гиёҳҳои хушбӯйиро (Ёб- ситрахм) то ҳоло дар ҳамаи маросимҳои Бадахшон дуд медиҳанд.

Дар Бартанги боло (Рӯшон) ҳатто шикорчиён барои худ борут тайёр мекарданд. Дар ин маврид олими машҳур, мардумшинос М. С. Андреев маълумот додааст: “Барои тайёр кардани борут ангиштро гирифта, онро бо диққат ба хокаи майда табдил дода, ба он об мепошанд. Дар ҳоле, ки дар истеҳсоли борут ҳеҷ мушкилие ба назар намерасад, истихроҷи сурб (қурғошим) хеле мушкилтар аст. Сурбро аз Бартанг меоранд, ки дар наздикии деҳаҳои Рошорв ва Сипонҷ конҳои сурб мавҷуданд” [1, с. 234]. И. И. Зарубин аз маълумотҳои шифоҳии мӯйсафедон навиштааст, ки “...дар замони Шо-малтон устое будааст, ки аз шаҳре омада, дар кӯҳ мис меканд. Ин мисро эҳтиёткорона ба шутурҳо бор карда, ба Балх мефиристоданд ва дар он ҷо танга сохта, бармегардонданд. Инро шунидам, аммо ба дурустии он кафолат дода наметавонам. Онҳо инчунин макони истихроҷи мисро нишон доданд, ки ба истиллоҳ Кӯҳи Мис дар дохили водии Нукбист, рӯди Уштурхона, дар поёни овринги Зин-бардор, ҷойгир аст... Инчунин мегӯянд, ки дар болооби Кӯҳдара хитоиҳо барои истихрочи сурб меҳнат мекарданд ва ду-се моҳ кор карда баромада рафтанд, гӯё сурби хуб намеёфтанд” [13, с. 22]. Калонсолон мавҷудияти конҳои дар боло қайдшударо тасдиқ мекунанд ва ба ҷуз аз ин конҳо боз дар маҳалли Хурҷин ва Конифи Рошорв низ вуҷуд доштанд, ки дар ҳудуди 4 ҳазор метр воқеъ гаштааст. Дар Хафраздараи деҳаи Пасор ҳам бо чунин намуд конҳо вохӯрдан мумкин аст (Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини деҳаи Рошорви ноҳияи Рушон, омӯзгори фанни география Холмамадов Зибудҷин. Соли таваллуд 1975. Санаи сабти сӯҳбат 17.07.2024) Ба истихроҷи тилло дар дарёҳои Помир аз замонҳои қадим машғул буданд. Инро ҷуғрофидони арабзабони асримиёнагӣ Ибни - Русте хабар додааст [2, с. 54].

Мавҷудияти корвонсарои Бозордараи Помири Шарқӣ ва наздик будани роҳи корвонгузар ба собиқ деҳаи Сарез ба рушди ҳунармандии минтақа сабаб мешуд. “Дар ин ҷо дар наздикиҳо роҳи бузурги корвон мегузашт” [1, с. 148]. Дар бораи таърихи дар рӯзгори мардум мавқеъ пайдо кардани оҳангаронхона касе чизе гуфта наметавонист. Фақат “аз қадим вуҷуд доштанд”- мегӯянд. Воқеан, оҳангархонаҳо дар қисме аз деҳаҳо вуҷуд доранд, ки аз рӯи баъзе аломату нишонаҳо бунёди он деҳаҳо ба замонҳои хеле қадим пайваст аст. Мардум оҳангарохонаро дар қатори остонҳо бузург мепиндоштанд, ки инҳоро низ ба истилоҳи “авлиё” ёд мекунанд ва бунёди онҳоро ба Довуд - пайғамбар нисбат медиҳанд [25, с. 222]. Дар деҳаи Рошорв оҳангархонае вуҷуд дорад, ки “Ҳазрати Довут коргаҳ” ном дорад. Аз рӯи фаҳмиши мардум оҳангархона барои он ҷои муқаддас ҳисоб мешавад, ки аввалан бунёди он ба Ҳазрати Довуд пайғамбар нисбат дода мешавад ва бархе аз асбобу анҷоми он ба номи малоикаву ашхоси бузурги таърихӣ иртибот пайдо кардаанд. Дигар ин ки хокае, ки рӯи сандон аз оҳан ба вуҷуд омадааст, гӯё дармони дардҳост [25, с. 146]. Оҳангари машҳури деҳаи Рошорв усто Бахте ном мебаранд.

Мувофиқи асари “Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз” оҳангари деҳаи Шули собиқ ноҳияи Ғарм нақл кардааст, ки овардан ё ёфтани баъзе аз асбобҳои

оҳангарӣ кори осон набуд. Худи ӯ барои овардани як асбоби устохонааш ба Уротеппа рафта, омадааст. Дар қишлоқи Ялдамичи собиқ ноҳияи Ғарм як челонгар бо номи Маҳмуд кор мекардаст, ки на танҳо асбобҳои рӯзгор, балки аз метали гудохташуда дег ҳам месохтааст. Вай гӯё аз Марғелон ба он ҷо омада муқимӣ шудааст ва чанд шогирди беҳтарин низ доштааст. Оҳангарон ба ғайр аз сохтани асбобҳои хоҷагии қишлоқ, аз қабили каланд, кордҳои гуногун, табарҳо барои тақсим кардани ҳезум, зоғнул, занҷирҳо барои дарҳо, кордҳои чармбур, теғи сартарошӣ, бандҳои оҳани лаҷом, мех, наъл, қайчии калон барои тарошидани гӯсфанд – дукорд ва ғайраҳо. Баъди Инқилоби Октябр оҳангаронро лозим омад, ки ба шароити нави меҳнат мутобиқ гарданд ва таъмири чизҳои нави металлиро, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолӣ пайдо шудаанд, ёд гиранд. Масалан, таъмири велосипед ва ғ. Оҳангар барои тайёр кардан ва таъмири асбобҳои хоҷагии қишлоқ ҳаққи меҳнаташро мегирад, ки баъзан пул мебошад. Аммо дар баробари додани пул, анъанаҳои қадимӣ низ дар байни мардум вуҷуд доштааст, ки барои оҳангар ягон таъоми болаззат меоваранд. Дархостгар ба усто масолеҳи асосӣ оҳан ва дигар металлҳои барои сохтани ин ё он чиз зарурӣ ва ангиштро медиҳад. Илова бар ин, ба челонгар дар иҷрои супоришаш ёрӣ мерасонд. Аммо бояд гуфт, ки оҳангарӣ дар кӯҳистон танҳо дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, яъне баъд аз забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва инкишоф ёфтани алоқаҳои иқтисодии байни Бухорои амир ва вилояти Туркистон бештар рушд карда буд [22, с. 205].

Он даврае буд, ки барои тайёр кардани ҳама гуна маснуоти оҳангарӣ ба даст овардани ашёи хом осон гардид. Тамоми кор оҳангарӣ бо ангишт – лахча, ки бештар аз чӯби арчаҳо, бурса ва баъзан аз ангат месӯзониданд, сурат мегирифт. Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 30-ум ханҷар, дудама ва теғи дарози шамшершакл бо дастаки чӯбин, низ месохтанд. Дар ин бобат махсусан ҳунармандони деҳаи Бодраваки Сорбух шӯхрат пайдо кардаанд. Ҳамин деҳа бо истеҳсоли корд низ машҳур буд; яке аз устодони номдори солхои пешазинқилобии он усто Баккол ном дошт, ки махорати хуби оҳангарӣ доштааст. Бархе аз ҳунармандони бомаҳорат тамғаҳои нишони худро доштанд, ки дар рӯи ашёи сохтаашон мегузоранд. Ҳамин тавр, масалан, ин нишонаро ба табарҳо, дар рӯи досҳо мегузоштаанд. Оҳангари деҳаро аҳли деҳа ҳаматарафа дастгирӣ мекарданд. Заминҳои усторо аҳли деҳ ба таври ҳашар кишт мекарданд ва то даврони ҳосилғундорӣ кӯмак мекарданд. Аксар вақт аҳли деҳа оҳангаро бо ҳезум таъмин мекард, ки барои ӯ ҳар як хоҷагӣ ҳезум меоварданд ва инчунин ҳангоми алафдаравӣ ҳашари умумӣ ташкил медоданд. Барои ин оҳангар вазифадор буд, ки ба аҳолии деҳа хизмат расонад, вале бо истифода аз маҳсулотҳои худи муштарӣ. Ҳамдеҳаҳо ба усто дархост дода, то омодашудани фармоишашон оҳангарро бо хӯрок таъмин мамуданд. Ҳамин тавр, агар кор тамоми рӯз тӯл мекашид, пас фармоишгар дар як рӯз се маротиба, яъне саҳар, нисфирӯзӣ ва бегоҳ ба оҳангар хӯроки гарм меоварад. Агар барои иҷро кардани фармоиш вақти хело кам лозим бошад, пас фармоишгар метавонист ба оҳангар як-ду кулча, тухм ё монанди инҳо меоварад. Дар Дарвози ҳаққи хизмати усторо одатан ғалла медоданд, ё бар ивази фармоишаш ба иҷрои ягон кори хоҷагии оҳангар ёрӣ мерасонд.

Агар устои оҳангар аз деҳоти дигар даъват карда мешуд, ғалла, алаф, ҳезумро ҳамчун ҳаққи меҳнати ӯ ҷудо мекарданд ва аз ҳисоби замини умумӣ, замини вақфӣ ё заминҳои холӣ барои истифода ба ӯ дода мешуд. Умуман, дар деҳаҳои Қаротегин оҳангарро эҳтиром мекарданд, нисбати устохонаи ӯ низ эҳтироми махсус мекарданд. Дар вақти кор инҷо пиронсолони деҳа ҷамъ шуда, ба оҳангар хӯрок меоварданд ва дар он ҷо якҷо мехӯрданд. Баъдан одамҳои бекор низ дар ин ҷо ҷамъ мешуданд ва онҳоро пеши оҳангархона рониданд, бақавли мардум ин корро ба хотириҷилавгирӣ намудан аз “чашми бад” анҷом медоданд, зеро ақидае вуҷуд дошт, ки агар тамошобин зиёд бошад, маҳсулот бо нуқсон мебароянд. Ё худи устод бемор шавад ё бимирад [22, с. 204].

Дар бораи вазъи оҳангарӣ дар асари мазкур маълумот дода шудааст, ки дар Қаротегину Дарвоз дар байни оҳангарон қабулкунии шогирдон дар солҳои шӯравӣ аз байн рафтааст. Ба қавли муаллифони китоби “Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз” талаботи аҳолии маҳаллӣ ба устои оҳангар бинобар тағийр ёфтани шароити моддии мавҷудият хеле кам шудааст. Майлу хоҳиши ҷавононро ба касби челонгарӣ аз сабаби кам будани музди он шарҳ медиҳад. Шарту шароитҳои ба шогирдқабулкунӣ низ дар даврони шӯравӣ аҳамияти пешинаи худро аз даст додааст. Вале сокинони дурдаст аз марказҳо ҳанӯз аз ҳунарии устои оҳангар асбобҳои рӯзгордориро мехариданд ва истифода мебурданд.

Имрӯзҳо дар деҳаи Навдеҳ Давлатов Маҳмадлиёс ҳамчун давомдиҳандаи касби оҳангарии гузштагни хешро идома дода истодааст. Усто Маҳмадлиёс зиёда аз 45 сол аст, ки ин ҳунарро пешбарӣ намуда истодааст. Дар минтақаи Раштонзамин имрӯз низ ин ҳунар дар байни ҷамъият ҷойгоҳи махсусеро иҷро мекунад. Аз ҷумла дар деҳаҳои Қазноқ, Шул, Навдеҳ, Камароб, Қалъанак, Ҷафр, Нимич ва дигарҳо ин ҳунар хеле тараққӣ карда буд ва имрӯз ҳам устоҳои оҳангар дар ин деҳаҳо фаъолият доранд [21, с. 212].

Хулоса, ҳунари оҳангарӣ дар гузашта дар ҳаёти рӯзмараи тоҷикони Қаротегин ва Бадахшон нақши бузургеро иҷро мекард. Мардум ба устои оҳангар эҳтироми махсус доштанд ва оҳангархонаро макони муқаддас мепиндоштанд. Бо гузашти як аср баъзе аз ин анъанаҳои мардумӣ вобаста ба оҳангарӣ ва оҳангархона дар Қаротегин қариб, ки аз байн рафтаанд. Масалан, муқаддас пиндоштани макони оҳангархона ва дар рӯзи ҷумъа ё идҳои Рамазон ва Қурбон гирондани чароғ дар Бадахшон (дар мисоли Бартанг) то ҳоло байни мардум иҷро мегардад. Вале дар Қаротегин он аз байн рафтааст. Ба қавли ҳамсӯҳбати мо (Забиров Кабир сокини 50 солаи деҳаи Рузвай, ноҳияи Рашт. Санаи сӯҳбат 17.01.2025) дар гузашта ҳатто гирён кардани чароғ дар қабрҳо ҳам вуҷуд доштааст, вале дар замони шӯравӣ онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ супорида шуданд. Дуд кардани гиёҳ ё ҳазорсипанд дар оҳангархона дар гузашта маъмул будааст ва имрӯзҳо ин анъана низ манъ карда шудааст. Аммо дар аксари деҳаҳои дурдасти Бадахшон ҳанӯз ҳам оҳангархонаро ҳамчун макони муқаддас зиёрат мекунанд ва тамоми расму оинҳои гузашта иҷро мегардад ва чизе ё касе боиси иҷро нагардидани онҳо нашудааст.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. (Верховья Аму дарьи) выпуск 2. [Текст] / М.С. Андреев. - Сталинабад.1958. – С.291.

2. Абрамзон С.М., Кисляков Н. Добыча золота - один из древних промыслов горных таджиков [Текст] / Абрамзон С.М. // Советская этнография. – М., 1971. №2.

3. Ақназаров Ҳ.М. Мутобиқати ҷойном (топоним)-ҳои минтақаи Рашт бо ҷойномҳои Помир. [Матн] / Ақназаров Ҳ.М. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон 2023. № 5 - С. 45-51.

4. Ақназаров Ҳ.М. Маълумотҳои таърихӣ-этнографии собиқ деҳаи Сарез. [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №4. – С. 39 – 46.

5. Ақназаров Ҳ.М. Таърихи сиёсии Рошорв дар охири асри X1X ва аввали асри XX. [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №9. - С. 31 - 38.

6. Ақназаров Ҳ.М. Инъикоси этнографияи Бартанги боло дар таҳқиқотҳои И.И. Зарубин [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №10. - С. 42 - 48.

7. Ақназаров Ҳ.М. Нишонаҳои хонаи урфии бадахшонӣ дар Қаротегин [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон 2025. № 1 - С. 90-97

8. Ақназаров Ҳ.М., Маҳмадуллоев А.С. Баъзе аз анъанаҳои мардумӣ вобаста ба сохтмони манзил дар Қаротегин ва Бадахшон. [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2024. №31 (17). - С. 160-168.

9. Ақназаров Ҳ.М., Одинаев Б.А. Сурудҳои тӯйи мардуми Бадахшон ва Зарафшон. [Матн] / Ақназаров Ҳ.М.// Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2023. №3 (15). - С. 230-235.

10. Бабаев А.Д. Историко-археологический очерк западного Памира. Диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук. [Текст] / Бабаев А.Д. –Новосибирск: 1989 г. стр.33.

11. Бубнова М.А. Древние Памятники Горно-Бадахшанской Автономной Области. Западный Памир (11 тисяч до н.э.-начало XXв.) [Текст] / М.А.Бубнова. Издателъствао “Дониш”. Душанбе - 1998. стр.145.

12. Зарубин И.И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга, / И.И.Зарубин. Петроград.-Типография Россиской Академии Наук. №12, 1917. – С.127.

13. Зарубин И.И. К истории Шугнана. [Текст] / И.И.Зарубин. Доклады Академии Наук СССР / 1926. –С. 22.

14. Иванов Д.Л. Путешествие на Памире. Известия Императорскаго. Русскаго географическаго общества. №26477. томъ XX. [Текст] / Иванов Д.Л. 1884. С.-Петербург. - С.94.

15. Кисляков. Н.А. Некоторые материалыпо сельскохозяйственной терминологии у таджиков. // Советская Этнография. [Текст] / Кисляков. Н.А. - Москва: Наука. 1969. –С. 229.

16. Кисляков Н.А. “Материалы по древним верованиям горных таджиков”. Страны и народа востока. / Кисляков Н.А. Главного редакции восточной литературы. – Москва, 1989. – С. 23.

17. Кисляков Н.А. История Каратегина, Дарваза и Бадахшана. // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. / Кисляков Н.А.– Сталинабад: Госиздат при СНК Таджикиской ССР, 1945. – С.128.
18. Мухиддинов И. Этнографические аспекты высокогорного земледелия Западного Памира и сопредельных областей (XIX - начало XX веков). Диссертация на соискание ученой степени доктора исторических наук. Москва 1984 г. – С. 140.
19. Одинамамади Мирзо. Вахон (пажӯҳиши илмӣ, таърихӣ ва этнографӣ). /Одинамамади Мирзо. -Душанбе: “Ирфон”, 2010, -С. 83.
20. Сайнаков С.П., Ақназаров Ҳ.М. Димитрий Васильевич Путята - как исследователь этнографии Памира. [Матн] / Ақназаров Ҳ.М.// Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. 2021. №3 (7). - С. 162-166.
21. Саидов С.Ҷ. Рашти кӯҳандиёр. (маҷмӯаи мақолаҳо) / Саидов С.Ҷ. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2023. –С. 209.
22. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 1. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1966 – С. 205.
23. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 2. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1970 – С.315.
24. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 3. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1976 – С.238.
25. Шакармамадов Н. Фолклори Помир. Ҷилди 4. Остонҳо – осори таърих ва фарҳанги мардуми Бадахшон (таҳқиқи зиёратгоҳҳои Кӯҳистони Бадахшон). / Н.Шакармамадов –Душабе: 2015, - С. 222.

**Literature:**

1. Andreev M.S. Tajiks of the Khuf Valley. (Upper reaches of the Amu Darya) issue 2. [Text] / M.S. Andreev. - Stalinabad. 1958. – P.291.
2. Abramzon S.M., Kislyakov N. Gold mining is one of the ancient crafts of mountain Tajiks [Text] / Abramzon S.M. // Soviet ethnography. – M., 1971. No. 2.
3. Aknazarov H.M. Correspondence of place names (toponyms) of the Rasht region with place names of the Pamirs. [Text] / Aknazarov H.M. // Message of the National University of Tajikistan 2023. No. 5 - P. 45-51.
4. Aknazarov H.M. Historical and ethnographic information about the former village of Sarez. [Text] / H.M. Aknazarov // Message of the National University of Tajikistan. 2024. No. 4. – P. 39 – 46.
5. Aknazarov H.M. Political history of Roshorv at the end of the 19th and beginning of the 20th centuries. [Text] / H.M. Aknazarov // Message of the National University of Tajikistan. 2024. No. 9. - P. 31 - 38.
6. Aknazarov H.M. Reflection of the ethnography of the Upper Bartang in the studies of I.I. Zarubin [Text] / H.M. Aknazarov // Bulletin of the National University of Tajikistan. 2024. №10. - P. 42 - 48.
7. Aknazarov H.M. Signs of the traditional Badakhshan house in Karotegin [Text] / H.M. Aknazarov // Bulletin of the National University of Tajikistan 2025. № 1 - P. 90-97
8. Aknazarov H.M., Makhmadulloev A.S. Some folk traditions related to housing construction in Karotegin and Badakhshan. [Text] / H.M. Aknazarov //

Bulletin of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. 2024. №31 (17). - P. 160-168.

9. Aknazarov H.M., Odinaev B.A. Wedding songs of the people of Badakhshan and Zarafshan. [Text] / Aknazarov H.M.// Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht district. 2023. №3 (15). - P. 230-235.

10. Babaev A.D. Historical and archaeological essay on the Western Pamirs. Dissertations for the degree of Doctor of Historical Sciences. [Text] / Babaev A.D. - Novosibirsk: 1989, p. 33.

11. Bubnova M.A. Ancient Monuments of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region. Western Pamirs (11 thousand BC - early 20th century) [Text] / M.A. Bubnova. Donish Publishing House. Dushanbe - 1998. p. 145.

12. Zarubin I.I. Materials and notes on the ethnography of the mountain Tajiks. Bartanga Valley, / I.I. Zarubin. Petrograd. - Printing House of the Russian Academy of Sciences. No. 12, 1917. – P.127.

13. Zarubin I.I. To the history of Shugnan. [Text] / I.I. Zarubin. Reports of the USSR Academy of Sciences / 1926. –P. 22.

14. Ivanov D.L. Travel to the Pamirs. News of the Imperial. Russian Geographical Society. No. 26477. Volume XX. [Text] / Ivanov D.L. 1884. St. Petersburg. - P.94.

15. Kislyakov. N.A. Some materials on agricultural terminology among Tajiks. // Soviet Ethnography. [Text] / Kislyakov. N.A. -Moscow: Science. 1969. –S. 229.

16. Kislyakov N.A. “Materials on the ancient beliefs of the mountain Tajiks”. Countries and peoples of the East. / Kislyakov N.A. Chief editor of Eastern literature. - Moscow, 1989. - P. 23.

17. Kislyakov N.A. History of Karategin, Darvaz and Badakhshan. // Materials on the history of the Tajiks and Tajikistan. / Kislyakov N.A. - Stalinabad: State Publishing House under the Council of People's Commissars of the Tajik SSR, 1945. - P. 128.

18. Mukhiddinov I. Ethnographic aspects of highland agriculture in the Western Pamirs and adjacent regions (19th - early 20th centuries). Dissertation for the degree of Doctor of Historical Sciences. Moscow, 1984. - P. 140.

19. Odinamamadi Mirzo. Vakhon (scientific, historical and ethnographic research). /Odinamamadi Mirzo. -Dushanbe: “Irfon”, 2010, -P. 83.

20. Saynakov S.P., Aknazarov H.M. Dimitriy Vasilyevich Putyata - as an ethnographic researcher of the Pamirs. [Text] / Aknazarov H.M.// Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. 2021. №3 (7). - P. 162-166.

21. Saidov S.J. Rashti kuhandiyor. (collection of articles) / Saidov S.J. – Dushanbe: “Ashuriyon”, 2023. –P. 209.

22. Tajiks Karategin and Darvaza. Issue 1. – Dushanbe: Publishing house - “Donish”. 1966 – P. 205.

23. Tajiks Karategin and Darvaza. Issue 2. – Dushanbe: Publishing house - “Donish”. 1970 – P.315.

24. Tajiks Karategin and Darvaza. Issue 3. – Dushanbe: Publishing house - “Donish”. 1976 – P.238.

25. Shakarmamadov N. Folklore Pomir. hildi 4. Ostonho – osori tarikh va farhangi mardumi Badakhshon (taқiқi ziyoratgoҳҳoi Koҳistoni Badakhshon). / N. Shakarmamadov – Dushabe: 2015, - P. 222.

25. Shakarmamadov N. Pamir Folklore. Volume 4. Ostanho - monuments of history and culture of the Badakhshan people (study of pilgrimage sites of the Badakhshan Mountains). / N. Shakarmamadov - Dushanbe: 2015, - P. 222.

## ОҲАНГАРӢ ВА ЭҲТИРОМИ МАРДУМ НИСБАТИ ОН ДАР ҚАРОТЕГИН ВА БАДАХШОН (ОХИРИ АСРИ X1X АВВАЛИ АСРИ XX)

Ҳунари оҳангарӣ дар гузашта дар ҳаёти рӯзмараи тоҷикони Қаротегин ва Бадахшон нақши бузургеро иҷро мекард. Мардум ба устои оҳангар эҳтироми махсус доштанд ва оҳангархонаро макони муқаддас мепиндоштанд. Аз ҷониби олимони хориҷию ватании соҳаи этнография ва таърих ривоҷи ҳунари оҳангари байни мардуми Қаротегин ва Бадахшон мавриди таҳқиқ қарор гирифта будаанд. Вале дар мавриди тақдири минбаъдаи рушди ин ҳунар дар байни кӯҳистониён тақрибан коре анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур муаллифон талош ба харҷ додаанд, ки анъанаҳои хоси як асри пеши мардумро, хусусан тоҷикони Қаротегин ва Бадахшонро бо вазъи имрӯзаи соҳа муқоиса намояд. Инчунин, мутобиқат ва дигаргуниҳои байни анъанаҳои ҳунари оҳангарии Қаротегин ва Бадахшонро таҳқиқ карда, мавриди омӯзиш қарор диҳад. Муаллифон дар хулосарониҳояшон овардаанд, ки бо гузашти як аср баъзе аз ин анъанаҳои мардумӣ вобаста ба оҳангарӣ дар Қаротегин қариб, ки аз байн рафтаанд. Масалан, муқаддас пиндоштани макони оҳангархона дар Қаротегин манъ карда шудааст. Аммо дар аксари деҳаҳои дурдасти Бадахшон ҳанӯз ҳам оҳангархонаро ҳамчун макони муқаддас зиёрат мекунанд ва чизе ё касе боиси иҷро нагардидани онҳо нашудааст.

**Калидвожаҳо:** Бадахшон, Қаротегин, оҳан, мис, маъдан, хок, ҳунар, усто, асбобҳо, оҳангар, муқаддас, касб, эҳтиром, анъанаҳои мардумӣ, ҳаққи усто, таъмини рӯзгор.

## КУЗНЕЧНОЕ ДЕЛО И НАРОДНОЕ УВАЖЕНИЕ К НЕМ В КАРАТАГИНЕ И БАДАХШАНЕ (КОНЕЦ XIX - НАЧАЛО XX ВЕКА)

В прошлом кузнечное дело играло важную роль в повседневной жизни таджиков Каротегина и Бадахшана. Люди с особым почтением относились к мастеру-кузнецу и считали кузницу священным местом. Развитие кузнечного дела у народов Каратегина и Бадахшана изучалось зарубежными и отечественными учеными в области этнографии и истории. Однако для дальнейшего развития этого ремесла среди горцев почти ничего не сделано. Поэтому в данной статье автор предпринял попытку сравнить традиции столетней давности, особенно таджиков Каротегина и Бадахшана, с современным состоянием отрасли. Также исследуйте и изучите сходства и различия между кузнечными традициями Каротегина и Бадахшана. Автор приходит к выводу, что за столетие некоторые народные традиции, связанные с земледелием в Каратегине, практически исчезли. Например, запрещено считать священным место кузницы в Каратегине. Однако в большинстве отдаленных деревень Бадахшана кузницу по-прежнему посещают как священное место, и ничто и никто не заставил их не выполнить свои обязанности.

**Ключевые слова:** Бадахшан, Каротегин, железо, медь, руда, почва, ремесло, мастер, инструменты, кузнец, святой, профессия, уважение, народные традиции, гонорар мастера, средства к существованию.

## BLACKSMITHING AND PUBLIC RESPECT FOR IT IN KARATAGIN AND BADAKSHAN (END OF THE 19TH - BEGINNING OF THE 20TH CENTURY)

In the past, blacksmithing played an important role in the daily life of the Tajiks of Karotegin and Badakhshan. People treated the master blacksmith with special respect and considered the forge a sacred place. The development of blacksmithing among the peoples of Karategin and Badakhshan has been studied by foreign and domestic scientists in the field of ethnography and history. However, almost nothing has been done for the further development of this craft among the highlanders. Therefore, in this article, the author attempted to compare the traditions of a century ago, especially the Tajiks of Karotegin and Badakhshan, with the current state of the industry. Also explore and study the similarities and differences between the blacksmithing traditions of Karotegin and Badakhshan. The author concludes that over the course of a century, some folk traditions related to agriculture in Karategin have virtually disappeared. For example, it is forbidden to consider the place of the forge in Karategin sacred. However, in most remote villages of Badakhshan, the forge is still visited as a sacred place, and nothing and no one has forced them not to fulfill their duties.

**Key words:** Badakhshan, Karotegin, iron, copper, ore, soil, craft, master, tools, blacksmith, saint, profession, respect, folk traditions, master's fee, livelihood.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ақназаров Ҳамзалӣ Мубораққадамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Саймуҳиддинов Ҷамшед Муҳаммадсолеҳович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J.@mail.ru

**Сведения об авторах: Акназаров Хамзали Мубараккадамович** –Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры социологии. Адрес: 734025 г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 900042566**.** E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Саймухиддинов Джамшед Мухаммадсолехович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025 г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J.@mail.ru

**Information about the author: Aknazarov Khamzali Mubarakkadamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Garm street, E. Muhiddinov, 63. Phone: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Saimukhiddinov Jamshed Muhammadsolehovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Garm, E. Muhiddinov, 63. (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J@mail.ru

**ТДУ: 930.85**

## АЗ ТАЪРИХИ ГУФТУГӮИ ТАМАДДУНҲО ВА МУНОСИБАТИ ФАРҲАНГУ ТАМАДДУН

**Пирматова Г.Х.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Яке аз мавзуъҳое, ки ба тозагӣ бо мафҳумҳо ва маъноҳои нав ҷойгоҳи хоссеро дар зеҳни инсоният падид овардааст ва паёмовари иртиботи самимӣ ва холисонаи маданиятҳо бо якдигар мебошад, гуфтугӯи тамаддунҳост. Гуфтугӯи тамаддунҳо раванди баҳрагирӣ аз ҳамдигар, ки зиддиятҳо ва ҷангҳои байналмилалиро аз байн бурда, ҳамкорию ҳамзистии осоиштаи умумибашарӣ, сулҳу амният ва бақои ҳаётро дар рӯйи замин таъмин менамояд мебошад. Ҳадафҳои гуфтугӯи тамаддунҳо мусоидат ба иштироки ҳамагон дар баробарҳуқуқӣ, адолат ва таҳаммулгарой миёни одамон, таҳкими якдигарфаҳмӣ, ривоҷи донишҳо, арҷгузорӣ ба фарҳанги дигар миллатҳо ва ғ. мебошанд. Гуфтугӯи тамаддунҳо раванди таърихӣ буда, дар ташаккули он пеш аз ҳама тамаддуни Ориёӣ ва тамаддуни Юнони Бостон нақши калидӣ доранд. Тамаддунҳои мухталиф дар тӯли таърих ба шеваҳои гуногун бо ҳамдигар муносибат доштанд. Бояд гуфт, ки ҷомеаҳои хурду бузург ҳар кадом метавонанд дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳмгузор бошанд. тамаддунҳои гуногуни ҷаҳони муосир метавонанд дар ҳамоҳангӣ ҳамзистии осоиштаву дӯстона дошта, якдигарро пурра ва такмил намоянд. Яке аз воситаҳои бисёр муътабар ва устувор барои пешбурди гуфтугӯи тамаддунҳо илм мебошад. Дар гуфтугӯи тамаддунҳо ғояҳое қобили қабул ҳастанд, ки дар хидмати як қавму миллат не, балки кулли инсоният қарор мегиранд. Гуфтугӯи тамаддунҳо ягона роҳи солим ва имконпазири нигоҳдории сулҳу субот дар сайёра мебошад. Инсоният ҳамеша ба гуфтугӯи созандаи доимии тамаддунҳо ниёз дорад, то ҳамагуна зуҳуроти номатлубро аз байн барад. Яке аз вожаҳое, ки оиди таърифи он ихтилофи шадиде аз қарни XVIII мелодӣ то кунун рух додааст, вожаи «тамаддун» ва ба дунболи он вожаи «фарҳанг» аст [12]. Аксари муҳаққиқон дар ҳавзаи фарҳанг ба душвории ин вожа ишора кардаанд. Мисли Валлерстейн барин муҳаққиқон муътақиданд, ки мафҳуми фарҳанг густурдатарин мафҳум аз миёни мафҳумҳое аст, ки дар ҳавзаи илмҳои иҷтимоӣ - фарҳангӣ истифода мешаванд. Аз назари луғавӣ ва тарҷума фарҳанг иборат аст аз: илм, фазл, адаб ва ақл [10, с. 393]. Аммо вожаи тамаддун истилоҳи нисбатан наве аст, ки дар соли 1835 мелодӣ нахустин бор дар вожаномаи расмии Фаронса истифода шудааст. Тамаддун аз «мадина» ба маънои шаҳр ва шаҳрнишинӣ гирифта шудааст, фарҳанг бо тафовути андак ҳаммаъноӣ култура аст. Он дар забони фаронсавӣ аст, ки аз

вожаи лотинии култура гирифта шуда, ба маънои баровардан, парвариш додан ва коштан истифода шудааст. Фарҳанг маъноҳои зиёд ва мутааддиде дорад, ки дар тӯли таърих дорои бори арзиши мусбат будааст ва ҳамагон саъй кардаанд худро ба навъе донандаи он довиста, бо дидгоҳҳои мухталиф нисбат ба он изҳори назар намоянд ва бо ироаи тасвирӣ, нақш ва чорчӯбае онро мушаххас кунанд. Тейлор – мардумшиноси машҳури англис дар таърифи фарҳанг мегӯяд, «Маҷмӯаи печидаи маориф, муътақидот, ҳунар, ахлоқ, қонун, суннат, одоб ва одате аст, ки як фард аз муҳити иҷтимоии худ ба ирс мебарад». Канирзман мегӯяд: «Фарҳанг арсаи пур аз вақоеъ ва ҳаводиси доиман нав ба нав дигаргуншаванда аст, ки аз ҳеҷ қоидаи аз пеш таъйиншудае тобеият намекунад». Ускор Нигет муътақид аст, ки фарҳанг монанди ҳама мафоҳими бузурги таърихӣ таърифнопазир аст. Усволд Ушумер мегӯяд: «Фарҳанг зоҳиран дар арсаи мушаххасе аз ҳаёти инсонӣ ва дар мақулаи муайяне қобили таъриф нест, аз ин рӯ, ба пешниҳоди Мулмон наздик мешавад, ки фарҳанг ҳар ҷое, ки инсон бошад ҳаст. Ба таъбири дигар инсон, яъне фарҳангӣ», фарҳанг ба мафҳуми оми худ равиши андешидан ва зиндагӣ кардан аст ва ҳосили маҷмӯаи донистаниҳо, таҷрибаҳо ва эътиқодоти як қавм дар тӯли таърихи ҳаёти худ аст. Фарҳанг ба мафҳуми хос (фарҳанги ғайримоддӣ) ба сармояи маънавии як қавм гуфта мешавад ва ҳама осори адабӣ, ҳунарӣ, фикрӣ ва диниро дар бар мегирад. Ҳар он чи ки дар даруни фарҳанги як қавм аст, дар берун ба сурати осори созандагӣ, офариниш ва халқӣ дар ҷилваҳо ва намоиши моддӣ зоҳир мегардад. Фарҳанг нишонаи кор ва нишонаи интихоб аст. Интихоб, яъне ба он чи ҳаст, қонеъ набудан ва беҳтарро ҷустуҷӯ кардан, аз ин рӯ, фарҳанг дорои ҷанбаи кайфият аст, на камият [4, с. 7-8]. Фарҳанг маҷмӯи роҳу расмҳои амал ва андешаи як гурӯҳи иҷтимоӣ дар гузашта ва ҳол аст. Фарҳанг иборат аст аз маҷмӯи қарордодҳо ва ё боварҳо, одоб ва русуми расида аз насли пешин. Таърих, ки пеш аз ҳама зиндагинома ва ҳофизаи инсоният аст [5, с. 80] метавонад тавлидгари фарҳанги моддию маънавӣ бошад.

Тамаддунро метавон ба шакли кулли он, иборат аз назми иҷтимоӣ донист, ки дар натиҷаи вуҷуди он халлоқияти фарҳангӣ имконпазир мешавад, ҷараён пайдо мекунад. Дар тамаддун 4 рукн ва унсури асосӣ метавон ташхис дод, ки иборатанд аз: пешбинӣ ва эҳтиёҷ дар умури иқтисодӣ, созмони сиёсӣ, суннатҳои ахлоқӣ ва кӯшиш дар роҳи маърифат ва басти ҳунар.

Ҷон Бернал дар таърифи тамаддун мегӯяд: «Тамаддун ба маънии хӯ гирифтан ба ахлоқ ва одоби шаҳриён мебошад, аммо шаҳр мадюни тамаддун бувад, на иллати он. Ролинтон муътақид аст: «Тамаддун ба ҳама аъмоли рафтор ва орое гуфта мешавад, ки афроди башар дар ҳар иҷтимоъ аз бузургтарони худ меомӯзанд ва ба насли ҷавон интиқол медиҳанд» [1, с. 86]. Оила низ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баромад менамояд, ки фаъолияти он ҳамчун тамаддун ба наслҳои баъдинааш интиқол меёбад [3, с. 47]; [6, с. 176]; [7, с. 31-37]. Вале, бо усули баҳодиҳӣ мо метавонем чигунагии фаъолият ва интиқоли онро аз ҷониби субъектони оила муайян намоем [11, с. 77-82]. Масалан, барои тавлиди унсурҳои фарҳангӣ ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарарӣ моддию маънавӣ метавонад мусоид бошад. Оиди зарари маънавӣ муаллиф дар дигар мақола муфассалан сухан рондааст [2, с. 21-25].

Косиминский тамаддунро ин гуна таъриф мекунад: «Тамаддун низоми иҷтимоиест, ки бо тавлиди дастовардҳои фарҳангӣ, ҷиҳати баҳрагирӣ аз андешаҳо, одоб ва русум ба ибдоъ ва халлоқият даст мезанад. Низоми сиёсиест, ки дар сарлавҳаи он ахлоқ ва қонун қарор дорад ва низоми иқтисодиест, ки бо тадовуми ҷараёни тавлид ва мубодила пойдор мемонад. Тамаддун дар ниҳодҳои гуногун падидор мегардад. Аз ин рӯ, ниҳодҳо ва ташкилоти иҷтимоӣ, созандаи тамаддун нестанд, балки арзишҳо ва фарҳангҳои куҳансол мероси худро дар тӯли қарнҳо ва асрҳо ва азварои дарёҳо ба ворисони ҷадид таҳвил медиҳанд ва дар натиҷа саҳме аз тамаддунро ба мероси фарҳанги башарӣ меафзоянд» [14, с. 4].

Ба назар мерасад, ки таърифҳои дар боло овардашуда бо пиндорҳои роиҷе, ки аз тамаддун вуҷуд дорад мутобиқ бошанд. Дар сурате, ки тамаддун фақат ҳавзаҳои айнӣ ва илмии дастовардҳои инсониро шомил мешавад, он гоҳ на фақат гуфтумони бархӯрди тамаддунҳо бисёре аз мисдоққҳои худро аз даст хоҳад дод, балки асосан баҳс дар ҳавзаи тамаддунҳо низ дар қолаби сахту танг ва фишурда фурӯ хоҳад рафт. Аз сӯйи дигар, вақте, ки нависанда, тамаддунро падидаи илмӣ муаррифӣ мекунад, ҳатман барои илм низ гунае аз зарофат, диққат ва басират қоил мешавад. Чӣ гуна метавонад тамаддунро фақат дар ҳавзаи амалкардҳои айнӣ қарор диҳад ва аз фарояндҳои зеҳнӣ, ки дар чорчӯби дастовардҳое ҳамчун: масоҷид, музейҳо, пӯлҳо, муҷассамаҳо, китобҳо наққошиҳо, катибаҳо ва ғ. айният ёфта аст ба содагӣ бигзорад ва онҳоро берун аз ҳавзаи тамаддун бубинад.

Аз назари Ҳантингтон, тамаддун як мавҷудияти фарҳангӣ, болотарин гурӯҳбандии фарҳангӣ ва густурдатарин сатҳи ҳуввияти фарҳангӣ аст, ки инсон аз он бархурдор аст. Тамаддун ҳам бо таваҷҷуҳ ба аносири айнии муштарак – забон, таърих, мазҳаб, суннатҳо ва ниҳодҳо таъриф мешавад ва ҳам бо таваҷҷуҳ ба вобастагиҳо ва қаробати зеҳнӣ ва дарунии инсонҳо. Тамаддунҳо пӯё ҳастанд, зуҳур ва уфул (фурӯ рафтан) мекунанд, иншиоб меёбанд ва дар ҳам идғом мешаванд, мавҷудияти даркшуданӣ ҳастанд ва ташхиси марз байни онҳо сахт, аммо воқеӣ аст. Бахши аъзами таърихи башарро таърихи тамаддунҳо ташкил медиҳад. Дар нахустин нигоҳ ба таърифи Самуил Ҳантингтон аз тамаддун чунин ба назар мерасад, ки ӯ марзҳои тамаддун ва фарҳангро яке медонад ва усулан муътақид ба тамйиз миёни тамаддун ва фарҳанг нест. Дақиқан ба далели ҳамин дар ҳамомехтагии марз аст, ки Ҳантингтон гоҳ ба ҷойи бархӯрди тамаддунҳо аз бархӯрди фарҳангҳо сухан мегӯяд.

Дар таърифи дигаре аз тамаддун Тофлерҳо (Олвин ва Ҳоиди) мегӯянд: «Тамаддун усулан ба шевае ишора дорад, ки бо низоми вижа барои тавлиди сарват ҳамроҳ аст ва ҳеҷ вожаи дигаре ин ҳама мавзӯоти гуногун монанди технологӣ, зиндагӣ, хонавода, мазҳаб, фарҳанг, сиёсат, тиҷорат, силсила маротиб, раҳбарӣ, арзишҳо, ахлоқи ҷинсӣ ва маърифатшиносиро ба шоистагӣ дар бар намегирад ва тағйир дар маҷмӯаи ин падидаҳо муҷиби ба вуҷуд омадани тамаддуни ҷадид хоҳад шуд. дар ҳоле ки бисёре аз тамаддунҳо ва тамаддунҳои фаръӣ дар тӯли таърих сар бароварда, ба заволи он анҷомид, танҳо ду абартамаддун вуҷуд дошта, ки дигар тамаддунҳо дар дили он ҷой гирифтаанд, яке абартамаддуни даҳҳазорсолаи кишоварзӣ, ки нахустин мавҷи дигаргуниро оғоз кардааст. Дигар абартамаддуни санъатӣ, ки мавҷи дувуме аз дигаргунӣ дар саросари Аврупои Ғарбӣ ва Америкои шимолӣ ба роҳ андохт ва ҳанӯз дар соири

бахшҳои ҷаҳон доман мегустуронад. Се тамаддуни мавриди назари Тофлерҳо иборат аст аз: 1) тамаддуни кишоварзӣ; 2) тамаддуни санъатӣ; 3) тамаддуни доноӣ.

Дар як таърифи сода метавон гуфт, ки тамаддун маҷмӯае аз дастовардҳои моддӣ ва маънавии башар аст, ки инсонҳо дар масири сомон додан ба зиндагии хеш эҷод мекунанд. Бар ин бовар, ҳар тамаддуне бо як тафаккури асосӣ шакл мегирад ва бо заволи он тафаккур рӯ ба нобудӣ мегузорад.

Ҳар тамаддун дар ҷараёни шукуфоии худ батадриҷ ниҳодҳо ва зерсохтҳои аслии фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмии мутаносиб бо худро эҷод мекунад. Дар ҷараёни суқути ҳар тамаддун бахши қобили таваҷҷуҳе аз ҳамин ниҳодҳои фикрӣ, ки эҷод шуда буданд бо тамаддуни ҷадид беиртибот мегарданд ва дар ниҳоят ба сурати хурофот ҷилва мекунанд. Ҳар тамаддун бар асоси басират ва андешаи аслии он дорои зарфияти хос ва аз пеш таъйиншуда аст. Дастовардҳои гуногуне аз ниҳодҳои моддӣ эҷод шуда, дар як тамаддуни заволёфта ба сурати осори таърихӣ ва мӯзейӣ дармеоянд [9, с. 42-45].

Аз тамоми ҷиҳатҳо, тамаддун, дастранҷи ҳамкории ҷамъӣ будааст ва тақрибан ҳама миллатҳо дар пайдоиш ва рушди он саҳмгузор ҳастанд. Бинобар ин, инсони мутамаддин дар рафтори худ бо ҳар инсони дигар ҳар андоза, ки паст бошад, нишон медиҳад, ки соҳиби ин мероси муштарак буда, намояндаи яке аз қавмҳои халлоқ мебошад. Пайдоиш, равнақ, инҳитот ва заволи як тамаддун ба хислатҳои зотӣ вобастагӣ дорад. Агар миллате аз зот ё табор ва гоҳ нажоди худ дур биафтад, тамаддунаш табоҳ мешавад, лекин нақши нажод дар таърих бештар нақши ибтидоӣ аст, то офарандаи тамаддун. Нажод созандаи тамаддун нест, тамаддун аст, ки созандаи як миллат мебошад. Ба ибораи дигар, шароит ва ҳаводиси ҷуғрофиёӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ фарҳанг меофаранд ва худи фарҳанг гурӯҳи инсони хосе падид меоварад. Аз он ҷо ки тамаддун меросӣ нест, балки омӯхтанӣ ва бадастоварданӣ аст, шоиста аст, ки таълим ва тарбия ё ба таври куллӣ фарҳанг интиқоли тамаддунро ба уҳда дошта бошад. Муҳимтарин омили рушди фарҳанг омили сиёсӣ мебошад. Яъне, таъмини суботи сиёсӣ дар ҷомеа метавонад барои рушди ҷомеаи фарҳангӣ мусоид мебошад [12, с. 125].

Э. Нароқӣ мегӯяд: «Тамаддун падидаи иҷтимоӣ аст ва бинобар ин, мафҳуми тамаддун монанди ҳар мафҳуми дигаре аз мафҳумҳои марбут ба падидаҳои иҷтимоӣ, аз мақулаҳои тобеи таърих ва фаъолияти насли башар дар тӯли замон аст». Тамаддун ва таҳаввулоти он аз таърихи таҳаввулоти башарӣ ҷорист. Башар дар тӯли зиндагонии иҷтимоии худ ба пешрафтҳои муҳиме дар кашфи тавони табиат ва пай бурдан ба истеъдодҳои хеш дар заминаи баҳрабардорӣ аз ин тавон ва бино ниҳодани сурати такомулёбандае аз қолабҳо, бунёдҳо, ниҳодҳо ва созмонҳои марбут ба зиндагонии иҷтимоии худ ноил омадааст, ки вижагиҳои ҳар як аз онҳо баёнгари вижагии тамаддуни башарӣ дар як давраи таърихии муайянест. Шакке нест, ки ҳамроҳ бо қолабҳои тамаддун маҷмӯае аз арзишҳои маънавӣ низ дар зиндагонии башар ҳамеша вуҷуд дошта, ҳамвора вуҷуд хоҳад дошт, ки дар забони илмӣ ва илмҳои иҷтимоӣ, фарҳанг хонда мешавад. Воқеият ин аст, ки фарҳангҳо зодаи тамаддунҳо ҳастанд, ҳарчанд ки арзишҳои фарҳангӣ бархоста аз дастовардҳои тамаддуни башар низ метавонад ба навбати худ дар таҳкими мабонии густариши як тамаддун ё дар

эҷоди тамаддуни ҷадид муассир бошанд ва ба сурати омиле кӯмаккунанда ё боздорандае вориди амал шаванд [1, с. 110].

**Нисбияти фарҳангӣ.** Назарияи нисбияти фарҳангӣ муътақид аст, ки фарҳангҳои мухталиф зимни рафъи ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ ва эҷоди робитаи муназзам ва ҳинҷорманд байни инсонҳои мавҷуд дар ҷомеа бо якдигар ихтилофи гуногун доранд. Ба далели ҳамин ихтилоф ҳар фарҳангеро бояд бо шохисҳо ва меъёрҳои идеологии ҳамон фарҳанг арзёбӣ ва мавриди нақд ва баррасӣ қарор дод. Далели ин амр ба хубӣ возеҳ аст. Ба ибораи дигар, таърих ва муҳити ҷуғрофиёи зиндагии инсонҳо ва салиқаҳо, илм ва огоҳии онон аз зиндагӣ мутафовит аст, лизо дарки як мафҳум ва як амали иҷтимоӣ бо таваҷҷуҳ ба фарҳангҳои гуногун мутафовит аст [8, с. 74-78]. Мафҳуми дигаре, ки аз нисбияти фарҳангӣ иброз мегардад он аст, ки дарки комили маънӣ ва арзиши як унсури фарҳангӣ бояд, дар заминаи фарҳанге, ки аз он гирифта шудааст, арзёбӣ шавад.

Фарҳангҳо ва тамаддунҳо мумкин аст, бар ҳасби шароит ва муқтазиёт ё нисбат ба ҳам дар ҳолати тааммул ё тақобул бошанд. Ба таври куллӣ маҷмӯаи сохтаҳо ва андӯхтаҳои маънавӣ ва моддии ҷомеаи башарӣ фарҳанг ва тамаддуни инсонӣ ба шумор меояд. Одоби русум, боварҳо, дин, ирфон, ҳунар, асотир, ҳуқуқ, равобити иҷтимоӣ, арзишҳои инсонӣ ва усули ахлоқӣ ва рафторҳо маҷмӯан фарҳангро ба вуҷуд меоваранд ва техника, ихтироот ва иктишофот, ки ҷанбаи айнӣ доранд, созандаи тамаддун ҳастанд. Метавон гуфт, фарҳанг бахши нармафзор ва тамаддун бахши сахтафзори як миллат аст. Ҳар фарҳанг ва тамаддун идомаи фарҳанг ва тамаддуни пешини худ аст. Аз нигоҳи дигар метавон фарҳангро зербино ва тамаддунро рӯбино таъриф кард, ки дар ин баён таъсир ва таассур амри ҷудонопазири ин ду мафҳум аст. Имрӯз фарҳанг ба шакли падидаи зербиное барои иллати бисёре аз авомили иҷтимоӣ аз қабили пошидагии сохторҳои суннатӣ, буҳрони ҳуввият, масъалаи арзишӣ ва ғ. талаққӣ шудааст.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, фарҳанг як амри зеҳнӣ ва тамаддун як амри айнӣ аст ва ба ибораи дигар, фарҳанг маънавӣ ва тамаддун моддӣ аст. Фарҳанг маҷмӯаи донишҳо ва ҳунарҳо аст, ки одамӣ фаро мегирад ва ба василаи он худ, дигарон ва перомуни хешро беҳтар ва бештар мешиносад. Фарҳанг маҷмӯаи тамоми он чизҳое аст, ки ё дар китобҳо фароҳам омадааст ва ё ҳанӯз дар зеҳнҳо ва андешаҳо орамида аст, аммо тамаддун маводи махсусе ба шакли ихтироот ва сохтмонҳо ва ё умури иҷтимоӣ аст. Фарҳанг шомили буъди рӯҳӣ ва маънавии тамаддун аст ва тамаддун пайкара ва зоҳири як ҷомеа ва миллат. Ҷомеашиносон фарҳанги ҳар ҷомеаро асоси тамаддуни он ҷомеа медонанд ва фарҳангшиносон ҷомеаро гурӯҳи муташаккил донистаанд, ки соҳиби фарҳанги муштарак мебошанд.

**Муқарриз: Шарипова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Бернел Ҷон. Илм дар таърих. - Теҳрон: Амири Кабир, 1354. - С. 86, 110.

2. Бобохонов Ф.А., Одинаев Б.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда [Текст] / Ф.А.

Бобохонов, Б.А. Одинаев // вестник науки и образования 2022. № 2 (122). часть 2 российский импакт-фактор: 3,58 научно-методический журнал. 60 стр. – С. 21-25.

3. Лиёсов М.М., Одинаев Б.А. Оила як воҳиди ҷамъият [Матн] / М.М. Лиёсов, Б.А. Одинаев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №1 (5). – С. 47.

4. Муслиҳ Алиасғар. Мақолаи мафҳум ва аҳамияти фалсафаи фарҳанг [Матн] / А. Муслиҳ // Фаслномаи фалсафа. – Теҳрон, 1386. – № 2. – С. 7-8.

5. Одинаев Б.А., Тағдиров А.У. Мафҳуми луғавии таърих [Матн] / Б.А. Одинаев, А.У. Тағдиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №2/1. – С. 80.

6. Одинаев Б.А., Лиёсов М.М., Пирматова Г.Х. Нақши бевоситаи падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд [Матн] / Б.А. Одинаев, М.М. Лиёсов, Г.Х. Пирматова // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №1 (5). – С. 176.

7. Одинаев Б.А. Происхождение и формирование семьи с исламской точки зрения [Матн] / Б.А. Одинаев // Международный научный журнал «вестник науки». – 2022. - № 2 (47). – С. 31-37.

8. Одинаев Б.А. Фарзонаи Ғ. Фарҳанг ва тамаддун [Матн] / Б.А. Одинаев, Фарзонаи Ғ. // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №2 (10). – С. 74-78.

9. Тофлер Олвин., Ҳоидӣ Тофлер. Ба сӯйи тамаддуни ҷадид. [Матн] / О. Тофлер, Т. Ҳоидӣ // - Теҳрон: Илм, 1385 ҳ. – С. 42-45.

10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадхон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Душанбе: 2008, 945 саҳ. – С. 393.

11. Факиров Ф.Л., Одинаев Б.А., Пирматова Г.Х. Роль социального работника в оценке потребностей человека // Всероссийский исследовательский форум студентов и учаҳихся: сборник статей V Всероссийской научно-практической конференции (25 апреля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 227 с.: ил. – Коллектив авторов. – С. 77-82.

12. Худойдодзода Ф.Б., Одинаев Б.А., Тағдиров А.У. Таъмини суботи сиёсӣ дар рушди фаъолияти босамари бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Б. Худойдодзода, Б.А. Одинаев, А.У. Тағдиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 4. – С. 125.

13. Ҳабибиён Аҳмад. Чистии гуфтугӯйи тамаддунҳо. Мақолаи моҳияти тамаддун ва фарҳанг. – Теҳрон, 1381.

14. Ҳантингтон Самуил. Рӯёрӯии тамаддунҳо. // Моҳномаи сиёсӣ – иқтисодӣ, 1386 ҳ.- № 69/70. – С. 4.

**Literature:**

1. Burnell Jon. Science in history. – Tehran: Amir Kabir, 1354. – P. 86, 110.

2. Bobokhonov F.A., Odinaev B.A. Peculiarities of muslim and soviet law on the protection of moral harm [Text] / F.A. Bobohonov, B.A. Odinaev // journal of science and education 2022. No. 2 (122). part 2, Russian impact factor: 3.58 scientific-methodical journal. 60 pag. – P. 21-25.

3. Liyosov M.M., Odinaev B.A. Family is a unit of society [Text] / M.M. Liyosov, B.A. Odinaev // Message from the Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht District. – 2021. – No. 1 (5). – P. 47.

4. Muslih Aliasghar. Article on the concept and importance of the philosophy of culture [Text] / A. Muslih // Philosophy Journal. – Tehran, 1386. –№2. – P. 7-8.

5. Odinaev B.A., Tagdirov A.U. The lexical concept of history [Text] / B.A. Odinaev, A.U. Tagdirov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2020. – №. 2/1. – P. 80.

6. Odinaev B.A., Liyosov M.M., Pirmatova G.Kh. The direct role of parents in the education and upbringing of children [Text] / B.A. Odinaev, M.M. Liyosov, G.Kh. Pirmatova // Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2021. – №1 (5).– P. 176.

7. Odinaev B.A. Origin and formation of the family from an Islamic point of view [Text] / B.A. Odinaev // International scientific journal «Vestnik Nauki». – 2022. - №. 2 (47). – P. 31-37.

8. Odinaev B.A . Farzonai Gh. Culture and civilization [Text] / B.A. Odinaev, Farzonai Gh. // Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2022. – №2 (10). – P. 74-78.

9. Toffler Olvin., Hoidi Toffler. Towards a new civilization. [Text] / O. Toffler, T. Hoidi // - Tehran: Ilm, 1385 h. – P. 42-45.

10. Explanatory Dictionary of the Tajik Language (consisting of 2 volumes). Volume 2. Edited by Sayfiddin Nazarzoda, Ahmadkhan Sanginov, Said Karimov, Mirzo Hasani Sultan. Dushanbe: 2008, 945 pag. – P. 393.

11. Fakirov F.L., Odinaev B.A., Pirmatova G.H. The role of the social worker in assessing human needs // All-Russian Research Forum of Students and Students: Collection of V All-Russian Scientific-Practical Conference (April 25, 2022). - Petrozavodsk: MCNP «Novaya nauka», 2022. – 227 pag.: il. - Autorov collective. – P. 77-82.

12. Khudoidodzoda F.B., Odinaev B.A., Tagdirov A.U. Ensuring political stability in the development of effective activities of women in the Republic of Tajikistan [Text] / F.B. Khudoidodzoda, B.A. Odinaev, A.U. Tagdirov // Message of the National University of Tajikistan. – 2021. – №. 4. – P. 125.

13. Habibiyan Ahmad. The purity of the dialogue of civilizations. An article on the essence of civilization and culture. – Tehran, 1381.

14. Huntington Samuel. The encounter of civilizations. // Political-economic monthly, 1386 h. - №. 69/70. – P. 4.

## ГУФТУГӮИ ТАМАДДУНҲО ВА МУНОСИБАТИ ФАРҲАНГУ ТАМАДДУН: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ

Мақола аҳамияти таърихӣ-иҷтимоӣ дошта, дар он оиди вожаҳои фарҳанг, маданият, тамаддун ва култура аз нигоҳӣ луғавӣ ва истилоҳӣ сухан меравад. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-соҳавӣ масъалаи мазкурро мавриди ҳаллу фасл қарор додаанд. Аз ҷумла қайд намудаанд, ки фарҳанг як амри зеҳнӣ ва тамаддун як амри айнӣ аст ва ба ибораи дигар, фарҳанг маънавӣ ва тамаддун моддӣ аст. Фарҳанг маҷмӯаи донишҳо ва ҳунарҳо аст, ки одамӣ фаро мегирад ва ба василаи он худ, дигарон ва перомуни хешро беҳтар ва бештар мешиносад.

Бояд қайд намуд, ки муаллифон асолати илмии мақоларо кафолат дода, мутолиаи онро ба доираи васеи хонандагон тавсия медиҳанд. Метавон гуфт, фарҳанг бахши нармафзор ва тамаддун бахши сахтафзори як миллат аст. Ҳар фарҳанг ва тамаддун идомаи фарҳанг ва тамаддуни пешини худ аст. Аз нигоҳи дигар метавон фарҳангро зербино ва тамаддунро рӯбино таъриф кард, ки дар ин баён таъсир ва таассур амри ҷудонопазири ин ду мафҳум аст. Имрӯз фарҳанг ба шакли падидаи зербиное барои иллати бисёре аз авомили иҷтимоӣ аз қабили пошидагии сохторҳои суннатӣ, буҳрони ҳуввият, масъалаи арзишӣ ва ғ. талаққӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, тамаддун, мафҳум, зеҳн, инсоният, иртибот, гуфтугӯ, иҷтимоӣ, таърихӣ, фалсафӣ, мусбӣ, манфӣ.

## ИЗ ИСТОРИИ ДИАЛОГА ЦИВИЛИЗАЦИЙ И ВЗАИМОСВЯЗИ КУЛЬТУРЫ И ЦИВИЛИЗАЦИИ

Статья имеет историко-социльское значение, в ней рассматриваются слова культура, цивилизация, цивилизация и культура с лексико-терминологической точки зрения. Автор рассмотрели этот вопрос с использованием научных источников. В частности, отмечалось, что культура -это интеллектуальный порядок, а цивилизация - объективный порядок, иными словами, культура - это духовный порядок и материальная цивилизация. Культура – это совокупность знаний и умений, которые человек приобретает и благодаря которым он лучше и больше познает себя, других и самого себя. Следует отметить, что авторы гарантируют научную достоверность статьи и рекомендуют ее к прочтению широкому кругу читателей. Можно сказать, что культура — это сектор программного обеспечения, а цивилизация — это сектор аппаратного обеспечения нации. Каждая культура и цивилизация являются продолжением предыдущей культуры и цивилизации. С другой точки зрения, культуру можно определить снизу, а цивилизацию — спереди, и в этом утверждении влияние и впечатление являются неразделимыми элементами этих двух понятий. Сегодня культура представляет собой явление подструктуры из-за многих социальных факторов, таких как распад традиционных структур, кризис идентичности, проблемы ценностей и т. д. в разводе.

**Ключевые слово:** культура, цивилизация, понятие, разум, человечность, отношения, разговор, социальные, исторические, философские, позитивные, негативные.

## FROM THE HISTORY OF DIALOGUE OF CIVILIZATIONS AND THE INTERRELATION BETWEEN CULTURE AND CIVILIZATION

The article has a cultural and philosophical significance, it discusses the words culture, civilization, civilization and culture from the lexical and terminological point of view. The author have addressed this issue using scientific sources. In particular, it was noted that culture is an intellectual order and civilization is an objective order, and in other words, culture is a spiritual order and a material civilization. Culture is a set of knowledge and skills that a person acquires and through which he knows himself, others and himself better and more. It should be noted that the authors guarantee the scientific authenticity of the article and recommend its reading to a wide range of readers. It can be said that culture is the software sector and civilization is the

hardware sector of a nation. Every culture and civilization is a continuation of the previous culture and civilization. From another point of view, culture can be defined from below and civilization from the front, and in this statement, influence and impression are inseparable elements of these two concepts. Today, culture is a phenomenon of substructure due to many social factors such as the collapse of traditional structures, identity crisis, value issues, etc. in divorce.

**Key words:** culture, civilization, concept, mind, humanity, relationship, conversation, social, historical, philosophical, positive, negative.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Пирматова Гулчеҳра Холмаҳмадовна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рашт, кӯчаи Э. Муҳиддинов-63. Телефон: (+992) 00559283.

**Сведение об авторах: Пирматова Гулчехра Холмахмадовна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры социологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 00559283.

**Information about the authors: Pirmatova Gulchekhra Kholmakhmadovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the sociology department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 00559283.

# ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 657.1**

## РУШДИ НИЗОМҲОИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ИҚТИСОДӢ

**Каримов Б.Ҳ.**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳамчун воситаи муоширати байни субъектҳои иқтисодии байналмилалӣ эътироф шудааст. Бо ташаккули бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ усулҳое, ки дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ истифода мешаванд, аз сабаби бо ҳамдигар мувофиқат накардани ҳар як низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои алоҳида ба дигаргуниҳои назаррас гирифтор мешаванд. Паёмадҳои таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодии корхонаҳои алоҳидаро то ба сатҳи ҷаҳонӣ густариш медиҳанд, ки ин дар навбати худ истифодаи қоидаҳои ягонаи байналмилалии баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодиро талаб мекунад.

Мусаллам аст, ки илми баҳисобгирии муҳосибӣ бо оғоз аз давраҳои аввалини ташаккули худ (охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20) ҳамеша дар рушд аст. Бо густариши муносибатҳои иқтисодӣ масъалаҳои нави назариявӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ пайдо мешаванд, ки ҳалли худро талаб мекунанд. Вале дар раванди баррасӣ ва ҳалли ин гуна масъалаҳо душвориҳои зиёде ба миён меоянд, ки аксаран бо мувофиқ наомадани иқтидори назария бо талаботи рушди амалии баҳисобгирии муҳосибӣ марбут мебошанд. Бино бар ин, имрӯз яке аз камбудиҳои равишҳои назариявии омӯзиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ қафомонии онҳо дар ҳалли масъалаҳои амалии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ин мушкилотро бисьёр олимоне, ки бо масъалаҳои назариявии баҳисобгирии муҳосибӣ машғуланд, инчунин муҳосибони аҳли амал баррасӣ мекунанд.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки гуногунии ғояҳо ва мафҳумҳое, ки дар адабиёт оид ба назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар муҳити ҷаҳонишавӣ оварда шудаанд, хеле зиёд буда, баъзеи онҳо аз ҳамдигар хеле дуранд ё ҳатто ҳамдигарро истисно мекунанд. Бо ин метавон тасдиқ кард, ки имрӯз дар назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ вазъияти буҳронӣ ба вуҷуд омада, гуногунандешӣ вусъат меёбад. Ин вазъият, ба ақидаи профессори рус В.Ф. Палий «натиҷаҳои мусбӣ меорад ва имкон медиҳад, ки ба таҳияи равишҳои нави назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби аксарияти муҳаққиқон пазируфта шуда, илми моро ба ҷойгоҳҳои пеш мебаранд, умедвор бошем» [10, с. 3]. Яке аз чунин равишҳои нав ин рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар қаринаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ мебошад.

Масъалаҳои ба ҷаҳонишавии иқтисодӣ алоқаманд дар солҳои охир мавриди омӯзиши васеи олимон ва муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Дар асарҳои

Х.М. Давлатов [3], А.М. Ишонхонов [4], Б.Г. Сафаров [16] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни масъалаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ таҳқиқ шудаанд. Вале дар адабиёти илмии миллӣ интишороти бевосита ба омӯзиши таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бахшидашуда камшумор мебошанд. Ба ин зумра мансуб мебошанд интишороти муҳаққиқон М.Б. Каримиён [5; 6; 7], Г.Т. Қодирова [8; 10], Қ.Х. Хушвахтзода [17] ва дигарон. Зимнан, инъикоси равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаи хеле мураккаб буда, ҷанбаҳои таҳқиқнашуда ва ҳалталаби он зиёд мебошанд.

Дар интишороти илмии хориҷӣ дар доираи масъалаҳои умумии баҳисобгирии муҳосибӣ ба масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар ин самт метавон корҳои илмии муаллифон Б. Аҳмад [20], А.Б. Висотская [2], С.В. Ключников [9], Г. Леман [23], П.Н. Майданевич [11], С.Н. Поленова [15], А.Ҳ. Ҳамза [21], Т. Ҳоппер [22], Е.А. Шароватова [18] ва дигаронро номбар кард.

Низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ботадриҷ ташаккул ёфта, таърихан ҳамаи хусусиятҳои рушди давлатро дар худ таҷассум мекунанд. Бино бар ин, ҳар як низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакати алоҳида пойдоргардида дорои хусусиятҳои фарқкунандаи худ мебошад. Ин ҷо «омили асосӣ – пеш аз ҳама ба кадом доираи истифодабарандагон нигаронида шудани низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад» [1, с. 113]. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳо, ғояҳо ва принсипҳои поягузори ҳисоботи молиявӣ, аниқ кардани методика ва қоидаҳои бақайдгирӣ ва баҳодиҳии объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ омили ба кадом гурӯҳи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ мансуб будани таъминкунандаи асосии сармояи корхона муҳим аст. Азбаски имрӯз дар бозори сармоя нуфузи бештари ниҳодҳо ва ташкилотҳои молиявӣ мушоҳида мешавад, баҳисобгирии муҳосибӣ ба қоидаҳои ягонаи ташаккули ҳисоботи молиявӣ, ки бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ муқаррар мекунанд, тобеъ мешавад. Бино бар ин, «усулҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ аз сабаби бо ҳам мувофиқат накардани ҳар як амсилаи мамлакатҳои гуногун бетағйир монда наметавонанд. Дар таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи фаромиллӣ рушд мекунанд, ки ин қоидаҳои ягонаи баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти хоҷагидориро тақозо мекунад» [19, с. 11]. Ҳангоми корбурди чунин қоидаҳои ягона аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳое, ки ин қоидаҳоро қабул кардаанд ва он ҷо корхонаҳои тиҷоратӣ ба сармоягузории хориҷӣ ниёз доранд, стандартҳои яксонкардашуда ба сармоягузорони хориҷии имконпазир имкон медиҳанд, ки ба хотири арзёбии вазъи объектҳои сармоягузорӣ (корхонаҳое, ки ҳисоботи молиявии худро нашр мекунанд ва ба сармоягузорӣ ниёз доранд) ҳисоботи молиявии корхонаҳои дахлдорро омӯзанд. Дар ин маврид, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, ки мувофиқи стандартҳои яксонкардашудаи дар миқёси ҷаҳонӣ эътирофшуда тартиб дода шудааст, метавонад эҳтиёҷоти тамоми гурӯҳҳои истифодабарандагони манфиатдорро қонеъ гардонад.

Ҳоло ба сифати стандартҳои яксонкардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси ҷаҳонӣ стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) эътироф шудаанд, ки ба тамоми мутахассисон, менеҷерҳо ва дигар кормандони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ ва масъулони самтҳои фаъолияти сармоягузорӣ барои якхела дарк кардани иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда имкон медиҳанд. Дар баробари ин, муқаррарот ва меъёрҳои СБҲМ дар мамлакатҳое, ки онҳоро истифода мебаранд, ба гум кардани арзишҳои анъанавии миллӣ ҷиҳати ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ оварда мерасонанд. Барои чунин мамлакатҳо ҳангоми татбиқи стандартҳои байналмилалӣ баъзе мушкилот пеш меоянд, сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳои алоҳида, анъанаҳои миллӣ, сатҳи кордонӣ ва касбияти муҳосибон, мавҷудияти маводи методӣ ва дигар омилҳо барои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун монеаҳо эҷод мекунанд. Ин монеаҳо метавонанд равандҳои ислоҳоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро дар самти гузариш ба истифодаи стандартҳои байналмилалӣ халалдор кунанд.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми комили миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Он чӣ, ки ҳоло ҳаст, - ин ба анъанаҳои миллии тоҷик марбут нест, зеро низоми дар мамлакат пойдоргардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ бозмонда аз даврони Иттиҳоди Шуравӣ мебошад, ки хосияти асосии он истифодаи саросарии танзими давлатӣ дар тамоми ҷанбаҳои баҳисобгирӣ буд. Бо вуҷуди он ки аз аввали солҳои 2000-ум то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ идома дорад, хосиятҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибии пешин ба куллӣ дигар нашудаанд. Баъзе аломатҳои ба низоми саросарии танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ хос ҳанӯз ҳам дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бартараф карда нашудаанд. Ба ҳар ҳол, ҳангоми татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ душвориҳои ҷиддӣ вобаста ба таъмини муҳосибони касбӣ дар корхонаҳо ба миён меоянд.

То давраи гузариш ба СБҲМ низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакат амалкунанда, ҳамчун яке аз ворисони низоми баҳисобгирии муҳосибии шуравӣ ба ҳифзи дороиҳо (моликият)-и корхонаҳо, инчунин ошкор кардани тамоюлот аз рӯйи тамоми нишондиҳандаҳои хароҷот, нақшаҳои истеҳсолӣ, харҷномаҳо нигаронида шуда буд, ки ҳамаи ин аз талаботи низомномаҳо ва методикаҳои амалкунандаи аз ҷиҳати илмӣ асоснoккардашуда бармеомад. Вазоратҳо, идораҳо, ниҳодҳои илмию таҳқиқотӣ барои субъектҳои иқтисодии дар соҳаҳои дахлдори худ фаъолияткунанда оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) дастурамалҳо ва тавсияҳои методии махсус таҳия ва барои истифода пешниҳод мекарданд. Вале ҳамаи ин дар доираи сиёсати ягонаи давлатии баҳисобгирии муҳосибӣ роҳандозӣ карда мешуд. Маблағгузории хароҷоти омодасозии чунин коркардҳои методӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешуд ва ба вазъи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсир намерасонид. Бо гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба куллӣ дигар шуд. Акнун дастурамалҳо, тавсияҳо ва дигар коркардҳои методӣ,

ки ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ марбут мебошанд, танҳо дар доираи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танҳо бо ба инобат гирифтани ҳадафҳои сиёсати андозбандӣ таҳия ва пешниҳод карда мешаванд, ки хусусияти иҷрои ҳатмиро доранд, сарфи назар аз он, ки мувофиқи ғояҳои нави мутобиқ ба шароити бозор, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ асосан ба манфиати соҳибмулкон мебошад.

Бояд зикр кард, ки ҳам барои мақомоти андоз ва дигар мақомоти давлатии назорати молиявӣ, ки ба ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ доранд, ҳам барои соҳибмулкон, аз ҳама муҳим нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба ташаккули фоида таъсир мерасонанд. Тамоми дигар унсурҳои таҳлилии муфассалкунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ – унсурҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии идоракунии хароҷот), ки барои таҳлил, арзёбӣ ва идоракунии хароҷот, фоида ва таркиби он заруранд, - масъалаҳои муҳими низоми менеҷменти корхонаи мушаххас, ки кормандони он на ҳамеша донишҳои амиқи назариявӣ ва методологии соҳаи баҳисобгирии муҳосибиро доранд, мебошанд.

Таҷрибаи татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар қаринаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, - ин пеш аз ҳама мушкилоти таъмини кормандони мувофиқ мебошад. Барои гузариши бобарор ба стандартҳои ягонаи байналмилалӣ субъектҳои иқтисодиро зарур аст, ки тадбирҳои муайянро барои омодасозии муҳосибони касбӣ роҳандозӣ намоянд, ки ин хароҷоти назаррасро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, хароҷоти омодасозии муҳосибони касбӣ барои кор дар шароити корбурди қоидаҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ метавонанд самараи хеле баланд дошта бошанд, зеро бо татбиқи бобарори стандартҳои байналмилалӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии худ, корхонаҳо барои шарикони бозорӣ, пеш аз ҳама барои сармоягузорони хориҷӣ дастрас мешаванд.

Тавре муҳаққиқи рус Е.А. Шароватова қайд мекунад, «бо сабаби пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотӣ як қисми кори амалиётии муҳосибӣ ба низоми нусхабардорӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалӣ мегузарад. Мутаассифона, ин боиси ихтисор шудани кормандони муҳосибӣ-техникӣ мегардад, вале салоҳияти навшудаи муҳосибон-идоракунандагон аз онҳо на кори душвор бо ҳуҷҷатҳои аввалӣ, балки қабули қарорҳои идоракунии мураккабро талаб мекунад, ки ин бо салоҳиятҳои дар стандартҳо пешбинишуда тасдиқ карда мешавад» [18, с. 28].

Ба андешаи А.Б. Висотская, «ҷаҳонишавӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои рушдёбанда таъсири бузург мерасонад ва ин таъсир дар ҳар як мамлакати алоҳида гуногун аст. Умуман ин аз сатҳи иштироки ин ё он иқтисодиёти миллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ вобаста аст» [2, с. 112]. Ҳамоҳангсозии байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ аз якчанд сабабҳои бо ҳам алоқаманд вобаста аст, ба монанди пайдошавии бозорҳои нави ҷаҳонии сармоя ва тавсеаи имконияти сармоягузорӣ, тақвияти нақши корхонаҳои фаромиллӣ, бунёди фазоҳои иқтисодии минтақавӣ ва равандҳои босуръат рушдёбандаи технологияҳои рақамӣ. Дар баробари ин, тавре баъзе муҳаққиқон

арз мекунанд, рушди технологияҳои рақамӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳамрадиф мебошанд, ба косташавии мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ ва паст шудани мақоми муҳосиб дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ меоварад.

Асоси ҳар як низоми идоракуниро ҷараёнҳои иттилоотие ташкил медиҳанд, ки вазъ ва натиҷаҳои фаъолияти объекти идорашавандаро тавсиф медиҳанд ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ инъикос мешаванд. Яъне баҳисобгирии муҳосибӣ як амсилаи умумии фаъолияти хоҷагидорӣ буда, дар тамоми мамлакатҳо истифода мешавад. Дар баробари ин, дар равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ, вақте ки зарурати воқеии ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии асосие, ки ба қабули қарорҳои идоракунӣ, муқоиса ва таҳлили фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳои гуногун мусоидат мекунад, зиддияти асосии стандартикунонии он ошкор гардид: баҳисобгирии муҳосибӣ амсилаи иттилоотии ба таври сунъӣ сохташуда буда, дар мамлакатҳои гуногун ба принсипҳои гуногун такя мекунад, ки ин боиси қиёснопазирии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда мегардад. Вобаста ба ин, дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ мубрамии мушкилоти дарёфти роҳҳои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бештар мешавад.

Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳам ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳам ба ҷанбаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқи рус В.В. Панков қайд мекунад, ки «ин тағйирот дар назари аввал ба таври ноаён – бо роҳи табдили амалияҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ, тасҳеҳи шаклҳои ҳисоботӣ, пайдо шудани объектҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ ва нисбатан зуд-зуд дигаршавии пойгоҳи меъёрӣ сурат мегиранд. ... Амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир дорои хосияти серҳаракатӣ буда, нобаста аз вазъи назария дигар мешавад» [14, с. 51]. Гузашта аз ин, тағйирот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ на дар мамлакати алоҳида, балки ҳамзамон дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон рух медиҳанд. Ҳамчунин бо таъсири ҷаҳонишавӣ тағйирот дар тамоми зинаҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ – байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ, соҳавӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ба амал меоянд, ки дорои хусусиятҳои худ мебошанд (расми 1).




**Расми 1. Хусусиятҳои тағйирот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба рушд ва такмили муносибатҳои иқтисодӣ дар зинаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ, соҳавӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ҳамаҷониба мусоидат кунад. Вале бо сабаби дигаршавии худи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳо дар доираи ҳар як зинаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал меоянд. Дар онҳо усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи талаботи идоракунӣ дар ҳар як зинаи дахлдори идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ татбиқ карда мешаванд. Бино бар ин, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ҳар як мамлакат бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки аллакай дар низомҳои байналмилалӣ ва минтақавии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷорӣ шудаанд, тағйир меёбад ва рушд мекунад. Ҳамзамон низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи соҳаҳо ва субъектҳои иқтисодӣ низ бо таъсири низомҳои байналмилалӣ ва минтақавии баҳисобгирии муҳосибӣ тағйир меёбанд ва рушд мекунанд. Дар ин маврид, мафҳуми низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ хусусиятҳои низомҳои байналмилалӣ ва минтақавиро ба худ қабул карда, ба низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи соҳаҳо ва субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад ва онҳоро ба талаботи низомҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мутобиқ мегардонад.

Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як мамлакати алоҳида дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки аз принсипҳо, усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бармеоянд, чун: усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат ва тарзҳои ҳисобузам кардани он, тарзҳои соқит кардани арзиши ашё, усулҳои инъикос кардани фарқҳои қурбӣ, усулҳои ҳисоб кардани арзиши аслӣ, қоидаҳои ҳисоб кардани натиҷаҳои молиявӣ ва дигарҳо. Илова бар ин,

низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешаванд [12, с. 4]:

- мавҷудият ва истифодабарии низоми миллии стандартҳо (низомномаҳо)-и баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо бо СБҲМ ва талаботи идоракунии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ;
- мавҷудияти нақшаи миллии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки омили муайянкунанда дар бунёди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ мебошад;
- низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси субъекти иқтисодӣ;
- методологияи муайян кардани натиҷаи молиявии ниҳойии фаъолияти субъекти иқтисодӣ;
- низоми ҳисоботи молиявӣ ва замимаҳо бар ҳисоботи молиявӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани фаъолияти ҳар як субъекти иқтисодӣ аз хусусиятҳои ташкили раванди истеҳсолӣ, соҳа ва намудҳои фаъолият, ҳаҷм, миқдор ва намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) вобаста мебошад. Бино бар ин, дар субъектҳои иқтисодии соҳаҳои гуногун усулҳо ва тарзҳои баҳисобгирии амалиёти хоҷагидорӣ гуногун мебошанд.

Азбаски СБҲМ дар мамлакатҳои дорои низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд, дар онҳо танҳо масъалаҳои асосии ин ё он қитъаи баҳисобгирӣ, ки ба доираи баррасии стандарти мушаххас дохил мешаванд, танзим карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки СБҲМ бетағйир намемонанд, онҳо давра ба давра бозбинӣ, пурра ва мукаммал карда мешаванд. Вале, сарфи назар аз зарурати ба таври ошкоро мутобиқ кардани низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, бояд ба инобат гирифт, ки кӯшиши нусхабардорӣ ва қабул кардани стандартҳо ва принсипҳои баҳисобгирии муҳосибии дар дигар мамлакатҳо истифодашаванда бо сабаби мавҷудияти якчанд омилҳои воқеъбинона натиҷаҳои дилхоҳ нахоҳад дод. Дар ин маврид, дараҷаҳои гуногуни рушди иқтисодиёти миллӣ, анъанаҳои фарҳангию миллӣ, норасоии мутахассисоне, ки барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ қодир бошанд, бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Ғайр аз ин, стандартҳои байналмилалӣ дорои камбудиҳо низ мебошанд, аз ҷумла онҳо хосияти умумӣ доранд, шаклҳои гуногуни усулҳои баҳисобгирии амалиётро оид ба қитъаҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ дар бар мегиранд: дар онҳо тафсирҳо ва қоидаҳои мушаххаси корбурди муқаррарот дар амалия нишон дода нашудаанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар як мамлакат омӯзиш ва муҳокимаи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ карда мешавад, ки ба ҳамсонкунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири назаррас мерасонад.

Мусаллам аст, ки равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ҳамгирошавии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодии калони корпоративӣ мусоидат мекунад. Дар ин маврид, ҳамгирошавӣ бо ду равиш бararsӣ мешавад: ҳамоҳангсозӣ ва стандартикунонӣ. Намунаи ҳамоҳангсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мисоли Иттиҳоди Европа мушоҳида мешавад, ки он

тавассути таҳияи дастурҳо ва ворид намудани муқаррароти асосии онҳо ба қонунгузории миллии мамлакатҳои аъзои ин ташкилот роҳандозӣ карда мешавад. Стандартикунонии расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи ва истифодабарии бастаи ҳамсонкардашудаи стандартҳои дар тамоми мамлакатҳо қобили истифодаро дар назар дорад.

Байналмилалишавии муносибатҳои иқтисодӣ ба таъсиси корпоратсияҳои дорои сармояи омехта, ба иқтисодиёти миллӣ ҷалб кардани сармоягузориҳо ва қарзҳои хориҷӣ боис мешавад. Мустақилона ва бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ корхонаҳои миллии мамлакатҳои гуногун ба бозорҳои ҷаҳонии сармоя ворид мешаванд. Раванди байналмилалишавии тиҷорат, ки паёмади ҷаҳонишавии иқтисодиёт мебошад, иттилоотнокии иштирокдорони онро дар марҳилаҳои гузориши захираҳои молиявӣ, мубодила ва муайян кардани натиҷаҳои молиявии онҳо пешбинӣ менамояд.

Мушкилоти дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун пайдошаванда талаботро ба иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда, ки вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии субъектҳои иқтисодиро тавсиф медиҳад, афзун мекунанд. Аҳамияти вазифаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ки рақобати босамарaро дар бозори сармоя таъмин мекунад, баланд мешавад. Иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба омили истеҳсолие табдил меёбад, ки самаранокии истифодабарии сармояро баланд мебардорад. Шубҳае нест, ки иштирокдорони бозор ба гирифтани ҳисоботи шаффоф, ки дар асоси принсипҳои ягона ташаккул ёфтааст ва ба қабули қарорҳои идоракунии асоснок имкон медиҳад, ҳавасманд мебошанд. Бозори сармоя ба таъмини сармоягузорон бо имконияти маблағгузории боэътимод ва даромадноки корхонаҳо, ки ҳисоботи молиявии қиёсшаванда ва дар асоси меъёрҳои ягона тартибдодашударо пешниҳод мекунанд, ҳавасманд аст. Вале тафовути муҳими асосҳои бунёдии ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун ба қиёснопазирии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, аз ҷониби истифодабарандагони манфиатдор пурра ва дуруст дарк нашудани муҳтавои он ва ғайриимкон будани қабули қарорҳои идоракунии муносиб боис мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ба стандартҳои ягонаи ҳисоботи молиявии корпоративӣ, ки мавзеи пайвасткунандаи байни корхонаҳо ва сармоягузорон мебошанд ва амалкунии босамараи сармояи корпоративиро таъмин мекунанд, ниёз дорад. Ҳалли масъалаҳои ҳамгиросозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар арсаи ҷаҳонӣ боис мешавад, ки натиҷаҳои молиявии фаъолият ва вазъи молиявии корхонаҳо аз ҷониби истифодабарандагони мухталиф, пеш аз ҳама сармоягузорони миқёси байналмилалӣ як хел тафсир карда шаванд, қиёспазирии ҳисоботи молиявӣ таъмин гардад, хароҷоти раванди ҳисобкунии нишондиҳандаҳои молиявӣ ва дар ҳисобот дохил кардани онҳо кам шавад, муҳим аз ҳама сатҳи методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ балан бардошта шавад. Ҳамгироии ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибӣ бо анъанаҳо ва тамоюлоти гуногуншакли рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун пайваста рӯ ба рӯ мешавад. Бешубҳа, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ маҳсули шароити иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд, бино бар ин, барои ҳар як

мамлакат мавҷудияти низоми муайяни стандартҳои бо муҳити корбарии худ мувофиқ муҳим аст.

Ҷаҳонишавӣ яке аз равандҳои муҳимтарини ҷомеаи инсонӣ дар замони муосир мебошад, ки паёмадҳои он ҳам барои мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда ва ҳам барои мамлакатҳои рӯ ба рушд возеҳанд. Ҳамчунин, ҷаҳонишавӣ ба ҷараёни марҳилаҳои рушди иқтисодӣ ва ҳам марҳилаҳои бухронӣ таъсир мерасонад. Чӣ гуна мамлакат ё минтақа ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ворид мешавад ва дар он амал мекунад, аз хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки бевосита ба ҳаёти иқтисодии он таъсир мерасонанд, инчунин аз хоҳиши иштирок дар ин равандҳо ва арзёбии дурусти манфиатҳое вобаста аст, ки онҳо меоваранд. Дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷаҳонишавӣ таҳия ва риояи қоидаҳо ва муқарраротӣ умумиро дар бар мегирад, ки онҳоро ҳангоми нигоҳ доштани хусусиятҳои муайяни ҳар як мамлакат ба даст овардан мумкин аст. Аз ин сабаб, ба ғайр аз мушкилоте, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун бо онҳо дучор мешаванд, дар раванди ҳамгироии ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибӣ бартариҳое барои низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ низ пайдо мешаванд, ки ба ҳамаи заҳмату хароҷоти сарфшуда меарзанд ва онҳо барои иқтисодиёти миллии мамлакатҳо, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиашон муфид буда, хосияти тӯлонӣ доранд.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт**

1. Ашихмина Л.В., Ноздрина Е.Н. Особенности национальных систем бухгалтерского учета [Текст] / Л.В. Ашихмина, Е.Н. Ноздрина // Успехи в химии и химической технологии. – 2007. – Том 21. - № 10 (78). – С. 112-115

2. Высотская А.Б. Влияние глобализации на национальные учетные системы развивающихся стран в условиях информационной экономики [Текст] / Terra Economicus. – 2015. - № 2014. – Том 12. - № 2. – С. 109-116

3. Давлатов Х.М., Одинаев Э. Рушди низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бухрони иқтисодиёти ҷаҳонӣ [Матн] / Х.М. Давлатов, Э. Одинаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2019. - № 1 (17). – С. 28-35

4. Ишонхонов А.М., Шарипов Б.М. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти миллӣ [Матн] / А.М. Ишонхонов, Б.М. Шарипов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2019. - № 2. – С. 18-21

5. Каримиён М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ [Матн] / М.Б. Каримиён / Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 4-1. – С. 160-170

6. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Монография [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, 2019. – 390 с.

7. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Составление плана счетов бухгалтерского учета в соответствии с МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник

Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. - № 7. – С. 76-83

8. Каримов Б.Х., Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49

9. Ключников С.В. Регулирующие процессы глобализации и тенденции корпоративной отчетности [Текст] / С.В. Ключников // Международный бухгалтерский учет. – 2011. - № 27 (177). – С. 24-30

10. Қодирова Г.Т. Заминаҳои рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 6. – С. 92-98

11. Майданевич П.Н. Формирование учетной системы в условиях глобализации экономики [Текст] / С.Н. Майданевич // Вестник РУДН, серия Экономика. – 2015. - № 3. – С. 66-73

12. Михалкевич А.П. Развитие национальной системы бухгалтерского учета и отчетности в условиях глобализации экономических отношений [Текст] / А.П. Михалкевич // Бухгалтерский учет и анализ. – 2013. - № 11 (203). – С. 3-7

13. Палий В.Ф. Теория бухгалтерского учета. Современные проблемы [Текст] / В.Ф. Палий. – М.: Бухгалтерский учет, 2007. – 88 с.

14. Панков В.В. Институциональный подход и теория учета [Текст] / В.В. Панков // Бухгалтерский учет. – 2008. - № 1. – С. 51-55

15. Поленова С.Н. Глобализация мировой экономики и тенденции бухгалтерского учета [Текст] / С.Н. Поленова // Международный бухгалтерский учет. – 2008. - № 8 (116) – С. 7-11

16. Сафаров Б.Г. Развитие экономики Таджикистана в условиях глобализации [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. - № 2/4 (169). – С. 176-182

17. Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирӣ дар олами ислом [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. – Қисми 2. - С. 66-71

18. Шароватова Е.А. Влияние глобализации мировой экономики на развитие бухгалтерского учета: плюсы и минусы [Текст] / Е.А. Шароватова // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Том 7. - № 4. – С. 25-32

19. Шевченко Н.А., Адамская Л.В. Глобализация экономики и процессы международной гармонизации учета и финансовой отчетности [Текст] / Н.А. Шевченко, Л.В. Адамская // Мировые цивилизации. – 2017. – Т. 2. – № 1. – С. 10-17

20. Ahmad B. The Impact of Globalization on Accounting Standards [Electronic source] / B. Ahmad / Access mode: URL: https://www.linkedin.com/pulse/impact-globalization-accounting-standards-bilal-ahmad-0uj7f?utm_source

21. Hamzah A.H., Ahmed W.Y., Koshan H.M., Abdulleh Al Baaj Q.M. [Text] / A.H. Hamzah, W.Y. Ahmed, H.M. Koshan, Q.M. Abdulleh Al Baaj // International

Journal of Innovation, Creativity and Change. – 2020. - Vol. 14. - Issue 7. – P. 1260-1271

22. Hopper T., Lassou P., Soobaroyen T. Globalisation, Accounting and Developing Countries [Text] / T. Hopper, P. Lassou, T. Soobaroyen // Critical Perspectives on Accounting. – 2017. - Vol. 43. - P. 125-148

23. Lehman G. Globalisation and the internationalisation of accounting: new technologies, instrumentalism and harmonization [Text] / G. Lehman // Critical Perspectives on Accounting. – 2009. – N 20(4). – P. 445-447

**Literature**

1. Ashikhmina L.V., Nozdrina E.N. Features of the national system of accounting [Text] / L.V. Ashikhmina, E.N. Nozdrina // Success in chemistry and chemical technology. - 2007. - Volume 21. - No. 10 (78). - S. 112-115

2. Vysotskaya A.B. Influence of globalization on national accounting systems of developing countries and the conditions of information economy [Text] / Terra Economicus. - 2015. - No. 2014. - Volume 12. - No. 2. - S. 109-116

3. Davlatov H.M., Odinaev E. The development of the financial system of the Republic of Tajikistan in the conditions of globalization and the global economic crisis [Text] / H.M. Davlatov, E. Odinaev // Message of finance and economy. - 2019. - No. 1 (17). – P. 28-35

4. Ishonkhonov A.M., Sharipov B.M. The impact of globalization on the national economy [Text] / A.M. Ishonkhonov, B.M. Sharipov // Economy of Tajikistan. – 2019. - No. 2 . – P. 18-21

5. Karimiyon M.B. Conditions for the application of international standards in accounting for fixed assets management [Text] / M.B. Karimiyon / State management. – 2022. - No. 4-1. – P. 160- 170

6. Karimov B.Kh., Karimiyon M.B. The current state of accounting in the Republic of Tajikistan. Monograph [Text] / B.Kh. Karimov, M.B. Karimiyon. – Dushanbe: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 2019 . – 390 p.

7. Karimov B.Kh., Karimiyon M.B. Compilation of accounting accounting plan according to IFRS [Text] / B.Kh. Karimov, M.B. Karimian // Vestnik Tajikskogo nationalnogo universiteta. Series of social, economic and public sciences. - 2020. - No. 7. - S. 76-83

8. Karimov B.H., Kodirova G.T. Development of an accounting system in the context of globalization [Text] / B.Kh. Karimov, G.T. Kodirova // State administration. - 2021. - No. 3 (52). - S. 38-49

9. Klyuchnikov S.V. Regulating processes of globalization and tendencies of corporate reporting [Text] / S.V. Klyuchnikov // International Accounting. - 2011. - No. 27 (177). - S. 24-30

10. Kadyrova G.T. Grounds for the development of the national accounting system in the conditions of economic integration [Text] / G.T. Kadirova // Message from the National University of Tajikistan. Department of socio-economic and social sciences. - 2021. - No. 6. - S. 92-98

11. Maidanevich P.N. Formirovanie uchetnoi sistemy v oslivaniya globalization ekonomiki [Text] / S.N. Maidanevich // Vestnik RUDN, series Economy. - 2015. - No. 3. - S. 66-73

12. Mikhalkevich A.P. Development of the national system of accounting and accounting in the conditions of globalization of economic relations [Text] / A.P. Mikhalkevich // Accounting and analysis. - 2013. - No. 11 (203). - S. 3-7

13. Paliya V.F. Accounting theory. Sovremennye problemy [Text] / V.F. Pali. - Moscow: Accounting, 2007. - 88 p.

14. Pankov V.V. Institutional approach and accounting theory [Text] / V.V. Pankov // Accounting. - 2008. - No. 1. - S. 51-55

15. Polenova S.N. Globalization of the world economy and trends in accounting [Text] / S.N. Polenova // International Accounting. - 2008. - No. 8 (116) - S. 7-11

16. Safarov B.G. Development of Tajikistan's economy and the conditions of globalization [Text] / B.G. Safarov // Vestnik Tajik National University. Series of social, economic and public sciences. – 2015. - No. 2/4 (169). - S. 176-182

17. Khushvahtzoda K.H., Karimov B.H. Origin and development of accounting in the Islamic world [Text] / K.Kh. Khushvahtzoda, B.H. Karimov // Message from the National University of Tajikistan. Department of socio-economic and social sciences. - 2020. - No. 10. - Part 2. - S. 66-71

18. Sharovatova E.A. The impact of globalization of the world economy on the development of accounting: pluses and minuses [Text] / E.A. Sharovatova // Account. Analysis. Audit. - 2020. - Volume 7. - No. 4. - S. 25-32

19. Shevchenko N.A., Adamskaya L.V. Globalization of economy and international process of harmonization of accounts and financial statements [Text] / N.A. Shevchenko, L.V. Adamskaya // World civilization. - 2017. - T. 2. - No. 1. - S. 10-17

20. Ahmad B. The Impact of Globalization on Accounting Standards [Electronic source] / B. Ahmad / Access mode: URL: https://www.linkedin.com/pulse/impact-globalization-accounting-standards-bilal-ahmad- 0uj7f?utm_source

21. Hamzah A.H., Ahmed W.Y., Koshan H.M., Abdulleh Al Baaj Q.M. [Text] / A.H. Hamzah, W.Y. Ahmed, H.M. Koshan, Q.M. Abdulleh Al Baaj // International Journal of Innovation, Creativity and Change. - 2020. - Vol. 14. - Issue 7. - P. 1260-1271

22. Hopper T., Lassou P., Soobaroyen T. Globalization, Accounting and Developing Countries [Text] / T. Hopper, P. Lassou, T. Soobaroyen // Critical Perspectives on Accounting. - 2017. - Vol. 43. - P. 125-148

23. Lehman G. Globalization and the internationalization of accounting: new technologies, instrumentalism and harmonization [Text] / G. Lehman // Critical Perspectives on Accounting. - 2009. - No. 20(4). - P. 445-447

## РУШДИ НИЗОМҲОИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ИҚТИСОДӢ

Рушди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, инчунин воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар чунин шароит низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ заминаи муҳимтарин барои рушди муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодии мамлакатҳои мухталиф ва иқтисодиёти миллӣ мегардад. Вале он барои ҳамаи мамлакатҳо ягона нест, дар

ҳар як мамлакат қоидаҳои махсуси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ таҳия ва истифода мешаванд, ки маҳз дар муҳтавои низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос меёбанд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт баррасӣ мешаванд. Қайд карда мешавад, ки низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ботадриҷ ташаккул ёфта, таърихан ҳамаи хусусиятҳои рушди давлатро дар худ таҷассум мекунанд. Бино бар ин, ҳар як низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакати алоҳида пойдоргардида дорои хусусиятҳои фарқкунандаи худ мебошад.

**Калидвожаҳо:** равандҳои ҷаҳонишавӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, сармоягузории хориҷӣ, ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ, ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ.

## РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ СИСТЕМ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Развитие международной экономической интеграции, процессы глобализации и цифровизации экономики, а также вхождение Республики Таджикистан в мировую экономическую систему влияют на организацию бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности экономических субъектов. В таких условиях национальная система бухгалтерского учета становится важнейшей основой развития отношений между экономическими субъектами разных стран и национальной экономикой. Однако она не одинакова для всех стран, в каждой стране разработаны и используются особые правила ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности, которые находят отражение в содержании национальной системы бухгалтерского учета. В данной статье обсуждаются вопросы развития национальных систем бухгалтерского учета под влиянием процессов экономической глобализации. Отмечается, что национальные системы бухгалтерского учета формируются постепенно и исторически воплощают в себе все особенности развития государства. Соответственно, каждая система бухгалтерского учета, созданная в отдельной стране, имеет свои отличительные особенности.

**Ключевые слова:** процессы глобализации, бухгалтерский учет, финансовая отчетность, международные стандарты финансовой отчетности, национальная система бухгалтерского учета, иностранные инвестиции, глобализация финансовых рынков, гармонизация бухгалтерского учета.

## DEVELOPMENT OF NATIONAL ACCOUNTING SYSTEMS IN THE CONTEXT OF ECONOMIC GLOBALIZATION

The development of international economic integration, the processes of globalization and digitalization of the economy, as well as the entry of the Republic of Tajikistan into the world economic system affect the organization of accounting and financial reporting of economic entities. In such conditions, the national accounting system becomes the most important basis for the development of relations between economic entities of different countries and the national economy. However, it is not the same for all countries; each country has developed and uses special rules for accounting and financial reporting, which are reflected in the content of the national

accounting system. This article discusses the development of national accounting systems under the influence of economic globalization processes. It is noted that national accounting systems are formed gradually and historically embody all the features of the development of the state. Accordingly, each accounting system created in a separate country has its own distinctive features.

**Key words:** globalization processes, accounting, financial reporting, international financial reporting standards, national accounting system, foreign investment, globalization of financial markets, harmonization of accounting.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Каримов Баҳодур Ҳасанович –** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru

**Сведения об авторе: Каримов Баходур Хасанович** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита. Адрес: Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. Тел.: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru

**Information about the author: Karimov Bahodur Hasanovich** – International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor of the department of accounting and audit. Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. Tel.: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru

**ТДУ: 636.637**

# НАҚШИ СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ЧОРВОДОРӢ ДАР ТАЪМИН НАМУДАНИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАИ РАШТ

**Деҳқонов С.А., Миршарифзода Э.Қ., Маҳмадуллоев А.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Равандҳои муосири инкишоф додани идоракунии хоҷагии халқ бо пурзур намудани равандҳои гузариш ба низоми нави иқтисоди бозорӣ алоқаманд буда, он аз дуруст роҳандозӣ намудани сиёсати минтакавӣ вобаста аст, ки он дар умум ба тезонидан ва беҳтар намудани сифати рушди иктисодӣ нигаронида шудааст. Дар шароити гузариш ба низоми муосири иқтисодӣ, ки дар иқтисодиёти минтақаҳои кишвар имрӯзҳо ба таври хосса ба амал омада истодааст, ҳанӯз имкони воқеии ташаккули низоми иҷтимоию иқтисодиро пурра нишон намедиҳад, ки қодир ба гузариш ба рушди устувор ва таъмини ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Бо гузашти солҳо, ҳанӯз ҳам масъалаи рушди устувор аҳамияти худро гум накардааст. Ва дар шароити муосир вобаста ба ҳаолатҳои табиӣ ва иқлимии минмтақаҳои кишвар омилҳои мувофиқ ба минтақаҳо метавонад заминаи рушду инкишофи минтақаҳо ва иқтисоди миллӣ гардад. Вобаста ба ин, дар минтақаи Рашт, ки аслан минтақаи кӯҳӣ маҳсуб меёбад, соҳаи чорводорӣ яке аз

механизмҳои мутобиқ барои рушди минтақа мебошад. Минтақаҳо аслан ин «майдони»-и асосии ҷорӣ намудани принсипҳо ва механизмҳои рушди устувор ба амалияи ҳаёти мамлакат мебошанд. Маҳз онҳо ба ҳалли комплексии проблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва ғайра бештар эҳтиёҷ доранд[1, с. 12-13].

Дар шароити рушди низоми иқтисоди бозорӣ, масъалаи ташаккули соҳаи чорводорӣ аҳамияти махсусро талаб намуда, дар ноҳияҳои минтақаи Рашт низ ба ин соҳа аҳамияти махсус дода мешавад. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозираи минтақа ба таври пурра ва ё 100% чорво ва парранда дар хоҷагиҳои хонагӣ парвариш меёбанд ва барои зиёд кардани саршумори чорво дар бахши хусусӣ барҳам хӯрдани хоҷагиҳои чорводории давлатӣ мусоидат намудааст [2, с. 14]. Қобили зикр аст, ки тибқи маълумотҳои расмии оморӣ дар ноҳияи Рашт саршумори чорвои калони шохдор 77702 сар, говҳои ширдеҳ 37056 сар, саршумори бузу гӯсфанд 167982 сар, аспҳо 1427 сар, саршумори парранда 119114 ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 21825 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Рашт, дар ҷадвали 1 оварда шудааст [3, с. 221-284].

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2015-2021**

| **Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ** | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 3654 | 3694 | 3703 | 3705 | 3712 | 3868 | 3945 | 291 | 7,9 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна) | 17083 | 17223 | 17259 | 17276 | 17319 | 17585 | 17814 | 731 | 4,2 |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 57 | 60 | 63 | 66 | 67 | 70 | 76 | 19 | 33,3 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 2591 | 9479 | 9510 | 9512 | 9513 | 9515 | 9657 | 7066 | 272,1 |
| Истеҳсоли асал (тонна) | 451 | 509 | 518 | 519 | 526 | 510 | 515 | 64 | 14,1 |

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе - 2023. С. 221- 261; С.267-284.

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда 7,9%, шир 4,2%, пашм 33,3%, тухм 2,7 маротиба ва асал бошад, 14,1% афзоиш ёфтаанд. Аз таҳлили ҷадвал бар меояд, ки ҳамаи соҳаҳои баррасигардида дар давраи таҳлилшуда афзоиш ёфтаанд.

Соҳаи дигари афзалиятнок дар ноҳияи Рашт соҳаи чорводорӣ ба ҳисоб меравад. Маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар ноҳия 48,6%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳад [4, с. 12]. Баъд аз тақсим гардидани хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ба хоҷагиҳои хурди инфиродӣ,

даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои хонагӣ (аҳолӣ) инкишоф ёфта истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Нуробод саршумори чорвои калони шохдор 31766 сар, говҳои ширдеҳ 22963 сар, саршумори бузу гӯсфанд 99076 сар, аспҳо 298 сар, саршумори парранда 109521 ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 11375 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Нуробод, дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар ноҳияи Нуробод барои солҳои 2015-2021**

| Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 2121 | 2257 | 2345 | 2407 | 2434 | 2641 | 2735 | 614 | 28,9 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна) | 5750 | 5810 | 5975 | 6002 | 6073 | 6227 | 6259 | 509 | 8,8 |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 50 | 51 | 51 | 33 | 34 | 35 | 35 | -15 | -30 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 3098 | 3628 | 3656 | 3658 | 3710 | 3887 | 3930 | 832 | 26,8 |
| Истеҳсоли асал (тонна) | 119 | 121 | 125 | 126 | 136 | 117 | 117 | -2 | -1,6 |

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории "Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023. С. 221- 261; С.267-284.

Чи тавре ки аз рақамҳои таҳлилгардидаи ҷадвали 2 бармеояд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда 28,9%, шир 8,8%, тухм 26,8% афзоиш ёфта, истеҳсоли пашм -30%, ва асал бошад, -1,6% кам гардидаанд. Аз таҳлили ҷадвал бар меояд, ки истеҳсоли пашм ва асл дар ин давра кам гардида, дар соҳаҳои дигар рӯ ба афзоиш овардаанд.

Бахши дигари соҳаи кишоварзии ноҳияи Нуробод ин самти чорводорӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти шароити нисбатан мусоид барои рушди чорводорӣ дар ноҳия, ҳиссаи гӯшти гов дар таркиби умумии гӯшт дар ноҳияҳои минтақа бояд ҳадди аққал 50%-ро ташкил диҳад [5, с. 15].

Дар ноҳияи Тоҷикобод саршумори чорвои калони шохдор19638 сар, говҳои ширдеҳ 12012 сар, саршумори бузу гӯсфанд 75349 сар, аспҳо 513 сар, саршумори парранда 47026 сар ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 6239 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Тоҷикобод, дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2015-2021**

| Истеҳсоли | Солҳо |
|---|---|

| **маҳсулоти чорвопарварӣ** | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 1682 | 1780 | 1846 | 1904 | 1985 | 2011 | 2045 | 363 | 21,5 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна) | 11072 | 11224 | 11274 | 11663 | 11899 | 11977 | 12100 | 1028 | 9,2 |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 90 | 91 | 95 | 103 | 107 | 112 | 118 | 28 | 31,1 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 3020 | 3222 | 2772 | 2781 | 2783 | 2796 | 2810 | -210 | -6,9 |
| Истеҳсоли асал (тонна) | 94 | 94 | 96 | 103 | 103 | 104 | 110 | 16 | 17 |

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023. С. 221- 261; С.267-284.

Чунончи аз маълумотҳои ҷадвали 3 маълум мегардад, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда 21,5%, шир 9,2%, пашм 31,1%, и асал 17% афзоиш ёфта, истеҳсоли тухм бошад -6,9% кам гардидааст. Аз таҳлили ҷадвал муайян гардид, ки истеҳсоли тухм дар давраи таҳлилшуда кам гардида, ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳои дигар афзоиш ёфтаанд.

Бахши дигар ва муҳими ноҳияи Тоҷикобод соҳаи чорводорӣ ба ҳисоб меравад, ки дар баробари соҳаи растанипарварӣ барои аҳолӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими даромад буда, аҳолии ноҳия беш аз 10% даромади худро аз ин бахш ба даст меоранд. Аз заминҳои кишоварзӣ 56,0 фоиз он (56520 га, аз ин 3913 га обӣ) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва боқимонда ба корхона ва ташкилотҳои кишоварзии давлатӣ рост меоянд [6, с. 16].

Қобили тазакур аст, ки дар ноҳияи Лахш саршумори чорвои калони шохдор 28352 сар, говҳои ширдеҳ 16208 сар, саршумори бузу гӯсфанд 132350 сар, аспҳо 2058 сар, саршумори парранда 66169 сар ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 4759 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Лахш, дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар ноҳияи Лахш барои солҳои 2015-2021**

| **Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ** | **Солҳо** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 2027 | 2058 | 2078 | 2127 | 2134 | 2133 | 2046 | 19 | 0,9 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда | 8104 | 8204 | 8252 | 8304 | 8308 | 8314 | 8367 | 263 | 3,2 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| (тонна) | | | | | | | | | |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 35 | 36 | 36 | - | - | - | - | - | - |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 1438 | 1649 | 1709 | 1712 | 1718 | 1776 | 1785 | 347 | 24,1 |
| Истеҳсоли асал (тонна) | 87 | 88 | 89 | 90 | 91 | 91 | 92 | 5 | 5,7 |

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории "Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе - 2023. - С. 221- 261; С.267-284.

Читавре, ки аз рақамҳои ҷадвали 4 бар меояд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда 0,9%, шир 3,2%, тухм 24,1% ва истеҳсоли асал бошад 5,7% афзоиш ёфтаанд. Аз таҳлили ҷадвал бар меояд, ки ҳамаи соҳаҳои баррасишуда дар давраи таҳлилшуда афзоиш ёфтаанд.

Аз таҳлилҳои дар шакли ҷадвалҳои алоҳида гузаронидашудаи ноҳияҳои минтақаи Рашт муайян гардид, ки дар ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ба чорводорӣ аҳамияти бештар дода мешавад, вале дар ноҳияи Сангвор низ дар баробари дигар соҳаҳо, яке аз бахшҳои асосӣ чорводорӣ ба ҳисоб меравад ва вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 25,7%-ро ташкил медиҳад [7, с. 14].

Вусъат бахшидан ба рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва чорводорӣ, пеш аз ҳама диққат додан ба истеҳсоли маҳсулотҳои ниёзи аввалияи аҳолӣ ва хушзот намудани чорво ҷиҳати таъмин намудани амнияти озуқаворӣи кишвар аҳамияти беандоза дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Сангвор саршумори чорвои калони шохдор 36157 сар, говҳои ширдеҳ 17517 сар, саршумори бузу гӯсфанд 86728 сар, аспҳо 700 сар, саршумори парранда 48720 сар ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 16923 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳияи Сангвор, дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар ноҳияи Сангвор барои солҳои 2015-2021**

| Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 1084 | 1095 | 1392 | 1428 | 1790 | 2002 | 2110 | 1026 | 94,6 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна) | 8552 | 8572 | 9299 | 9299 | 9955 | 10621 | 10886 | 2334 | 27,2 |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 39 | 40 | 40 | 44 | 44 | 45 | 45 | 6 | 15,3 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 1778 | 1887 | 2103 | 2103 | 2320 | 2713 | 2810 | 1032 | 58,04 |
| Истеҳсоли асал | 289 | 295 | 298 | 304 | 309 | 311 | 315 | 26 | 8,9 |

| (тонна) | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории "Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе - 2023. - С. 221- 261; С.267-284.

чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 5 бар меояд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда 94,6%, шир 27,2%, пашм 15,3%, тухм 58% ва истеҳсоли асал бошад 8,9% афзоиш ёфтаанд. Аз таҳлили ҷадвали мазкур бар меояд, ки ҳамаи соҳаҳои баррасишуда дар давраи таҳлилшуда афзоиш ёфтаанд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯйи ҳар як ноҳия дар алоҳидагӣ нишон дод, ки яке аз самтҳои асосии шуғли аҳолии минтақаи Рашт соҳаи солҳои охир соҳаи чорводорӣ буда, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин бахши кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии таъмини ҳадафи сеюми стратегии кишвар - аъмини амнияти озуқаворӣ баромад мекунад [8, с. 94]. Маврид ба зикр аст, ки рушди соҳаи мазкур агар аз як ҷониб, барои расидан ба ин ҳадаф заминагузор бошад, он аз ҷониби дигар, дар ноҳияҳои минтақа ҳамчун сарчашмаи пайдошавии даромадҳои андозӣ гардида, аҳолии минтақаро ба шуғли доимӣ таъмин месозад ва инчунин, дар маҷмуъ сатҳи бекорию камбизоатиро дар минтақа ҷуброн менамояд.

Дар ин баробар, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин бахши кишоварзӣ метавонад бозори маҳаллӣ ва дохилиро пурра таъмин намуда, ҳаҷми воридоти молро аз хориҷи кишвар коҳиш диҳад ва дар оянда ба яке аз бахшҳои содиркунандаи мол баромад намояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар минтақаи Рашт саршумори чорвои калони шохдор 193615 сар, говҳои ширдеҳ 105756 сар, саршумори бузу гӯсфанд 561485 сар, аспҳо 4996 сар, саршумори парранда 390550 сар ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 61121 сар дар соли 2021 баробар мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории минтақаи Рашт, дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. Ҳаҷми истеҳсоли шир, гушт, пашм, тухм, асал дар минтақаи Рашт барои солҳои 2015-2021**

| Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуби 2021 нисбати 2015 | |
| | | | | | | | | адад | % |
| Миқдори гушти истеҳсолшуда (тонна) | 10568 | 10884 | 11364 | 11571 | 12055 | 12655 | 12881 | 2313 | 21,8 |
| Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна) | 50561 | 51033 | 52059 | 52544 | 53554 | 54724 | 55426 | 4865 | 9,6 |
| Истеҳсоли пашм (тонна) | 271 | 278 | 285 | 246 | 252 | 262 | 274 | 3 | 1,1 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор донна) | 11925 | 19865 | 19750 | 19766 | 20043 | 20687 | 20992 | 9067 | 76 |
| Истеҳсоли асал (тонна) | 1040 | 1107 | 1126 | 1142 | 1165 | 1133 | 1149 | 109 | 10,4 |

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории "Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе - 2023. - С. 221- 261; С.267-284.

Чи тавре ки аз арқоми ҷадвали 6 бар меояд, дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 миқдори гушти истеҳсолшуда дар минтақа 21,8%, шир 9,6%, пашм 1,1%, тухм 76% ва истеҳсоли асал бошад, 10,4% афзоиш ёфтаанд. Аз таҳлили ҷадвали боло бар меояд, ки ҳамаи соҳаҳои баррасишуда дар давраи таҳлилшуда афзоиш ёфтаанд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои чорводории минтақаи Раштро агар ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва кишвар муқоиса намоем, маълум мегардад, ки истеҳсоли гушт 22,4%-и НТҶ ва 3,8%-и кишвар, истеҳсоли шир 25,8-и НТҶ ва 5,2-и ҷумҳурӣ, истеҳсоли тухм 8,4%-и НТҶ ва 2,1%-и мамлакат, итсеҳсоли пашм б35,4%-и НТҶ ва 3,4%-и кишвар, истеҳсоли асал дар ин давра 66,9%-и НТҶ ва 25,6%-ҷумҳуриро ташкил медиҳанд [9, с. 16].

Таҳқиқот нишон дод, ки навобаста аз он, ки табиати минтақа махсуси рушди соҳаҳои таҳлилгардида аст, ҳамоно рушди ин соҳаҳо қонеъкунанда маҳсуб намеёбанд. Аз ин хотр, зарур аст, ки барои боз ҳам ба рушди босуръат ноил гардонидани ин соҳаҳо усулҳои нави парвариш дар соҳаи чорводорӣ, боғдорӣ, картошкапарварӣ, занбӯри асалпарварӣ ва дигар намуди зироатҳои кишоварзӣ дар асоси истифодаи таҷрибаи муосири кишварҳои тараққикарда давра ба давра роҳандозӣ карда шавад. Чун минтақаи Рашт минтақаи кӯҳсор буда, барои рушди соҳаҳои болозикр дорои захира ва имконоти мусоиди иқтисодӣ мебошад. Ҳамзамон, дар баробари ин, ҷиҳати рушд бахшидани соҳаҳои зикргардида, коркарди саноатии маҳсулотҳои соҳа лозим аст, ки он ҳам дар асоси ташкил намудани корхонаҳои хурди КАС роҳандозӣ карда мешаванд.

**Муқарриз: Ниёзов М.А. - н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Танзими макроиқтисодӣ: нақши давлат ва корпоратсияҳо. – М.: Кнорус, 2010. – 125 с.;
2. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2021-2025. – 35 с.
3. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021-2025. – 35 с.
4. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025. – 35 с.
5. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2021-2025. – 35 с.
6. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Сангвор барои солҳои 2021-2025. – 35 с.
7. Маҷмӯаи омории "Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - 320 с.
8. Деҳқонов С.А. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт) [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.03 –иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ / Деҳқонов С.А. Душанбе - 2024. - 157 с.

9. Деҳқонов С.А. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт): автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ / Деҳқонов С.А. – Душанбе. - 2024. – 30 с.

10. Зокирзода, З.Х., Миршарипов Э.Қ. Фарҳанги истилоҳоти иқтисодӣ: Воситаи таълимӣ. - нашри аввал: Душанбе, 2022. - 157 с.

**Literature:**

1. Macroeconomic regulation: the role of the state and corporations. – M.: Knorus, 2010. – 125 p.;

2. Rasht district socio-economic development program for 2021-2025. – 35 p.

3. Nurobod district socio-economic development program for 2021-2025. – 35 p.

4. Tojikobod district socio-economic development program for 2021-2025. – 35 p.

5. Lakhsh district socio-economic development program for 2021-2025. – 35 p.

6. Sangvor district socio-economic development program for 2021-2025. – 35 p.

7. Statistical collection “Agriculture of the Republic of Tajikistan”. Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe. - 2023. - 320 p.

8. Dehqanov S.A. State regulation and support as a factor of economic and social development of the region (on the example of the Rasht region) [Text]: dissertation for the degree of PhD in Economics in the specialty 08.00.03 - Regional and territorial economics / Dehqanov S.A. Dushanbe - 2024. - 157 p.

9. Dehqanov S.A. State regulation and support as a factor of economic and social development of the region (on the example of the Rasht region): abstract of the dissertation for the degree of Candidate of Economic Sciences: on the specialty 08.00.03 - Regional and territorial economics / Dehqanov S.A. – Dushanbe. - 2024. – 30 p.

10. Zokirzoda, Z.Kh., Mirsharipov E.K. Dictionary of economic terms: Educational tool. - First edition: Dushanbe, 2022. - 157 p.

## НАҚШИ СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ЧОРВОДОРӢ ДАР ТАЪМИН НАМУДАНИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАИ РАШТ

Дар мақолаи мазкур нақши соҳаҳои истеҳсолӣ ва чорводорӣ дар таъмини рушди устувори минтақаи Рашт дар шароити рушди иқтисодии минтақаҳо таҳлилу барасӣ гардидааст. Ҳангоми таҳлил маълум гардид, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин бахши кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии таъмини ҳадафи сеюми стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ баромад мекунад. Ҳамзамон, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин бахши кишоварзӣ метавонад бозорҳои минтақа ва кишварро таъмин намуда, ҳаҷми воридоти молро аз хориҷи кишвар коҳиш диҳад ва заминагузори рушди иқтисоди минтақавӣ ва миллӣ гардад. Бо назардошти шароити табиии минтақа боз ҳам имконоти афзоиши маҳсулотҳои соҳаи чорводорӣ мавҷуд буда, тақозои истифодаи самаранок ва муосирро дорост. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи чорвопарварии минтақаи Рашт дар муқоиса ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва кишвар аз ҷиҳати истеҳсоли гушт 22,4%-и НТҶ ва 3,8%-и кишвар, истеҳсоли шир 25,8-и НТҶ ва 5,2-и кишвар, истеҳсоли тухм 8,4%-и НТҶ ва 2,1%-и кишвар, итсеҳсоли пашм 35,4%-и НТҶ ва 3,4%-и кишвар, истеҳсоли

асал бошад, дар ин давра 66,9%-и НТҶ ва 25,6%-кишварро ташкил медиҳанд. Саҳми минтақаи Рашт дар таркиби соҳаҳои муқоисагардида то андозае нақши устуворро дорост. Маълум карда шуд, ки мушкилоти ҷойдошта дар ин самт танҳо мавриди коркарди саноатӣ қарор дода нашудани истеҳсолоти маҳсулотҳои маҳаллӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** соҳаи чорводорӣ, рушди устувори минтақа, истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ, саршумори чорвои калони шохдор, говҳои ширдеҳ, саршумори бузу гӯсфанд, парранда ва оилаҳои занбӯри асал, таъмини амнияти озуқаворӣ, низоми иқтисоди бозорӣ.

## РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО И ЖИВОТНОВОДЧЕСКОГО СЕКТОРОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РАШТСКОГО РЕГИОНА

В данной статье анализируется роль производственной и животноводческой отраслей в обеспечении устойчивого развития Раштского региона в условиях экономического развития регионов. В ходе анализа стало ясно, что увеличение производства данной отрасли сельского хозяйства является основной основой обеспечения третьей стратегической цели страны – обеспечения продовольственной безопасности. В то же время увеличение производства этой сельскохозяйственной отрасли может обеспечить региональные и национальные рынки, сократить объем импорта товаров из-за рубежа и заложить основу для развития региональной и национальной экономики. Учитывая природные условия региона, потенциал для увеличения производства животноводческой продукции все еще имеется, но его необходимо эффективно и современно использовать. В ходе исследования выявлено, что объем производства животноводческой продукции в Раштском регионе по сравнению с районами республиканского подчинения (РРП) и республикой по производству мяса составляет 22,4% от РРП и 3,8% от республики, молока – 25,8%. РРП и 5,2% страны, производство яиц составляет 8,4% РРП и 2,1% страны, производство шерсти составляет 35,4% РРП и 3,4% страны, а производство меда составляет, за этот период они составили для 66,9% РРП и 25,6% страны. Вклад региона Рашт в состав сравниваемых секторов имеет относительно стабильную роль. Выявлено, что единственной проблемой в этой сфере является отсутствие промышленной переработки местной продукции.

**Ключевые слова:** животноводческая отрасль, устойчивое развитие региона, производство животноводческой продукции, поголовье крупного рогатого скота, молочные коровы, поголовье коз и овец, птицеводческие и пчелиные семьи, обеспечение продовольственной безопасности, рыночная система хозяйствования.

## THE ROLE OF PRODUCTION AND LIVESTOCK SECTORS IN ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE RASHT REGION

This article analyzes the role of the production and livestock sectors in ensuring sustainable development of the Rasht region in the context of economic development of the regions. During the analysis, it became clear that increasing the production of this agricultural sector is the main basis for ensuring the third strategic goal of the country - food security. At the same time, increasing the production of this agricultural sector can provide regional and national markets, reduce the volume of imported

goods from abroad and lay the foundation for the development of the regional and national economy. Given the natural conditions of the region, the potential for increasing the production of livestock products still exists, but it must be used effectively and in a modern way. The study revealed that the volume of livestock production in the Rasht region compared to the regions of republican subordination (RRS) and the republic for meat production is 22.4% of the RRS and 3.8% of the republic, milk - 25.8%. RRS and 5.2% of the country, egg production is 8.4% of RRS and 2.1% of the country, wool production is 35.4% of RRS and 3.4% of the country, and honey production is, for this period they amounted to 66.9% of RRS and 25.6% of the country. The contribution of the Rasht region to the composition of the compared sectors has a relatively stable role. It was revealed that the only problem in this area is the lack of industrial processing of local products.

**Keywords:** livestock industry, sustainable development of the region, livestock production, cattle population, dairy cows, goat and sheep population, poultry and bee colonies, ensuring food security, market economic system.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, омӯзгори факултети иқтисод ва идора, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-192-019. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети иқтисод ва идора, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини мудири шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Сведения об авторах: Дехконов Сохибназар Амирходжаевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, преподаватель факультета экономики и управления, кандидат экономических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988-192-019. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Миршарифзода Эмомали Курбонали** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, декан факультета экономики и управления, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель начальника управления дистанционного образования, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**Information about authers: Dehqonov Sohibnazar Amirkhojaevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, teacher of the faculty of economics and

management, candidate of economic sciences, associate professor. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988-192-019. E-mail: dot.sd@mail.ru

**Mirsharifzoda Emomali Qurbonali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, dean of the faculty of economics and management, senior lecturer. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988-536-364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy head of the department of distance education. senior lecturer. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988-888-337. E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru

**ТДУ: 338.45**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ САНОАТИ САБУК ВА ДАСТГИРИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИННОВАТСИЯКУНОНИИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТ

**Миршарифзода Э.Қ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Таҷриба дар самти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯзҳо ин соҳа ба дастгирии давлатӣ, қарздиҳии низоми бонкӣ ва сармоягузории хориҷӣ эҳтиёҷ дорад. Чун давраи фоидаоварии ин соҳа тулонӣ буда, ҳамчун соҳаи меҳнаталаб арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, дар шароити муосири рушди технологияҳо соҳаи мазкур ҷалби технологияҳои муосири ҳушмандро дар раванди истеҳсолоти молҳои рақобатпазир дар бозори саноати сабук тақозо менамояд. Албатта “коркарди муосири илмӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди истеҳсолот, усулҳои инноватсионии ранг ва коркарди ниҳоии матоъҳо, истифодаи усулҳои рақамии интихоби ранг, автоматизатсияи раванди тарроҳии маҳсулот ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар истеҳсолот” вобаста аст [7, с. 196].

Рушди ин соҳаи дар замони ҷаҳонишавӣ муҳимтарин ба ҳисоб рафта, дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, таъмини маҳсулотҳои хушсифат ба аҳолӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар ва ба ҷойи кор таъмин намудани онҳо нақши калидӣ дорад. Тавре аз омӯзиши таърихи рушди кишварҳои гуногуни олам мушоҳида мегардад, аксар давлатҳои мутараққӣ ба рушди саноат ва саноатикунонӣ, барои аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат диққати махсус дода, пайваста барои рушди соҳаи саноати сабук қарзҳои бонкӣ [3] ва сармояи иловагиро бо имтиёзҳои гуногун пешниҳод менамоянд.

Ҳангоми таҳлили таҷрибаи рушди саноати сабук дар кишварҳои хориҷӣ метавон муайян намуд, ки аз ҳама бештар дастгирии фаъолонаи давлат дар пешниҳодҳои имтиёзҳои муайяни андозӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва пешбурди маҳсулоти содиротӣ дида мешавад. Дар сохтори умумии истеҳсоли маҳсулотҳои

соҳаи саноати сабук дар кишварҳои мутараққӣ, ба монанди ИМА, Олмон, Фаронса, Италия ҳиссаи саноати бофандагӣ аз 6% то 10%-ро ташкил медиҳад.

Давлатҳои Туркия, Чин ва Қирғизистон низ дар самти соҳаи саноати сабук пешсаф ҳастанд. Имрӯз Туркия дар ҷаҳон яке аз таъминкунандагони муҳими маҳсулоти насоҷӣ мебошад. Чун ҳиссаи саноати сабук дар таркиби ММД-и Туркия зиёда аз 10%-ро ташкил медиҳад [1]. Дар ҳаҷми умумии содироти молҳои саноати сабук молҳои асосиро либос, матоъ, қолин, маснуоти пашмин, мебел ва ғ. дар ин кишвар ташкил медиҳанд. Ин соҳа дар Туркия аз соли 1933 ҳамчун соҳаи афзалиятнок қабул гардида буд.

Дар Чин низ ин соҳа яке аз соҳаҳои анъанавӣ буда, барои тараққиёти дигар соҳаҳо ҳамчун соҳаи асосӣ хизмат мекунад. Саҳми соҳаи саноати сабук дар таркиби ММД-и давлати Чин 21%-ро ташкил медиҳад [1]. Бештар ин кишвар ба истеҳсол ва содироти маҳсулоти насоҷӣ машғул буда, ба аксар кишварҳои ҷаҳон маҳсулотҳои он содир мешавад, ки рақиби худ Туркияро дар ин самт дар бозори ҷаҳонӣ иваз мекунад. Омили асосии пешсаф будани ин кишвар дар бозори ҷаҳонӣ ин арзон будани арзиши маҳсулотҳои чинӣ мебошад. Саноати бофандагии ин кишвар низ пешсаф аст.

Дар бобати тараққӣ додани саноати сабук таҷрибаи Қирғизистон низ сазовори диққат мебошад. Саноати дӯзандагии Қирғизистон рақиби арзандаи маҳсулоти Чин буда, бо нархи хеле паст ва сифати оптималӣ мебошад [1]. Бозори асосии маҳсулоти ин ҷумҳурӣ, ҳамсояҳои Қазоқистон ва Русия мебошанд. Маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозорҳои дӯзандагии ин кишварҳо ба фурӯш гузошта мешавад, ки асосан ба табақаи миёна нигаронида шудааст. Камбудии ин соҳа аз он иборат аст, ки маҳсулот бе ягон тадқиқот дар соҳаи маркетинг бо истифода аз таҷҳизоти замони Шӯравӣ истеҳсол карда мешавад. Фақат як қисми ками он таҷҳизоти навтарин дорад, ки ба тамоми талаботи хозира чавоб медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли саноати сабук дар таркиби ММД-и Қирғизистон 4%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод, яъне ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таркиби ММД дар соли 2022 дар умум 4,3%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба Қирғизистон дар сати 0,3% бештар мебошад.

Фишангҳои асосии баланд бардоштани ин соҳа дар кишварҳои таҳлилшуда ин пеш аз ҳама қарздиҳии имтиёзнок ба корхонаҳои насоҷӣ, истифодаи оқилонаи сармояи худӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, истифодаи техника ва технологияи муосири ҳушманд ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи мазкур мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои рушди соҳаи саноати сабук диққати ҷиддӣ дода шуда, саноатикунонии кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ қабул гардида, вобаста ба рушди соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ба монанди саноати истихроҷи маъдан, саноати коркард, саноати кимиё, саноати сабук ва дигар бахшҳои муҳимми он як қатор стратегияҳо, барномаҳо ва қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст, ки ин ҳамчун механизми баланд бардоштани соҳа ва дастгирии давлатии саноати сабук арзёбӣ мегардад.

Зикр бояд намуд, ки рушди соҳаи саноат маблағгузории зиёдро талаб менамояд. Аз ин хотир, барои рушди бемайлони соҳаи мазкур қарздиҳӣ аз ҷониби низоми бонкии кишвар зарур аст. Дар тули солҳои охир барои рушди

соҳаи саноати мамлакат ва татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ аз ҷониби низоми бонкии кишвар қарздиҳӣ мушоҳида гардида истоааст, ки то ҳол қаноаткунанда ҳисоб намегардад [8]. Масалан, барои рушди соҳаи саноат аз ҷониби низоми бонкии кишвар дар соли 2018 ба маблағи 2,52 млрд. сомонӣ қарз дода шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 маблағи 1,47 млрд. сомониро ташкил медиҳад ва ҳаҷми қарзҳои дар ин давра додашуда ба маблағи -1,05 млрд. сомонӣ ё -58,33 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Дар давраи таҳлилӣ танҳо дар соли 2019 аз ҷониби бонкҳо ба соҳаи саноат қарзи бештар пешниҳод гардидааст, ки он 6,70 млрд сомониро ташкил дода, баробар ба 87,46% ҳаҷми тамоми қарзҳои додашуда ба соҳаҳо мебошад.

Бо сабаби дар бюлеттени омори бонкӣ, ки қарздиҳии низоми бонкӣ аз рӯйи соҳаҳо танҳо ба соҳаи саноат дар умум вобаста ба солҳо нишон дода шудааст ва ба бахшҳои алоҳидаи он, хусусан бахши саноати сабук гурӯҳбандӣ нагардидааст, мо натавонистем ҳаҷми қарзҳои ба соҳаи саноати сабуки кишвар ҷудошударо таҳлил ва баҳодиҳӣ намоем. Аз ин хотир, мо ҳаҷми қарзҳои ба соҳаи саноат додашударо дар давраи таҳлилӣ баррасӣ карда тавонистем. Аз ин лиҳоз, ба назари мо хуб мешуд агар қарздиҳии низоми бонкӣ дар бюлеттени оморӣ бонкӣ вобаста ба бахшҳои саноат (ба монанди соҳаи истихроҷ, коркард, хӯрокворӣ, саноати сабук, саноати кимиё ва ғ.) низ нишон дода мешуд, ки ба осон кардани корҳои таҳқиқотӣ ва пешниҳодҳои муфиди олимони ватанӣ мусоидат менамуд.

**Ҷадвали 1.**

**Тамоюли қарздиҳӣ ба соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 (млрд. сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Ҳамагӣ қарзҳои ба соҳаҳо додашуда | 6,70 | 7,66 | 8,90 | 13,68 | 14,38 |
| Аз ҷумла, ба соҳаи саноат | 2,52 | 6,70 | 2,99 | 1,41 | 1,47 |
| Ҳисса аз ҳаҷми умумӣ ба соҳаи саноат (бо %) | 37,61 | 87,46 | 33,59 | 10,30 | 10,22 |

**Манбаъ:** муаллиф дар асоси Бюлеттени омори бонкӣ, соли 2018 - 12 (281). - С. 42, соли 2019 - 12 (293). - С. 45 , соли 2020 – 12 (305). – С. 41, соли 2021 – 12 (316). – С. 39, соли 2022 – 12 (329). – С. 40 таҳия намудааст.

Тавре маълум аст, истеҳсолоти саноатӣ як раванди хело мураккаби технологӣ аст. Барои ба роҳ мондани он зарур меояд, ки захираҳои табиӣ ва ашёи хоми ватанӣ коркард гардида, тавассути технологияҳои муосири ҳушманд ва инноватсионӣ ба моли тайёр табдил дода шаванд [2]. Албатта, дар ҷаҳони муосир имрӯз давлатҳои пешсаф сартосари корхонаҳои истеҳсолиро бо технологияҳои инноватсионии ҳушманд бо мақсади истеҳсоли молҳои хушсифати саноатӣ ва рақобатпазир таъмин намуда истодаанд, ки ҳоло мо ин таҷрибаро дар Ҷопон, Чин, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ, Франсия, ИМА ва Русия бараъло мушоҳида менамоем. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир вобаста ба ворид намудани таҷҳизотҳои инноватсионӣ ва дорои зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи хоса

зоҳир намуда, барои воридоти онҳо ба кишвар ва корхонаҳои инноватсионии ватанӣ имтиёзҳои гумрукию андозиро ҷорӣ намуда, ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешсаф ба роҳ мондааст. Натиҷаи чораандешиҳо болозикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 4,4 млрд. сомонии соли 1995 (дар муқоиса бо индексатсияи нархҳои имрӯза) дар соли 2022 ба 43 млрд. сомонӣ расида ва ё 9,77 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 1.**

**Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ дар давраи солҳои 1995-2022 (млрд. сомонӣ)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С. 9.

Саноати сабук, ки як бахши соҳаи саноати кишвар мебошад, дар мҷумҳурӣ дар ҳоли рушд қарор дошта, шумораи коргоҳу корхонаҳои соҳаи саноати сабук дар соли 2019 ҳамагӣ 446 корхонаро ташкил дода, 20,6 фоизи маҷмӯи шумораи корхонаҳои саноатиро ташкил дод. Дар соли 2022 шумораи корхонаҳои саноати сабук 815 ададро ташкил намуда, бо 18 593 адад ҷойҳои корӣ фаъолият менамоянд, ки аз он 142 адад корхона ба соҳаи мебелбарорӣ, 6 адад полипропиленӣ, 97 адад коркарди чӯб, 28 адад пӯст ва пояфзол, 173 адад дӯзандагӣ, 125 адад бофандагӣ ва қолинбофӣ, 242 адад пахта ва 2 адад дигар намуди корхонаҳо мебошанд [6].

Дар қаламрави Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) пешсаф аз рӯйи шумораи корхонаҳои саноати сабук Русия мебошад, ки он 20 ҳазор корхона дар самти саноати сабук дорад. Дар дигар давлатҳои қаламрави ИИАО ин нишондиҳандаҳо тағйирёбанда мебошанд. Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2 айён аст, дар самти рушди саноати сабук Тоҷикистон аз байни 6 кишвари узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё аз ҷиҳати шумораи корхонаҳои соҳаи саноати сабук бо 815 корхона ва шумораи кормандон бо 18,6 ҳазор нафар дар ин соҳа мақоми 5-умро касб карда, вале аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли молҳои соҳаи саноати сабук мақоми 3-юмро баъд аз Русия (4,2 млрд. доллар) ва Белорусия (1,39 млрд. доллар) бо нишондоди 473 млн. доллар (ё 5 млрд. сомонӣ) дар соли 2022 касб намудааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки имрӯз таваҷҷуҳи давлат ба соҳаи саноати сабуки кишвар бештар роҳандозӣ гардида, пайваста дастгирӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 2.**

**Бозори саноати сабук дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) дар соли 2022**

| № | Номи давлатҳо | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ корхонаҳо (адад)** | **Шумораи кормандони соҳаи саноати сабук (ҳазор)** | **Ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноати сабук (бо доллар)** |
| 1 | Русия | 20000 | 285 | 4,2 млрд. |
| 2 | Қирғизистон | 8000 | 300 | 73,4 млн. |
| 3 | Беларусия | 1941 | 83 | 1,39 млрд. |
| 4 | Қазоқистон | 1210 | 20 | 245,7 млн. |
| 5 | Арманистон | 145 | 7 | 194,4 ҳаз. |
| 6 | Тоҷикистон | 815 | 18,6 | 473 млн. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои https://sputnik.tj/20231108/rushd-sanoat-sabuk-tojikiston-iiao-1060385070.html ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. – С. 252.

Афзалияти саноати сабук дар кишвар ин дар дастрас будани ашёи хоми ватанӣ, мавҷуд будани бозори меҳнат, ки ба ташкили шумораи ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад ва ба маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолӣ асоснок гардидааст. Ҳамчунин, тули солҳои охир дар соҳаи мазкур як қатор мушоҳидаҳо ба монанди истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, аз қабили пахтаи тиббӣ, халта, либоси варзишӣ, риштаи полипропиленӣ, риштаи пахтагини рангкардашуда ва ғайра ба мушоҳида мерасад.

**Ҷадвали 3.**

**Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | 2022 / 2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| **1** | Нахи пахта | ҳаз. тонна | 98,2 | 114,7 | 119,6 | 119,8 | 127,1 | 129,4 |
| **2** | Матои тайёри пахтагин | млн. м² | 3,4 | 6,4 | 6,7 | 7,7 | 8,5 | 250 |
| **3** | Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | млн. сомонӣ | 2479 | 2636 | 2870 | 4096 | 4720 | 190,3 |
| **4** | Ҷӯроб ва пайпоқ | ҳаз. ҷуфт | 5687 | 4124 | 7807 | 1540 9 | 1480 3 | 260,2 |
| **5** | Маснуоти кашбофӣ | ҳаз. дона | 122,4 | 139,9 | 160,8 | 145,4 | 433,6 | 354,2 |
| **6** | Қолин ва маснуоти | ҳаз. м² | 3,4 | 3,9 | 2,6 | 4,5 | 6,4 | 187,8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | қолинӣ | | | | | | | |
| **7** | Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | млн. сомонӣ | 63 | 71 | 91 | 120 | 137 | 217,4 |
| **8** | Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | млн. сомонӣ | 138 | 148 | 142 | 125 | 147 | 106,5 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С.14-15.

Чуноне, ки аз рақамҳои дар ҷадвали 3 овардашуда мушоҳида мегардад, ҳаҷми истеҳсоли номгӯйии маҳсулоти соҳаи саноати сабук дар кишвар сол аз сол дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Тавре маълумотҳои расмии оморӣ шаҳодат медиҳанд, ҳаҷми истеҳсоли молҳои соҳаи саноати сабук аз қабили нахи пахта дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба миқдори 29,4% (ё 28,9 тонна),  матои тайёри пахтагин 2,5 маротиба (ё 5,1 млн. м$^2$), истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ 90,3% (ё 2 241 млн. сомонӣ), ҷӯроб ва пайпоқ 2,6 маротиба (ё 9 116 ҳаз. ҷуфт), маснуоти кашбофӣ 3,5 маротиба (ё 311,2 ҳаз. дона), қолин ва маснуоти қолинӣ 87,8% (ё 3 ҳаз. м$^2$), истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 2,1 маротиба (ё 74 млн. сомонӣ), коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб 6,5% (ё 9 млн. сомонӣ) афзудааст.

Таҳлилҳои анҷомдодашуда дар самти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои заминагузори таъмини рушди саноатии иқтисоди миллӣ аз соли 2018 то соли 2022 мусбӣ арзёбӣ гардида, дараҷаи имконпазирии комёб гардидан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошташударо асоснок менамояд. Имрӯз тараққиёти инноватсионии саноати миллӣ бештар аз дараҷаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳавии он, бахусус соҳаи саноати сабук вобастагӣ дорад. Ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар самти саноати сабук аз таҷрибаи Чин, Туркия, Италия ва Русия истифода намудан қобили қабул мебошад.

**Муқарриз: Ниёзов М.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Аймен А.Т. Опыт зарубежных стран в развитии легкой промышленности / А.Т. Аймен и других ... // Технология текстильной промышленности. – 2020. - №2 (386). – С. 57-59.

2. Миршарипов, Э. Қ. Масъалаҳои асосии баланд бардоштани иқтидори саноати кишвар дар заминаи воситаҳои инноватсионӣ / Э. Қ. Миршарипов, С. А. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №7. – С. 78-83.

3. Миршарипов, Э. Қ. Баъзе масъалаҳои асосии таъмини қарздиҳӣ ба рушди соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Қ. Миршарипов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №1 (66). – С. 132-142.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. – С. 252.

5. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2023. – С.14-15.

6. Сомонаи интернетии https://sputnik.tj/20231108/rushd-sanoat-sabuk-tojikiston-iiao-1060385070.html (санаи дастрасӣ 25.11.2024).

7. Розиев Д.А. Ҷалби сармоягузорӣ ба саноати сабук ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.А. Розиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - №4-2(39). – С. 195-202.

8. Хайрзода, Ш.Қ. Масъалаҳои рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии он дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар / Ш.Қ. Хайрзода, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - № 6-2. – С. 42-52. ISSN 2413-5151.

9. Ҳайдаров, С.М. Андоз ва андозбандӣ. Воситаи таълимӣ / С.А. Деҳқонов, Э.Қ. Миршарипов, С.М. Ҳайдаров. - Душанбе, 2023. - 148 с.

10. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ. – Душанбе: “Эр-граф”. - 2018. – 516 с.

**Literatur:**

1. Aymen A.T. Experience of foreign countries in the development of light industry / A.T. Aymen and others ... // Technology of the textile industry. - 2020. - No. 2 (386). - P. 57-59.

2. Mirsharipov, E. Q. The main issues of increasing the country's industrial potential on the basis of innovative means / E. Q. Mirsharipov, S. A. Aliev // Message of the Tajik National University. Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2024. – No. 7. – P. 78-83. – EDN BXGPEY.

3. Mirsharipov, E. Q. Some key issues of providing lending for the development of light industry in the Republic of Tajikistan / E. Q. Mirsharipov // State Administration. – 2024. - No. 1 (66). – P. 132-142. – EDN NCUFVS.

4. Annual Statistics of the Republic of Tajikistan // Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe. - 2023. – P. 252.

5. Industry of the Republic of Tajikistan. Statistical Collection // Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: AOPJT, 2023. – P.14-15.

6. Website https://sputnik.tj/20231108/rushd-sanoat-sabuk-tojikiston-iiao-1060385070.html (accessed 11/25/2024).

7. Roziev D.A. Attracting investment to light industry and its impact on the economy of the Republic of Tajikistan / D.A. Roziev // Message of the Tajik State University of Commerce. – 2021. - No. 4-2(39). – P. 195-202.

8. Khairzoda, Sh.Q. Issues of development of the industrial sector of the Republic of Tajikistan and its support in the conditions of rapid industrialization of the country / Sh.Q. Khairzoda, E.Q. Mirsharipov // Message of the Tajik National University. Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2024. - No. 6-2. – P. 42-52. ISSN 2413-5151.

9. Haydarov, S.M. Taxation and taxation. Educational tool / S.A. Dehqonov, E.K. Mirsharipov, S.M. Haydarov. - Dushanbe, 2023. -148 p.

10. Sharif Rahimzoda. Monetary transactions and credit. Textbook. – Dushanbe: "Er-graf". - 2018. – 516 p.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ САНОАТИ САБУК ВА ДАСТГИРИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИННОВАТСИЯКУНОНИИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТ

Дар мақола масъалаҳои рушди саноати сабук ва дастгирии он дар шароити инноватсиякунонии раванди истеҳсолот дар асоси таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси таҳқиқи анҷомдодашуда маълум гардид, ки навобаста аз баъзе муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт, ба монанди набудани маълумотҳои дақиқи оморӣ дар алоҳидагӣ вобаста ба шумораи корхонаҳои саноати сабук, миқдори кормандони онҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо соҳа, ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ, ҳаҷми ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва миқдори содироту воридоти маҳсулотҳои соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси маълумотҳои аз таркиби бахшҳои саноат дарёфтгардида, маълумгардид, ки солҳои охир ин бахши афзалиятноки соҳаи саноати кишвар рушд намудааст. Ҳамчунин, соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса аз кишварҳои Русия ва Беларусия аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати сабук мақоми 3-юмро касб намуда, аз ҷиҳати шумораи корхонаҳо ва шумораи кормандони онҳо мақоми 5-умро ишғол менамояд. Ҳиссаи соҳаи саноати сабуки кишвар дар соли 2022 бошад, 4,3%-и ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба Чин ва Туркия кам буда, вале дар қиёс ба Қирғизистон дар сатҳи 0,3% бештар мебошад.

**Калидвожаҳо:** саноати сабук, таҷрибаи хориҷии рушди саноати сабук, инноватсиякунонии истеҳсолот, шумораи корхонаҳои сабук, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи саноати сабук, қарздиҳии саноати сабк, дастгирии давлатии саноати сабук.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ЕГО ПОДДЕРЖКИ В УСЛОВИЯХ ИННОВАЦИИ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРОЦЕССА

В статье рассматривается развитие легкой промышленности и ее поддержка в условиях инновационного производственного процесса на основе зарубежного опыта. В результате исследования стало ясно, что, несмотря на некоторые проблемы в этой сфере, такие как отсутствие точных статистических данных о количестве предприятий легкой промышленности, численности их работников, объемах производства, объемах кредитов, предоставленных банковской системой, объем иностранных инвестиций и объем экспорта и импорта продукции легкой промышленности Республики Таджикистан, на основании полученных данных о составе отраслей промышленности, стало ясно, что эта приоритетная отрасль экономики В последние годы промышленность страны получила развитие. Также по сравнению с Россией и Беларусью лёгкая промышленность Республики Таджикистан занимает 3-е место по объёму производства лёгкой промышленности и 5-е место по количеству предприятий и их работников. Доля легкой промышленности страны в 2022 году составила 4,3%

ВВП Республики Таджикистан, что меньше, чем у Китая и Турции, но на 0,3% выше, чем у Кыргызстана.

**Ключевые слова:** легкая промышленность, зарубежный опыт развития легкой промышленности, инновационность производства, количество предприятий легкой промышленности, объем производства продукции легкой промышленности, кредитование легкой промышленности, государственная поддержка легкой промышленности.

## FOREIGN EXPERIENCE OF DEVELOPING LIGHT INDUSTRY AND SUPPORTING IT IN THE CONDITIONS OF INNOVATION OF THE PRODUCTION PROCESS

The article examines the development of light industry and its support in the conditions of innovative production process based on foreign experience. As a result of the study, it became clear that, despite some problems in this area, such as the lack of accurate statistical data on the number of light industry enterprises, the number of their employees, production volumes, volumes of loans provided by the banking system, the volume of foreign investment and the volume of exports and imports of light industry products of the Republic of Tajikistan, based on the obtained data on the composition of the industries, it became clear that this priority sector of the economy has developed in recent years. Also, compared with Russia and Belarus, the light industry of the Republic of Tajikistan ranks 3rd in terms of light industry production and 5th in terms of the number of enterprises and their employees. The share of light industry in the country in 2022 amounted to 4.3% of the GDP of the Republic of Tajikistan, which is less than that of China and Turkey, but 0.3% higher than that of Kyrgyzstan.

**Keywords:** light industry, foreign experience in the development of light industry, production innovation, number of light industry enterprises, volume of light industry production, lending to light industry, state support for light industry.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети иқтисод ва идора, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988536364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Сведения об автора: Миршарифзода Эмомали Курбонали** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, декан факультета экономики и управления, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988536364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

**Information about auther: Mirsharifzoda Emomali Qurbonali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, dean of the faculty of economics and management, senior lecturer. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 988536364. E-mail: emomali-95s@mail.ru

ТДУ: 339.54

# ИНКИШОФИ СОҲИБКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Одилов М.А., Сайдалиев С.С.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳонро инкишофи соҳибкории байналхалқӣ барои рушди иқтисодиёти мамлакат такон бахшида, боиси беҳтар гардидани некуаҳволии аҳолии мамлакат мегардад. Инкишофи шаклҳои дигари соҳибкории байналхалқи ба монанди лизинг, франчайзинг, туризм, барои иқтисодиёти мамлакат афзалиятнок буда рушди иқтисодиёти мамлакатро таъмин карда метавонад. Бартариятҳои ин шаклҳои соҳибкории байналхалқиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем.

Дар мамлакатҳое, ки ба иқтисодиёти бозори гузашта истодаанд, инкишофи бизнеси хурд ва миёна бисёр вақтҳо аз сабаби дастрас набудани воситаҳои молиявии барои сармоягузориҳо зарури суст суръат мегирифт.

Лизинг – ин яке аз воситаҳои молиявии қулайи бизнес буда имконияти гирифтани таҷҳизот ва мошинҳоро ба сифати иҷора аз лизингдиҳанда ва давра ба давра пардохт намудани арзиши таҷҳизот дар фосилаи барои мизоҷ кулай буда медҳад.

Дар соли 2001 соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи бизнеси худ дар сармоягузориҳо зарурияти зиёд доштанд, аммо дар он вақт бонкҳои маҳалли хадамот оиди лизингро пешниҳод намекарданд ва аҳоли оиди ин воситаи молияви маълумоти кофи надоштанд.

Дар соли 2001 корпоратсияи молиявии байналхалқи ба иҷрои барнома оиди инкишофи лизинг таҷрибаи бомуваффақи Русияро дар ин соҳа дар Узбекистон, Қирғизистон, ва Тоҷикистон истифода бурда, шуруъ кард. Кумитаи давлатии Шведсария оиди иқтисодиёт ин барномаро ба мақсади зиёд намудани дастрасии корхонаҳои хурд ва миёна ба молиякунонии бизнеси худ тавассути лизинг дастгири мекунад [1].

Баъд аз беҳтар гардидани конунгузори оиди лизинг ва гузаронидани маъракаҳои иттилооти бозори лизинг дар Тоҷикистон бо суръат инкишоф ёфт. Маъракаҳои аввалин оиди лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин солҳо гузаронида шуданд, ки ду бонки маҳалли ва иттиҳодияи занони соҳибкор имруз хадамоти лизингиро пешниҳод мекунанд.

Аз сабаби ба поён расидани фаъолияти Барнома Корпоратсияи молиявии байналхалқи қарорҳоро оиди додани мухторият барои мусоидат намудан ба инкишофи лизинг ба институтҳои маҳалли гузаронида истодааст. Чор ташкилот дар ҳар як мамлакати Осиёи Миёна интихоб гардиданд, ки онҳо фаъолияти барномаро давом медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсадҳо компанияи нави консалтингии “Лекс” ташкил карда шудааст. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар давоми солхои 2005–2008 миқдори қарордодҳо оиди лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ба 100 маротиба зиёд гардиданд. Дигаргуниҳо дар

конунгузориҳо тавассути барнома ба вуҷуд омада шароитҳоро барои инкишофи босуботи бозори лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меорад.

Дигар шакли афзалиятноки соҳибкории байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон франчайзинг ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ислоҳотҳои бозориро гузаронида истодааст инкишофи франчайзинг қадамҳои дуруст дар ин самт мегардад.

Инкишофи франчайзинг барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бартариятҳоро медиҳад:

- васеъ намудани бозори фурӯш бо хароҷотҳои камтарин;
- сарфанамои дар мусодиатнамои ба кормандони дар шӯъбаҳои фурӯш фаъолияткунанда;
- ба даст овардани эътимоди харидорони маҳаллӣ – нуқтаи фурӯши ба соҳибкори маҳаллӣ тааллуқдошта аз тарафи истиқоматкунандагон ҳамчун корхонаи маҳаллӣ қабул карда мешавад;
- кам кардани хароҷотҳои пардохти музди меҳнат, ичора, хароҷотҳои маъмурӣ – хароҷотҳои асосии пешбурди бизнесро корхонаи франчайзӣ пардохт менамояд;
- ба даст овардани фоидаи иловагӣ ба воситаи аз ҳисоби ба франчайзӣ фурӯхтани либоси кории рамзии ширкат (униформа), маҳсулоти махсус, таҷҳизот барои толорҳо ва офисҳо;
- имконияти роҳбарии корхонаи хусусӣ, агар чи он кадар калон ҳам набошад, ва дар баробари ин истифода бурдани бартариятҳое, ки танҳо ба ширкатҳои азим дастрасанд (техника ва технологияҳои пешқадам, таъминоти иттилоотӣ, усулҳои пешқадами идоракунӣ ва ғайра);
- сарфанамои дар маркетинг – бо тамғаи тиҷоратии машҳур молро фурӯхта франчайзӣ метавонад ба пуррагӣ бо масъалаҳои ҷорӣ машғул шавад;
- ҳаҷми на он қадар калони маблағгузориҳои ибтидои – бо сабаби норасоии воситаҳои молиявӣ дар соли аввали фаъолият қариб аз нисф зиёди корхонаҳои хурд баста мешаванд, франчайзер бошад аз аввал шароитҳои нисбатан беҳтар ва манфиатноки маблағгузориҳоро пешниҳод намуда, инчунин, чун қоида, дар давоми солҳои аввали фаъолият ба франчайзӣ ёрӣ мерасонад;
- сарфанамоии дар КИТТК – қариб ҳамаи соҳибкорони хурд барои на танҳо тадқиқотҳои фундаменталӣ, балки тадқиқотҳои махсусгадонида ҳам маблағ надоранд ва аз коркардҳои фирмаи модарӣ истифода бурда бо талаботи истеъмолӣ баробар қадам мезананд;
- воридшавӣ ба бизнес бо роҳи осонтарин, ба даст овардани таҷриба – соҳибкори нав ба фаъолият оғозкунанда бо таваккалҳои камтарин дучор мегардад, зеро ба дастгирии ширкати модарӣ такя намуда аз рӯи накшаи коркард ва санҷидашуда кор мекунад [5].

Дар солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳое қабул гардидаанд, ки самаранокии эҳёи туризмро пешбинӣ намуда масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ташкили ин соҳаро фаро мегирад. Дар ҳақиқат яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира, ин инкишофи туризми байналмилалӣ ба шумор меравад. Ин раванд аз шароити мусоиди иқлим ва мавҷуд будани иқтидори бойи захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ вобастагӣ дорад.

Тоҷикистон дорои мероси бойи таърихӣ- фарҳангӣ, маданияти олии ба худ хос, мавқеи хуби геополитикӣ, пешбарандаи муносибатҳои судманди байналмиллалӣ ва тиҷорати байни Ғарб ва Шарқ, дорои заминҳои ҳосилхезу табиати марғуб, олами наботот ва ҳайвоноти нотакрор - ифодакунандаи ҷаҳони туристии нодир мебошад. Тоҷикистон дар қалби қитъаи Осиё ҷойгир буда, арзи ҷуғрофии он тақрибан дар як хат бо давлатҳои Ҷопон, Юнон ва минтақаҳои марказии Иёлоти Мутаҳидаи Амрико рост меояд. Тоҷикистон маҷмӯи беҳамтои осори таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ – шаҳрсозӣ, робитаҳои қавии иқтисодӣ-тиҷоратии мардуми кишварро инъикос менамояд. Барои ишғол намудани мақоми хосаи худ дар системаи байналхалқии туристӣ, Тоҷикистон бояд ҳар чӣ бештар бобати ҷалб намудани туристон ва пешкаш кардани ҷойҳои зебоманзар, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва баланд бардоштани малакаи мутахассисони соҳаи туризмро ба роҳ монад.

Мутобиқи Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсила барномаҳои минтақавии рушди туризм, аз қабили «Барномаи мақсадноки маҷмуии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, санаторию курортӣ, барои солҳои  2000-2010», «Барномаи мукаммали рушди ноҳияи Балҷувон ҳамчун минтақаи туризми байналмиллалӣ барои солҳои 2000-2001», «Дар бораи эълон намудани дараи Ромит ҳамчун минтақаи истироҳатӣ ва туризм» қабул гардидаанд, ки баҳри беҳтар кардани шароити иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар мамлакат ислоҳотҳои бозорӣ гузаронида истодааст, аммо ин раванд аз сабаби мавҷуд набудани дурнамои аниқ ва пайиҳамӣ, он қадар самаранок нест. Барои ҳамин ҳам аз таҷриба гузаронидани унсурҳои ислоҳот дар таҷрибагоҳҳои хурд, ки нақши онро минтақаҳои озоди иқтисод иҷро карда метавонад, айни муддаост. Мақсадҳои иқтисодии ташкили минтақаҳои озоди иқтисод дар Тоҷикистон ҷалби воситаҳои молиявӣ ва моддӣ-техникӣ, техника ва технологияҳои муосир, омузиши таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва инкишофи робитаҳои иқтисодии берунӣ, тайёр намудани кормандони тахассусноки техникӣ ва идоракунӣ, инкишофи маҷмуии захираҳои табиӣ ҷумҳурӣ, фаъолгардонии фаъолияти муштараки сармоягузорӣ шуданаш лозимаст.

Қонун «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисод» дар Тоҷикистон 17 майи соли 2004 қабул гардидааст. Баъд аз таҳлил ва коркарди барномаҳо оиди дар кадом минтақаҳои Тоҷикистон ташкил кардани минтақаҳои озоди иқтисод аз тарафи вазорати рӯшди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ду барномаи минтақаҳои озоди иқтисод дар вилояти Суғд ва дар ноҳияи Панҷ ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид. 9 октябри соли 2008 дар зимни ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон  Низомномаи минтақаи озоди иқтисод «Суғд» ва минтақаи озоди иқтисод «Панҷ» тасдиқ карда шуд.

Дар мавриди бомуваффақият амал кардани минтақаҳои озоди иқтисод Тоҷикистон метавонад як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодии худро беҳтар гардонад, ба монанди:

- баландшавии шуғли аҳолӣ;
- баамалбарории азнавсозии сохтори истеҳсолот;
- ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ;

- зиёдгардонии базаи даромади минтақаҳо;
- баамалбарории навсозӣ ва замонавигардонии воситаҳои асосии мавҷуда;
- ташкили соҳаҳои нави истеҳсолот;
- ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкорӣ ва дастгирии он.

Яке аз шаклҳои соҳибкорӣ ташкили корхонаҳои муштарак ба ҳисоб меравад, ки шакли нисбатан нави ташкилию иҷтимоии соҳибкории байналхалқӣ мебошад. Хислати хоси корхонаи муштарак аз он иборат аст, ки молҳо ва хадамоти истеҳсолшуда моликияти умумии шарикони ватанӣ ва хориҷиро ташкил мекунанд. Фурӯши ҳамаи намудҳои маҳсулот ҳам дар мамлакати ҷойгиршудаи корхонаи муштарак ва ҳам дар хориҷӣ он ба амал баровarda мешавад. Хислати муштараки моликият яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи корхонаи муштарак мебошад, онҳо намуди махсуси моликият буда, дар натиҷаи инкишофи ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ пайдо мешаванд [3].

Мувофиқи қонуни амалкунанда ташкили корхонаҳои муштарак дар каламрави Тоҷикистон гузаштани якчанд зинаҳоро пешбинӣ мекунад.

- пешниҳоди шакли ташкилии корхонаи муштарак;
- аниқ кардани иштирокчии хориҷӣ;
- пешниҳод кардани параметрҳои техникию иқтисодии корхона;
- якҷоя таҳия кардани оинномаи корхона;
- ба имзо расонидани шарнома бо шарики интихобкарда;

Ба зами ин ҳама дастгириҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ аз 1 декабри соли 2021 дарҷ намуданд: “Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд”. Тағйироти ҷиддӣ, албатта дар самти номгӯйи андозҳо, бобҳо ва моддаҳо дида мешавад. Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи фаслҳо аз 18 ба 15, бобҳо аз 50 ба 59, моддаҳо аз 29 ба 99 ва шумораи андозҳо аз 10 ба 7 расонида шудааст. Шумораи андозҳои ҷумҳуриявӣ аз 8 ба 6 ва маҳаллӣ аз 2 ба 1 тағйир ёфтааст [9].

Аз дарсгириву ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мебошад, ки дар мудати кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ ба ин ҳама пешравиҳо ноил гардидем. Масалан, муқоисаи соли 2021 нисбат ба соли 2019-ро дида мебароем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 дар соҳаи саноат - 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла, дар вилояти Суғд - 59 бо 969 ҷойҳои кории нав, вилояти Хатлон - 57 корхона бо 678 ҷойҳои кории нав, ВМКБ - корхона бо 87 ҷойҳои кории нав, шаҳри Душанбе - 60 корхона бо 812 ҷойҳои кории нав ва НТҶ - 40 корхона бо 86 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шуд. Аз шумораи умумии корхонаҳои нав: 8 - корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 53 - корхона ба саноати сабук, 50 - корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 62 - корхона ба саноати хӯрокворӣ, 2 - корхона ба саноати маъдан, 1 - корхона ба саноати ангишт, 5 - корхона ба соҳаи табъу нашр ва 8 - корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд [6]. Соли 2021 бошад 309 корхонаву коргоҳи саноати

беш аз 5 ҳазор ҷойи нави кориба истифода додашуд, рӯшди истеҳсоли маҳсулоти саноати 22 % афзоиш ёфт.дар натиҷа истеҳсоли маҳсулоти саноати ба 38.8 миллиард сомони расонида шуд [5].

Барои ҳарчи бештар ҷалб намудани соҳибкорони ба мо лозим меояд, ки ҳарчи бештар шароити хуб барои истеҳсолоти онҳо фароҳам оварем инҳам бошад аз дидиу ғамхориҳои роҳбари давлат дур намондааст.

Тавре маълум аст, барои раванди мунтазами истеҳсолот яке аз омилҳои асосӣ таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо қувваи барқи доимӣ ва босифат ба шумор меравад. Маҳз аз ҳамин сабаб, баъди бакордарории чархаҳои якуму дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» имконияти таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо қувваи барқи доимӣ ва босифат пайдо гардид. Сафари аввалини кории Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 октябри соли 2020 (баъди як рӯзи маъракаи интихоботи президентӣ) ба НБО-и «Роғун» сурат гирифт, ки ин бори дигар аз таваҷҷуҳи доимии роҳбари давлат ба ин иншооти бузург шаҳодат медиҳад [10].

Дар баробари соҳибкори байналхалқи, инчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф, тандурусти, фарҳанг ва саёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Ҳамасола аз ҳисоби буҷети ҷумҳури ба соҳаи мориф, фарҳанг, тандурусти маблағ ҷудо карда мешава ин муассисаҳо 70 фоиз аз ҳисоби буқети ҷумҳури маблағгузори мешаванд. Барои соли 2024 бошад аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм дар ҳудуди 8 милиарду 231,9 милион сомонӣ ҷудо гардид, ки нисбат ба соли 2023 1 милиарду 21,5 милионсомонӣ ё 14 фоиз зиёд аст, ки қариб 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ва 5,7 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад [7].

Беҳуда нест ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медорад, ки бунёди миллати мутамаддин аз мориф оғоз меёбад ва ҳамасола музди меҳнати муассисаҳои буҷетиро баланд мебардорад. Дар ҷумҳурӣ рӯз то рӯз шумораи муассисаҳои буҷети афзоиш меёбад.

Ҷиҳати рушди соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ зиёда аз 97 миллиард сомонӣ равона гардид. Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд.Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Дар ин муассисаҳо 150 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 расонида шуд. Дар ин давра 2723 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 1546 иншоот ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд [4, с. 4-5].

Дар охир бояд гуфт, ки натиҷаи ин ҳама пешравиҳои саноати ки корхонаҳои калони саноати сохта шуд, ва шумораи ҷойҳои нави кори ба тадриҷ афзуд дар даврони соҳибистиқлоли ин кушишу заҳматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар иқтисоди ҷаҳон мо ба ин муввафақиятҳои беназир расидем.

Ин ҳама аз ғамхориии роҳбари давлат мебошад, ки ба соҳаи илму маорифу тандурусти на танҳо соҳҳои буҷети балки ба ҳама соҳҳаҳо таваҷҷуҳи хоса дорад ва ба онҳо маблағгузори менамояд ин ғамхориҳост ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ба як давлати рӯ ба тараҷи табдил ёбад.

Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст. Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст. Зеро ҳанӯз 73 ҳазор хонанда бе ҷойи нишаст мемонад. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бошад самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Маблағгузории соҳа мунтазам зиёд шуда, вазъи таъмини муассисаҳои тиббии кишвар бо таҷҳизоти ҳозиразамон ва неруи кадрӣ сол ба сол беҳтар мегардад. Дар соли 2023 барои соҳаи тандурустӣ 3,3 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2017-ум 2,3 баробар зиёд буда, 8,8 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳоло дар соҳа татбиқи 15 стратегияву барномаи миллӣ бомаром идома дорад. Танҳо дар давоми соли 2023-юм 132 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ сохта, ба истифода дода шуд [8, с. 17-18].

**Муқарриз: Деҳқонов С.А. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения. – М., 2000. – 30 с.

2. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 20.03.2022.

3. Назаров А.А. Предпринимательство. – Душанбе, 1997. – 156 с.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам Рмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Нашири мавод: Шамсидинзода Искандари Бобоназар. Санаи интишор: Сшб, 21/12/2021. (саҳ. 4-5)

5. Солиев А.А. Открытость экономики – окно для иностранных инвестиций // внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан / Под ред. Л.Х. Саидмурадова Д.: «Ирфон», 2006. (саҳ.130-163)

6. Сомонаи интернети wikipedia
7. Сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 ноябр с 2023
8. Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Фоттоев М.С. Маркази миллии қонунгӯзории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рушди низоми андоз ва дасгирии соҳибкорӣ дар партави паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2022.
10. Хайруллои Амонулло. Садои мардум нашри Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саноатикунонии босуръат – Омили рушди устувори иқтисодиёти миллӣ №133 (4239) 29.10.2020.

**Literature:**

1. Avdokushin E.F. International economic relations. – M., 2000. – 30 p.
2. Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan. 03/20/2022.
3. Nazarov A.A. Entrepreneurship. – Dushanbe, 1997. – 156 p.
4. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation His Excellency R. Rahmon “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic”. Publisher of the material: Shamsidinzoda Iskandari Bobonazar. Publication date: Tue, 12/21/2021. (pp. 4-5).
5. Soliev A.A. Openness of the economy – a window for foreign investment // foreign economic activity: analysis of trade and investment in the Republic of Tajikistan / Ed. L.Kh. Saidmuradov D.: “Irfon”, 2006. (sah.130-163).
6. Wikipedia website
7. Website of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan November 23, 2023
8. Website of the President of the Republic of Tajikistan.
9. Fottoev M.S. National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. Development of the tax system and support for entrepreneurship in the light of the message of the President of the Republic of Tajikistan. Year 2022.
10. Khairulloi Amonullo. Voice of the people publication of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. Rapid industrialization - a factor of sustainable development of the national economy No. 133 (4239) 29.10.2020.

## ИНКИШОФИ СОҲИБКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур фарогири масоили соҳибкори байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, доир ба роҳҳои таъсиси додани соҳибкорӣ дар қаламрави кишварро дар бар мегирад. Инчуни,н дар мақолаи мазкур муаллифон дар бораи нақш ва хусусияти соҳибкорӣ ва роҳҳои мукамалгардонии онро нишон додааанд. Дар охир бояд гуфт, ки натиҷаи ин ҳама пешравиҳои саноати ки корхонаҳои калони саноати сохта шуд, ва шумораи ҷойҳои нави кори ба тадриҷ афзуд дар даврони соҳибистиқлоли ин кушишу заҳматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар иқтисоди ҷаҳон мо ба ин муввафақиятҳои беназир расидем. Ин ҳама аз ғамхориии роҳбари давлат мебошад, ки ба соҳаи илму маорифу тандурусти на танҳо соҳҳои буҷетӣ, балки ба ҳама соҳаҳо таваҷҷуҳи хоса дорад ва ба онҳо маблағгузори менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳонро инкишофи соҳибкории

байналхалқи барои рушди иқтисодиёти мамлакат такон бахшида боиси беҳтар гардидани некуаҳволии аҳолии мамлакат мегардад. Инкишофи шаклҳои дигари соҳибкории байналхалқи ба монанди лизинг, франчайзинг, туризм, барои иқтисодиёти мамлакат афзалиятнок буда рушди иқтисодиёти мамлакатро таъмин карда метавонад. Бартариятҳои ин шаклҳои соҳибкории байналхалқиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, инкишоф, технология, муносибат, лизинг, байналхалқӣ, фоида, имконият.

## РАЗВИТИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются вопросы международного предпринимательства в Республике Таджикистан и содержится информация о способах создания бизнеса в стране. Также в статье авторы обсуждают роль и сущность предпринимательства, а также пути его совершенствования. Наконец, следует сказать, что результатом всех этих промышленных достижений, строительства крупных промышленных предприятий, постепенного увеличения числа новых рабочих мест в период независимости стали усилия и упорный труд Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, которые позволили нам добиться этих уникальных успехов в мировой экономике. Все это благодаря заботе главы государства, который уделяет особое внимание и финансирует науку, образование и здравоохранение не только в бюджетной сфере, но и во всех отраслях. В условиях глобализации развитие международного предпринимательства является драйвером экономического развития стран мира, вносит вклад в развитие экономики страны и повышение благосостояния населения страны. Развитие других форм международного бизнеса, таких как лизинг, франчайзинг и туризм, является приоритетным направлением экономики страны и может обеспечить экономический рост страны. Рассмотрим преимущества данных форм международного бизнеса для Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** предпринимательство, развитие, технологии, отношения, лизинг, международный, прибыль, возможность.

## DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses issues of international entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and provides information on how to start a business in the country. The authors also discuss the role and essence of entrepreneurship, as well as ways to improve it. Finally, it should be said that the result of all these industrial achievements, the construction of large industrial enterprises, the gradual increase in the number of new jobs during the period of independence were the efforts and hard work of the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, which allowed us to achieve these unique successes in the global economy. All this is due to the care of the head of state, who pays special attention and finances science, education and healthcare not only in the budgetary sphere, but also in all sectors. In the context of globalization, the development of international entrepreneurship is the driver of economic development of countries of the world, contributes to the development of the country's economy and

improves the well-being of the population of the country. The development of other forms of international business, such as leasing, franchising and tourism, is a priority for the country's economy and can ensure the economic growth of the country. Let us consider the advantages of these forms of international business for the Republic of Tajikistan.

**Key words:** entrepreneurship, development, technology, relationships, leasing, international, profit, opportunity.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Одилов Мансурҷон Алимаҳмадович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, методисти раёсати таълим, ассистент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Сайдалиев Сайфулло Сайқосимович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин, 63. Телефон: (+992) 930300888. E-mail: sayf9191@inbox.ru

**Сведения об авторе: Одилов Мансурджан Алимахмадович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, методист отдела образования, ассистент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 985636750.

**Сайдалиев Сайфулло Сайкосимович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, fссистент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин, 63. Телефон: (+992) 930300888. E-mail: sayf9191@inbox.ru

**Informaţii despre autor: Odilov Mansurjan Alimahmadovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, metodolog al departamentului de educaţie, asistent. Address: 734025, Republica Tadjikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985636750.

**Saydaliev Saifullo Saykhosimovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 930300888. E-mail: sayf9191@inbox.ru

# МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л.** Мавқеи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар низоми унсурҳои муқовимат ба коррупсия.............................................6-18
**Зокирзода З.Х., Табаров Н.А., Маҳмадёқубова С.М.** Баъзе ҷанбаҳои назариявии шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ............................................18-26
**Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А.** Баъзе ҷанбаҳои баҳсноки таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ.........................................................................26-35
**Ахмедов Н.С.** Нақши васӣ ва парастор дар таълим ва тарбияи кӯдакони бе парастории падару модармонда..........................................................35-47
**Давлатзода Н.М.** Мавқеи принсипҳои унидруа дар танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол...................................48-56

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Садиров Ш.А.** Аз таърихи ба сари қудрат расидани Сомониён дар Мовароҳуннаҳру Хуросон..................................................................57-65
**Шарифова М.Қ., Абдурасулов И.С.** Заминаҳои муҳоҷиркунии деҳқонони вилояти Ғарм ба водии Вахш.............................................................65-76
**Одинаев Б.А., Ҳикматов С.М.** Нақши ахлоқ дар масири таърих............76-84
**Махсудов А.М., Ҳикматов С.М.** Саҳми Нусратулло Махсум дар ташаккулёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.................................................................................................84-91
**Мирзоев Ш.Ҷ., Тағдиров А.У.** Инъикоси сабабҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна дар асари “Ҷомеъу-т-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ..........................................................................................91-101
**Шарифова М.Қ., Аминов И.Р.** Инъикоси ҳаракати маорифпарварӣ дар асарҳои С. Айнӣ.........................................................................101-111
**Махсудов А.М., Хушаков Н.М.** «Таърихи амирони манғити Бухоро»-и Мушрифи Бухороӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ.................................111-120
**Саидов С.Ҷ., Сайвалиев Н.С.** Таърихнигории ҷанбаҳои сиёсии омӯзиши нақши сарвари давлат дар рушди ҷомеа.............................................120-130
**Фақиров Ф.Л.** Сиёсати дохилию хориҷӣ давлати Темуриёни ҳинд дар давраи шоҳ Шоҳиҷаҳон (1627-1658).................................................131-141
**Ақназаров Ҳ.М., Саймуҳиддинов Ҷ.М.** Оҳангарӣ ва эҳтироми мардум нисбати он дар Қаротегин ва Бадахшон (охири асри Х1Х аввали асри ХХ)............................................................................................................141-153
**Пирматова Г.Х.** Аз таърихи гуфтугӯи тамаддунҳо ва муносибати фарҳангу тамаддун....................................................................................153-161

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Каримов Б.Ҳ.** Рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ........................................................162-175
**Деҳқонов С.А., Миршарифзода Э.Қ., Маҳмадуллоев А.С.** Нақши соҳаҳои истеҳсолӣ ва чорводорӣ дар таъмин намудани рушди устувори минтақаи Рашт..........................................................................................175-184
**Миршарифзода Э.Қ.** Таҷрибаи хориҷии рушди саноати сабук ва дастгирии он дар шароити инноватсиякунонии раванди истеҳсолот...................185-193
**Одилов М.А., Сайдалиев С.С.** Инкишофи соҳибкории байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................193-202

# ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 бошад.

2. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 12 то 20 саҳифа мебошад.

3. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.

4. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.

5. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.

6. Аннотатсия бояд 120-200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад.

7. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 7-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.

8. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].

9. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда мешавад.

10. Рӯйхати адабиёт бояд бо ду забон 1) ба забони асл (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва диг.) ва 2) тарҷумаи ҳама номгӯи адабиёт ба забони англисӣ оварда шаванд.

11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.

12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.

13. Ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.

14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз се ҳаммуаллиф мебошанд (ба истисноии таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад

15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.

16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.

17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.

18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

19. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

20. Мақола бо тақриз (дар шакли чопӣ ва электронӣ) ба суроғаи зерин пешниҳод карда мешаванд: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддинов, 63. Почтаи электронӣ: farodil_ff@mail.ru

## ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Таджикского педагогического институт в Раштском районе. Серия право, история и экономические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,5.

2. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 12 до 20 страниц.

3. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

4. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

5. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

6. Аннотация должна содержать 120-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования.

7. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 7-10 слов и основных фраз темы.

8. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

9. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа,

10. Список литературы должны быть представлены на двух языках 1) на языке оригинала (таджикский, русский, английский и т.д.) и 2) перевод всего списка литературы на английский язык.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

19. Статья, поступившая в журнал, будет рассмотрена редколлегией в течение 30 дней.

20. Статью с рецензией (в печатном и электронном виде) необходимо направить по адресу: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63. Электронная почта: farodil_ff@mail.ru

## RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal «Bulletin of the Tajik pedagogical institute in the Rasht district. Series law, history and economic sciences» accepts scientific articles for publication on topics corresponding to the profile of the journal. When preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. The article should be typed in a WinWord text editor (A4 format) in Times New Roman font, with 2 cm margins, 14 font size and 1.5 line spacing.

2. The optimal volume of an article together with an abstract and a list of references is from 12 to 20 pages.

3. At the beginning of the article, on the left side of the page, the UDC index is placed.

4. Information about the author(s), the title of the article, the text of the abstract and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.

5. The full surname, first name, and patronymic name, academic title, academic degree, position, place of work, and address, e-mail, and telephone number of the author(s) are written on separate lines.

6. The abstract should contain 100-200 words and should contain a brief summary of the article and the results of the research.

7. Key words, separated by commas, should contain 7-10 words and key phrases of the topic.

8. The text of the article must contain references to the sources used. A reference to the source is given after the quoted text, indicating the ordinal number of the source and page in square brackets, for example: [5, p. 24].

9. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order as a bibliography. The bibliography is prepared in accordance with the requirements of GOST,

10. The list of references must be presented in two languages 1) in the original language (Tajik, Russian, English, etc.) and 2) translation of the entire list of references into English.

11. In the list of references, when describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, theses, chapters or section of a book, etc. - their pages.

12. The list of references must contain at least 10 research sources, of which at least 30% are scientific works published in the country. The author's bibliography should not make up more than 25% of the article's list of references.

13. Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.

14. The journal does not publish scientific articles with more than two co-authors (with the exception of experimental studies).

15. Articles by postgraduate students, PhD candidates and doctoral students are accepted for publication upon recommendation of the supervisor, and articles by master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.

16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit a scientific article.

17. The text of the submitted material is the final version, must be proofread and free of errors. The author(s) are responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.

18. In case of non-compliance with the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

19. The article received by the journal will be reviewed by the editorial board within 30 days.

20. The article with a review (in printed and electronic form) must be sent to the following address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm city, E. Mukhiddinov street, 63. E-mail: farodil_ff@mail.ru

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

## СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

## №2 (2), 2024

**Издательский центр**
Издательство ТПИ в Раштском районе
«Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе.
Серия право, история и экономические науки»:
734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм,
улица Э. Мухиддинова, 63.
Сайт журнала: http: // vestnik-dotr.com
E-mail: farodil_ff@mail.ru
Тел.: (+992) 313121103; (+992) 999333160

Сдано в печати 04.03.2025. Подписано к печати 13.03.2025.
Формат 60x84 1/8. Печать офсетная. Бумага офсетная 80 г.
Объём 13 п. л. Тираж 100 экз. Заказ № 3

---

Отпечатано в типографии «Ашуриён»
г. Душанбе, р-н Сино, уч. «Озоди занон».